**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МДТ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ**
**АКАДЕМИК Б.ҒАФУРОВ**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**КАРИМОВА ДИЛОРОМ ОТАХӮҶАЕВНА**

# АСОСҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ФАКУЛТЕТҲОИ ҒАЙРИФИЛОЛОГӢ

(дар заминаи матнҳои тахассусӣ)

Ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ
(13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ))

**Диссертатсия**

барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои педагогӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
**Негматов С.Э.**

**ХУҶАНД - 2024**

# МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| Ихтисораҳо | 3 |
| Муқаддима | 4 |
| Боби 1. Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим | 20 |
| 1.1 Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва фанни таълимӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 20 |
| 1.2 Мазмун ва мундариҷаи асосии таълими фанни забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ | 42 |
| 1.3. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ва робитаи он бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика | 49 |
| 1.4. Вазъи таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳлили китобҳои дарсӣ | 62 |
| Хулосаи боби якум | 88 |
| Боби 2. Муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ ва низоми ташаккули фарҳанги нутқ дар асоси матнҳои тахассусӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии ҷумҳурӣ | 94 |
| 2.1. Асосҳои илмӣ-методии ташаккули фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ аз забони тоҷикӣ | 94 |
| 2.2. Матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ дар партави таъмини муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ | 105 |
| 2.3. Системаи машқҳо ва матнҳои тахассусӣ дар таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ | 114 |
| 2.4. Натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар ташаккули салоҳиятмандӣ ва фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ | 194 |
| Хулосаи боби дуюм | 203 |
| Хулоса | 209 |
| Руйхати адабиёт | 218 |
| Замима | 242 |

## Ихтисораҳо

1. АТТ- Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
2. ва диг.- ва дигарон
3. КОА- Комиссияи олии аттестатсионӣ
4. ДДХ - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
5. МДТ- Муассисаи давлатии таълимӣ
6. ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
7. ДДБҲСТ – Донишгоҳи давлатии бизнес, ҳуқуқ ва сиёсати Тоҷикистон
8. ҶТ- Ҷумҳурии Тоҷикистон
9. БДТБ - Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат
10. РДК - Рушди давомдори касбӣ
11. ИА- Иттиҳоди Аврупо
12. КМРО – Кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор
13. КМД – Кори мустақилонаи донишҷӯй
14. МДД – усули «Медонам, донистам, донистан мехоҳам»
15. ва м. – ва мисоли он
16. с. – саҳифа/соли
17. [М] – муаллиф

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи тадқиқот**

Дар замони ташаккули босуръати ҷаҳонишавӣ ниёз ба кадрҳои соҳибтахассус беш аз пеш меафзояд. Яке аз унсурҳои барҷаста ва муҳимми мутахассиси соҳибилм ва соҳибмаълумот ба таври бояду шояд донистани забони давлатӣ, дорои малакаҳои хуби ҳуҷҷатнигорӣ, соҳиби фарҳанги баланди суханварӣ ва тафаккури нутқи бофасоҳат ва равшанбаён будани ӯ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз баррасӣ ва коркарди асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар, ба низом даровардани маҷмӯи васоити таълимию методӣ дар раванди таълими забони тоҷикӣ, пешниҳоди роҳу усули самарабахши омӯзиши фанни забони тоҷикӣ аз масъалаҳои мубрам ва муҳим маҳсуб меёбад.

Ба таъбири академик Муҳаммадҷон Шакурӣ, «Забон ҳама ҳастии инсонро дар худ маҳфуз медорад ва ин ҳастии инсон ба рӯи аҳли олам, ба пешвози воқиаҳои дунё ва дирӯзу имрӯзи ҷаҳон дарҳои манзили худро кушодааст, ҳамаи онҳоро дар бар гирифтааст. Чун мутафаккирону шоирон нутқ оғоз карданд, ин ҳастии ҳамагири инсон аз кушодадилӣ ба сухан меояд ва арзи ҳол мекунад. Хиштҳои бинои забон аз хоку оби бисёре рехта шудаанд ва ҳама рангу бӯи зодбумҳои худро кам ё беш нигоҳ медоранд. Ин ҳам як сабаб аст, ки сухан ин қадар рангбандиҳо, лаҳномезиҳо, нозукадоиҳо дорад» [102, с.17].

Забони тоҷикӣ чун забони давлатии халқи тоҷик ва миллати болобаланди тоҷик дар масири таърих пасту баландиҳои зиёдеро паси сар карда, равишу равияҳои гуногунро санҷидаву омӯхта ба сифати як забони комил ва тавонои тамаддуни олам ва фарҳанги миллӣ то замони мо расидааст, ки эҳтиёту эҳтиром ва омӯзиши ҳамаҷонибаи он аз вазифаҳои муқаддас маҳсуб меёбад. «Забони модарӣ оғозгоҳи ҳама оғозҳост, асоси маънавият, маданияти ҳақиқии ботинӣ, худшиносии иҷтимоиву ахлоқии шахс аст» [102, с.180].

Дар адабиёти илмии методӣ дар робита ба масъалаҳои таълими забони тоҷикӣ, ташаккули фарҳанги нутқи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муҳассилини макотиби олӣ давоми чанд соли охир корҳои хуб ва назаррас ба анҷом расидааст. Аз ҷониби муҳаққиқон, мутахассисон, устодони варзидаи соҳаи методикаи таълиму тадрис як силсила рисолаҳои илмӣ, монографияҳо, дастуру васоити таълимӣ-методӣ оид ба рушди самти касбии маданияти нутқи донишҷӯён таҳия ва интишор шудааст. Дар ин росто хидмати бузурги устодони соҳаи методикаи таълими забони тоҷикӣ академикҳо М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон С.Шербоев, профессорон М.Саломиён, Б.Камолиддинов, Ф.Зикриёев, С.Негматов, муҳаққиқони шинохтаи ҷумҳурӣ С. Аминов, К.Сангов, А. Байзоев ва дигарон назаррас ва арзанда аст.

Аҳамияти рӯзафзуни ташаккули салоҳиятмандии касбии мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар робита ба фарҳанги нутқ ва гуфтору навиштор, зарурати амалии таҳияи низоми босамари таълими забони тоҷикӣ, рушди маҳорат ва малакаи забондонӣ ва забоншиносӣ, ки аксаран аз сатҳи пасти нутқи шифоҳӣ ва хаттии шогирдони макотиби олӣ дарак медиҳад, муайян намуд, ки аҳамияти баланд бардоштани савияи дониш ва маҳорату малакаи нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ (манзури мо - ихтисосҳои таърих, таърих ва ҳуқуқ) хеле муҳим ба назар мерасад.

Арзишнокии масъалаи инкишофи маданияти нутқи тахассусии донишҷӯёни ихтисосҳои зикршуда дар он аст, ки консепсияи ҷадиди таълим, пеш аз ҳама, аз ташаккули салоҳияти касбӣ, салоҳияти сухандонӣ ва муоширати озод ва фасеҳ будани муҳассилин вобастагӣ дорад. Дар самти пайдо кардани малакаҳои хуби гуфтор ва навиштор, ба таври бояду шояд донистани меъёри забони тоҷикӣ, таҳия ва корбасти роҳу усули босамари фарҳанги суханронӣ нақши асосиро таълими босифати фанни забони тоҷикӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ ба иҷро мерасонад.

Дар замони муосир талабот оид ба баландшавии сифати дониш, маҳорат ва малакаи хатмкунандагони мактабҳои олӣ рӯ ба афзунӣ мениҳад. Агар аз бар

намудани донишҳои тахассусӣ як тарафи масъала бошад, тарафи дигари он ташаккули маҳорати суханварӣ ва муоширати озод ва фасеҳ дар доираи ихтисос, шиносоии комил бо истилоҳоти тахассусӣ маҳсуб меёбад. Низоми муосири таҳсилотро ҳалли масъалаи зерин тақозо мекунад: тайёркунии мутахассиси босаводе, ки дорои сифатҳои соҳибмаърифатӣ, таҳлили интиқодӣ, рушди тафаккури эҷодӣ ва маҳорати мутобиқ шудан ба фазои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад.

Гузориши ин масъала хосатан дар тайёр кардани мутахассисони соҳаи таърих ва ҳуқуқ арзишнок аст. Мухобиротии таълим бояд дар ин самт дастрасии маълумот, ташаккули имкониятҳои илмиву эҷодии шахсӣ, баландбардорӣ ва такмили ихтисс ва таъвизи соҳаи фаъолиятро дар марҳилаи фаъолнокии ҳаёт таъмин намояд.

Дар сатҳи баланд донистани забони давлатӣ, меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик, шиносоии комил бо истилоҳоти тахассусӣ, дарки мутуни ихтисос, малакаи кор бо забони сарчашмаҳо ва донистани асосҳои имло ва ҳуҷҷатнигорӣ хеле муҳим маҳсуб шуда, мавзуъ ва мундариҷаи ҳар як мавзуи таълим тавре муайян мегардад, ки сатҳи мустақилиятнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва донишҳои назариявии донишҷӯ-мутахассиси ояндa ташаккул ёбад.

Дар рисолаи мазкур омӯзиши забони тоҷикӣ ва ташаккули маданияти нутқи мутахассиси оянда мавриди ҳаллу фасл ва пажуҳиши махсуси мо қарор мегирад. Ҷомеа дар назди хатмкунандагони факултетҳои ғайрифилологии донишгоҳҳо вобаста ба пешравии воқеияти давру замон талаботи нав ба нав мегузорад. Ба ҷуз рушди савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои забондонӣ, фарҳанги гуфтор, маданияти нутқ, вусъати фикр, салоҳияти иртиботӣ, одоби муошират аҳамияти бузурги маърифатӣ ва иҷтимоӣ-ахлоқиро соҳиб аст. Парадигмаи нави низоми таҳсилот дар назди системаи маориф вазифаҳои муҳим мегузорад. Қабл аз ҳама, омода намудани шахсияти забондон, мутахассиси босавод, корманди закии дорои тафаккури интиқодӣ, эҷодкор, ба муҳити зудтағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодии давру замон мутобиқ. Унсури асосӣ на миқдори дониш, балки сифати аз худ шудани иттилоот ва маълумот,

пайвастагии он бо таҷрибаи зиндагӣ ва фаъолияти касбӣ, қобилияти ёр гаштани илму амал аст. Муайян намудани ин масъалаҳо дар робита ба тайёрии касбии мутахассисони соҳаи таърих ва ҳуқуқ махсусан муҳим аст.

**Дараҷаи омӯхта шудани мавзуи тадқиқот**

Методикаи таълими забони тоҷикӣ алъон ҳамчун самт ва равияи махсуси илми педагогӣ дар шароити муосири рушди лингводидактикаи ватанӣ рӯ ба рушд ниҳодааст. Ҳам дар самти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ солҳои охир як силсила диссертатсияҳо, монографияҳои илмӣ, мақола ва гузоришоти илмӣ ба анҷом расида, бобати коркарди бунёдӣ ва методологии масъалаҳои гуногун қадамҳои устувор ба назар мерасад.

Дар асарҳои методистони тоҷик академик М. Лутфуллоев, академик Ф. Шарифзода, узви вобастаи АТТ, профессор С.Шербоев, узви вобастаи АТТ, устод С. Аминов, профессорон С.Неъматов, Ф.Зикриёев, муҳаққиқони шинохтаи ҷумҳурӣ Б.Камолиддинов, С.Анварӣ, Г.Камолова, Н.Маъсумӣ, М.Мирзоева, С.Хоҷаев, Э.Шарипов, А.Эшонҷонов ва чанде дигар дар иртибот ба таълими масъалаҳои гуногуни таълими забони тоҷикӣ тавсия ва мулоҳизаҳои ҷолиб пешниҳод шудаанд.

С.Шербоев дар рисолаи доктории хеш, ки бевосита ба таълими синтаксиси ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ (1992) бахшида шудааст, дар иртибот ба мавзуъҳои барномавии фасли «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» оид ба таълими ду мавзуи он – «Ибора» ва «Сараъзоҳои ҷумла»-андешаҳои методии хешро, воқеан ҳам, зимни такя намудан ба фикрҳои ҷолиби таваҷҷуҳ, бахусус, методистони рус иброз доштааст.

Дар рисолаи доктории профессор С.Э.Негматов «Асосҳои илмии таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар шароити дузабонии русӣ ва тоҷикӣ (Москва,1991)» бори нахуст дар қаламрави Иттиҳоди собиқ шуравӣ таълими забони давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи таҳсил ба забони русӣ (забони модарии мактабиёни рус) дар шароити билингвизм мавриди ҳаллу фасл қарор гирифт. Муаллиф дар рисолааш асосҳои назариявӣ-методологии

таълими луғатро дар ҳамбастагӣ бо робитаҳои пайвандии унсурҳои забон (системные связи) ба риштаи таҳқиқ кашида, роҳу усули самараноки афзуншавии луғати хонандагони русзабонро дар дарсҳои забони тоҷикӣ пешниҳод кардааст.

Шурӯъ аз соли 2010 бинобар фаъолона амал кардани Шурои диссертатсионӣ дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълими забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва хориҷӣ як силсила корҳои илмӣ оид ба методикаи ин фанҳо бомуваффақият дифоъ шуд, ки он ҳама барои пешрафт ва рушди илми методикаи таълими забонҳо дар Тоҷикистон қадами хайр маҳсуб меёбад. Рисолаҳои муҳаққиқон Г.Ҳоҷиматова, Л.Рӯзиева (диссертатсияҳои докторӣ), М.Товбаева, Т.Ашӯрова, Н.Маҷидова, М. Тағоева, К. Гадоев, Н. Партов, М. Камолова, А. Ёқубова, А. Иноятбекова, М. Сафарова, Ҳ. Сатторова, Ш. Котибова, С. Зоиров ва чанд нафари дигар (рисолаҳои номзадӣ) дар самти пажуҳиши масъалаҳои мубрами таълими забонҳо сухани тоза мебошад.

Чунончи, дар рисолаи номзадии Ш. Котибова «Машқҳои таҳлилию таркибӣ дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои ибтидоӣ» (роҳбари илмӣ академик М.Лутфуллоев) масъалаҳои мубрами дарёфти роҳу усули босамари ташаккули нутқи шифоҳии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз фанни забони тоҷикӣ дар заминаи матнҳои таълимӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор ёфтааст.

Такмили фарҳанги нутқи донишҷӯён (аз рӯйи ихтисос), маданияти суханронии касбии онҳо дар корҳои диссертатсионии олимони ватаниву хориҷӣ Л. Рӯзиева, А.Ваҳҳобова, С. Зоиров, Н. Алиева, И.Бобоева, Р.Р. Рамазанова, А.А.Здорова, Г.Г.Плотникова, Т.В. Кубишкина, Т.Е.Тимошенко, В.Е.Гордиенко, Н.М. Лазарева, С.Н. Бирюкова ва дигарон таҳқиқ шудаанд. Мутаассифона, то ҳол асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ, аз ҷумла, мувофиқи ихтисоси “Таърих ва ҳуқуқ”, ки вижагиҳои хоси худро дорад, мавриди ҳаллу фасл нашудааст. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои гуногуни макотиби олии кишвар роҳу

усули хоси худро дорад. Аз ҷумла, омӯзиши вожаҳо ва истилоҳоти хоси илми таърих ва ҳуқуқ, интихоби матнҳои тахассусӣ, маҷмуи машқҳо ва супоришҳои шифоҳӣ ва хаттӣ ва амсоли он. Аз ин лиҳоз тасмим гирифтем, ки диссертатсияи хешро дар мавзӯи "Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)" интихоб ва ба анҷом расонем.

**Робитаи тадқиқот бо барномаҳои илмӣ**

Таҳқиқоти мазкур бо барномаи дурнамои илмии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» таҳти унвони «Масъалаҳои таълими забон ва адабиёти тоҷик, услубшиносӣ» робитаи қавӣ дорад. Мавзуи тадқиқии мавриди назар як ҷузъи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи номбурда буда, коркарди низоми мураттаби таълими забони тоҷикӣ дар пояи методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешқадами аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва дар таҷриба санҷидашуда бо назардошти ихтисоси донишҷӯёни риштаи «Таърих ва ҳуқуқ дар заминаи матнҳои тахассусӣ» саҳми босазо хоҳад гузошт.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқот:** коркарди низоми мураттаби таълими забони тоҷикӣ дар асоси методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешрафтаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва дар амал санҷидашуда бо назардошти ихтисоси донишҷӯёни риштаи «Таърих ва ҳуқуқ дар заминаи матнҳои тахассусӣ» мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот**

Мақсади кори диссертатсионӣ ҳалли як қатор вазифаҳои пешбиншударо тақозо менамояд. Аз ҷумла:

1. Таҳқиқи асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ, минҷумла, бозёфти роҳу усулҳои ташаккули фарҳанги нутқи донишҷӯён дар заминаи матнҳои тахассусӣ (ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ».

2. Мушаххас намудани мазмун ва мундариҷаи таълими фанни забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ аз нигоҳи хусусиятҳои лексикӣ, грамматикӣ ва матни таълимии тахассусӣ.

3. Вазъи таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳлили китобҳои дарсӣ, бознигарии барнома, силлабусҳо ва дастурҳои таълимӣ, мавҷудияти маводи дарси (матн, машқ) марбути ихтисос.

4. Муайян намудани таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: дарки моҳияти аслии муносибати босалоҳият ба таълим, нофаҳмиҳо дар мавриди татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим.

5. Коркарди асосҳои илми методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар робита бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика.

6. Таҳқиқи илмии моҳияти матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ дар партави таъмини муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ.

7. Коркарди системаи машқҳо аз фанни забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ (ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ») дар робита ба ташаккули малакаҳои коммуникативӣ (иртиботӣ) ва нутқи мураттаб.

8. Тавсиф ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар ташаккули салоҳиятмандӣ ва фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ.

**Объекти тадқиқ** – асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ (ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ») ба шумор меравад.

**Мавзуи (предмет) тадқиқот** роҳу усулҳои таълими забони тоҷикӣ дар факултети таърих ва ҳуқуқ аз ҷумла, омӯзиши вожаҳо ва истилоҳоти хоси илми таърих ва ҳуқуқ, интихоби матнҳои тахассусӣ, маҷмуи машқҳо ва супоришҳои шифоҳӣ ва хаттӣ ва мисоли он мебошад.

**Фарзияи тадқиқот**–таълими маданияти нутқ ва таълими ҳамаҷонибаи забони тоҷикӣ ба донишҷӯёни ихтисоси таърих, таърих ва ҳуқуқ вақте самарабахш мегардад, ки агар раванди омӯзиши ин фан дар заминаи матнҳои тахассусӣ роҳандозӣ шуда, таъмини салоҳиятмандии забонӣ, коммуникативӣ (иртиботӣ) ва ташаккули маҳорат ва малакаи нутқи мураттаби донишҷӯён дастрас гардад.

**Марҳилаҳои тадқиқот.** Тадқиқот хусусияти назариявӣ-эксперименталӣ дошта, дар давоми 6 сол (2017-2023) гузаронида шудааст.

**Марҳилаи аввал** (солҳои 2017-2019) – омӯзиш ва шиносоӣ бо адабиёти марбути тадқиқоти диссертатсионӣ, мушоҳидаи раванди омӯзиши забони тоҷикӣ дар робита ба муносибати босалоҳият ба таълим дар заминаи матнҳои таълимии тахассусӣ, дарёфти роҳу усули ташаккули нутқи донишҷӯёни ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ», ҷамъоварии маводи дидактикӣ.

**Марҳилаи дуюм** (солҳои 2020-2021) – коркарди асосҳои илмии методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар робита бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика; муайян намудани асосҳои таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ»), дарки моҳияти аслии муносибати босалоҳият ба таълим ва татбиқи таҷрибавӣ-амалии муносибати босалоҳият ба таълим.

**Марҳилаи сеюм** (солҳои 2022-2023) - коркарди системаи машқҳо аз фанни «Забони тоҷикӣ» барои донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ (ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ») дар робита ба ташаккули малакаҳои

коммуникативӣ ва нутқи мураттаб; тавсиф ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар самти ташаккули салоҳиятмандӣ ва фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ, тавзеҳи методии нуктаҳои асосии диссертатсия ва таҳияи гунаи ниҳоии он.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқотро** осори олимони забоншинос ва методистони маъруфи ватанӣ ва хориҷи кишвар, аз қабили М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, С. Шербоев, С. Негматов, С. Аминов, Р.И. Аванесов, Л.А. Вербитская, В.В. Виноградов, Б.Н. Головин, В. Г. Костомаров, М.В. Панов, Л.И. Сквортсов, В.И. Чернишев, Л.В. Шерба ва диг., психология ва педагогика А.Н. Гвоздев, Н.И. Жинкин, С.Ф. Иванова, А.А. Леонтев, В.В. Морозов, И.П. Павлов, И.М. Сеченов, А.Н. Соколов, Л.А.Чистович ташкил менамояд.

Асоси методологии таҳқиқотро ҳамчунин муқаррароти мавҷудаи назарияи методҳои таълими забони модарӣ (Л.П.Федоренко), равишҳои муосир ва ҷанбаҳои гуногуни назария ва амалияи таълими забони модарӣ ва маданияти нутқ ташкил додааст, ки дар асарҳои М.Т.Баранов, В.В.Львов, М.Р.Львова, А.Текучев, Р.Б.Сабаткоев, Е.А.Бистрова, Н.М.Шанский ва дигарон ба тасвиб расидааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашма ва маълумотҳои муътамад осори педагогӣ, методӣ, психологӣ, дидактикӣ, лингвистӣ, фарҳангшиносии олимон доир ба масъалаҳои муносибати босалоҳият, салоҳияти коммуникативӣ, моделҳои таҷрибавӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра истифода гардиданд.

Дар рафти таҳқиқот масъалаҳои салоҳиятмандии коммуникативӣ, хусусиятҳои миллӣ-фарҳангӣ, ташаккули салоҳиятмандии забонӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии муҳассилин (В.Г. Воробёв, И.И. Лейфа, Г.Г. Қаршиева); ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ (И.А. Зимняя, А.П. Бостанжи, А.П. Садохин, С.Э. Негматов, Х.Г. Сайфуллоев, Р.А.

Свиридон, И.С. Соловёва, В.П. Фурманова); салоҳиятмандии коммуникативии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омодагардонии касбӣ (С.Н. Алиев, З.Х. Сайфуллоева, И.Е. Павленко), асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» ва ғайра низ мавриди истифода ва баҳрабардорӣ қарор гирифтааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ**.

Асоси эмпирикии таҳқиқотро омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, таҳлили барнома ва китобҳои дарсӣ, озмоишҳои педагогии муқарраркуниву таълимӣ-методӣ бобати муайян намудани мазмуни таҳсилот, вазъи таълим ва сатҳи дониши донишҷӯён, ки дар доираи методи омории таҳқиқот ҷамъбаст гардидааст. Ва инчунин барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда **методҳои таҳқиқотии зерин** истифода гаштанд:

- бунёдӣ-назариявӣ (таҳлили лингвистӣ, психологӣ-педагогӣ, илмӣ-методӣ, таҳлили муқоисавии китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ);
- эмпирикӣ (мушоҳида, озмоиш, таҷриба, таҳлили сифативу миқдории натиҷаҳои эксперимент, ҷамъбасти оморӣ ва хулосабандӣ).

Таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ва арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи тадқиқот**

Натиҷаи тадқиқоти диссертатсионӣ дар рафти таҷрибаи экспериментали дар МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

академик Б.Ғафуров», кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии донишгоҳи мазкур амалӣ гашта, натиҷаҳои он дар мақолаҳо баррасӣ гаштаанд.

**Навигониҳои илмии тадқиқот** иборат аз инҳост:

1. Бори нахуст дар илми лингводидактикаи ватанӣ коркарди асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар робита бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика ба амал оварда шуд.

2. Таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи худро ёфта, ба моҳияти аслии муносибати босалоҳият ба таълим равшанӣ андохта шуд ва нофаҳмиҳо дар мавриди татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим муқаррар гардид.

3. Системаи машқҳо ва матнҳои тахассусӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ (ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ») дар робита ба ташаккули малакаҳои коммуникативӣ(иртиботӣ) ва нутқи мураттаб аз фанни забони тоҷикӣ пешниҳод гардид.

4. Дар рисола матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ тафсири комил ёфта, дар партави муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ таҳқиқ гардид.

5. Собит гардид, ки лингвистикаи матн ҳамчун соҳаи илми ҷудогона бо ҳадафҳо ва вазифаи аслии хеш – муайян намудани моҳият ва асосҳои фароҳам овардани шарту шароити муошрату муомилоти байниинсонӣ ба иҷрои асолатҳо ва риояи принсипҳои муҳимми дидактикӣ-иттилоотӣ, тарбиявӣ, рушдёбӣ ва таҳлилӣ-ҷамъбастӣ мақоми хосро ба иҷро мерасонад.

6. Тавсиф ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар самти ташаккули салоҳиятмандӣ ва фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ собит кард, ки дар заминаи матнҳои

тахассусӣ донишҷӯён ба фазои салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ дар сатҳи талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаи таълимӣ хубтар ва амиқтар ворид мешаванд.

7. Дар системаи таълимии пешниҳодшуда дар муқоиса бо таълими анъанавии забони тоҷикӣ пешравӣ ва салоҳиятмандии муҳассилин баргузида эътироф шуда, татбиқи он дар асоси матнҳои тахассусӣ мусбат арзёбӣ мегардад.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мегарданд:**

1. Дар сатҳи баланд донистани забони давлатӣ, меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик, шиносоии комил бо истилоҳоти тахассусӣ, дарки мутуни ихтисос, малакаи кор бо забони сарчашмаҳо ва донистани асосҳои имло ва ҳуҷҷатнигорӣ муҳим арзёбӣ шуда, мундариҷаи ҳар як мавзуи дарс тавре бояд муайян гардад, ки дар баробари пурра аз худ намудани барномаи таълимӣ сатҳи мустақилиятнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва донишҳои назариявии донишҷӯ-мутахассиси оянда ташаккул ёбад.

2. Ғояи асосии муносибати босалоҳият ба таълим дар амал истифода бурдани дониш, малака ва маҳорати парваридаи донишҷӯён мебошад. Ҳарчанд ин низом дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав маҳсуб ёбад ҳам, он дар афкори педагогии мардуми мо асрҳои аср боз арзи ҳастӣ дорад ва бояд гуфт, ки муносибати босалоҳият ба таълим тавассути фардикунонии раванди таълим ва фаъолмандии шахсияти омӯзанда амалӣ карда мешавад.

3. Мақсади таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ такмил додани малакаю маҳорати суханварӣ ва баён карда тавонистани фикр, бе хато навиштан, мукаммал намудани дарки амиқи ҷиҳатҳои хоси забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи муошират ва интиқоли иттилоот, инчунин васеъ намудани ҷаҳонбинии умумигуманитарӣ дар такя бо фаҳмиши амиқи сатҳи коммуникативӣ, маърифатӣ ва эстетикии донишҷӯён мебошад. Ба

ибораи дигар, ташаккул додани салоҳияти касбии мутахассиси баландихтисос ба меъёри муқарраршуда бояд ҷавобгӯй бошад.

4. Асосҳои илмӣ-методии ташаккули фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ аз забони тоҷикӣ бояд роҳандозӣ гардад. Дар ин росто матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ дар партави таъмини муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ эътироф пайдо карда, тавассути системаи машқҳо ва матнҳои тахассусӣ ба рушди салоҳиятмандии муҳассилини риштаи ғайрифилологӣ тақвият мебахшад.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот:**

Амсилаи (модел) пешниҳодкардаи муаллиф дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои таълимии тахассусӣ дар ташаккули салоҳияти забонӣ ва коммуникативии муҳассилин асоси назариявии омодагии донишҷӯён дар робита бо технологияҳои муосири педагогӣ аҳамияти назарраси амалӣ пайдо карда, татбиқи он ба фаъолнокии инфиродии муҳассилин мусоидат менамояд.

**Аҳамияти амалии тадқиқот:**

Системаи машқҳо ва матнҳои тахассусӣ, ки дар рисола пешниҳод шудаанд, дар ташаккули инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии донишҷӯёни ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ» муассир буда, дар самти салоҳияти забонӣ ва коммуникативии онҳо саҳми босазо доранд. Маводи дидактикии дар рисола ва махсусан дар қисмати замима ҷойёфта ба омӯзгорон дар ташкили бонизоми дарс ва машғулиятҳои амалӣ ёрии калон мерасонанд.

Қобили зикр аст, ки дар диссертатсия ба суоли мантиқии: “Матн чист ва он аз нигоҳи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ ҳамчун категорияи методӣ чӣ гуна бояд роҳандозӣ гардад”, ҷавоби мушаххас дода шудааст. Ба ақидаи мо, матни таълимӣ ҳамчун маводи махсуси муошират дар раванди таълими забони

тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ маҳсуб ёфта, ба риояи принсипҳои муҳимми дидактикӣ нигаронида шудааст.

Дар диссертатсия системаи машқҳо, супоришҳо барои машғулиятҳои амалӣ, КМРО, КМД аз забони тоҷикӣ ва вусъати сатҳи маданияти нутқ дар асоси матнҳои тахассусӣ пешниҳод карда шудааст, ки самаранокии онҳо бо истифодаи чунин усулҳо, аз қабили кор бо матни тахассусӣ, шарҳи вожаҳои душворфаҳм, шарҳи истилоҳот, моделсозии воҳидҳои лингвистӣ, таҳлили матн, интихоб ва ворид кардани калимаҳо, кор бо матни таҳрифшуда, тартиб додани нақша ва ғайра имконпазир аст.

Самаранокии методологияи пешниҳодшуда бо маълумоти санҷиши озмоишӣ-назоратӣ собит карда шуд ва он имкон медиҳад, ки дурнамои истифодаи минбаъдаи он дар таҷрибаи таълими забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ вусъат ва таҳким бахшида шавад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада** тавассути дақиқ будани асосҳои методологӣ ва назариявӣ; таҳлили ҳамаҷониба ва баҳисобгирии вазъи воқеии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар зимни омӯзиши консепсияҳои методикаи таълими забон дар шароити муосир, мувофиқат кардани методҳои таълим ба мақсад, вазифа, объект ва предмети таҳқиқ; хусусияти маводи таҷрибавӣ; санҷиши озмоишии фарзия ва тасдиқи муваффақонаи кори озмоишӣ-таҷрибавӣ дар раванди эксперимент; эътимоднокии натиҷаҳои ба даст овардашуда; дар заминаи таҷрибаи кории бисёрсолаи муаллифи рисола дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ; коркарди маълумотҳои озмоишӣ тавассути методҳои омори риёзӣ таъмин карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти

касбӣ)) тибқи фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд:

- банди 1. Коркарди назарияи таълими фанҳои мушаххас, аз ҷумла, дар сатҳи байнифаннӣ; фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавӣ-озмоишии муаллимони фанҳо ҳамчун яке аз манбаъҳои рушди назария ва методикаи таълим дар соҳаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот.

- банди 2. Омӯзиши иқтидори рушдёбанда ва тарбиявии фанҳои таълимӣ дар равандҳои таълим.

- банди 3. Коркарди консепсияҳои мундариҷаи фанҳои таълимӣ дар дараҷаҳои гуногуни таҳсилот; тарҳрезии мундариҷа, методҳо ва шаклҳои ташкилии таълим дар шароитҳои тағйирёбӣ, иттилоотикунонӣ ва ҳамагонишавии равандҳои ҷомеа, фарҳанг ва таҳсилот.

- банди 4. Коркарди технологияҳои инноватсионии таҳсилот ва шаклҳои ташкили таълим.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар таҳқиқот аз асоснок гардонидани ғояҳо ва қоидаҳои асосии рисола, коркарди модели консептуалие, ки дар асоси муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ ҳини гузаронидани таҳқиқоти мазкур, тафсир ва тасдиқи натиҷаҳои ба даст омада иборат мебошад.

Саҳми муаллифи рисола дар коркард ва амалисозии семинари махсус дар мавзуи «Роҳу усули ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии муҳассилин дар заминаи матнҳои тахассусӣ» дар машғулиятҳои забони тоҷикӣ иборат мебошад. Ҳамзамон маводи асосии рисола ба қисмати санҷишӣ-озмоишӣ ворид карда шуда, аз интихоби системаи машқҳо ва матнҳои таълимӣ, методҳои татбиқи амалии модели пешниҳодшуда, аз иштироки мустақими муаллиф дар раванди кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, иҷрои мустақилонаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва матолиби ба чоп расида бармеояд.

**Тасвиби натиҷаҳои тадқиқот**

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ мунтазам дар маҷлисҳо ва семинарҳои илмӣ-методии кафедраҳои умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ, методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва маҷлисҳои шӯрои илмии факултаи филологияи тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров», дар конференсияҳои дохилидонишгоҳии МДТ-и «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров», дар конференсияҳои сершумори байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик, ки дар вилояти Суғд, шаҳри Душанбе баргузор гаштаанд, манзур ва муҳокима шудаанд; қоидаҳои асосии рисола ва қисми озмоишии таҳқиқот дар раванди корҳои таълимии донишҷӯён дар факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ-и «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» санҷида шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Нуктаҳо ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар 15 мақола, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 15 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи муттаҳидаи кафедраҳои методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Диссертатсия аз ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии тадқиқот, ду боб, ки аз ҳашт зербоб фароҳам омадааст, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 211 номгӯй аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ПАРТАВИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

## 1.1 Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва фанни таълимӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Дар замони муосир талабот оид ба баландшавии сифати дониш, маҳорат ва малакаи хатмкунандагони мактабҳои олӣ рӯ ба афзунӣ мениҳад. Агар аз бар намудани донишҳои тахассусӣ як тарафи масъала бошад, тарафи дигари он ташаккули маҳорати суханварӣ ва муоширати озод ва фасеҳ дар доираи ихтисос, шиносоии комил бо истилоҳоти тахассусӣ маҳсуб меёбад. Низоми муосири таҳсилотро ҳалли масъалаи зерин тақозо мекунад: тайёр кардани мутахассиси босаводе, ки дорои сифатҳои соҳибмаърифатӣ, таҳлили интиқодӣ, рушди тафаккури эҷодӣ ва маҳорати мутобиқ шудан ба фазои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бошад.

Гузориши ин масъала хосатан дар тайёр кардани мутахассисони соҳаи таърих ва ҳуқуқ арзишнок аст. Мухобиротии таълим бояд дар ин самт дастрасии маълумот, ташаккули имкониятҳои илмиву эҷодии шахсӣ,баландбардорӣ ва такмили ихтисос ва таъвизи соҳаи фаъолиятро дар марҳилаи фаъолнокии ҳаёт таъмин намояд. Вобаста ба ин аҳамияти вусъати доираи забондонӣ, маҳорати суханварии тахассусӣ ва маданияти нутқи донишҷӯёне, ки аз рӯйи тахассуси «Таърих ва ҳуқуқ» ба таълим фаро гирифта шудаанд, меафзояд. Дар Стандарти давлатии таълимии ихтисос аз рӯйи самти 02 01 «Таълими фанҳои таъриху диншиносӣ ва фалсафӣ», ихтисоси 1- 02 01 02 «Таърих», дараҷаи бакалавр, ки муҳлати таҳсилаш 4 сол аст, дар тавсифоти фаъолияти касбӣ омадааст: соҳае, ки хатмкунанда метавонад фаъолият намояд, ин фаъолияти илмӣ дар соҳаҳое мебошад, ки методҳои таърихӣ дар он истифода мешаванд. Аз қабили бостонсаройҳо, осорхонаҳо, ҷойҳои махсус барои сайёҳон, ҷойҳои қадимаи таърихӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ ва монанди ин.

Объектҳои фаъолияти касбии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва бойгониҳои давлатӣ ва зерсохторҳои он, осорхонаи миллӣ ва зерсохторҳои он, идораҳои давлатӣ, шуъбаҳои дастхатҳо ва китобҳои нодири китобхонаҳо ва осорхонаҳо, фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна мебошад.

Намудҳои фаъолияти касбӣ аз инҳо иборат мебошад: таълимӣ-тарбиявӣ; иҷтимоӣ-педагогӣ; маданӣ-маърифатӣ; илмӣ-методӣ; ташкилӣ -идоракунӣ.

Доираи талабот оид ба фаъолияти касбии хатмкунанда аз қисматҳои зерин иборат аст:

**фаъолияти илмӣ ва илмӣ-таҳлилӣ:** ташаккули донишҳои таърихию сиёсӣ, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ; баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, дар рӯҳияи гуманистӣ тарбия намудани ҷавонон, бедор намудани ҳисси миллӣ бо мақсади амиқ гардондани донишҳои таърихӣ, гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ; ташкили синфхонаҳои методӣ, ташкил ва банизомдарории осорхонаҳо; ба таври зарурӣ ба низом даровардани коргузорӣ ва ҳуҷҷатгузории хизматчии давлатӣ.

**фаъолияти истеҳсолӣ-технологӣ:** таҳияи низомномаҳо ва дастурҳо доир ба коргузорӣ ва ташкили кори бойгонӣ дар ташкилот, корхонаҳо ва муассисаҳо; таҳияи низомномаҳо ва дастурҳо доир ба коргузории хизматчии давлатӣ; таҳияи барномаҳои таълимӣ-методӣ, нақшаҳои корӣ ва ғ. дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ; тартиб додани дастурҳои методии таълимию тарбиявӣ; таъсиси фаъолияти кабинети методии фаннии равияи илмҳои ҷомеашиносӣ.

**фаъолияти ташкилотчигӣ-идоракунӣ:** таъсис ва такмили осорхонаҳои кишваршиносӣ, мардумшиносӣ дар муассисаҳои таълимӣ, маркази шаҳраку деҳот ва ноҳияҳо; таҳияи низомномаҳо ва дастурҳо доир ба ташкили фаъолияти осорхонаҳо; таҳияи низомномаҳо ва дастурҳо доир ба коргузорӣ ва ташкили кори бойгонӣ дар ташкилот, корхонаҳо ва

муассисаҳо; таъмини шароити бехатари фаъолияти ҳаётии касбӣ; ҳисобу китоби самаранокии иқтисод

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар самти иҷрои фаъолиятҳои муқарраршуда мутахассис, пеш аз ҳама, дар сатҳи баланд донистани забони давлатӣ, меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик, шиносоии комил бо истилоҳоти тахассусӣ, дарки мутуни ихтисос, малакаи кор бо забони сарчашмаҳо ва донистани асосҳои имло ва ҳуҷҷатнигорӣ хеле муҳим маҳсуб шуда, мавзуъ ва мундариҷаи ҳар як фанни таълимӣ тавре муайян мегардад, ки дар баробари пурра аз худ намудани барномаи таълимии онҳо сатҳи мустақилиятнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва донишҳои назариявии донишҷӯ-мутахассиси оянда дар мисоли ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ» ташаккул ёбад.

Бахши фанҳои гуманитарӣ омӯзиши фанҳои ҳатмии фалсафа, таърихи халқи тоҷик, забони тоҷикӣ, забони хориҷӣ, забони русӣ, сотсиология, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва фанни интихобии этика, эстетика ва мантиқро дар бар мегирад ва дар ин росто омӯзиши забони тоҷикӣ ва ташаккули маданияти нутқи мутахассиси оянда дар мисоли ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ» мавриди ҳаллу фасл ва пажӯҳиши махсуси мо қарор хоҳад гирифт.

Мусаллам аст, ки кулли соҳаҳои ҳаёти инсон, аз ҷумла, маориф дар назди хатмкунандагони факултетҳои ғайрифилологии донишгоҳҳо вобаста ба пешравии воқеияти давру замон талаботи нав ба нав мегузорад. Ба ҷуз рушди савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои забондонӣ фарҳанги гуфтор, маданияти нутқ, парвози баланди фикр, салоҳияти иртиботӣ, одоби муошират аҳамияти бузурги маърифатӣ ва иҷтимоӣ-ахлоқӣ дорад. Парадигмаи нави низоми таҳсилот дар назди системаи маориф вазифаҳои муҳим мегузорад, ки ин, қабл аз ҳама, омода намудани шахсияти забондон, мутахассиси босавод, корманди закии дорои тафаккури интиқодӣ, эҷодкор буда, ба муҳити зудтағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодии давру замон мутобиқ шуда метавонад. Унсури асосӣ

на миқдори дониш, балки сифати аз худ шудани иттилоот ва маълумот, пайвастагии он бо таҷрибаи зиндагӣ ва фаъолияти касбӣ, қобилияти ёр гаштани илму амал аст. Муайян намудани ин масъала дар робита ба тайёрии касбии мутахассисони соҳаи таърих ва ҳуқуқ махсусан муҳим аст.

Маълум аст, ки фанҳои тахассусиро донишҷӯён аз курсҳои сеюм ё чорум меомӯзанд ва саволе ба миён меояд, ки донишҷӯёнро дар курсҳои поён оид ба маданияти нутқ чӣ тавр раҳнамоӣ кардан имконпазир аст, то ки онҳо ба дарк ва азхудкунии курси асосии таълим тайёр шаванд. Донишҷӯён бояд барои азхудкунии донишҳои нав омода бошанд ва, пеш аз ҳама, захираи луғавии худро бой кунанд, қобилияти гуфтор ва доираи муоширати озоди худро инкишоф диҳанд, бо консепсияҳои марбут ба фаъолияти касбии оянда амал кунанд. Барои таъмини ин нақша сифати таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардошта шуда, ташаккули фарҳанги нутқ ба талабот ҷавобгӯ бояд бошад.

Барои ноил шудан ба ин матлаб ва мақсади забономӯзӣ системаи махсуси машқҳоро аз рӯйи ихтисоси дахлдор тартиб додан лозим аст. Хотиррасон мекунем, ки ин масъала инчунин барои донишҷӯёни хориҷӣ (дар МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» донишҷӯён аз Хитой, Кореяи шимолӣ, Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Афғонистон, Ӯзбекистон таҳсил доранд – К.Д.), ки забони тоҷикиро ҳамчун забони хориҷӣ меомӯзанд, хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар шароити кунунии Тоҷикистон вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳарчи бештари воситаҳои мухобиротӣ (интернет, телевизион ва ғайраҳо) танҳо бо дониш мусаллаҳ будан басанда набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавӣ ва ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми ҶТ пайваста кӯшиш менамоянд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон гардонда, тадбирҳои мушаххасро амалӣ намояд. Ҳамин буд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди маориф то давраи солҳои 2030»-ро ба тасвиб расонд. Тибқи ин ҳуҷҷат то соли 2030 стандарту барнома ва китобҳои дарсӣ ҳамчун асоси донишомӯзӣ, сарчашмаи боэътимоди тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар руҳияи баланди худшиносии миллӣ, садоқат ба арзишҳои умумибашарӣ ва инсонӣ, парвариши ҳисси ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ хидмат намуда, дар асоси низоми ҷадиди «муносибати босалоҳият ба таълим» ба роҳ монда шаванд. Пеш аз баррасии низоми таълими муносибати босалоҳият ба таълим меҳоҳем, ба шарҳи маънӣ ва мафҳумҳои салоҳият, салоҳиятнок/босалоҳият ва салоҳиятнокӣ равшанӣ андозем.

Салоҳият бояд таъкид намуд, ки ин, пеш аз ҳама, маҷмӯи дониш, малака ва маҳорати ба ҳам тавъам маҳсуб меёбад, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешавад ва салоҳиятнок (босалоҳият) дар мисоли мо шогирд ё худ мутахассисест, ки маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам тавъами андӯхтаашро дар ҳаёти ҳамарӯза истифода мебарад.

Аз ин нуқтаи назар, метавон гуфт, ки муносибати босалоҳият ба таълим низомест, ки дар он донишу малакаҳои ҳаётан муҳим ташаккул дода шуда, тарз, роҳу равиши дар ҳаёти ҳамарӯза истифода кардани онҳоро нишон медиҳад.

Чуноне аз гуфтаҳои боло бармеояд, ғояи асосии муносибати босалоҳият ба таълим ин дар амал истифода бурдани дониш, малака ва маҳорати парваридаи донишҷӯён мебошад. Ҳарчанд ин низом дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав намояд ҳам, он дар афкори педагогии мардуми мо асрҳои аср боз арзи ҳастӣ дорад ва бояд гуфт, ки муносибати босалоҳият ба таълим тавассути фардикунонии раванди

таълим амалӣ карда мешавад. Тазаккур бояд дод, ки фардикунонии раванди таълим набояд бо таълими тафриқа омехта гардад.

Фардикунонии раванди таълим низ аслан чизи нав набуда, дар як қатор давлатҳои хориҷии ғарбу шарқ ҳанӯз аз солҳои шастуми асри гузашта амалӣ мешавад ва дар макотиби шӯравӣ принсипҳои фардикунонии таълим пас аз ошкорбаёниҳои солҳои 80-ум, баъди буҳрони шадиди иҷтимоию иқтисодӣ рӯйи кор омада буд. Олимон ба бӯҳрон рӯ ба рӯ шудани низоми анъанавии таълимро эътироф намуда, роҳҳои нави тадрисро пешниҳод карданӣ мешуданд ва маҳз дар ҳамин давра педагогикаи ҳамкорӣ ба вуҷуд меояд. Асоси раванди фардикунонии таълимро ақидаҳои педагог ва психологи амрикоӣ Ховард Гарднер, психологи рус Л.С. Виготский ва ҳамчунин таксономияи қобилиятҳои маърифатии Бенжамин Блум ташкил медиҳад.

Изҳори ин мушкилот дар робита бо тайёрии касбии мутахассисон дар соҳаи касби интихобкарда муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин росто маълумоти иттилоотӣ дар таъмини дастрас ва кофӣ будани донишҳои зарурӣ, рушди қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии муҳассилин, такмили ихтисос, таҳаввули зеҳнӣ-маърифатӣ дар фаъолияти ояндаи касбии шахс роҳи васеъ бояд кушояд. Аз ин лиҳоз, қадами устувор ва пойдор дар тайёр кардани мутахассисони соҳибкасб, дорои нутқи бомаданияти равону фасеҳ ва дар бозори меҳнат рақобатпазир таълими босифат ва омӯзиши амиқи фанни «Забони тоҷикӣ аз рӯйи ихтисос» мебошад.

Солҳои охир бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми ҶТ дар ҷумҳурӣ якчанд лоиҳа дар самти Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат, ки бо дастгирии техникии Иттиҳоди Аврупо татбиқ мегардад, роҳандозӣ мегардад. Чунончи, номи яке аз барномаҳо «Рушди мунтазами касбии омӯзгорон» номгузорӣ шуда, мавзуи асосӣ «Таълиме, ки ба рушди салоҳиятҳо мусоидат мекунад: усулҳои фаъоли таълим маҳсуб меёбад».

Ба сифати қисмати комили лоиҳа Татбиқи муносибати босалоҳият ва роҳбаладӣ дар таҳсил ва фаъолияти омӯзгорӣ» (Барномаи омӯзиш,

мавод барои иштирокчиён ва тренерон) пешниҳод шудааст ва аз якчанд мавзуъҳо ва фаслҳо иборат аст:

1. Татбиқи муносибати босалоҳият ва роҳбаладӣ дар таҳсил ва фаъолияти омӯзгорӣ.
2. Татбиқи муносибати босалоҳият ва роҳбаладӣ дар таҳсил ва фаъолияти омӯзгорӣ. Роҳнамои омӯзгор.
3. Таълиме, ки ба рушди салоҳиятҳо мусоидат мекунад – усулҳои фаъоли таълим. Мавод барои омӯзгорон.
4. Таълиме, ки ба рушди салоҳиятҳо мусоидат мекунад – усулҳои фаъоли таълим. Дастур барои тренер.
5. Татбиқи муносибати босалоҳият ва роҳбаладӣ дар таҳсил ва фаъолияти омӯзгорӣ. Дастури тренер.

Чуноне ки аз унвони барнома бармеояд, он ба рушди мунтазами касбии омӯзгорон дар партави татбиқи муносибати босалоҳият ва роҳбаладӣ дар таҳсил ва фаъолияти омӯзгорӣ равона шудааст. Ҳадафи асосии омӯзиш шинос намудани ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон бо муносибати салоҳиятноки таълим дар таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз ҷониби Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат (БДТБ 1) дастгирӣ карда мешавад, инчунин ташвиқи истифодаи ин усул дар раванди таҳсили омӯзгорони оянда ва менторecho (роҳнамоии) омӯзгорон дар давоми таҳсил ва такмили ихтисоси онҳо мебошад.

Семинарҳои омӯзишӣ масоили гуногуни мубрам, аз қабили мафҳуми салоҳият дар шароити муосири глобалӣ ва дар Тоҷикистон; салоҳиятҳои асосӣ ва роҳҳову воситаҳои татбиқи муносибати салоҳиятнок бо назардошти барнома, стандартҳои фаннӣ, чаҳорчӯбаи салоҳиятҳои омӯзгор; усулҳои самараноки таълим барои ташаккули салоҳиятҳои донишҷӯён; банақшагирии дарс барои таълими босалоҳият ва арзёбии ташаккулдиҳанда ва нақши он дар ташаккули салоҳиятҳои донишҷӯёнро дар бар мегирад.

Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат дар партави муносибати босалоҳият ба таълим инчунин компоненти дигар - «Таҳия ва амалисозии стратегияи миллии арзёбии хонандагон ва нақшаи амалигардонӣ»- ро дар бар мегирад. Ин лоиҳа ҳамчун восита барои ҷалби ҷонибҳои асосии манфиатдор дар низоми маорифи Тоҷикистон дар муҳокима, таҳия ва татбиқи стратегияи миллии арзёбии муҳассилин маҳсуб меёбад.

Ҳуҷҷати мазкур асоси лоиҳаи саҳеҳгардидаро ташкил медиҳад, ки дар ҷараёни муҳокимаҳои минбаъда бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили истифода қарор хоҳад гирифт. Дар ҳоле ки Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат барои таҳияи стратегия масъул аст, намунаи муштараки кор бо шарикони асосӣ истифода мешавад, то дар оянда ризоият оид ба усулҳо ва стратегияҳои асосӣ ба даст оварда шавад. Ба андешаи мо, чунин тарзи муносибат заминаи устувори ҳамкорӣ дар арзёбӣ ва дигар лоиҳаҳои марбут ба он аз ҷониби донорҳо мегардад.

Лоиҳа ба ғайр аз муқаррар кардани усулҳои умумии стратегияи пешниҳодшудаи арзёбӣ, инчунин як қатор дурнамоҳо ва мақсадҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддатро барои татбиқи стратегия дар бар мегирад. Банақшагирии ин лоиҳа зарурати муносибати созгор ва мураттабро ба арзёбӣ, таҳияи барномаи таълим ва Рушди давомдори касбӣ (РДК) инъикос мекунад.

Маълум шуд, ки мақсади барнома дарк намудани дастовардҳои таълимӣ дар Тоҷикистон бо назардошти шароити таърихӣ ва фарҳангии маориф дар мамлакат аст. Аз ҷумла, ин ҳуҷҷат се мақсади асосии Стратегияи миллии рушди маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос мекунад:

1. Навсози (модернизатсияи) –и мундариҷаи таълим.
2. Таҷдиди сохтори низоми маориф.
3. Беҳтар кардани дастрасӣ ба таҳсилоти босифат.

Ҳуҷҷати мазкур инчунин бо нияти рушд додани корҳои ҷорӣ дар робита бо Стратегияи нави рушди таҳсилот барои солҳои 2021-2030 пешбинӣ шудааст. Аз лиҳози интиқодӣ ин лоиҳа дар заминаи таҳаввулоти охирини марбут ба ташкили Маркази миллии тестӣ, имтиҳонҳои дохилшавӣ ба донишкадаҳо, ба донишгоҳҳо ва корҳое, ки Институти Ҷамъияти Кушода Бунёди Мадад барои рушди фарҳанги арзёбӣ анҷом медиҳад, таҳия шудааст.

Аз нигоҳи мубрамият ва аҳамияти илмӣ-амалӣ доштани барнома ҷойи шакку шубҳае нест, зеро шинос кардани ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон бо муносибати босалоҳият ба таълим дар таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз ҷониби барномаи махсус дастгирӣ карда мешавад, инчунин тавсеа ва аз нав муайян кардани дониш ва таҷрибаи касбии мавҷуда, ташвиқи истифодаи ин усул дар таҳсил ва амалияи омӯзгорони ояндаи соҳибзабону соҳибсухан ташаббуси хуб ва шоистаи татбиқ мебошад.

Барнома имкон фароҳам меорад, ки рушди салоҳиятҳои касбии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ ва миллӣ; рушди нерӯи кадрии муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои таъмини таҷрибаи босифати таълимӣ ба донишҷӯён ва омӯзгорон; ташкили муҳит барои муколамаи касбӣ ва таҳқиқоти академӣ; ҳавасманд кардани иштирокчиён барои мубодилаи эътиқодоти педагогии онҳо, муносибатҳо ва таҷрибаҳои шахсии омӯзиш, таълим ва ментории онҳо; муҳокимаи шароитҳо ва амалҳои зарурӣ барои татбиқи бомуваффақияти таълими босалоҳият аз нигоҳи талаботи муосири давру замон дар соҳаи таълиму тадрис равшан ва возеҳ баён гардад.

Дар лоиҳа таваҷҷуҳи моро мафҳумҳои «салоҳият» ва «муносибати босалоҳият ба таълим» ва ё чуноне ки он ҷо зикр шудааст, «таҳсили босалоҳият»; шиносоӣ бо таҷрибаи байналмилалӣ ва ватанӣ оид ба таҳсили босалоҳият; мушаххас кардани стратегия ва усулҳои муфиди

таълими босалоҳият; рушди малакаҳои ментории донишҷӯён (омӯзгорони оянда) ва омӯзгорони амалкунанда аз рӯи тахассус ва касби педагогӣ; санҷиши малакаҳои салоҳиятнокӣ дар фаъолияти омӯзгорӣ ва амсоли он ба худ ҷалб кард. Дар назар аст, ки дар рафти татбиқи барномаи омӯзиши мазкур таҳлили раванди таълими босалоҳият дар мактаб ва мубодилаи афкор дар ин самт пешбинӣ шудааст.

Забони омӯзиш тоҷикӣ буда, ҳайати иштирокчиён аз ҳисоби устодони донишгоҳҳои равияи омӯзгории ҷумҳурӣ муқаррар шудааст. Талаботи зарурие, ки барои аз худ кардани барнома ба миён омадааст, истифода намудани малакаҳои андӯхташуда дар раванди таълим ва таҳлилу баррасии дастовард ва мушкилот мебошад.

Дар поён андешаҳои интиқодии хешро аз нигоҳи комилан фаҳмо ва дастрас шудани он ба омӯзгорони фанни забони тоҷикии макотиби олӣ баён мекунем. Таъкид месозем, ки он сирф фикру мулоҳизаи шахсии мост, холисонаву беғараз баён ёфтааст ва дар роҳи тақвияти консепсияи рушди мунтазами касбии омӯзгорон ва роҳандозии таълими босалоҳият ба манфиати умум хоҳад буд.

Хуб мебуд, агар дар Барнома шарҳи фаҳмои калимаву истилоҳоти махсуси марбут ба муносибати босалоҳият ба таълим ҷой мегирифт. Аз ҷумла, тавзеҳ ва шарҳи мушаххаси чунин вожаҳо, амсоли: *стратегия, консепсия, фасилитатор, механизм, корти индексӣ, онлайн, презентатсия, слайд, динамика, тренинг, тренер, принсип, созандагони идрокӣ, созандагони радикалӣ, воқеияти онтологӣ, таксономия, тафаккури инъикосӣ, тафаккури интиқодӣ, технология, платформа, ментор, менторӣ* ва ғайраву ҳоказо.

Маводи асосии Барномаи рушди мунтазами касбии омӯзгорон аз фасли «Татбиқи муносибати босалоҳият ва роҳбаладӣ дар таҳсил ва фаъолияти омӯзгорӣ. «Роҳнамои омӯзгор» шуруъ мешавад. Коршиносон таҳияи масъаларо аз тавсифи  Салоҳиятҳо – дурнамои байналмилалӣ оғоз карда, дар хусуси моҳияти талаботи Иттиҳоди Аврупо дар мавриди

салоҳиятҳо изҳори назар менамоянд. Дар натиҷа ҳашт салоҳияти асосӣ муайян гардида, кишварҳои узви ИА вазифадор шудаанд, ки онҳоро ба барномаҳои таълимӣ дар ҳар як марҳилаи таҳсилот ворид кунанд. Он салоҳиятҳои калидӣ маҳсуб ёфта, барои омӯзиш дар тӯли ҳаёт нигаронида шудааст.

Муаллифони лоиҳа ба консепсияи ташаккули салоҳиятнокӣ чун стратегияи муҳимми раванди таҳсилу таълим таваҷҷуҳ намуда, кӯшиш кардаанд, ки моҳияти онро барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти Тоҷикистон равшан намоянд. Мутаассифона, шиносоӣ бо шарҳу тавзеҳоти дар барнома ҷойдода маълум кард, ки он ҳама аз забони русӣ ва ё англисӣ берабту маъно тарҷума шудааст. Чунончи: *«Дониш, малака ва муносибатҳои мувофиқ ба салоҳият табдил меёбанд. Мафҳуми «салоҳият» метавонад ҳамчун дониш, малака ва таҷрибае фаҳмида шавад, ки ба шахс имкон медиҳад, то дар бораи он мулоҳиза кунад ва тасмим гирад, ки чаро дар ягон вазъияте бояд ба таври муайяне амал намояд. Салоҳиятҳо ҳамеша ҳамчун маҷмӯи донишҳо, малакаҳо ва муносибатҳои мувофиқ ба вазъияти муайяне шарҳ дода мешаванд. Салоҳиятҳои калидӣ онҳое мебошанд, ки ҳамаи инсонҳо барои истифодаи иқтидори худ, рушд додани худ, табдил шудан ба шаҳрванди фаъол, ҳамгироии иҷтимоӣ ва шуғлнокии худ ба онҳо ниёз доранд».*

Ҷумлаи дигар низ хеле гӯшхарош ва бидуни мантиқи афкор аст: *Мафҳуми «омӯхтани донистан»-ро бояд ҳамчун омезиши фарҳангӣ ба қадри кофӣ васеъ бо имконияти омӯхтани шумораи ками фанҳо фаҳмид.*

Дар ҳар қисмати пешниҳодҳо ба тааҷҷуб афтодем, ки омӯзгорон чӣ гуна ба мазмуну муҳтавои кулли маводи пешниҳодшуда мерасанд ва онро дастраси муҳассилин мегардонанд. Масалан, яке аз қисматҳои консепсияи салоҳияти глобалӣ ва аҳамияти он барои таҳсилот «Андозаҳои салоҳияти глобалӣ» номгузорӣ шудааст. Ҳатто бо дарёфти синонимҳои вожаи «андоза» – *миқёс, миқдор, шумор, ҳудуд, ҳад, дараҷа* фаҳмидани матлаби асосии коршиносон ва муаллифон душвор гардид. Чунончи, ҷумлаҳои

зиёд ба назар хеле аҷиб ва норавшан менамуд: «*гояҳои моделҳои гуногуни таълим»...*

Дар боби «Равишҳои таълимӣ барои салоҳияти глобалӣ» кашфиёти дигареро пайдо кардем: *«**Мубоҳисаҳои сохторёфта**, ки дар онҳо гурӯҳҳои талабагон мавқеъҳои мухолифро оид ба масъалаҳои глобалӣ ҳимоя мекунанд, ба талабагон имконият медиҳанд, ки мавзуъҳоро амиқ омӯзанд ва малакаҳои коммуникатсионии худро рушд диҳанд».*

Муаллифони маводи барнома дар тафсири салоҳиятҳои калидӣ ба чунин тарзи шарҳу эзоҳ роҳ додаанд, ки кас ба сари андешаву хаёл меравад. Бо ин ҷумлаҳо чиро метавон таълим дод ва омӯзонд: *«Салоҳиятҳои калидӣ қобилияти талабагонро барои иштирок дар ҷаҳони ҳозира тақвият медиҳанд, на ин ки онҳоро барои оянда омода месозанд. Салоҳиятҳои калидӣ на танҳо як номи нав барои малакаҳои асосӣ мебошанд - онҳо малакаҳоро дар бар мегиранд, вале инчунин нишон медиҳанд, ки малакаҳо чӣ гуна бо донишҳо, муносибатҳо ва арзишҳо алоқамандананд ва чӣ гуна метавон малакаҳоро дар муносибати мутақобила бо дигарон дар шароитҳои гуногун истифода бурд».*

Агар салоҳият як номи нави малака бошад ва малакаҳоро дар бар гирад, пас чӣ зарурати ташаккули салоҳиятнокӣ? Ниҳоят, чӣ гуна метавон малакаҳоро дар муносибати мутақобила бо дигарон дар шароитҳои гуногун истифода бурд? Ин тариқи мулоҳиза ва баёни фикр чиро мефаҳмонад? Фаҳмидану дар амал татбиқ кардан бо кадом роҳу равиш бояд сурат гирад?

Боиси таассуф аст, ки қариб дар ҳамаи ҷумлаҳои маводи барнома андешаҳо муғлақ ва душворфаҳм баён шудаанд. Чунончи, дар боби «Салоҳиятҳои асосии хонандагон» ин тавр омадааст: *«Инчунин муфид аст, вақте ки одамон дар бораи салоҳиятҳое, ки дар мактабҳо таҳия карда мешаванд, фаҳмиши якхела дошта бошанд».* Суоле пайдо мешавад: кадом одамон дар назар аст, ки дар бораи салоҳиятҳое, ки дар мактабҳо таҳия мешаванд, фаҳмиши якхела дошта бошанд?

Дар боби «Арзёбӣ бояд» як силсила супоришҳое ба миён гузошта шудааст, ки фаҳмиши матлабро барои омӯзгорон душвор мегардонад. Аз ҷумла:***Арзёбӣ бояд:***

Муносибати фарогирро ба кор барад: *Арзёбӣ бояд як маҷмӯи пайгиронаро (?) ташкил диҳад. Ин метавонад байни қисматҳо (?) ҳамкории муассир (синергия)-ро эҷод намояд ва номутобиқатии мақсадҳоро (?) пешгирӣ кунад.*

Ба қисмати «Такмил додани таҷрибаи дарсҳо» чунин омада: *Мақсади арзёбӣ такмили таҷрибаҳои синфӣ (?) ва омӯзиши хонандагон аст. Бо назардошти ин ҳамаи намудҳои арзёбӣ (?) бояд арзиши таълимӣ ва барои иштироккунандагон, бахусус хонандагон ва омӯзгорон манфиати амалӣ дошта бошанд (ҷумла услубан хато баён шудааст).*

Мутаассифона, чунин ҷумлаҳо дар партави муносибати босалоҳият ба таълим, хосатан ташреҳ ва тафсири вожаҳову истилоҳоти мавриди назар мушкилот ва дастрасии мантиқии онҳоро эҷод намуда, барои дар самти дуруст ба роҳ мондани муносибати босалоҳият ба таълим душвориҳоро дучор мекунад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо зерсохторҳои худ, аз ҷумла, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ усулҳои пешгирифтаи ҳамкорони рушдро ба назар гирифта, дар мавриди таҳлил ва дарки моҳияти муносибати босалоҳият ба таълим пешниҳодҳои хешро мушаххасан баён кардааст, то ки муносибати номувофиқ ва парокандаро дар рушди касбии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ дар макотиби олии кишвар пешгирӣ намояд.

Мо метавонем силсилаи мисолҳоро қариб аз ҳар як саҳифаи Барномаи пешниҳодшудаи ҳамкорони рушд идома диҳем. Идома надода ҳам намешавад, зеро сухан дар бораи муаммоҳо ва душвориҳои фаҳмиши ҳар як матлаб ва ҳадаф меравад. Масалан, боби «*Мақсадҳои омӯзишӣ ва меъёрҳои муваффақият кадомҳоанд?»,* тарҷумаи бемантиқи «Цели

изучения и критерии успехов» мебошад. Дар асл он бояд чунин мебуд: «Мақсади омӯзиш…», на мақсадҳои омӯзишӣ.

Давоми ҷумлаи аввали боби мазкур батамом омӯзгорро ба ҳайрат мегузорад. Иқтибос: *«Мақсади омӯзишӣ барои ягон дарс ё як қатор дарсҳо ин изҳороти (?) таҳиянамудаи омӯзгор мебошад, ки он ба таври возеҳ донишеро баён мекунад, ки омӯзгор мехоҳад (?)… Мақсадҳои дақиқи омӯзишӣ (?) бояд ба хонандагон кӯмак кунанд, то онҳо на танҳо ба супориш ё машқи пешниҳоднамудаи омӯзгор, балки он чи, ки онҳо меомӯзанд, тамаркуз намоянд (?)».*

Акнун мегузарем ба қисмати «Таълиме, ки ба рушди салоҳиятҳо мусоидат мекунад».

Шояд ин мавод дар бобати рушди салоҳиятмандии омӯзгори фанни забони тоҷикӣ мададе расонад, аммо тарҷумаи мавод имкон намедиҳад, ки омӯзгори мо матлаби дар ин мавод ҷойдодашударо тафаҳҳум карда тавонад, зеро боз ҳамон нокомии тарҷумонӣ ва бидуни мантиқ ифодашавии мақсад ва аслияти мавод ба чашм мерасад.

Ҳамагӣ чанд мисол меорем:

*Созандагӣ (конструктивизм) – ин рӯйкард ба омӯзишест, ки одамон фаъолона донишҳои худро бунёд менамоянд ё месозанд ва воқеият дар асоси таҷрибаҳои омӯзанда муайян карда мешавад.*

*Ғояи марказии Созандагӣ аз он иборат аст, ки омӯзиши инсон сохта мешавад (?)*

*…созандагӣ (конструктивизм) изҳор медорад, ки хонандагон маъноро (?) танҳо тавассути муносибату робитаи фаъол бо ҷаҳони атроф (масалан, озмоишҳо ё ҳалли мушкилоти воқеӣ) бунёд мекунанд.*

*Созандагии идрокӣ изҳор медорад, ки дониш аз ҷониби омӯзандагон дар асоси сохторҳои идрокии мавҷудаи онҳо фаъолона бунёд мешавад.*

*… дониш на кашф, балки ихтироъ мешавад [21,2]*

*Масирҳои омӯзиши хонандагон ва ҳаҷми дастгирии таълимӣ…*

*Баҳоҳо барои ҳосил кардани баҳои миёна ҷиҳати раддабанӣ ва мартабасозии (иерархияи) хонандагон истифода мешаванд.*

*Хонандагон ба таври ғайрифаъол холигиҳоро пур намекунанд ё дар охири боб ба саволҳо ҷавоб намедиҳанд, балки дар эҷоди маҳсулоти (?) беназире иштирок мекунанд, ки фаҳмиши онҳоро нишон медиҳад.*

*Чи мешавад, агар дарс аз калимаҳое иборат бошад ва онҳо иттилоотеро пешниҳод созанд, ки дар эҷодкории омехта, ки танҳо барои хонандагон, аз ҷониби хонандагон сохта шудаанд, чарх занад.*

Баъди ин қадар тавсифи ташвиқи ғояи созандагӣ (конструктивизм) муаллиф чунин хулоса мекунад:

*Таълими конструктивӣ босубот нест, бинобар ин, бисёр системаҳои таълимӣ онро инкор мекунанд [21,7].*

Магар аз ин ҷумлаҳо омӯзгор саргум намешавад.

Баъзан гузориши масъала мантиқан дуруст ба назар мерасад, аммо дастуру супоришот сари ҳалли масъала андешаҳои пайдошударо қавӣ намегардонад. Масалан, дар яке аз қисмати мавод сухан дар бораи «Намунаҳои таълиму омӯзиши фаъол» меравад:

*Навиштани матлаб дар 1 дақиқа: дар ягон лаҳзаи дарс (лексия) аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки дар мавзуи додашуда бардоштҳояшонро нависанд. Суоле бармеояд: Магар дар 1 дақиқа ин амал имконпазир аст?*

Ё худ дар сархати таълиму омӯзиши фаъол, ки «Хударзёбӣ» ном дорад, матлаби нофаҳмо ва аз мантиқи баён дур дучор меояд: «Хударзёбӣ: монанд ба инвентаризатсияи консепсияҳо ва арзёбиҳои ташхисӣ. Ин машқҳои ғайристандартӣ, ки одатан дар оғози чоряк ё боби нав гузаронида мешавад, барои муайян кардани камбудиҳо дар фаҳмиши хонандагон истифода мешаванд» [21,30].

Аз ин намуд ҷумлаҳову матлабҳои нофаҳмо чӣ гуна ба ташаккули салоҳиятмандии омӯзгору хонанда метавон муваффақ гардид. Ба андешаи мо, аз ин афкору андешаҳо ягон чизи дилхоҳ ва мусоидаткунанда ба

дастгирии таҳсилоти босифат, махсусан, салоҳиятмандии субъектҳои асосии таълиму омӯзиш ба даст намеояд.

Агар ба андешаи муаллифони маводи мазкур омӯзиши фаъол фақат тавассути дарс/лексия роҳандозӣ гардад ва набояд дарси анъанавиро иваз кунад, омӯзгорро ба дуроҳаи торик раҳнамун месозад. Магар солҳои зиёд мо тариқи дарси анъанавӣ ба фаъол намудани муҳассилин дар раванди дарс ва омӯзиш муваффақ нашудаем? Дар низоми маориф ва таҳсилоти Аврупо ва олами Ғарб низ ин масъала баҳснок аст ва усули таълим аз омилҳои гуногуни истифодашавии ин ё он раҳёфти таълим: фанни омӯхташаванда, давраи таҳсил, синну соли хонанда, имкониятҳои зеҳнӣ ва амсоли он вобастааст. Бо дастур додани он, ки: «*Ё як ҳафта шумо метавонед дарс/лексия хонед, аммо машғулиятеро ҳамчун омӯзиши фаъол вазифаи хонагӣ диҳед*» ва ҳоказо тасаввури омӯзгорро парешон месозад. Бо гуфтани инро кунед, онро кунед, масъала ҳал намегардад. Беҳтар мебуд агар роҳу равиши ташкили таълим ва омӯзиши фаъол пешниҳод карда шавад.

Ниҳоят ба фасли дигари барнома – «Таълиме, ки ба рушди салоҳиятҳо мусоидат мекунад» таваҷҷуҳ мекунем. Ба назари мо, ин мавод моҳиятан ҷолиб буда, самтҳои асосӣ ва фаъолияти нишонраси омӯзгорро дар самти таълими босифат ва салоҳиятмандии донишҷӯ то андозае мушаххас мегардонад.

Шиносоӣ ва таҳлили мавод ба мо имкон дод, ки онро чунин арзёбӣ кунем: Хуб аст, ки ҳар як сессия мақсад, натиҷаҳои интизорӣ, методҳои истифодашаванда ва қадам ба қадам пеш рафтанро дар фаъолияти омӯзгорӣ ва омӯзишӣ дар бар гирифтааст. Албатта, аз масъалагузорӣ, аниқ намудани вазифаву дастурҳо моҳияти масъалаи баррасишаванда равшан мегардад. Вале шарҳу баёни қисматҳои сессия, аз ҷумла мақсади сессия, матлабҳою ифодаҳо нофаҳмоанд. Чунончи, дар қисмати «Дастур барои омӯзгор» дар боби «*Методҳо ва усулҳои таълими фаъол*» мақсади асосӣ чунин шарҳу баён ёфтааст: «*Пайваст кардани таҳсилот, таълим барои омӯзиш ва рушди салоҳиятҳо*». Натиҷаҳои интизорӣ бо чунин ҷумла

баён ёфтааст: «*Иштироккунандагон таълимро, ки таҳсил ва рушди салоҳиятро тақвият медиҳад, аз таълим додан дар шакли лексия фарқ мекунанд*» [21, 6].

Дар доираи ин ду ҷумлаи ба назари мо носаҳеҳ омӯзгор ба муҳассилин бо чиҳо пайваст кардани таҳсилот; кадом намуди таълим ба таҳсил ва рушди салоҳият тақвиятбахшандаро баён мекунад, маълум нест. Мақсади таълиму омӯзиш ин тарз муаррифӣ намешавад, он бояд равшан ва возеҳ арзёбӣ ва масъалагузорӣ гардад. Мусаллам аст, ки тавсифи мазкур моҳияти фаҳмиши матлаб ва мақсадро таъмин намесозад. Ин як тарафи масъала аст. Тарафи дигари он - бо кадом тарз метавон ба рушди салоҳият муваффақ гардид, агар масъалагузорӣ ва моҳияти мақсад норавшан бошад?

Шиносоӣ бо ҳар як саҳифаи «Дастур барои омӯзгор» касро ба ҳолати ғайримуқаррарии муғлақбаёнӣ, нофаҳмӣ ва берун аз мантиқи матлабҳои овардашуда мегузорад. Дар боби «Методҳои фаъоли таълим» мақсади сессия чунин арзёбӣ шудааст: *«Муаррифии таълим дар асоси ҳалли масъала ва дигар тарзҳои иртиботи наздикдоштаи таълимӣ ҳамчун василаҳои воқеан пурарзиши касбӣ».* Ва ҷумлаи дигар: *«Иштироккунандагон байни таълим дар асоси ҳалли масъала ва рушди салоҳиятҳои хонандагон пайвандии возеҳ мегузоранд».* Ва боз як ҷумла: *«Омӯзгор фаъолияти пленариро фасилитаторӣ карда, дар бораи шабоҳатҳо ва фарқиятҳои посухҳои гурӯҳҳо ба вазифа фикру мулоҳизаҳои худро пешниҳод мекунад ва алалхусус, дар сурати мувофиқ будан, идеяҳои гуногуни пайдошударо таъкид менамояд».*

Андешаеро дар ин бобат нагуфта наметавонем. Муҳтавои ин се ҷумла ва матлаби баёншударо фаҳмидани иштироккунандагони омӯзиши рушди салоҳиятнокӣ дар партави барномаи «Муносибати босалоҳият ба таълим» хеле ва хеле душвор аст. Гап дар сари он, ки дар раванди ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим ва таъмини таҳсилоти босифат, ки аз иқдомоти назарраси барнома муайян шудааст, пеш аз ҳама,

фаҳмо ва дастрас будани мақсаду вазифаҳо зарур шуморида мешавад. Барои ноил гардидан ба ин ният бояд мантиқи матлаб дар заминаи афкори пешниҳодшуда аниқ гардад. Ба андешаи мо, чунин муаррифӣ кардани мақсади сессия барои роҳандозии сатҳи дониши омӯзгорон ва таҳсилоти босифат дар чорчӯбаи салоҳиятмандӣ мадад намерасонад, баръакс, завқу шавқи онҳоро мекушад. Чуноне ки мегӯянд: Хат ғалат, маънӣ ғалат, имло ғалат, иншо ғалат.

Барномаи муносибати босалоҳият ба таълим, ки ҳамкорони рушд пешниҳод кардаанд, ба татбиқи самараноки таҳсилоти босифат, тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ бо назардошти фаъолияти онҳо дар чорчӯбаи таълими босалоҳият пешбинӣ шудааст. Тавре ки омӯзиш ва таҳлили тайёр кардан ва бозомӯзии омӯзгорон ба таълими босалоҳият ва таъмини таҳсилоти босифат дар заминаи лоиҳаи пешниҳодшуда собит месозад, саҳлангорӣ ва саросемагӣ бар зарари кор мегардад. Дар шароити кунунии Тоҷикистон омӯзгорон батадриҷ ба фазои таълими босалоҳият ворид мегарданд ва агар ҳадаф салоҳиятмандии омӯзгору муҳассилин ва инчунин таҳсилоти босифат бошад, омӯзгор барои кор дар ҳолате роҳ дода шавад, ки агар дониши комил ва малакаву маҳорат дар самти раванди фаъоли таълим дошта бошад. Яъне, омӯзгор салоҳияти касбии мувофиқ ба талаботи гузошташуда дошта бошад.

Аз маводи пешниҳодшудаи барнома бӯйи саросемагӣ меояд. Бо чунин дастурҳову маводҳои парешон, масъалагузориҳои ноаён ва бемантиқ омӯзгор чизе намефаҳмад ва омӯзгор низ ба мақсад намерасад. Магар тавре, ки ба уҳдаи омӯзгор вазифагузорӣ шудааст, ӯ метавонад чизеро фаҳмонад ва ба мақсад расад. Таваҷҷуҳ кунед: «*Омӯзгор машқро ба итмом расонида, зикр мекунад, ки харитаи консепсияи дуруст ё нодуруст вуҷуд надорад ва қобилияти таҳияи харитаҳои воқеан ҷолиб ва муфид дар таҷрибаи амалӣ ҳосил мешавад. Шояд идеяҳои зиёд ва ҷолиби дигар дар Интернет дастрас бошанд*».

Албатта, фикри овардашуда на танҳо баҳспазир аст, балки хилофи ақидаҳои илмӣ бобати методология ва асосҳои назариявии коркарди методҳои фаъол дар таълими босифат ва салоҳиятмандӣ аст. Гуфтани «*Шояд идеяҳои зиёд ва қолиби дигар дар Интернет дастрас бошанд»* - ғояи пешниҳодшударо зери шубҳа мегузорад ва омӯзгор намедонад, ки бо кадом маъхазҳои интернет сару кор пайдо кунад.

Дар «Дастур барои омӯзгор» мо чанд вожаҳову ибороти аҷоибу ғароибро дучор омадем, ки дар таҷрибаи гуфтор, дарсдиҳӣ ва фаъолияти амалии ӯ қариб мушоҳида намегардад. Аз ҷумла: *таҷрибаи эҳтимолӣ, ба таври созанда ва салоҳиятнок шарҳ додан, малакаҳои самарабахши кори дастаҷамъона, ба ҳам муттаҳид сохтани чизҳои дар тренинг омӯхташуда, рӯйкард, методҳо ва тарзҳои таълим, василаҳои арзёбиро барои рӯз таҳия сознд, мулоҳизарониро доир ба раванд ба нақша гиранд ва ташкил кунанд, дониш аз як нафар ба нафари дигар гузашта наметавонад, дониш падидаи дохилист, дониш созандагии ботинии схемаҳо ва сохторҳои идрокӣ аст, ҳар касе, ки мунтазам хабару маҷаллаҳои ҳаррӯзаро мехонад, оқибат энсиклопедист мешуд, хонандагон малакаҳои фикрронии эҷодиро истифода мебаранд, то тарҳҳои маҳсулоти нав ва имконоти роҳандозии лоиҳаҳоро муаррифӣ намоянд, вусъатдиҳии ваколатҳо, саволҳо шояд технологияи пуриқтидортарини эҷодкардаи мо бошанд, ҷаҳони гиҷкунандаро дарк кунем, онҳо воситаҳое мебошанд, ки ба фаросат ва фаҳмиш оварда мерасонанд, замоне фаро мерасад, ки онҳо (яъне хонандагон) бояд фикрҳо, бозёфтҳо ва арзёбиҳои худро бояд ба анҷом расонанд, фарқи байни мизони пешрафти гурӯҳ ва мизони пешрафти лоиҳа дар чист?, пешрафтро бо дигарон иртибот диҳад* ва ҳоказо.

Дар мавриди таҳлил ва арзёбии Барномаи «Муносибати босалоҳият ба таълим» мисоли дигаре меорем ва афзудан мехоҳем, ки чунин ҷумлаҳо дар матни лоиҳа хеле ва хеле зиёданд ва онҳо доираи донишу фаҳмиши омӯзгорону муҳассилинро вусъат намебахшанд. Чунончи: *Ба муаллимон лозим аст, ки бешубҳа дастуре эҷод кунанд, то дониши хонандагонро чен*

*карда тавонанд. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки сатҳи фаҳмиши худро нишон диҳанд.*

Баъди шиносоӣ бо чунин маводҳои барои омӯзгор ва муҳассилини макотиби олӣ пешниҳодшуда яқин гардид, ки мисолҳои дар барнома ҷойдодашуда ба воқеияти таълиму тадрис ва ташаккули таҳсили босифат мувофиқ нестанд.

Дар робита ба омӯзиши забони тоҷикӣ аз рӯйи тахассус ҳамчун фанни таълимӣ дар макотиби олӣ афзудан мехоҳем, ки он яке аз самтҳои асосӣ ва маърифатпешаи соҳаи маорифи ватанӣ мебошад. Ҷаҳони муосир бо рушду тавсеаи технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ ва иртиботӣ аз даврони пешинаи таърихи башарият тафовут дорад, ки ин раванд, аз як тараф, боиси инкишофи робитаҳои гуногун дар байни мардумони маскуни минтақаҳои мухталифи ҷаҳон гардида, торафт теъдоди зиёди одамонро фаро мегирад ва аз тарафи дигар боиси ба вуҷуд омадани шаклҳо ва воситаҳои мукаммалтарини робитаи байни фардҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ гашта, ба яке аз омилҳои муҳимми гироиш ба ҷаҳонишавӣ дар шароити кунунӣ табдил меёбад. Дар ин раванд нақши забон ҳамчун муҳимтарин воситаи робитаи байни инсонҳо беш аз пеш муҳимтар мегардад, зеро фарогири ҳар навъ иттилоот новобаста ба роҳҳо ва усулҳои интиқоли он танҳо ба воситаи забон сурат гирифта метавонад.

Чунин шароит тақозо менамояд, ки забони тоҷикӣ чун забони давлатӣ ва ҳамзамон забони муоширати ақаллиятҳои миллии маскуни Тоҷикистон ба таври амиқ омӯхта шавад, то ғановату имконоти забон дар таҳкиму густариши алоқаҳои гуногуни байни инсонҳои муосир ба таври муфид ва самарабахш истифода гардад. Вобаста ба ин нукта имрӯз масъалаи таълим ва тадриси забон, такмили равишу усулҳои самарабахши омӯзиши он ба яке аз мавзуъҳои муҳимми ҳаёти ҷомеаи имрӯза мубаддал гардидааст. Пайдо намудани роҳҳо ва усулҳои муассири таълими забон, истифода аз методҳои анъанавӣ ва санҷидашуда, ба кор бурдани таҷрибаҳои беҳтарини омӯзиш ва навовариҳо дар ин бахш ва

такмили онҳо аз масъалаҳои муҳимме ба шумор мераванд, ки имрӯз дар фарорӯйи ҷомеа қарор гирифтаанд.

Забон нишони хирад, нишондиҳандаи ҷаҳонбинӣ ва сатҳи тафаккури эҷодӣ ва маҳорату малакаи мутахассиси маълумоти олидор маҳсуб меёбад. Ақлу хирад тавассути забон муайян мегардад, зеро забон бо шууру тафаккури инсон алоқаи ногусастанӣ дорад, на танҳо муҳтавои фикру андешаи инсон дар забон ва ба воситаи забон ифода мегардад, балки ҷаҳонбинӣ, фарҳанг, одоби ҳар фард аз гуфтораш аён мешавад.

Мазмуни гуфтори шахс ҳар қадар муҳим бошад, тарзи баёни ӯ на камтар аз он аҳамият дорад. Нутқи чи шифоҳӣ ва чи хаттии возеҳу пурмаънӣ ба фарҳанги комили сухандонӣ асос ёфта бошад, гӯянда ё нависандаи онро дар назди сомеъ ҳамчун фарди бохирад, соҳибмаърифат ва маданӣ муаррифӣ менамояд. Сатҳи кордонӣ ва маданияти корбарии мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ашхосе, ки дар корҳои роҳбарикунанда кор мекунанд то кормандони қаторӣ аз бисёр ҷиҳат аз рӯйи дараҷаи забондонӣ муайян мегардад.

Каломи мутахассиси хуби дорои маълумоти олӣ ҳамеша пурмаънӣ, навиштаҷоташ дақиқу саҳеҳ аст, зеро калимаву ибораҳоро дар мавриди муносиб бо риояи меъёрҳои луғавию грамматикӣ ба кор мебарад. Аз ин ҷост, ки омӯзиши забони модарӣ (тоҷикӣ) бо хатми мактаби миёна ва соҳиб шудани ҷавонон бо номаи камол хотима наёфта, дар мактабҳои олӣ идома мегирад [46,3].

Пас аз истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми забони тоҷикӣ, ки суннатҳои қадимӣ дошта, дар ташаккули тамаддуни умумибашарӣ мақоми хоса дорад, дар низоми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ-фарҳангии кишвар бештар таҳким ва густариш ёфт ва ин забон ба забони давлатии кишвар табдил ёфт. Аз ин рӯ, эҳтиёҷ ба таълими самарабахши он дар тамоми сатҳҳои низоми маориф, аз ҷумла дар макотиби олӣ, ба таври назаррас афзудааст.

Бино ба талаботи Стандарти таълими забони тоҷикӣ, дар мактабҳои олӣ мақсад аз дарсҳои забон такрори маводи лексикию грамматикӣ дар макотиби таҳсилоти умумӣ омӯхташуда нест, балки идомаи забономӯзӣ мебошад ва он бисёр масъалаҳои назария ва амалияи омӯзиши забони модариро дар бар мегирад, ба замми он дар аз худ кардани фанҳои тахассусии донишҷӯён хидмат мекунад.

Таълими забони тоҷикӣ дорои ҷанбаи иҷтимоию ҳуқуқӣ низ мебошад, ки он ба иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут аст. Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» талаб менамояд, ки коргузорӣ дар ҳамаи муассисаҳои чи давлатӣ ва чи ғайридавлатии кишвар, аз мақомоти боло то поён ҳатман бо забони давлатӣ (тоҷикӣ) сурат бигирад. Дар моддаи 3-юми ин Қонун омадааст: «1. Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. 2. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки забони давлатиро донад... 5. Забони давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад»[ 2].

Мутобиқи талаботи замон марҳилае фаро расидааст, ки забони давлатӣ дар мактабҳои олӣ аз рӯйи ихтисос таълим дода шавад ва мафҳуми «ғайрифилологӣ» нисбат ба забони давлатӣ барои ихтисосҳои гуногун, ки омӯзиши он ба ҳамаи донишҷӯёни макотиби олӣ тибқи Стандарти давлатии таълимии маълумоти олии касбӣ тавсия шудааст, оҳиста аз байн хоҳад рафт.

Дар Стандарти давлатии таълимии маълумоти олии касбӣ оварда шудааст: «Забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз руйи ихтисос» дарс дода мешавад. Дар ин соатҳо истилоҳҳо, таъбирҳо, мафҳумҳо, тарзи навиштани ҷумлаҳо ва риояи имло ба инобат гирифта шуда, одоби муошират ва нутқи гуфтории донишҷӯ аз рӯйи ихтисос омӯзонида мешавад. Дар ҷараёни истифодаи соатҳои пешбинишуда баъди

ҳар 10 соат аз донишҷӯён нақли хаттӣ ва навиштани гузориш доир ба аз бар намудани истилоҳоти соҳа талаб карда мешавад.

Донишҷӯ дар шакли реферат ва тарзи дигари гузориши хаттӣ ба устод мавод пешниҳод менамояд. Мақсади навиштани реферат ва дигар маводи хаттӣ ба хотири ба тарзи дуруст истифода бурдани имлои забони тоҷикӣ ва тарзи таҳияи матн мебошад. Омӯзиши фанни мазкур барои тамоми ихтисосҳо тавсия мешавад. Усул ва воситаи дигари таълимиро барномаҳои таълимӣ ва китоби дарсие, ки аз тарафи Шӯрои олимони донишгоҳ тасдиқ мегардад, муқаррар менамоянд» [4,143].

## 1.2 Мазмун ва мундариҷаи асосии таълими фанни забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ

Дар ҷаҳони муосир маълумоти олӣ барои таъмини инкишофи ҷомеа бо роҳи ислоҳоти иқтисодӣ, давлати ҳуқуқбунёди демократии дунявӣ ва гуманитарикунонии муносибатҳои иҷтимоӣ мақоми махсусро ишғол мекунад. Нақши аввалиндараҷаи маълумоти олӣ танҳо аз тайёр намудани мутахассиси баландихтисоси дорои қобилияти идора намудани иқтисод ва институтҳои ҳуқуқӣ дар ҷаҳоне, ки ҳар лаҳза тағйир меёбад нест, балки он бояд дар офаридани фазои ҷомеаи созгор ва мусоид, дар баланд бардоштани маданияти иҷтимоӣ ва муносибатҳои шахсӣ низ саҳми босазо дошта бошад. Ин мақсад танҳо дар ҳолате амалӣ мегардад, агар хатмкунандагони мактабҳои олӣ дониши мукаммал ва маҳорати баланди донистани забони адабӣ ва нутқи бурро бо забони давлатӣ дошта бошанд.

Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ мебошад ва забони тоҷикӣ дар мактабҳои олӣ ба ҳайси забони давлатӣ барои тамоми ихтисосҳо ҳамчун қисмати таркибии фанҳои гуманитарӣ таълим дода мешавад. Фанни «Забони тоҷикӣ барои ташаккули шахсияти мутахассиси асри XXI, ки саводи комил, фикрронии амиқ, дараҷаи баланди тахассусӣ,

фарҳангӣ ва маҳорати иртиботӣ (коммуникативӣ) ҳамчун нишонаҳои хоси ӯ тавсиф мешаванд, мақоми хоса хоҳад дошт.

Предмети омӯзиши фанни забони тоҷикӣ ҳамчун фанни таълимӣ меъёри забони адабӣ, қоидаҳои имло, вожаҳои илмӣ, усул, навъ ва қоидаҳои муошират, меъёри ахлоқии муошират, услубҳои нутқ, асосҳои маҳорати суханварӣ, инчунин мушкилоти қабули меъёри гуфтор ва масъалаҳои ҳолати ҳозираи маданияти нутқи ҷомеа мебошад.

Мақсади таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ин такмил додани малакаю маҳорати суханварӣ ва баён карда тавонистани фикр, бе хато навиштан, мукаммал намудани дарки амиқи ҷиҳатҳои хоси забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи муошират ва интиқоли иттилоот, инчунин васеъ намудани ҷаҳонбинии умумигуманитарӣ дар такя бо фаҳмиши амиқи сатҳи коммуникативӣ, маърифатӣ ва эстетикии донишҷӯён мебошад.

Ҳар як мутахассиси соҳаи гуногун ҷиҳати бомуваффақият анҷом додани кори худ вобаста ба ихтисосаш ва ҳар як узви ҷомеа – барои барпо намудани робитаи мустаҳкам дар ҷанбаҳои гуногун – хоҷагидорӣ, ҳуқуқӣ, илмӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-давлатӣ бояд малакаю маҳорат ва дониши казоӣ дошта бошад. Маҳз ба вуҷуд овардани ҳамин гуна малакаю дониш дар донишҷӯён вазифаи фанни забони тоҷикӣ мебошад ва онҳо иборатанд аз:

- баён карда тавонистани матнҳои монологӣ ба ҳам алоқаманд ва дуруст таҳияшуда дар мавзуъҳои гуногун дар алоқамандӣ ва ҷавобгӯй ба мақсади коммуникативии гӯянда ва фазои муошират;

- иштирок дар фазои муошırати муколамавӣ (диалогӣ). Барқарор намудани алоқаи гуфтугӯйӣ, мубодилаи ахбор бо ашхоси ғайризабонӣ, ки бо гӯянда алоқаи гуногуни иҷтимоӣ дорад.

Ин малакаю донишро соҳиби забони муосири тоҷикӣ бояд ҳам дар шакли хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ дошта бошад. Онҳо на танҳо сохтори монологӣ ва муколамавии (диалогии) матн, балки қоидаҳои ба тамоми соҳаҳои забон дахлдошта – овоӣ (фонетикӣ), имло ва талаффузи сареҳ,

лексикӣ (интихоби муродифҳо ва ғ.) ва грамматикӣ (морфология, синтаксис) -ро дар бар мегиранд. Фаҳмиши ин ё он ҷузъиёти таркиби забон истифодабарии дурусти онро ҳангоми баёни нутқ ва тафсири он ба миён меоварад.

Фанни забони тоҷикӣ дар баробари дигар фанҳои доираи фununи гуманитарӣ қисмати таркибии аз нигоҳи гуманитарӣ тайёр намудани донишҷӯён буда, зинаи аввалини таълими маданияти нутқи тахассусӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми омӯзиши фанни мазкур донишҷӯён на танҳо донишашонро аз фанни забони тоҷикӣ ва меъёрҳои он мустаҳкам мекунанд, балки амалан истифода бурдани онро дар тарҳрезии матн, аз ҷумла матнҳои тахассусӣ, иштироки фаъолона дар ҷараёни сӯҳбат ва дастовардҳои мақсадҳои иртиботи (коммуникативӣ)-и худ ёд мегиранд. Бо ин усул корҳои зерин амалӣ мешаванд:

- васеъ намудани доираи забонӣ ва шаклҳои истифодабарии он, ки гӯянда онҳоро ба тарзи фаъол ва ғайрифаъол медонад;

- ба тартиб даровардани ин воситаҳо бо назардошти он ки дар кадом маврид ва бо кадом сабк ва ё услуби нутқ истифода бурда мешаванд;

- таълими донишҷӯён бо усули таҳвили (трансформатсия) маводи ғайризабонӣ (ғайриадабӣ), махсусан, тасвир ва маълумотҳои оморӣ ба маводи забонӣ (адабӣ), инчунин имкониятҳои гуногуни гузариш аз як намуди маводи забонӣ ба дигараш (масалан, аз ҷадвал ба матни ба ҳам алоқаманд).

Ҳамин тавр, фанни забони тоҷикӣ якбора дар донишҷӯёни ғайрифилолог се навъи забондонӣ: меъёрӣ, иртиботӣ ва умумифарҳангиро (бо дарбаргирии унсурҳои коммуникативӣ) ба вуҷуд меоварад.

Инчунин дар дарсҳои забони тоҷикӣ ташаккули салоҳиятҳои забониву коммуникативӣ амалӣ карда мешавад. Бояд гуфт, ки роҳҳои татбиқи салоҳияти забонӣ ва коммуникативии донишҷӯён дар он

мебошад, ки шаклу метод ва усулҳои кор ба он равона гардиданд, ки мазмуну муҳтавои маводи таълим барои ҷустуҷӯйи мустақилонаи ҳалли мушкилот чун манбаъ истифода мешавад. Муносибати таҳқиқотӣ ба матнҳои гуногуннавъ (асарҳои марбути услубҳои гуногун) ҷиҳати баррасӣ чун таҳқиқоти таълимӣ ёрӣ расонанд, мубоҳиса оид ба натиҷаҳо барои изҳори ақидаи шахсӣ имконият медиҳад.

Бо назардошти талаботи таълими босалоҳият тағйирот дар самти маорифи кишвар ба омилҳои дохилӣ ва берунии таҳсилот вобастагӣ дошта, пеш аз ҳама, муносибати босалоҳият ба таълим тамоюли муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот ба ҳисоб рафта, барои аз байн бурдани мухолифати байни талаботи барномаи таълимӣ бо эҳтиёҷоти ҷомеа, талаботи шахсро дар натиҷаи омӯзиш қонеъ мегардонад. Талаботи нав барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ таҳия гашта, татбиқи муносибати босалоҳият ба таълимро пешбинӣ менамояд ва салоҳиятнокӣ дар фаҳмиши умум ҳамчун сифати олии дараҷаи тахассуси мутахассис фаҳмида мешавад, вале ташаккули мақсадноки салоҳият муддати тӯлониро талаб мекунад ва ин маънои онро дорад, ки аз давраи хурди мактабӣ онро оғоз намудан лозим аст ва барои амалисозии марҳилаи гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим муҳим аст, ки шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеаи башарӣ ба ҳисоб гирифта шавад.

Вобаста ба мақсади таълими забони тоҷикӣ мо метавонем дар омӯзиши маводи таълим ду самтро мавриди истифода қарор диҳем: якум ба таври анъанавӣ, яъне аз назария ба амалия ва дувум ба воситаи муносибати босалоҳият, яъне аз амалия ба назария, ки ин ҳамчун усули беҳтарин барои ба роҳ мондани раванди ташаккули салоҳиятҳо эътироф гаштааст.

Зимни интихоби метод ва ташаккули салоҳиятҳои забониву иртиботӣ аз омилҳои зерин вобастаанд: ба эътибор гирифтани хусусияти

маводи омӯзиш; ба эътибор гирифтани сатҳи рушди фаъолияти умумитаълимии донишҷӯён.

Масъалаи салоҳиятҳои таълимӣ аз ҳадафҳои дурнамои таҳсил буда, ҳамчун омили асосии меъёри сифати таълим ва стандартҳои он хизмат мекунад ва ба ақидаи В.Байденко муносибати босалоҳият заминаи имкониятҳои зерин мегардад:

1. Гузаштан аз талаботи байнифаннӣ ва ҳамгироӣ ба натиҷаҳои раванди таълим.

2. Пайвастани мақсадҳои таълим бо истифода аз вазъиятҳои гуногун дар бозори меҳнат.

3. Равона кардани саъю кӯшиши муҳассилин ба фазои фаъоли муошират, такмили имконоти касбӣ ва омода будан ба пешрафт дар зиндагӣ ва ҳаёт[124, 3].

Бояд қайд кард, ки дар раванди таълими забони тоҷикӣ, амалисозии мақсадҳои таълимӣ бояд талабот ва нақшаҳои «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» ба назар гирифта шавад, ки тибқи он «Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон (донишҷӯён) имконияти ташаккули салоҳият ва малакаҳоро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми ҳаёт, салоҳияти алоқадорӣ, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд» [6.103].

Рушди босуръати илму техника ва технология аз инсони имрӯза талаб мекунад, ки фаъолияти маърифатӣ, иҷтимоӣ ва касбиашро ба талаботи замони нав мутобиқ созад ва дар замони имрӯза интиқол додани донишҳои қаблан бадастовардаи гуногун самара намедиҳад. Бинобарон, таълиму тадриси фанни забони тоҷикӣ бояд малака ва маҳоратҳоеро ташаккул диҳад, ки ӯ фаъолият, ҷамъоварии маълумоти зарурӣ барои

ҳалли масъалаҳоро мустақилона анҷом дода, аз уҳдаи таҳлили ақида ва ахбор, арзёбии раванди иҷрои фаъолият, муайян кардани ғалатҳо ва дарёфти роҳҳоиислоҳи онҳо, ба роҳ мондани муомилаи созанда бо иштирокчиёни дигари раванди таълим барояд ва дар амал татбиқ карда тавонад.

Ин талабот муаллимонро водор месозад, ки ҳангоми таълими асосҳои бунёдии фан дар донишҷӯён на танҳо салоҳиятҳои фаннӣ, инчунин салоҳиятҳои дигареро, ки ҳангоми пеш бурдани фаъолияти касбӣ дар зиндагӣ ва фаъолияти минбаъда зарур мешаванд, инкишоф ва рушд диҳем. Чунин салоҳиятҳоро салоҳиятҳои умумифаннӣ (иҷтимоӣ, метакогнитивӣ, иртиботӣ) мегӯянд, ки дар баробари салоҳиятҳои (дониш, малака ва маҳорати) фаннӣ дар раванди таълим бояд ташаккул дода шаванд.

Аз ин лиҳоз, ҳангоми ба нақша гирифтан, таълим ва арзёбии фанни «Забони тоҷикӣ» стандарти фан тавсия медиҳад, ки салоҳиятҳои умумитаълимӣ бояд ба эътибор гирифта шаванд ва ин чунин маъно дорад, ки салоҳияте бояд ташаккул дода шавад, ки зимнаш қобилияти дарки мақсади таълим, аз ҷумла, гузоштани мақсадҳои нави таълим вобаста ба талаботи маърифатӣ, тағйир додани вазифаҳои амалӣ ба вазифаҳои маърифатӣ дар донишҷӯён пайдо гардад, яъне он ба муҳокимаи фаъоли мақсадҳои таълим ҷалб шуда, таъсири мақсадҳои гузошташударо ба инкишофи маърифатии худ муайян мекунад ва ҳамин тавр тартиби расидан ба мақсадҳои гузошташударо аниқ месозад, инчунин барои расидан ба мақсадҳои таълимии гузошташуда доираи дониш, малака ва маҳорати зарурири муқаррар менамояд.

Пайдо кардани қобилияти маърифатии зеринро аз рӯйи он муайян менамоем, агар донишҷӯ мақсади таълимро шарҳ дода тавонад, вобаста ба талаботи таълимӣ мақсадҳои мушаххас, иҷрошаванда, мувофиқ ва санҷидашавандаро таҳия карда тавонад, дониш ва таҷрибаи худро ба мақсадҳои гузошташуда муқоиса карда, дониш ва таҷрибаи мувофиқро

интихоб кунад, алоқамандии байни вазифаҳои таълимӣ ва ҳаётиро муайян ва муқаррар карда тавонад.

Мақсади асосии таълими фанни «Забони тоҷикӣ» дар ихтисосҳои ғайрифилологӣ бунёдгузорӣ ва ташаккул додани забони тахассусии мутахассиси баландихтисос, забоне, ки ба меъёри муайяншуда мутобиқат намуда, бо зебоӣ ва равониаш фарққунанда бошад.

Дар замони ҳозира қобилияти мутахассис дар доираи муайян на танҳо ба дониш, маҳорат ва малакаи касбӣ вобастааст, балки ба инкишофи қобилияти иҷтимоӣ-коммуникативӣ ва шахсӣ-коммуникативӣ, инчунин ба таъмини дараҷаи эҷодии фаъолияти касбӣ алоқаманд аст. Яъне барои ҳар як мутахассис зарур аст доштани:

- истеъдоди иҷтимоӣ-коммуникативӣ (қодир будани иштирокчиён дар раванди ба вуҷуд омадани фаъолияти якҷояе, ки тавассути забон ва фаҳмиши маданияти иҷтимоӣ барои дастовардҳои вазифаҳои аниқ-суханронии расмӣ бо бароmadи илмӣ, презентатсия ва ғ. муносибатҳои байнишахсӣ барқарор менамояд);
- истеъдоди илмӣ-тадқиқотӣ (на танҳо захираҳои таркибии илмӣ ва методологияи эҷоди илмиро дар бар мегирад, балки маҳорати интихоб, коркард, муҳофизат ва паҳн намудани ахборро низ ташкил медиҳад);
- истеъдоди тахассусӣ-корӣ (ташкил намудани ин ё он муносибати шахсии тахассусӣ-корӣ, ки ба воситаи доштани малакаи забондонӣ ва дониши предметӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба вуҷуд меояд);

Аз гуфтаҳои болоӣ бояд хулоса намоем, ки вазифаҳои фан аз инҳо иборатанд:

- баланд бардоштани маданияти нутқи шифоҳӣ ва хаттии донишҷӯён;
- мустаҳкам ва мукаммал намудани донишҳои донишҷӯён оид ба меъёри забони адабии тоҷик;

- дар шахсияти мутахассиси оянда ташаккул додани истеъдоди коммуникативӣ (намудҳои муошират, робитаҳои коммуникативӣ, асосҳои коммуникатсионии ҳамкорӣ ва ғ.);
- таълими муошırати касбӣ дар заминаи ихтисос;
- инкишофи маҳорати ҷустуҷӯ ва баҳодиҳии иттилоот;
- инкишофи маҳорати суханварӣ барои тайёр намудани ҳолатҳои душвори муошırати касбӣ (гуфтушунид, мусоҳиба ва ғ.);
- баланд бардоштани маданияти нутқ;
- ба вуҷуд овардани малакаи амалӣ дар фазои истеъдод ва тарзи муносибати нутқ дар навъҳои гуногуни коммуникатсия (жанрҳо ва шаклҳои хаттӣ ва шифоҳии нутқ; навъҳои нутқ, аз қабили ҳикоягӣ(монологӣ), муколамавӣ (диалогӣ) ва полилогӣ).

## 1.3 Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ва робитаи он бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика

Забонро нишони идрок ва маърифат мешуморанд, ки ин дар ҳақиқат дуруст аст. Дараҷаи савод, дониш, ҷаҳонбинии мутахассис, ақлу хирад тавассути забон, маданияти нутқ ва тарзи каломи ӯ аён мегардад, зеро забон бо шууру тафаккури инсон робитаи зич дорад, на танҳо муҳтавои фикру андешаи кас дар лафз ба воситаи забон ифода мегардад, балки ҷаҳонбинӣ, фарҳанг, маданият, одоби ҳар фард аз тарзи баёнаш муайян карда мешавад. Сатҳи кордонӣ ва маданияти корбарии мутахассисони соҳаҳои гуногун аз сатҳи забондонии онон муайян мегардад. Каломи мутахассиси хуби дорои маълумоти олӣ дошта, ҳамеша пурмаънӣ, навиштаҷоташ дақиқу сареҳ бояд бошад, зеро дар мавриди мувофиқ бо риояи меъёрҳои луғавию грамматикӣ калимаву ибораҳоро ба кор

мебарад. Аз ин ҷост, ки омӯзиши забони модарӣ (тоҷикӣ) бо хатми мактаби миёна хотима наёфта, дар мактабҳои олӣ идома меёбад.

Бино ба талаботи Стандарти таълими забони тоҷикӣ, мақсад аз омӯзиши дарсҳои забон дар мактабҳои олӣ такрори маводи лексикию грамматикӣ дар макотиби таҳсилоти умумӣ омӯхташуда нест, балки забономӯзӣ дар макотиби олӣ идома мегардад.

Таълиму тадриси забони тоҷикӣ ҷанбаи иҷтимоию ҳуқуқиро низ дорост, ки он ба иҷрои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут аст. Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» талаб менамояд, ки коргузорӣ дар ҳамаи муассисаҳои чи давлатӣ ва чи ғайридавлатии кишвар ҳатман бо забони давлатӣ (тоҷикӣ) сурат бигирад.

Дар робита ба гузориши масъала оид ба хусусиятҳои фарқкунандаи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ва робитаи он бо илмҳои лингвистика, психология ва дидактика чунин мешуморем, ки он аз консепсияи роҳу усули хос доштани таълиму тадрис бармеояд. Мусаллам аст, ки забон унсури муҳимми муомилаи байни одамон аст, ки дар он эҷоди фикр ва баёни матлаб аз рукнҳои асосии муошират маҳсуб меёбад.

Инсон дар дарозои умри худ ҳамеша аз илми забон бархурдор буд ва маҳз дониши забонӣ буд, ки ниёзи мардумро дар ифодаи фикр ва баёни мақсаду ормонҳояш таъмин мекард. Бесабаб малики шоирон устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ нагуфта буд:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд дар роҳи дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон,
Роҳи донишро ба ҳар гуна забон
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Мусаллам аст, ки забон, хосатан, забони модарӣ дар таъмини гуфтугӯи одамон бо атрофиён, ҷомеа, хонавода, коргоҳ ва амсоли он вазифаи муқаддаси муоширатро ба иҷро мерасонад. Дар ин росто забон бояд бурро, фаҳмо, бомантиқ ва мазмунан сареҳ ва равшан бошад. Муҳассилини макотиби олӣ то ба фаро гирифта шудан ба таҳсилоти олии касбӣ муддати тӯлонӣ аз забони модарӣ бархурдоранд, онро дар дабиристон омӯхтаанд ва табиист, ки ин забонро ба таври комил бояд истифода карда тавонанд. Маҳз нутқи бурроюи фаҳмо, фасоҳати сухан, бадеияти нутқ, талаффуз ва оҳанги хониш имкон медиҳад, ки инсон дар фаъолияти касбӣ ва таҷрибаи амалӣ аз воситаҳои забон дуруст истифода барад ва намунаи ибрати дигарон бошад.

Аз нигоҳи мазмун, маъно, низом ва роҳу усулҳои таълим мо фанни забони тоҷикиро бе алоқамандӣ ва робитаи зич бо илмҳои дигар тасаввур карда наметавонем. Махсусан, бо илмҳои забоншиносӣ (лингвистика), педагогика, психология ва дидактика. Чунончи, илми забоншиносӣ аз қисматҳои гуногун (фонетика, грамматика (морфология ва синтаксис), лексика, фразеология, имло) иборат буда, ҳар яке хусусият ва вижагиҳои хоси хешро дорад.

Қисматҳои забон ҳаргиз дар алоҳидагӣ омӯхта намешаванд.Мо ҳарфу овозҳоро дар таркиби калимаву ибораҳо меомӯзем, ҳар як калима ба ҷуз таркиби овозӣ соҳиби маъно ва семантикаи хос аст ва дар ҷумла ин ё он вазифаи синтаксисиро ба иҷро мерасонад.

Омӯзгори макотиби олӣ дар истифодаи рукнҳои забон усули бошуурона дарк кардани ҳар як воҳидҳои мустақили забонро роҳандозӣ мекунад. Аз методҳое истифода мебарад, ки дар ташаккули салоҳиятмандии лингвистии муҳассилин мавқеи ҳалкунанда дорад.

Умуман лингвистика (забоншиносӣ) илмест, оид ба қонуниятҳои сохт, низом, тартиб ва мавриди амал қарор гирифтани забон. Предмети методика бошад, роҳу усули таълими забон аст, яъне рӯйдодест, ки мавриди назар ва таҳлилу баррасии илмҳои методика ва забоншиносӣ аст.Чуноне ки дар боло сухан рафт, мазмуну мундариҷаи таълими забони

тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ тавассути қисматҳо ва самтҳои забон (фонетика, лексика, грамматика, графика, орфография (имло), гунаҳои (моделҳои) ҷумла, диалог, монолог, матн, жанрҳои нутқ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи услуби забонианд (услуби илмӣ, публисистӣ, гуфтугӯӣ), роҳандозӣ ва мавриди омӯзишу истифода дар нутқ қарор мегирад.

Тазаккур медиҳем, ки методикаи таълими забон ба масъалаҳои асосии зерин ҳамеша диққати ҷиддӣ дода, онро мавриди назар ва ҷузъи таркибии таҳлил ва баррасӣ мешуморад. Қабл аз ҳама, ҷудо ва фарқ кардани мафҳуми забон ва нутқ.

Маълум, ки забон воситаи тавонои ирсоли ҳиссиёт ва афкор тавассути низоми муқарраршудаи ишораҳои махсус, овозҳо, рамзҳои хаттӣ, имову ишорат маҳсуб меёбад. Нутқ бошад, тарзи баён ва қобилияти изҳори ҳиссиёт ва афкори инсон ба воситаи воҳидҳои луғавии забон аст, ки он баланд ва шунаво талаффуз мешавад. Ба дигар маънӣ, нутқ изҳори иттилооти шифоҳӣ мебошад.

Ҳар як калимаи талаффузшаванда маҷмуи воҳидҳои овозиро дар бар гирифта, нутқ тавассути калимаҳо, қоидаву қонунҳои муайяни синтаксисӣ ташаккул меёбад. Нутқи инсон аз ҷузъҳои зерин иборат аст: артикулятсия – тарзи ифодаи овозҳои нутқ, ки бо роҳи нафас ва садоҳои эҷодшаванда пайдо мешавад; равонӣ ва мавзунии нутқ бидуни суръати онро боздоштан. Яъне, нутқ тарз ва роҳу усули ирсоли иттилооти шифоҳӣ мебошад.

Мушаххас намудани мафҳуми забон ва нутқ дар раванди таълими забон бори нахуст аз ҷониби забоншиноси маъруфи швейтсарӣ Фердинанд де Соссюр дар асари машҳури вай «Курси забоншиносии умумӣ» (Курс общей лингвистики, соли 1916) ба амал омада буд. Ин иқдоми олими забоншинос дар раванди такмил ва рушди забоншиносии асри XX, аз ҷумла, самти ташаккули сохтор ва таркиби забон саҳми бориз гузошт.

Фердинанд де Соссюр бори нахуст дар гузориши масъала оид ба забон ҳамчун низоми пойдор саҳм гузошта, ба тафриқаи лингвистикаи забон (лингвистика языка) ва лингвистикаи нутқ (лингвистика речи) муваффақ гардид. Ӯ табиати соҳибнишонӣ ва соҳибаломат будани забонро кашф карда, лингвистикаро чун ҷузъи семиология (илме, ки хусусиятҳои умумиро дар сохтору вуҷуд ва истеъмоли воҳидҳои забон ҳини баён ва ирсоли иттилоот инъикос мекунад) эътироф кард. Баъдтар ғояҳои пешниҳодкардаи олимро дар мавриди тафриқаи мафҳумҳои забон ва нутқ забоншиноси машҳури рус, академик Л.В.Шерба рушд дода, мафҳуми дигари ҷолиб – фаъолияти нутқро (речевая деятельность) роҳандозӣ кард.

Ин се мафҳум (забон, нутқ, фаъолияти нутқ) чун се самти гуногун, вале ягонаи комил ва ба ҳам тавъам намоён шуда, забонро ҳамчун соҳиби низоми махсуси аломат ва нишонҳо, нутқро чун воситаи истифодаи инфиродии забон, ҳамчун тарзи рушди тафаккур ва эҷоди фикр тавассути забон ҷилвагар мекунад. Фаъолияти нутқ бошад, бештар ба раванди қабул ва ирсоли иттилоот ба воситаи системаи коркардшудаи воҳидҳои гуногуни забон (овозҳо, калимаю ибораҳо, ҷумла, оҳанги хониш ва амсоли он), мавриди муошират ва равиши гуфтор хидмат мекунад.

Истифодаи комили мафҳумҳои зикршудаи лингвистӣ ба методистон ва омӯзгорон имкон медиҳад, ки:

- мазмун ва мундариҷаи таълимро тавассути робитаи қавӣ ва ҷудонашавандаи забон, нутқ ва фаъолияти нутқ мушаххас намоянд, ки дар ин марҳила воҳидҳои забон (овозҳо, морфемаҳо, калимаҳо, ҷумлаҳо), воҳидҳои нутқ (ҷумлаҳо, матнҳо), воҳидҳои фаъолияти нутқ (матн дар шакли диалог ва монолог) мақоми хос дошта, саҳеҳ, фасеҳ ва мунтазам истифода мешаванд;
- маҷрои (раванд, рӯйдод) азхудкунии мазмун ва мундариҷаи таълим (дониш, маҳорат, малака)-ро дар самти ташаккули салоҳиятмандии муҳассилин муқаррар намоянд.

Дар робита ба андешаҳои фавқуззикр истифодаи гунаҳои (моделҳо) ҷумла ба сифати воҳиди таълим низ аз масъалаҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Қобили зикр аст, ки тасаввурот оид ба забон чун низоми дорои аломатҳо ва нишонҳои махсус, ки аз маҷмӯи унсурҳои сохторӣ иборат аст, дар заминаи вусъат пайдо кардани лингвистикаи сохторӣ (структурная лингвистика) – яке аз самтҳои забоншиносӣ дар нимаи аввали асри сипаришуда - ба таври васеъ паҳн гардид.

Намояндагони ин падидаи нав ва тоза дар симои мактаби забоншиносии Прага (Н.Трубетской, Р.Якобсон), мактаби лингвистии Копенгаген, Амрико (Л.Блумфилд) кӯшиш ба харҷ доданд, ки модели мушаххаси забонро таҳия намуда, аз методҳои пажӯҳишие истифода баранд, ки бо роҳу усули таҳқиқи илмҳои математика мувофиқ ва наздик бошад.

Чунончи, ғояҳои лингвистикаи сохторӣ дар ҷараёни рушди методикаи таълими забон таъсири ҳамаҷониба расонида, дар ҳолатҳои зер истифода мешуданд:

а) дар интихоб ва баёни маводи лингвистӣ бо мақсади таълим (бо назардошти моделҳои ҷумла, қолабҳои гуфтор ва намунаҳои нутқ);

б) ҳини ташкили машғулиятҳо бо истифода аз моделҳои ҷумласозӣ: аз ҷумла, яке аз ҳадафҳои асосии таълим ташаккули малакаҳои ҷумласозӣ ба воситаи намунаҳои пешниҳодшуда, дарки бошууронаи мавзуъ ва автоматикунонии маводи нави дарсӣ мебошад. Чунин тарзи таълим ҳангоми истифода аз усули муосири технологии аудиолингвистӣ ба натиҷаҳои худ муваффақ гардонд.

Таълимоти лингвистӣ оид ба робитаи ногусастании байни забонҳо низ аз воситаҳои боэътимоди омӯзиши забони модарӣ дар макотиби олии кишвар мебошад. Зери мафҳуми робитаи забонҳо алоқаи байни забонҳои модарӣ, русӣ ва англисӣ пеши назар меояд. Ҳар яке аз ин забонҳо таркиби луғавии хеш, соҳиби сохтори фонетикӣ ва грамматикии хоси худ буда, дар раванди омӯзиши забони ғайр (аз ҷумла, забони давлатӣ барои

ақаллиятҳои миллии маскуни Тоҷикистон) такя ба вижагиҳо ва хусусиятҳои фарққунандаи хеш мекунанд. Олимони соҳаи физиология собит кардаанд, ки агар як қисмати майнаи инсон (қисми чап) ба омӯзиш ва истифодаи забони модарӣ хидмат кунад, нимаи дигар (қисми рост) барои аз худ кардани забони ғайримодарӣ (хориҷӣ) кӯмак ва мусоидат мекунад.

Дар раванди таҳқиқи робитаи методикаи таълими забон ва лингвистика яке аз масъалаҳои дигари асосӣ лингвистикаи матн мебошад. Он ҳамчун самти таҳқиқоти лингвистӣ дар асри 20 ташаккул ёфт ва ҳадафи асосӣ омӯзиши қонуниятҳои таҳияи матни мураттаб аст. Пешоҳангони ин самти таҳқиқот (таҳлили лингвистӣ-услубии матнҳои дорои жанр ва услуби гуногун) донишмандони шинохтаи рус В.В. Виноградов, Г.О. Винокур, В.Б. Шкловский, Р. Якобсон, олимони варзидаи илми педагогика, забоншиносӣ ва адабиётшиносии ватанӣ М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, М. Шакурӣ, Т. Зеҳнӣ, Н. Маъсумӣ, М. Саломиён, Ш. Исрофилниё ва дигарон мебошанд.

Самти лингвистикаи матн имкон медиҳад, ки таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар аз нигоҳи ҷамъбасти донишу маълумот аз забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва фарҳангшиносии муҳассилин ҷараён ёфта, дар ташаккули фарҳанги хониш, дарки образҳои асари бадеӣ, маҳорату малакаи ворид шудан ба ҷаҳони маърифат ва маънавияти муаллифи асари адабӣ, фаҳмиши комили мазмун ва мундариҷаи асари бадеӣ мусоидат менамояд.

Масъалаи дигари муҳим робитаи фанни методикаи таълими забон бо илми равоншиносӣ (психология) ба шумор меравад. Яке аз сабабҳои асосӣ ва қобили қабули чунин робита дар заминаи такмил ва рушд ёфтани илми психологияи педагогӣ арзёбӣ мегардад. Бино ба таълимоти академик И.П.Павлов, психологияи педагогӣ бештар дар алоқамандии системаҳои сигнали якуму дуюм зуҳур ёфта, дар хусуси фаъолияти аналитикӣ ва синтетикии омӯхтани донишҳо, ташаккули маҳорат ва малака, рушди салоҳиятмандии забонӣ, муайян намудани сабабҳои

асосии эҷод шудани мушкилот ва душвориҳо дар самти забономӯзӣ, рушди инфиродии муҳассилин ва хонандагони макотиби миёна суҳбат мекунад.

Академик М.Лутфуллозода донишманди маъруфи илми методикаи таълими забони тоҷикӣ чунин мешуморад, ки «таҳқиқотҳои психологӣ дар интихоби маводҳои таълимӣ, равшан сохтани ҳаҷми курси забони модарӣ, пайдарҳамии маводҳо дар ҳар зинаи таҳсилот, ҷобаҷогузории мавзуъҳои алоҳида, истифода бурдани восита ва тарзҳои умумии босамар ба илми методика ёрӣ мерасонанд. Методика нишондиҳандаҳои психологияро истифода бурда, вобаста ба синну соли омӯзандагон муносибати индивидуалкарданро тавсия менамояд. Ин амалро омӯзгор танҳо вақте ба ҷо оварда метавонад, ки агар хусусиятҳои тараққиёти психологии мактабиён ва муҳассилинро донад ва омӯзад» [57,9].

Робитаи фанни методикаи таълими забони тоҷикӣ ва психология дар тафаҳҳум ва истифодаи самарабахши роҳу усулҳои таълим дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ, хосатан, дарки табиати психологии забон роҳи васеъ мекушояд. Психология имкон медиҳад, ки қонуниятҳои психологии омӯзиши забони тоҷикӣ муқаррар карда шуда, коркарди илмии методикаи таълим бо дарназардошти роҳу усулҳои босамар, шуурона азхудшавии маводи таълим дарёфт гардад.

Мусаллам аст, ки раванди омӯзиши фанни забони тоҷикӣ қонуният ва махсусиятҳои худро дошта, он аз омӯзиши дигар фанҳои таълимӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Мафҳумҳои бо илми забон ва фанни забон алоқаманд ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи забонӣ роҳ мекушоянд, ҳарчанд ки қонуну қавоиди умумии маъмул ба омӯзиши ҳама гуна фанҳо низ вуҷуд дорад.

Мафҳумҳои асосии пайванд ба илми психологияи таълим **дониш, маҳорат ва малака** маҳсуб меёбанд. Ин се рукни аз ҳам ҷудонашаванда ҳамзамон ба ташаккули падида ва навгонии дигар, ки дар замони муосири фазои таҳсилот ба ҳукми амал фаро гирифта шудааст, ташаккули

салоҳиятмандии забонист (языковая компетенция). Яъне рушди қобилият,тавоноӣ, тавонмандӣ, ки муҳассилинро ба шахсияти донишманд, кордон ва соҳибтахассус табдил медиҳад. Ба ибораи дигар, психологияи таълими забони тоҷикӣ роҳу усули самарабахшро дар мавриди дарки донишу маълумоти комили забонӣ, ташаккули малакаҳои нутқ ва маҳорати гуфтору навиштор таҳқиқ ва роҳандозӣ мекунад.

Солҳои охир дар робита ба такмил ва таҳкими таълими забонҳо дар муассисаҳои таҳсилоти ватании зинаҳои гуногун, аз ҷумла, олии касбӣ боз ду самти эътирофшудаи илми психологияи таълим – психолингвистика ва психологияи муошират (психология общения) рушду нумуъ меёбад. Махсусан психологияи муошират, ки асосҳои ташаккули маҳорат ва малакаи гуфторро ба майдони муҳокима гузоштааст. Сухан на танҳо оид ба чи гуна сухан гуфтани шахсияти муҳассил меравад, балки ӯ чи гуна ба фазои муошират омил ва комил аст, чи гуна нутқи худро метавонад бо чанд гунаҳо ва намунаҳо вобаста ба мавриди сухан кардан (речевая ситуация) рӯйнамо намояд ва тавоноии хешро собит созад.

Робитаи методикаи таълими забони тоҷикӣ ва илми психология ба таҳкими пояҳои шуурона аз худ намудани маводи таълим аз ҷониби муҳассилин роҳ мекушояд. Шарҳи матлаб дар он аст, ки донишҷӯ дар навбати аввал қонуниятҳо ва рӯйдодҳои забониро дарк мекунад, дар хотир нигоҳ медорад, дар таҷрибаи амалии забономӯзӣ ва забондонӣ, хоса, мавридҳои гуногуни муошират, гуфтор ва навиштор кор мефармояд ва ба ташаккули маҳорат ва малакаи пойдору устувор ноил мегардад.Чунин пайдарҳамӣ дар раванди таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути иҷрои амалҳои зерин тақвият меёбад: шунидан (дидан) – дарк кардан (фаҳмидан) – донистан – аз худ кардан –тавонистан – қудрат пайдо кардан.

Ҳамин тариқ, дар таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ муҳиммияти ташаккули малакаҳои амалии забондонӣ (қобилияти нутқ карда тавонистан, таъмини фаъолияти гуфтор дар мавридҳои гуногуни раванди муошират) ба самти

асосии кору амали омӯзгор табдил меёбад. Дар айни замон ду чизи аз ҳам фарққунандаро бояд ба мадди назар гирифт:

1) донишҳои забонӣ;

2) истифодаи забон дар нутқ (нутқ дар заминаи риояи шудани кулли қонуну қавоиди забонӣ).

Чи дар омӯзиши забони модарӣ ва чи забонҳои ғайримодарӣ ҳадафи асосии таълим фаъолияти нутқ аст (забон ҳамчун воситаи тавонои муошират, на назарияи забон). Қоидаҳои забонро донистан ҳанӯз истифодаи комили забон дар нутқи амалӣ, баёни дурусту амиқи фикр ва гуфтугӯи озодро таъмин намекунад. Албатта, донишҳои назарӣ заминаи муайяни фаъолияти амалӣ дар истифодаи забон маҳсуб меёбанд, вале дар ин росто аз омӯзгор муқаррар намудани таносуби босамари назария ва амалия тақозо мегардад. Чунин таносубро муҳаққиқон 1:3 муқаррар кардаанд, ки яке аз омилҳои таконбахш ва боэътимоди низоми таълими забонҳо эътироф шудааст.

Робитаи методикаи таълими забон бо психология бештар ба парвариши маҳорату малакаи гуфтор (нутқ, гуфтугӯ) такя мекунад ва ба раванди таълим тамоюли рушди коммуникативӣ-салоҳиятмандиро талқин месозад. Андешаи фавқ ба истифодаи дурусти шакл ва навъҳои категорияҳои грамматикии забон дар нутқи амалӣ ишора мекунад ва ҷавобгӯи талабот ба иҷрои ҳадафҳо ва вазифаҳои муомила ва муошират бо забон аст. Дар ин самт мақоми машқҳои ситуативӣ (мавридӣ, мавзуӣ) пурарзиш буда, усули дигари хеле босамар ва пурмаҳсул кор бо матн аст, ки дар ин бобат дар боби дуюми рисола муфассал нақл хоҳад шуд.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ ба таҳқиқотҳои пурарзиши психологҳои шинохтаи ватанӣ ва русу хориҷи кишвар (Л.С.Виготский, Л.С.Рубинштейн, А.Н.Леонтев, В.А.Беляев, Н.И.Жинкин, В.Ҳ.Солибоев, Н.М.Юнусова ва дигарон) такя намуда, аз маълумотҳои муътамад оид ба назарияи фаъолмандӣ, қобилияти фикрӣ ва зеҳнӣ, ташаккули малакаҳои нутқ, механизмҳои густариши нутқ васеъ истифода мешавад, ки дар раванди омӯзиши амалии забон ёрии калон мерасонанд.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар ба дидактика – назарияи умумии таълим робитаи зич ва қавӣ дорад. Бино ба ақидаи академик М.Лутфуллозода, «ин алоқамандӣ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки ҳам дидактика ва ҳам методика масъалаҳои роҳу воситаҳои таълимро меомӯзанд. Вале агар дидактика масъалаҳои умумии таълим, алалхусус, назарияи онро омӯзад, методикаи таълими забон масъалаҳои хусусии омӯзиши забонро, ки хоси ҳамин фан аст, меомӯзад» [57,9].

Ба дидактика ва методикаи таълими забон объекти (ҷой) умумии таҳқиқот – раванди таълиму тарбия хос аст. Фарқияти асосӣ дар он зуҳур меёбад, ки агар дидактика раванди мазкурро ба тариқи умумӣ омӯзад, методика дар робита бо фанни таълимӣ онро роҳандозӣ мекунад. Яъне сухан мушаххасан оид ба таълими забони тоҷикӣ меравад. Робитаи байни ин ду самти илм (методика–дидактика) дар заминаи муносибати назарияи умумӣ ба шакли хусусии татбиқи он (фанни омӯзишӣ) муайян мегардад. Чунин алоқа дар умумияти категорияҳои асосӣ, ки аппарати илмӣ ва мафҳумҳои асосии ҳар ду илмро дар бар гирифта, дар партави принсипҳои умдаи таълим намоён мегардад, мунъакис меёбад.

Қонуниятҳои дидактика дар ҳалли масъалаҳои муҳимми густариши низоми омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ, амсоли ҳадафи таълим, зинаҳои таълим, самти умумии таълим ҳамчун замина хидмат мерасонад. Дар ин росто методҳои таҳқиқ ва таълим низ чун унсури муштарак ва ба ҳам тавъам зуҳур меёбанд. Ин маънои онро надорад, ки методика нисбат ба илми дидактика ҳамчун фанни амалӣ хидмат мекунад. Методика илми алоҳида, мустақил ва соҳибсамти илми педагогӣ маҳсуб меёбад. Зиёда аз ин, методикаи таълими забон дар самти такмилу таҳкими миқёс ва арзиши дидактика, хоса, принсипҳо ва асосҳои он, аз ҷумла фаъолияти зеҳнӣ ва маърифатии муҳассилин имконияти васеъ фароҳам меорад.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ роҳу равиш ва усулҳои самараноки

фаъолмандии коммуникативӣ-маърифатии донишҷӯёнро роҳандозӣ мекунад. Ба ибораи дигар, методика на танҳо масъалаҳои таълимро дар миқёси ҳадаф ва вазифаҳо, инчунин дар партави иҷрои проблемаҳои тарбия дар раванди омӯзиши забони тоҷикӣ ба доираи асолат ва вазоифи хеш махсуб медонад.

Чизи дигаре, ки арзиш ва қимати он дар партави робитаи методикаи таълими забон ва дидактика бояд зикр гардад, аз он иборат аст, ки дар раванди омӯзиши фанни мазкур истифода аз принсипҳои дидактикӣ, ки қонуниятҳои умумии таълимро дар бар мегирад, яке аз унсурҳои муҳимми ҷараёни таҳсил қарор мегирад. Ин, пеш аз ҳама, принсипи таъмини бошууронаи азхудкунии донишҳо ва омӯзиши чуқур ва амиқи назарияи забон бо назардошти ҳатто таъриху таҳаввули он дар даврахои гуногун аст.

Ян Амос Коменский муваффақ гардид, ки принсипи дигари муҳим – дастрас будани дониш ва маълумот рӯйи кор ояд. Махсусан тариқи усули омӯзиши аз осон ба душвор. Чунончи, омӯзиши грамматикаи забон аз морфология шурӯъ мешавад, то қоидаву қонунҳои синтаксис бошуурона ва фаҳмида аз бар шаванд.

Дидактикаро дӯсти қарини илми методика ҳисобидан равост, чунки он метавонад ба саволҳои мубрами раванди омӯзиши забон мадад расонад. Амсоли: «Таълим гуфта мо чиро мефаҳмем?», «Барои чӣ мо таълим медиҳем?», «Чиро таълим бояд дод?», «Чӣ тавр бояд омӯзонд?» ва ҳоказо. Дар раванди ҷавоб ба суолҳои гузошта саволҳои дигар низ пайдо мешаванд, амсоли: «Таълим чӣ гуна ҷараён меёбад?», «Кадом қонуниятҳо ба раванди омӯзиш хосанд?», «Киро таълим бояд дод?»,« Кай, чаро ва бо кадом сабаб таълимро тағйир бояд дод?» (ҳадаф, шакл, мазмун ва мундариҷаи таълим). Воқеан, дидактика имкон медиҳад, ки натиҷаҳо пешгӯйӣ шаванд, сабабҳои ворид шудани тағйирот ба таҷрибаи кори мактабҳо дар заминаи ҷорӣ шудани роҳу усулҳои ҷадиди таълим, таҳияи

стандартҳо, барномаҳои нав, китобҳои дарсии муосир, назорати пешрафт ва қафомонии субъктҳои таълим асоснок гарданд.

Ҳамин тариқ, методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ ба қоида, принсипҳо ва қонуниятҳое, ки дидактика муқаррар кардааст, такя менамояд. Илмӣ ва дастрас будани маводи таълимӣ, аёният, шуурона аз худ намудани материал, мустаҳкамии дониш, маҳорат ва малакаҳо, зарурияти такрори пай дар пай, фаъолиятнокии амалиёти дарккунии талабагон, мустақилиятнокӣ, алоқаи таълим бо ҳаёт, бо муҳити омӯзандагон – чунинанд принсипҳои дидактика, ки риоя намудан ҳангоми ташкили раванди таълим доир ба ҳар як фанни мактабӣ, аз ҷумла забони тоҷикӣ шарт ва зарур аст [57,9].

Ниҳоят, мехостем оид ба робитаи методикаи таълими забони тоҷикӣ ва илми педагогика чанд сухан гӯем. Ҳар фанни дар муассисаҳои таҳсилоти зинаҳои гуногун таълимдиҳанда ва омӯзанда, минҷумла, забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар на танҳо маҷмуи донишҳои муайянро пешниҳод мекунад. Яке аз самтҳо ва рукнҳои пайвастаи таҳсил тарбияи муҳассилин ба шумор меравад. Масъалаҳои тарбияи насли наврас ва ҷавонони муҳассилро фанни педагогика аз нигоҳи илмӣ ва асосҳои бунёдию методологӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, дар ин росто тавсияҳо ва дастурҳои хубро пешниҳод менамояд.

Аз ин лиҳоз методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар ба маслиҳатҳо ва тавсияҳои илми педагогика такя намуда, тавассути матнҳои адабӣ, тахассусӣ, системаи машқҳои гуногуни коммуникативӣ ва шифоҳию хаттӣ ягонагии раванди муштараки таълим ва тарбияро ба омӯзандагон нишон медиҳад.

Муташаккилӣ, бодиққат гӯш кардан, мустақилона ва фаъолона кор кардан, кулли супоришотро тез ва босифат иҷро кардан ба ташаккули маҳорат ва малака мебарад, ки дар ин росто мақоми илми педагогика ва дастуру нишондиҳандаҳои он бебаҳс буда, дар самти самаранокии

таълиму тарбия роҳи васеъ мекушояд. «Муаллимону методистон вазифадоранд, ки дар раванди таълими забони модарӣ ва ё оид ба методикаи таълими забони тоҷикӣ сухан гуфтан вазъи имрӯзаи забоншиносӣ, проблемаи кор бо матн, жанр ва хусусиятҳои забони асари бадеиро ба назари эътибор гиранд» [57,11].

## 1.4 Вазъи таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳлили китобҳои дарсӣ

Муҳимтарин вазифаи тадриси забони тоҷикӣ ин, пеш аз ҳама, ташаккули маданияти нутқи мутахассиси оянда мебошад ва бояд гуфт, ки маданияти нутқ як ҷузъи ҷудонопазири маданияти умумии инсон аст ва ҳастии инсонӣ, хислатҳои одамӣ маҳз дар сухан таҷассум меёбанд. Дарвоқеъ, ботини ҳар як шахсро аз тарзи гуфтор ва муносибату муоширати ӯ бо атрофиён қиёс кардан корест на чандон мушкил ва ҳамаи ин ҳақиқати воқеӣ тақозо мекунад, ки ғамхорӣ нисбат ба нутқи шевою мавзун ва мантиқан ғанию солими шогирд яке аз самтҳои асосии фаъолияти муаллими забони тоҷикӣ қарор бигирад.

Саволе ба миён меояд, ки донишҷӯй бояд кадом шакли забони миллиро омӯзад, то ин ки маҳорати сухандонию ғановати нутқи ӯ таъмин гардад? Ҷавоб мушаххас аст: донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ бояд забони тоҷикиро дар асоси матнҳои тахассусӣ бо дарки мафҳумҳои касби интихобкарда биомӯзанд, зеро дар ин сурат метавонад салоҳиятҳои касбии мутахассиси оянда ташаккул биёбад ва дар бозори меҳнат, ки рақобатпазир аст, мавқеву манзалати хешро дарёбад.

Мутаассифона, бисёр донишҷӯёне, ки ба донишгоҳ дохил мешаванд, ҳанӯз аз меъёрҳои муқаррарии забони адабӣ огоҳ нестанд ва ба онҳо

чандон балад ҳам нестанд. Ҳатто донишҷӯёне вомехӯранд, ки ба моҳияти аксар унсурҳои забони адабӣ дуруст сарфаҳм намераванд. Модоме ки вазъият чунин аст, дар ибтидои таълиму омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар ҳолати аҷиби дузабонии адабию лаҳҷа ба чашм мерасад. Дар ин ҳолат таълими забон дар асоси матнҳои тахассусӣ барои омӯзгор мушкилии боз ҳам бузургтарро пешорӯ меорад.

Чунин рӯйдод водор месозад, ки омӯзгор дар ҳар як шароити гуфтор ва нутқи шогирдон ҳушёр бошад ва хатоҳоро сари вақт ислоҳ намояд. Агар устод дар қазияи ҳалли ин масоил ҳушёр ва ба идрок бошад, забони донишҷӯйиро дар  рафти дарс зери назорати ҷиддӣ гирад, ӯ барои рафъи камбудии сатҳи забондонӣ ва ташаккули нутқи шогирдон имконияти фаровон ба даст меорад.

Аз таҷрибаи раванди таълим ва мушоҳидаҳо бармеояд, ки дар нутқи муҳассилини факултетҳои ғайрифилологӣ омезиши унсурҳои гуногуни забон —забони адабию лаҳҷаҳои маҳаллӣ дучор мешавад, ки он тарзи гуфторро коста ва гӯшхарош месозад. Сабаби бардавом идома ёфтани тарзи лаҳҷавии гуфтор маҳз аз чуқур ворид нашудан ба фазои забони адабӣ, аҳён-аҳён бо матнҳо кор кардани шогирдон мебошад.

Мушоҳида собит сохт, ки лаҳҷаи макони зисти муҳассилин забонест, ки онро аз модар меомӯзанд ва тавассути он як умр мубодилаи афкор мекунад, вале барои омӯзгор фақат донистани он далел, ки истифодаи маводи лаҳҷавӣ дар нутқ ба донишҷӯён дар бобати фавран ва ба пуррагӣ аз худ намудани нормаҳои талаффузи забони адабӣ имконият намедиҳад, ё умуман то як дараҷа барои фаҳмидани қонуну қоидаҳои забони адабӣ донишҷӯён душворӣ мекашанд. Ин ҷо як сабаб аст: лаҳҷаҳои маҳаллӣ, пеш аз ҳама, дар тарзи талаффуз, саводи орфоэпии донишҷӯён чуқур реша медавонад ва модоме ки гуфтугӯи онҳо мутобиқ ба нормаҳои талаффузи

лаҳҷа ҷараён мегирад, табиист, ки ин ҳодиса ба нутқи хаттии онҳо низ беасар намемонад.

Чунонки маълум аст, хат бояд ба принсипҳои грамматика ва орфоэпия узван алоқаманд бошад ва эътироф ҳам бояд кард, ки ҳангоми таълими қоидаҳои имло ҷиддӣ ва системанок гузарондани дарс дар робита бо қоидаҳои орфоэпия ба аҳамияти муҳим молик аст. Академик Л.В. Шерба ба ин масъала ишора карда чунин гуфта буд: Барои он ки масъалаи орфография дуруст ҳал шавад, дар навбати аввал, масъалаи орфоэпияро ҳал бояд кард. Дар хақиқат, ҳамин хел аст, чунки барои дуруст ва аз рӯйи қоида навиштани бархе аз калимаҳо, аз қабили *об, амма, нуҳ* меъёри асосӣ танҳо тарзи талаффузи онҳост, зеро дар навишт, қабл аз ҳама, ба таркиби овозии калимаҳо такя карда мешавад. Ин қоидаи маъмул ҳамон вақт арзиш пайдо мекунад, ки агар барои қиёс нутқи адабӣ дар назар дошта шуда бошад.

Бинобарон орфографияю орфоэпия дар таълим хилофи якдигар нестанд, балки онҳо ду шохаи тавъаму бо ҳам пайванди як бахши тадрис — забони адабӣ мебошанд.

Ба хотири он ки усули тартиб додани нақшаи кор оид ба он системаи дарсҳое, ки бахшида ба таълими имло сохта мешаванд, таҳриф нагардад, даставвал талаффузи адабии забони тоҷикиро ҳамчун меъёри муқаррарӣ ба назар гирифтан лозим аст. Зеро дар омӯзиши нормаҳои талаффузу навишт ба шогирдон таълими якҷояю баробари онҳо дар муҳити лаҳҷа ниҳоят муҳим буда, натиҷаи хуб ҳам дода метавонад.

Муҳим аст, ки устодон барои донишҷӯён имконияти омӯзиши муқоисавии нормаҳои забони адабию лаҳҷаҳои маҳаллиро таъмин созанд, то ки онҳо бо ин роҳ дониши худро оид ба масъалаҳои забон вусъат бахшида, афзалияти забони адабиро дар зиндагӣ нисбат ба лаҳҷа собит намоянд ва дар нутқи хаттиву шифоҳӣ диалектизмҳоро оқилона бо муродифҳои маъмули адабӣ иваз намоянд.

Дониши фароху умумии донишҷӯй доир ба масоили мухталифи забон, аз ҷумла, сарфаҳм рафтан ба хусусиятҳои характерноки ҳар як лаҳҷа дар бисёр мавридд на фақат барои донистани ноқисиҳои нутқи шифоҳӣ, балки барои дарки норасоию ғалатҳои имлоӣ низ кӯмак мерасонад.

Дар курси аввали факултетҳои ғайрифилологӣ дарси забони тоҷикӣ дар доираи як нимсола таълим дода шуда, асосан фарогири масоили таълими имлои забони тоҷикӣ мебошад. Ин ҷо бояд қайд кард, ки таълими имло раванди қиёсан бардавом ва марҳилаи нисбатан мураккаб ҳисоб меёбад. Аз ин ҷиҳат, хоҳ нохоҳ чунин савол ба миён меояд: Магар дуруст нест, ки пеш аз омӯзиши нормаҳои талаффузи забони адабӣ ва қатъи назар аз он, ки шогирдон аз таъсири лаҳҷа озод шудаанд, ё не, аввал ба онҳо қоидаҳои имло таълим дода шавад?

Ҷавоби ин савол чунин аст: истисно аз он, ки дар бисёр мавридд қобилияти азхудкунии донишҷӯён дар бобати тарзи талаффузи ҷозибу ҷолиб нисбат ба малакаи дурустнависӣ дар онҳо сусттар инкишоф меёбад, таълими нутқи даҳонӣ ва имло бояд дар як вақт оғоз ёфта, баробар давом кунад.

Моҳияти роҳу усули таълими имло дар шароити истифода аз матнҳои тахассусӣ низ дар он зоҳир мегардад, ки ҳамаи он аз рӯйи тадбирҳои амалӣ ва мақсади муайян истифода карда шавад. Яъне дарсҳои забони тоҷикӣ бояд барои аз худ кардани фанҳои тахассусӣ, дарки истилоҳот, фаҳмиши мафҳумҳо шароити мусоид бояд фароҳам оранд ва кӯмак кунанд.

Дар ин ҷабҳа масъулияти омӯзгор зиёд аст ва, аз ин лиҳоз, нутқи ӯ бояд намунаи ибрати шогирдон бошад. Қабл аз ҳама омӯзгор бояд аз соҳаи тахассуси донишҷӯй огоҳӣ дошта бошад, бо истилоҳоти соҳавии он ошно ва дар истифодаи бомавриди забон муваффақ бошад, вагарна ташкили ҳар гуна усули хуби таълим аз имкон дур мегардад.

Инак, яке аз он омилҳои асосии таълими дурусти имло ва мувофиқи қоида равону беғалат сохтани нутқи хаттӣ ва шифоҳии донишҷӯён дар асоси талабу дархости барномаи таълим ба роҳ мондани дарси забони адабии тоҷик мебошад.

Беҳуда намегӯянд, ки «нутқ сирояти хуби забон аст». Ин ҳикмат то дараҷае дуруст аст. Агар муаллими забони тоҷикӣ бо забони фасеҳи адабӣ сухан кунад, донишҷӯй низ бо ҳамон забон сухан оғоз мекунад ва бидуни шак мутахассиси варзида мегардад, зеро, воқеан, ҷамъият қувваест басо бузург ва имкон дорад, ки бо андак кӯшишот муҳассилинро бошуурона ба омӯхтани меъёрҳои умдаи забони адабӣ ҳидоят кунад. Дар ин роҳ майли комилу саҳми босазо мебояд. Агар устод намуна бошад, шогирдон низ шакли адабии талаффузу навишти унсурҳои забонро оҳиста ва босифат аз худ менамоянд.

Дар муҳити таълим дар асоси матнҳои тахассусӣ зарур аст, ки муаллим ду ҳодисаи ниҳоят муҳимро ба эътибор гирад:

а) шиносоии донишҷӯён бо матнҳои тахассусӣ;

б) қобилияти ҳар як донишҷӯй дар роҳи дарки матнҳо;

Рӯйдоди мазкур дар заминаи як қатор фактҳои субъективӣ (хусусиятҳои фардии ин ё он донишҷӯй, ё як гурӯҳи донишҷӯён имконияти даркнамоӣ, қабули хотирот, одат) ва объективӣ зуҳур мекунад, ки маъмултаринаш инҳоанд:

а) дараҷаи истеъмоли ин ё он истилоҳот дар нутқи шогирдон;

б) фосилаи вақте, ки донишҷӯён унсурҳои алоҳидаи матни тахассусиро дар нутқи худ ба кор мебаранд;

в) муҳити нутқ, ки унсурҳои матни тахассусӣ ҳамчун зуҳуроти мунтазам дар он истифода мешаванд;

г) маҳорати донишҷӯён дар бобати дарку фаҳми ин ё он воҳидҳои забони ихтисос ва муродифоти он;

Дар ҳақиқат муваффақияти таълими забони адабӣ то як дараҷа ба он вобаста аст, ки муаллим дар кадом савия бо забони адабӣ сухан мекунад. Мутаассифона, на ҳама омӯзгорон меъёри нутқи адабӣ, алалхусус, тарзи талаффузи адабии калима ва таркибу ибораҳоро дуруст риоя мекунанд, гузашта аз ин, на ҳама ба ҳисоб мегиранд, ки онҳо намояндаи ин ё он лаҳҷа буда, дар гуфторашон хусусиятҳои алоҳидаи ҳамон лаҳҷа маҳфуз аст.

Маълум аст, ки донистани қоидаҳои имло на ҳамеша барои бехато навиштани шогирдон кафолат шуда метавонад. Аз ин рӯ, ба назари мо, як воситаи асосии таълим - ба таври васеъ ва дуруст ба роҳ мондани корҳоест, ки умуман ба инкишофи нутқи шогирдон ва қисман ба қоидаҳои талаффуз дахл доранд. Барои ҳамин хуб мешавад, ки муаллим пеш аз ташкили корҳои хаттӣ ҳамеша ба шогирдон шакли талаффузи дурусти овозҳо, ҳарфҳо ва калимаю ибораҳои алоҳидаро ёд диҳад. Чунки талаффузи унсурҳои забонӣ ба тарзи навишти онҳо дар хат алоқаи зич ва ҷудонопазир дорад.

Таълими нормаҳои талаффузи забони адабӣ, имлои забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои муҳимми дарс ҳисоб меёбад. Барои ҳамин ҳам таълими дурусту бобарори он ба маҳорат ва салоҳияту санъати кордонии ҳар як омӯзгор вобаста мебошад. Бинобарон, месазад, ки муаллим дар ин бобат ҳам, чун дигар қисматҳои дарс нақшаи махсус дошта бошад.

Кори муаллим дар бобатиислоҳи хатоҳои орфоэпию орфографии лаҳҷавии шогирдон ҳамон вақт барор меёбад, ки агар худи ӯ аз масъалаҳои назарии шевашиносӣ, ҳамчун фанни мустақил огоҳии хуб дошта бошад: сабабҳои зуҳуроти лаҳҷаҳо дар ҷамъият, устуворию дарозумрии онҳо, муносибати лаҳҷаҳои маҳаллӣ бо забони адабӣ, аҳамияти диалектизмҳо дар асари бадеӣ, шеваҳои асосии забони тоҷикӣ ва гурӯҳҳои дохилии онҳоро донад.

Шарти дигари ислоҳи хатоҳои шифоҳиву имловии донишҷӯён дар муҳити таълими забони тоҷикӣ дар асоси матнҳои тахассусӣ, пеш аз ҳама, дониши фарохи муаллим оид ба асосҳои орфоэпию орфографии забони адабии тоҷик, дар мунозираю муколамаи ҳаррӯза бо шогирдон ҷиддӣ риоя намудани меъёрҳои адабии талаффуз ва огоҳии комил аз махсусиятҳои забонии ихтисоси донишҷӯён мебошад.

Танҳо дар ҳамин замина муаллим имкон меёбад, ки омӯзиши забони адабии тоҷикро аз нуқтаи назари усули пешқадами таълим дуруст ба роҳ монад. Муҳтавои дарсҳои забони тоҷикиро дар факултаҳои ғайрифилологӣ масъалаҳои зерини забоншиносӣ ва маҳорату малакаи суханварӣ ташкил менамояд:

1) масъалаҳои асосии назария (мухтасар) ва амалияи маданияти нутқ марбут ба калимасозӣ, истеъмоли калима, ибораоройӣ, ҷумлабандӣ ва меъёрҳои талаффузи саҳеҳ;

2) кор бо матни алоқаманд бо мақсади инкишофи нутқи мураттаб;

3) аз бар кардани қоидаҳои имло (мушкилоти имлои ҳарфҳои садоноку ҳамсадо, қоидаҳои аз сатр ба сатр кӯчонидани қисми калима, имлои даҳ ҳиссаи нутқ);

4) мавридҳои истифодаи аломатҳои китобатӣ;

5) масъалаҳои марбут ба услуби забон ва шарҳи муфассали услуби илмӣ бо мақсади ошно ва омода кардани донишҷӯён ба омӯзиши матнҳои таълимии тахассусӣ;

6) ҳосил кардани маҳорату малакаи корбарӣ бо фарҳангномаҳои лингвистӣ ва энсиклопедӣ;

7) дар заминаи талаботи маданияти ҳуҷҷатнигорӣ ошно намудани донишҷӯён бо назария ва амалияи таълифи санадҳои расмӣ.

Дар маҷмӯъ, ҳамаи ин бандҳои фаъолияти таълиму тадрис ба афзоиши дарки меъёрҳо ва назокати забон, инкишофи маданияти нутқи шифоҳию хаттӣ, маҳорат ва малакаи кор бо луғатҳои соҳавӣ ва

энсиклопедӣ, шиносоӣ бо моҳият ва раванди корҳои илмию тадқиқотӣ, фарҳанги ҳуҷҷатнигорӣ равона гаштаанд.

Яке аз муҳимтарин талаботи Стандарти давлатӣ аз рӯйи ихтисоси донишҷӯён таълим додани фанни «Забони тоҷикӣ» буда, дар ин талабот асос ва моҳияти таълими фан ифода гардидааст. Қабл аз ҳама, дар назар бояд дошт, ки дарсҳои забономӯзӣ ба ҷуз маърифати илми забон ва ташаккули маданияти нутқи шифоҳию хаттӣ бояд дар таълими фанҳои тахассусӣ, ба ибораи дигар, аз бар кардани асосҳои илмҳои марбут ба ихтисоси донишҷӯён мусоидат намояд.

Чунонки таҷриба нишон медиҳад, муҳимтарин василаи ба вуҷуд овардани робитаи масъалаҳои забоншиносӣ бо тахассуси донишҷӯён матн мебошад. Шарҳи масъалаҳои назарияи илми забон бо матн асос ёфта, аз ҷониби дигар, мазмуну муҳтавои маълумоти тахассусӣ низ аз матн бармеояд. Аз ин нуқтаи назар матнҳое, ки дар вақти таълими забони тоҷикӣ истифода мегарданд, мансуб ба забон ва ба ихтисоси донишҷӯён мебошанд. Дар поён мехоҳем, ки китобҳои дарсии роиҷ, дастурҳои таълимӣ-методиеро мавриди шиносоӣ ва таҳқиқ қарор диҳем, ки дар асоси матнҳои тахассусӣ таҳия гаштаанд:

Дар таълими фанни «Забони тоҷикӣ» китоби дарсӣ  маводи асосии назариявию амалӣ ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки аз соли 2008 инхониб дар мактаб[ои олии вилояти Суuд таълими фанни «Забони тохикb» дар асоси китоби дарсии «Забони тохикb» (муаллифон А.Абдугодиров, З.Ра[монов – Хуханд: Ношир, 2008, 2009. – 195 са[.) ба ро[ монда шудааст. Он бо Стандарти давлатӣ ва барномаи таълимӣ, ки аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, пурра мутобиқат дорад. Китоб бо зикри «Мақсад ва вазифаҳои таълими фанни «Забони тоҷикӣ», ки ба сифати мактуби эзоҳӣ танзим шудааст, оғоз меёбад. Дар он сухан аз аломатҳои муҳими маданияти корбарии мутахассиси оянда будани забони гуфтору навиштор ва фарҳанги ҳуҷҷатнигорӣ меравад. Ҳамчунин таъкид мегардад, ки аз рӯйи забондонӣ ба сатҳи тайёрии мутахассис баҳо

додан мумкин аст. Аз нутқи фасеҳи шифоҳӣ, навишти пурмазмун ва босаводона (ҳисобот, маълумотнома, ахбор, мақола, мусоҳиба ва м. инҳо) симои маънавию касбии корманд падидор мегардад. Сипас, дар китоб оид ба меъёри забон – қоидаҳои аз тарафи умум қабулшуда, ки дар онҳо роҳу усулҳои калимасозӣ, ибораорой, ҷумлабандӣ, имло ва талаффуз муайян гардидаанд, маълумот дода мешавад.

Китоб дорои системаи ягона, дар танзими маводи таълимӣ, ҳамаи дарсҳо тобеи қолаб ва низоми ягона мебошанд, ки аз қисмҳои зерин иборат аст: маълумоти мухтасари назариявӣ тибқи мавзуи дарс, кор бо матн, иҷрои қисмати савол ва супоришот, луғатомӯзӣ ва саволу ҷавоби тестӣ. Иҷрои супоришот, ки низ аз системаи муайяни корҳои амалӣ иборат аст, аз бандҳои алоҳида – ҷавоб ва саволҳо, кор бо матн, иҷрои 3-4 машқ иборат аст. Дар ҳар як дарс луғатомӯзӣ, яъне аз бар кардани 10-12 вожаи нав дар назар дошта шудааст, ки дар воситаҳои ахбори умум роиҷ ва ба тафсир эҳтиёҷ доранд.

Муҳтавои китоби дарсиро масъалаҳои зерини забоншиносӣ ва маҳорату малакаи суханварӣ ташкил менамояд:

1) масъалаҳои асосии назария (мухтасар) ва амалияи маданияти нутқ марбут ба калимасозӣ, истеъмоли калима, ибораорой, ҷумлабандӣ ва меъёрҳои талаффузи сареҳ;

2) кор бо матни алоқаманд бо мақсади инкишофи нутқи мураттаб;

3) аз бар кардани қоидаҳои имло (мушкилоти имлои ҳарфҳои садоноку ҳамсадо, қоидаҳои аз сатр ба сатр кӯчонидани қисми калима, имлои даҳ ҳиссаи нутқ);

4) мавридҳои истифодаи аломатҳои китобатӣ;

5) масъалаҳои услуби забон ва шарҳи муфассали услуби илмӣ бо мақсади ошно ва омода кардани донишҷӯён ба омӯзиши матнҳои таълимии тахассусӣ;

6) ҳосил кардани малакаи корбарӣ бо фарҳангномаҳои лингвистӣ ва энсиклопедӣ;

7) шинос намудани донишҷӯён бо моҳияти корҳои илмии тадқиқотӣ, навъҳо ва хусусиятҳои сохтории онҳо; омӯзонидани шогирдон бо роҳу усулҳои таҳияи маърӯзаи илмӣ;

8) дар заминаи талаботи маданияти ҳуҷҷатнигорӣ ошно намудани донишҷӯён бо назария ва амалияи таълифи ҳуҷҷатҳои расмӣ.

Ҳамаи бандҳои фаъолияти тадрисӣ дар маҷмӯъ ба афзудани ҳисси дарки меъёрҳо ва назокати забон, вусъати маданияти нутқи шифоҳию хаттӣ, маҳорат ва малакаи кор бо луғатҳои соҳавӣ ва энсиклопедӣ, шиносоӣ бо моҳият ва раванди корҳои илмии тадқиқотӣ, фарҳанги ҳуҷҷатнигорӣ равона гаштаанд. Китоби «Забони тоҷикӣ»-и мураттибон А. Абдуқодиров ва З. Раҳмонов (Хуҷанд: Ношир соли 2009, 192 с.) барои донишҷӯёни ғайрифилологии мактабҳои олӣ дар асоси стандарти нави давлатии фанни мазкур таҳия шудааст ва аз аввалин китобҳои дарсии забони тоҷикӣ аст, ки барои низоми кредитии таҳсилот таҳия гаштааст.

Дар китоби мазкур мавзуъҳои услубҳои забон ва хусусиятҳои услуби илмӣ, таҳлили матни тахассусӣ аз ҷиҳати забон ва услуб, усулҳои сохтани калимаҳо, лексикаи соҳавӣ: истилоҳот ва меъёрҳои истилоҳсозӣ, луғатҳо, кор бо луғатҳои лингвистӣ ва энсиклопедӣ, меъёрҳои талаффуз, оҳанги баён, принсипҳои имлои забони тоҷикӣ, имлои ӣ, мушкилоти садонок ва ҳамсадо, мушкилоти имлои исм, сифат, шумора ва ҷонишин, шаклҳои феълӣ ва зарфҳо, мушкилоти ҳиссаҳои ёвари нутқ, корҳои илмии тадқиқотӣ, навъҳо ва хусусиятҳои сохтории онҳо,калимаҳои нав ва кӯҳна, калима ҳамчун воҳиди луғавӣ, вазифаҳои услубии лексика, мавқеи муродифот ва мутазод дар матн, сермаъноии калимаҳо ҳамчун аломати ғановати забон, сухани малеҳ ва қабеҳ, табу ва эвфемизм, таъбироти халқӣ ва одоби муошират, воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаҳои маъноиву услубии онҳо, усули созмони ибораҳо, мавқеи ҷумлаҳои сода ҷумлаҳои

мураккаб дар матн, усули таҳияи маърӯзаи илмӣ, хатоҳои услубӣ ва ислоҳи онҳо, мавқеи аломатҳои китобатӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ фаро гирифтааст.

Муаллифони китоб таъкид менамоянд, ки «Яке аз аломатҳои маданияти корбарии мутахассисони маълумоти олидор дар сиҳатии калом ва малакаи ҳуҷҷатнигорист. Дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти онҳо забон ва ҳуҷҷатнигорӣ воситаи бебадали коргузорӣ ба шумор меояд»[7,5].

Китоби мавриди назар ҳамаи қисматҳои забони адабии ҳозираи тоҷикро дар бар гирифта, донишҷӯён-мутахассисони ояндаро бо назардошти ҳамаи ихтисосҳо ба фаъолияти касбӣ омода месозад ва ба асосҳои тадқиқоти илмӣ замина мегузорад. Матнҳои китоби мазкур барои таҳлил ду навъанд:

– умумибашарӣ, ки дорои аҳамияти маърифатӣ-тарбиявианд;

– тахассусӣ, ки вобаста ба ихтисоси донишҷӯён интихоб гардидаанд.

Китоб ба қоидаю меъёрҳои ҳуҷҷатнигорӣ бо зикри намунаҳо ва тавсияҳои методӣ хотима меёбад.

Китоби дарсии Матробов С.Қ., Абдуллоева П.П. «Забони тоҷикӣ» (барои донишҷӯёни низоми таҳсилоти кредитии ихтисосҳои иқтисодӣ - Душанбе, 2011.-266 с.) дар асоси талаботи Стандарти давлатӣ таҳия шуда, аз фаслҳои «Забон ва муошират», «Имлои забони тоҷикӣ», «Истилоҳот, таъбирҳо, мафҳумҳо» ва «Услубҳои нутқ ва ҳусни баён» иборат мебошад. Дар китоб қоидаҳои имло, тарзи муошират намудан ва нутқи гуфтор дар асоси дастури забоншиносӣ таҳия гардида, мисолҳо дар баёни мавзуъ ва матнҳо барои машқ пурра аз китобҳои марбут ба соҳаи бонкӣ, инчунин аз қонунҳои марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ ва гражданӣ, андоз ва молия истифода шудаанд.

Дар китоб чунин мавзуъҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: предмет ва вазифаҳои фанни забони тоҷикӣ, қисми якум (дарсҳои амалӣ), забон ва муошират, табиат ва моҳияти забон, муошират ҳамчун падидаи

иҷтимоӣ, забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ асоси худшиносӣ, ҳуввият ва ваҳдати миллию фарҳангии халқи тоҷик, таърихи ташаккул ва инкишофи забони тоҷикӣ, хат ва алифбои забони тоҷикӣ, забони адабӣ ва меъёрҳои он, нақши шоирон ва адибони халқи тоҷик дар таҳкиму густариши забони тоҷикӣ, имлои забони тоҷикӣ, имлои баъзе садонокҳо,имлои баъзе ҳамсадоҳо,имлои овозҳои мушаддад, муносибати имло ва ҳодисаҳои фонетикӣ, имлои исм, мавридҳои истифодаи ҳарфи калон, имлои сифат, имлои шумора, имлои ҷонишинҳо, имлои феъл,имлои сифати феълӣ ва феъли ҳол, имлои зарф, имлои калимаҳои ёвар, аломатҳои китобатӣ, истилоҳот, таъбирҳо ва мафҳумҳо, истилоҳ (термин), калима, мафҳум ва ном, калимаҳои маъмул (фаъол) ва номаъмул (ғайрифаъол)-и забони тоҷикии адабӣ, калимаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ, истилоҳоти иқтисодӣ, таҳлили лингвистӣ ва иқтисодии калима ва мафҳумҳо, услубҳои нутқ ва ҳусни гуфтор, услуби илмӣ, услуби расмӣ-коргузорӣ, услуби публитсистӣ, услуби бадеӣ, ҳусни гуфтор (балоғату фасоҳати сухан);

Қисми дувум (дарсҳои лексионӣ) буда, дар он чунин мавзуъҳо матраҳ гаштааст: табиат ва моҳияти забон, забон ва нутқ, забон ва тафаккур, забон ва ҷомеа, аломатҳои забон, муошират ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, шакл ва намудҳои муошират, муошироти касбӣ ва таркиби он, нақши забон дар муошироти касбӣ, одоби муошират, забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ асоси худшиносӣ, ҳуввият ва ваҳдати миллию фарҳангии халқи тоҷик, забон ва миллат, забони тоҷикӣ асоси худшиносии халқи тоҷик, нақши муттаҳидкунандаи забон, пешбурди сиёсати забон дар шароити муосир, Қонун дар бораи забони давлатӣ, таърихи ташаккул ва инкишофи забони тоҷикӣ, хат ва таърихи алифбоҳои забони тоҷикӣ, забони адабӣ ва меъёрҳои он, мафҳуми меъёр, меъёрҳои забони адабӣ кадомҳоанд?, нақши шоирон ва адибони халқи тоҷик дар таҳкиму густариши забони тоҷикӣ, аз Рӯдакӣ то Дониш, аз

С.Айнӣ то имрӯз, имлои забони тоҷикӣ, имлои баъзе садонокҳо, имлои садоноки й, имлои садоноки ӯ, имлои садоноки э, имлои баъзе ҳамсадоҳо имлои ҳамсадоҳои ъ, с ва тс (дар калимаҳои иқтибосӣ) имлои ҳамсадои й, имлои овозҳои мушаддад. Муносибати имло ва ҳодисаҳои фонетикӣ(савтӣ), имлои овозҳои мушаддад, ҳодисаҳои фонетикӣ(савтӣ), имлои исм, исмҳое, ки ду тарзи навишт доранд, исмҳое, ки якҷоя навишта мешаванд, исмҳое, ки ҷудо навишта мешаванд, исмҳое, ки бо нимтире навишта мешаванд, имлои исм, мавридҳои истифодаи ҳарфи калон, исмҳое, ки бо ҳарфи калон навишта мешаванд,имлои сифат, сифатҳое, ки якҷоя навишта мешаванд, сифатҳое, ки ҷудо навишта мешаванд, сифатҳое, ки бо нимтире навишта мешаванд, имлои шумора, шумораҳое, ки якҷоя навишта мешаванд, шумораҳое, ки ҷудо навишта мешаванд, шумораҳое, ки бо нимтире навишта мешаванд, имлои ҷонишинҳо, ҷонишинҳое, ки якҷоя навишта мешаванд, ҷонишинҳое, ки ҷудо навишта мешаванд, имлои феъл, имлои сифати феълӣ ва феъли ҳол, имлои феъл, имлои сифати феълӣ, имлои феъли ҳол, имлои зарф, зарфҳое, ки якҷоя навишта мешаванд, зарфҳое, ки ҷудо навишта мешаванд, имлои калимаҳои ёвар, имлои пешоянд ва пасоянд, имлои пайвандак, имлои ҳиссача ва нидо, аломатҳои китобатӣ, аломатҳои китобатии дохили ҷумла, истилоҳот, таъбирҳо ва мафҳумҳо, истилоҳ (термин), мафҳуми истилоҳ, забон ва истилоҳот, роҳҳои ташаккули истилоҳоти забони тоҷикӣ, истилоҳшиносӣ ва фарҳангҳои истилоҳотӣ(соҳавӣ), калима, мафҳум ва ном, калима ва маъноҳои он, сермаъноӣ: маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо, калимаҳои маъмул (фаъол) ва номаъмул (ғайрифаъол)-и забони тоҷикии адабӣ, калимаҳои маъмул ва номаъмули забони тоҷикии адабӣ, калимаҳои кӯҳнашуда, пайдоиши калимаҳои нав дар забон, калимаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ, калимаҳои аслии тоҷикӣ, нишонаҳои савтӣ ва сарфии калимаҳои аслии тоҷикӣ, калимаҳои иқтибосӣ, мавқеи зада дар калимаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ, мавзуи

истилоҳоти иқтисодӣ, таҳлили лингвистӣ ва иқтисодии калима ва мафҳумҳо, истилоҳоти иқтисодӣ ва бонкӣ, услубҳои нутқ ва ҳусни гуфтор, услуби илмӣ, сохтори луғавӣ ва грамматикии услуби илмӣ, намудҳои услуби илмӣ, маълумоти умумӣ доир ба услуби расмӣ-коргузорӣ, асосҳои луғавӣ-грамматикии услуби расмӣ-коргузорӣ, мактуби расмӣ ва қоидаҳои навишти он, навъҳои мактубҳои расмӣ, асноди шахсӣ, мулоқоти расмӣ, одоби муоширот, сӯҳбати расмӣ тавассути телефон, услуби публитсистӣ, маълумоти умумӣ оид ба услуби публитсистӣ, хусусиятҳои забонии услуби публитсистӣ, услуби бадеӣ, маълумоти умумӣ оид ба услуби бадеӣ, хусусиятҳои забонии услуби бадеӣ, ҳусни гуфтор (балоғату фасоҳати сухан), фасоҳати нутқ (сохтори гуфтор) шаклҳо ва тарзҳои гуфтор, ҳунари суханварӣ ва жанрҳои нутқ, балоғати сухан, калидвожа, саволнома (тест), супоришҳои кори мустақилона, замимаҳо, вожанома, мафҳумҳои асосӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ихтисораҳо;

Муаллифони китоб бар назаранд, ки «Имрӯз масъалаи таълим ва тадриси забон, такмилу равишу усулҳои самарабахши омӯзиши он ба яке аз мавзуъҳои муҳимми ҳаёти ҷомеаи имрӯза мубаддал гардидааст. Пайдо намудани роҳҳо ва усулҳои муассири таълими забон, истифода аз методҳои анъанавӣ ва санҷидашуда, ба кор бурдани таҷрибаҳои беҳтарини омӯзиш ва навовариро дар ин бахш ва такмили онҳо аз масъалаҳои муҳиме ба шумор меравaнд, ки имрӯз дар фарорӯи ҷомеа қарор гирифтаанд» [64,5].

Китоби Матробов С.Қ., Усмонова М.Х., Ғуломалиева Р.Қ. «Забони тоҷикӣ» (барои донишҷӯёни низоми таҳсилоти кредитии ихтисосҳои тарҷумонӣ, забонҳои хориҷӣ ва рӯзноманигорӣ), -Душанбе, 2013 аз 306 саҳифа иборат буда, бо тартиби китоби забони тоҷикӣ (Матробов С.Қ., Абдуллоева П.П.) барои ихтисосҳои иқтисодӣ таҳия гаштааст ва танҳо аз лиҳози интихоби матнҳои тахассусӣ тафовут дорад.

Китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» муаллифон С. Анварӣ. Ш. Кабиров, Н.Каримов, барои ихтисосҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Душанбе, 2019, аз 288 саҳифа иборат буда, самараи татбиқи Қонуни забон аст. [8] Қисми дуюми китоб давоми бевоситаи ҳамон китоби қисми якум аст, ки мувофиқи барнома барои донишҷӯёни факултаҳои ғайрифилологӣ таълиф гардид.

Китоб аз шаш фасл: «Ҳусни баён», «Услубҳои забон ва сабкҳои адабӣ», «Услубҳои лексикаи забон», «Услубҳои морфологӣ», «Услубиёти синтаксисӣ» ва «Ҳуҷҷатнигорӣ» иборат аст. Китоб дар ҷумҳурӣ бори нахуст таълиф гардида, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти донишҷӯёни факултаҳои ғайрифилологии мактабҳои олӣ, омӯзишгоҳҳо ва мактабҳои ҳамагонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар китоби дарсӣ мавзуъҳои забон ва аҳамияти иҷтимоии он, забон ва Истиқлоли кишвар, мавқеи забони тоҷикӣ дар доираи хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва гурӯҳи забонҳои эронӣ, андешаҳои бузургон оид ба мақоми забон, таърихи алифбо ва хат, талаффуз ва имло, алифбои нави забони тоҷикӣ, имлои баъзе садодорҳо, имлои баъзе ҳамсадоҳо, имлои харфҳои мушаддад, тақсими калима ба ҳиҷо, ҳодисаҳои савтӣ (фонетикӣ), имлои исм, имлои сифат, имлои шумора, имлои ҷонишин,имлои феъл, имлои сифати феълӣ, имлои феъли ҳол, имлои зарф, имлои калимаҳои ёвар, наҳв ва аломатҳои китобат, манбаъ ва роҳҳои инкишофи забони тоҷикӣ, таркиби луғавии забони тоҷикӣ, таснифи калима ва ҷиҳати баёни маъно, калимаҳои куҳна (матрук) ва маҳдудистеъмол, пайдоиши вожаҳои нав дар забон, мавқеи истилоҳот дар забон, калимаҳои кабеҳ ва малеҳ, ибораҳои маҷозӣ (фразеологӣ),услубҳои (сабкҳо) забони тоҷикӣ, ҳуҷҷатнигорӣ, (санаднигорӣ) ва амсоли онро дар бар гирифтааст.

Китоби «Забони тоҷикӣ» мураттибон Каримов У. ва Абдулазизова С. (қисми 2) соли 2004, Душанбе, Деваштич) аз 182 саҳифа иборат аст [47].

Китоби мазкур аз шаш фасл: «Ҳусни баён», «Услубҳои забон ва сабкҳои адабӣ», «Услубҳои лексикаи забон», «Услубҳои морфологӣ», «Услубиёти синтаксисӣ» ва «Ҳуҷҷатнигорӣ» иборат аст. Дар китоб чунин мавзуъҳо: ҳусни баён, меъёрҳои забони адабии тоҷик, давраҳои забони тоҷикӣ, услубҳои забон ва сабкҳои адабӣ, каломи ҳусн – фасоҳат, балоғат, матонат ва ҷасорати сухан, услубҳои лексикаи забони тоҷикӣ, услуби синонимҳо, услуби омонимҳо, услуби калимаҳои зидмаъно, услуби калимаҳои нав ва куҳна, услуби воҳидҳои фразеологӣ, услуби зарбулмасалу мақол, услуби калимаҳои иқтибосӣ, услубҳои морфологӣ, услуби овозҳои нутқ, услуби исм, ифодаи номуайянӣ дар исм, услуби сифат, услуби ҷонишин, услуби феъл, сиғаҳои феъл, услубҳои синтаксисӣ, услуби ибора, хусусиятҳои услубии ҷумлаҳои сода ва ҷумлаҳои мураккаб, нақл ва хусусияти услубии он, ҳуҷҷатнигорӣ, услуби расмии коргузорӣ матраҳ гардидаанд.

Муаллифони китоб бар назаранд, ки «Мақсад аз омӯзиши «Ҳусни баён» баланд бардоштани малакаву маҳорати забондонӣ: такмили маҳорати суханварӣ, сухангустарӣ, омӯзиши мавқеи истеъмоли воҳидҳои луғавии забони тоҷикӣ, ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ ва истилоҳоти касбӣ мебошад» [47,6].

Дар ҳақиқат, забони адабӣ барои иншои асарҳои илмию бадеӣ, китобҳои дарсӣ, тартиб додани ҳуҷҷатҳои расмию коргузорӣ ва таълиму тарбия истифода мегардад. Ин забон дар гуфтори ҷамъиятӣ, садову симо, матбуоти давр хизмат мекунад ва дар омӯзонидани хориҷиён мавриди омӯзиш қарор мегирад. Он, -ба гуфти забоншинос Р.Ғаффоров, навъи намуна ва ибратомӯзи забони миллӣ буда, беҳтарин ва умумитарин унсурҳои забони умумихалқиро фаро мегирад ва ҷиҳати дақиқу фаҳмо, равшану возеҳ ифода намудани ақидаю ғоя, фикру ҳиссиёт лоиқ ва шоиста аст [33,13].

Китоби «Забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ» Аҳророва Г. ва Лутфуллоев Д. барои донишҷӯёни гурӯҳҳои русии ихтисоси иқтисодӣ чун дастури таълимӣ соли 2010 таҳия гардидааст [17]. Китоби мазкур аз 160 саҳифа иборат буда, дар китоби мазкур мавзуъҳои моҳият ва табиати забони тоҷикӣ, фонетика, овоз, ҳарф, зада ва мавқеи он дар забони тоҷикӣ, маълумот дар бораи морфология, исм, пешванд ва пасвандҳои исмсоз, сифат, дараҷаҳои сифат, шумора,ҷонишин ва сохти онҳо, феъл ва сохти он, масдар, сиғаҳои феълӣ, сифати феълӣ ва феъли ҳол, маълумот дар бораи ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, сермаъноии калимаҳо ҳамчун аломати боигарии забон, синонимҳо ва антонимҳо, маълумот дар бораи синтаксис, ибора,ҷумла ва хелҳои он, сараъзо - асоси грамматикии ҷумла, аъзоҳои пайрави ҷумла, маълумот дар бораи ҷумлаҳои мураккаб, маданияти нутқ, услубҳои забон ва хусусиятҳои услуби илмӣ, калимаҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ фароҳам оварда шудааст. Инчунин дар китоби мавриди назар матнҳо бо забони тоҷикӣ ва русӣ, луғати дузабона ва маҷмӯи машқҳо оварда шудаанд.

Китоби «Забони тоҷикӣ» (барои ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣва муносибатҳои байналмилалӣ): муаллифон Матробов С. ва Абдуллоева П. (Душанбе, 2009. 218 с.) дар асоси талаботи Стандарти давлатӣ таҳия шуда, аз фаслҳои «Забон ва муошират», «Имлои забони тоҷикӣ», «Истилоҳот,таъбирҳо, мафҳумҳо» ва «Услубҳои нутқ ва ҳусни баён» иборат мебошад.Дар китоб қоидаҳои имло, тарзи муошират намудан ва нутқи гуфтор дар асоси дастури забоншиносӣ таҳия гардида, мисолҳо дар баёни мавзуъ ва матнҳо барои машқ пурра аз китобҳои марбут ба соҳаи бонкӣ, инчунин аз қонунҳои марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ ва граждании, андоз ва молия истифода шудаанд ва тартиби дарсҳо мутобиқ бо дигар китобҳои ҳамноми муаллифон таҳия гаштааст.Дар охир "Вожанома" – луғати истилоҳоти ҳуқуқӣ оварда шудааст.

Дастури таълимӣ-методии «Забони тоҷикӣ» Ҷабборова М. барои донишҷӯён ва курсантони ихтисоси ҳуқуқшиносӣ (Хуҷанд, 2014. 216 с.) буда, он бо дарназардошти усули нави таълим таҳлил гардида матнҳои он аз ихтисоси таърих интихоб шудаанд [101]. Аз ин рӯ ин дастури таълимӣ асосан барои донишҷӯён ва курсантони ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ва алоқаманд ба он тавсия карда шудааст. Дар дастури таълимӣ моҳият ва табиати забони тоҷикӣ, маълумот дар бораи фонетика, меъёри талаффуз (орфоэпия), принсипҳои имлои забони тоҷикӣ, имлои ҳарфи «ӣ», мушкилоти имлои садонокҳо, мушкилоти имлои ҳамсадоҳо, мушкилоти имлои исм, мушкилоти имлои сифат, шумора, ҷонишин, мушкилоти имлои шаклҳои феълӣ ва имлои зарф, мушкилоти имлои пешоянду пасоянд ва пайвандакҳо, мушкилоти имлои ҳиссача ва нидо, аҳамияти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, усули таҳияи матни маърӯзаи илмӣ, мавқеи аломатҳои китобатӣ, аломатҳои китобатӣ дар нутқи айнаннақлшуда, услубҳои забон ва хусусиятҳои услуби илмӣ, таҳлили матни тахассусӣ аз ҷиҳати забон ва услуб, калима ҳамчун воҳиди луғавӣ, усулҳои сохтани калимаҳо, сермаъноии калимаҳо ҳамчун аломати боигарии забон, лексикаи соҳавӣ: истилоҳот ва меъёрҳои истилоҳсозӣ, луғатҳои лингвистӣ ва энсиклопедӣ, кор бо фарҳангҳо, вазифаҳои услубии лексика, мавқеи муродифот ва мутазод дар матн, табу ва эвфемизм, сухани малеҳ ва қабеҳ, воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаҳои маъноиву услубии онҳо, усули созмони ибораҳо, мавқеи ҷумлаҳои сода ва мураккаб дар матн, хатоҳои услубӣ ва роҳҳои ислоҳи онҳо, ҳуҷҷатнигорӣ шарҳу тавзеҳ дода шуда, дар он барои корбарӣ матнҳои тахассусӣ оварда шудааст. Инчунин пас ҳар як мавзуъ луғати тахассусӣ тафсир дода шуда, барои санҷиши саводи донишҷӯён тестҳо низ оварда шудааст.

Дар ҳамаи китобҳо матнҳои вобаста ба забон тавре интихоб ва гузориш ёфтаанд, ки дорои далелҳои муътамади истифодашавии забон дар нутқ буда, дар айни замон дорои аҳамияти бузурги тарбиявӣ-эстетикӣ

ҳастанд. Бо ин мақсад матнҳои пурмазмуну шавқовар аз осори адибони маъруфи классик Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Аттор, Румӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳилолӣ, Сино, Ҷомӣ, Ғании Кашмирӣ, Муҳаммади Ҳиҷозӣ, Унсуралмаолии Кайковус, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, аз қаламкашони машҳури муосири тоҷик С.Айнӣ, М.Турсунзода, Ҷ.Икромӣ, С.Улуғзода, М.Қаноат, Л.Шералӣ, А.Самадов, Б.Собир, М.Шакурӣ ва дигарон интихоб шудаанд. Бояд гуфт, ки ба сифати матн инчунин насиҳатномаҳои бузургон, ҳикоёти латиф, панду андарзҳо ва зарбулмасалу мақолҳоро дар мавридҳои мувофиқ ба кор бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар мавриди истифодаи матнҳои тахассусӣ ҳаминро метавон гуфт, ки дарси забон ба ҷуз маърифати илмии хеш ба ташаккули маданияти нутқи шифоҳию хаттӣ дар таълими фанҳои тахассусӣ, ба ибораи дигар, аз бар кардани асосҳои илмҳои марбут ба ихтисоси донишҷӯён мусоидат намояд. Чунин гузориши масъалаи таълими фан тақозо дорад, ки мазмуну муҳтавои дастурҳои таълимӣ, аз он ҷумла, китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» бо ду мақсад: аз як тараф, аз бар кардани масоили забон ва маданияти нутқ, аз тарафи дигар, омӯзиши фанҳои тахассусӣ нигаронида шавад. Метавон гуфт, ки китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ», ки зикраш дар боло рафт, бо назардошти ҳамин талабот таълиф ва интишор шудаанд.

Чунонки таҷриба нишон медиҳад, муҳимтарин василаи таъмини омӯзиши самараноки забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар шиноси матн аст. Шарҳи масъалаҳои назарияи илми забон низ бо матн асос меёбад, аз ҷониби дигар, мазмуну муҳтавои маълумоти тахассусӣ низ аз матн бармеояд.

Принсипҳои интихоби матн ва умуман матн бояд:

1) дорои мазмуни мукаммал буда, афкори алоқамандро ифода намояд;

2) аз мафҳум ва истилоҳоти соҳавӣ бархурдор бошад;

3) ҷавобгӯйии талаботи меъёрҳои забон бошад [124,5].

Дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ омӯзгорро лозим аст, ки бештар ба матнҳои тахассусӣ рӯй орад. Масалан, вақте ки сухан аз калимасозӣ, роҳу усулҳои сохтани ибора, ҷойи аъзоҳои ҷумла, талаффузи сареҳ, оҳанги баён, қоидаҳои имло ва ё мавқеи аломатҳои китобат меравад, мисолҳоро аз матни тахассусӣ овардан ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин сурат дар шогирдон феълан тасаввуроте ҳосил мегардад, ки қоидаву қонунҳои забон ба ихтисоси онҳо пурраву бевосита тааллуқ дорад ва бар замми ин баъзе мавзуъҳои китоби дарсӣ донишҷӯёнро барои кор бо матни тахассусӣ омода месозанд.

Муҳаққиқ Эшонова Д. дар китоби худ «Кор бо матнҳои тахассусӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ» (Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ва гумруки мактаби олӣ) дастур медиҳад, ки мазмун ва усули кор аз рӯйи саволу супоришоти матнҳои тахассусӣ ба тариқи зайл роҳандозӣ гардад: Қисмати муҳимми кор бо матнро савол ва супоришот ташкил намояд, ки он дорои низоми ягонаи мантиқӣ буда, тибқи ҳар як банди он талаботи муайяни таълимӣ-методӣ гузоштаву ба эътибор гирифта шавад. Чунончи:

**Супориши 1. Донишҷӯён истилоҳоти соҳавии матнро ҷудо намоянд ва онҳоро хаттӣ шарҳ диҳанд.**

Аз маводи назариявӣ ва амалии дарсҳо донишҷӯён бо мафҳуми 1) лексикаи соҳавӣ; 2) истилоҳот, моҳият ва талаботҳо нисбат ба истилоҳсозӣ; 3) луғати касбӣ; 4) арго ва жаргонҳо ошно мешаванд. Маводи ин дарсҳо шогирдонро бо дониш оид ба моҳият, вазифа, хел ва хусусиятҳои истилоҳоти соҳавӣ мусаллаҳ менамояд. Ҳангоми дарс тавассути машқҳо ва саволу ҷавоби тестӣ дониш ва малакаи муҳассилин оид ба мавзуи истилоҳот мустаҳкам карда мешавад ва онҳо ба кори мустақилона аз рӯйи матн омода мешаванд.

Тибқи супориши 1 донишҷӯён матнро бодиққат хонда, истилоҳоти онро навишта мегиранд ва бо такя ба дониши худ дар мавриди зарурӣ бо ёрии фарҳанги истилоҳот мазмуни онҳоро мухтасар шарҳ медиҳанд. Зимни таҳлил муайян мегардад, ки кулли истилоҳот мансуб ба забони тоҷикианд ё хориҷӣ. Баъзан ду қарина (вариант)-и истилоҳот – ҳам тоҷикӣ ва ҳам хориҷӣ (иқтибосӣ) ба назар мерасад. Тавзеҳи решаи истилоҳот ва усули калимасозӣ дониши шогирдонро афзун ва дарси забонро шавқовар мегардонад.

**Супориши 2.** ***Донишҷӯён синоними калимаю ибораҳои зеринро дар хотир бояд нигоҳ доранд ва дар нутқашон истифода намоянд.***

Иҷрои ин супориш бо маводи назариявӣ ва амалии дарсҳои китоби дарсӣ алоқаманд аст. Донишҷӯён дар ин дарсҳо дар бораи моҳият ва вазифаҳои маъноию услубии синонимҳо дар матн маълумоти мушаххас мегиранд. Зимни мисолҳо таъкид мегардад, ки ба василаи синонимҳо гӯянда ё нависанда ба такрори калимаҳо роҳ намедиҳад, вожаҳои ҳаммаъно ё наздикмаъноро ёфта, дар матни муайян мавридшиносона, бо назардошти услуби баён истифода менамоянд.

Дар ин қисмати супориш 9-10 калима аз матн ҷудо карда шуда, синонимҳои онҳо сабт ёфтаанд. Вазифаи донишҷӯён он калимаҳоро бо муродифоташон дар хотир нигоҳ доштан ва дар мавриди баён истифода кардан аст. Ба тариқи муҳокима ва баҳс муайян кардани қаринаи беҳтарин аз қатори калимаҳои ҳаммаъно (аз рӯйи тоҷикӣ ё иқтибосӣ будан, қолаби суфта доштан ва ғ.) дарси забонро пурмазмун ва шавқовар мегардонад.

**Супориши 3.** ***Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб додан.***

Дар ин қисмати Саволу супоришот шаш ибора аз матни тахассусӣ интихоб ва зикр мегардад. Донишҷӯён бо истифода аз онҳо бояд ҷумлаҳо тартиб диҳанд, ки зимни он ду ҳадаф дар назар дошта шудааст:

1) сарфаҳм рафтан ба мазмуни ибораҳо;

2) дар ин замина дар матн (ҷумла) ба кор бурда тавонистани он ибораҳо, яъне ба воҳиди фаъоли захираи луғавии шогирдон ворид кардани ибораҳо мебошад.

Ин супориш омӯзандагони забонро водор менамояд, ки ибораҳоро ба қолаби ҷумла андозанд ва тавассути ҷумла фикри томро дар услуби илмӣ баён намоянд.

**Супориши 4.** ***Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намудан, мазмун ва тарз (қолаб)-и ҷумлабандиро дар хотир нигоҳ доштан.***

Тибқи ин супориш низ ду ҳадаф дар назар аст: аввалан, аз бар кардани мазмуни асосии матн, ки асосан дар ҷумлаҳои интихобӣ ифода ёфтаанд, сониян, эътибор додан ба усул (қолаб)- и ҷумлабандӣ ва амалан дар хотир нишондани он. Аз таҳлил бармеояд, ки фикр дар порчаҳои интихобӣ дар шакли ҷумлаҳои сода, мураккаб ва баъзан сертаркиба баён мегардад. Тавсия дода мешавад, ки агар қолаби ҷумлаҳои сода ба кор рафта бошад, бештар ба ҷойи аъзои ҷумла, мувофиқати мубтадо ва хабар, усули алоқаи калимаҳо дар ҷумла эътибор додан лозим аст. Дар ҷумлаҳои мураккаб ҷойи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, усули алоқаи онҳо, нақши пайвандакҳо дар ҷумлабандӣ бештар аҳамият дорад. Дар ин маврид низ ҷойи аъзои ҷумла ва вазифаҳои калимаву ибораҳои туфайлӣ низ дар мадди назар бошад.

**Супориши 5.** ***Аз матн ба саволҳо ҷавоб ёфтан.***

Матлаб аз ин банди супориш афзудани маҳорат ва малакаи бодиққатона мутолиа намудани матни таълимӣ мебошад. Қабл аз ҳама, ба саволҳои гузошташуда ҷавоби саҳеҳ ёфтан талаб менамояд, ки шогирдон матнро на сарсарӣ, балки бодиққат хонанд, сониян, ҷавоби худро дақиқ ба қолаби сарфу наҳви забони адабӣ андохта баён созанд. Дар қолабҳои меъёрии забони адабии тоҷикӣ ташаккул додани фикр ва хаттӣ ё шифоҳӣ иброз доштани он ба такмили дониш ва маҳорату малакаи фикрронӣ мусоидат дорад.

**Супориши 6.** ***Ба нақли мухтасари мазмуни матн бо риояи меъёрҳои забон (ҳусни баён) омода шудан.***

Ин банд супориши ҷамъбастӣ ба шумор меравад ва баёни мазмуни мухтасари матн дар асоси талаботи нутқи мураттаб ё алоқанок дар назар дошта шудааст. Барои мисол намунаеро аз дастури Эшонова Д. ин ҷо меорем. Матн:

**Мафҳум ва хусусиятҳои қонунгузории граждании**

Танзими ҳуқуқӣ – фаъолияти давлат оид ба дар соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ ҷорӣ намудани муташаккилию тартибот мебошад. Асоси ин фаъолият қонунгузорӣ, яъне маҷмӯи санадҳои ҳуқуқӣ, ки мақомоти қонунияти давлатӣ дар доираи салоҳияташ қабул мекунад, ташкил медиҳад.

Мақомоти Ҳокимияти давлатӣ, инчунин мақомоти олии Ҳокимияти иҷроия мувофиқи салоҳияти конститутсиониашон санадҳои меъёри ҳуқуқӣ қабул мекунад, ки мумкин танҳо ба як ё якчанд соҳаи ҳуқуқ, аз ҷумла ба ҳуқуқи гражданӣ ҳам дахл дошта бошад.

Маълум аст, ки ҳар як соҳаи ҳукуқ методи хоси худро дорад. Аз ин ҷиҳат барои ҳуқуқи гражданӣ хусусияти иҷозатӣ хос мебошад. Хусусияти асосии он ба шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ барои бо қонунӣ амалӣ гардонидани ташаббускорӣ имконият додан аст.

Шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ барои қонеъ гардонидани манфиатҳои қонунии молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии худ аз имкониятҳои ҳуқуқӣ пурра истифода бурда метавонанд. Барои ин ба иштирокчиёни муносибатҳои ҳукуқи гражданӣ ҳуқуқи баробар дода мешавад, ки ин қисми муҳими методи ҳуқуқи гражданӣ, хусусияти қонунгузории гражданӣ мебошад.

Принсипи иҷозатӣ дар ҳама гуна меъёрҳои қонунгузории гражданӣ сабт ёфтааст ва ба ҳамин субъектҳо дахл дорад, мавқеи ҳуқуқии онҳоро ба тартиб меандозад, алоқаи ҳуқуқиашонро танзим менамояд.

Қонунгузории гражданӣ хусусияти маҷбуркуниро низ пешбинӣ кардааст. Аммо ин хусусият аҳамияти ёридиҳанда дорад.

Дар намуди диспозитивӣ баровардани меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ – шакли маъмултарини сабти принсипи иҷозатии ҳуқуқи гражданӣ мебошад. Ин принсип ба шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ ҳуқуқ медиҳад, ки роҳҳои танзими муносибатҳои ҳуқуқии байнашонро худашон муайян намоянд. Агар субъектон аз ин ҳуқуқ истифода набаранд, он гоҳ муносибаташон мувофиқи қонун танзим карда мешавад. Меъёри диспозитивии ҳуқуқи гражданӣ мустақилияти иштирокчиёни (субъектони) муносибатҳои ҳуқуқиро маҳдуд наменамояд ва баробари ин он муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки аз назари давлат муҳиманд, бе танзим намегузорад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (қонунгузорӣ) ба қонун ва санадҳои зерқонунӣ ҷудо мешаванд. Қонун санади меъёрии ҳуқуқиест, ки мувофиқи тартиби муқарраршуда аз тарафи мақомоти қонунгузор ё бо роҳи раъйпурсӣ қабул карда мешавад ва масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти давлат ва ҷамъиятро танзим мекунад. Фармон ва дигар санадҳои меъёрие, ки ҳукумат, вазорату кумитаҳо мебароранд, санадҳои ҳуқуқие, ки ҳокимиятҳои маҳаллӣ (вилоятӣ, шахсӣ, ноҳиявӣ) қабул мекунанд, санадҳои зерқонунӣ мебошанд ва мазмунан бояд ба қонун мувофиқат кунанд.

**Савол ва супоришҳо:**

***1. Истилоҳоти соҳавии матнро ҷудо кунед ва онҳоро мухтасаран ва хаттӣ шарҳ диҳед.***

***2. Синоними калимаю ибораҳои зеринро дар хотир доред ва дар нутқ истифода баред:***

танзим – ба низом даровардан

санад – ҳуҷҷат

салоҳият – ҳақ (ҳуқуқ), қудрат доштан

мақомоти давлатӣ – идораҳои давлатӣ

конститутсия – сарқонун

гражданӣ – шаҳрвандӣ

метод – усул

меъёр – норма

фармон – амр

***3. Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед:***

санадҳои ҳуқуқӣ, салоҳияти конститутсионӣ, шахсони юридикӣ, қонунгузории гражданӣ, санадҳои зерқонунӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ.

*4.* ***Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуну қолаби онҳоро дар хотир нигоҳ доред****:*

Танзими ҳуқуқӣ – фаъолияти давлат оид ба…

Хусусияти асосии ҳуқуқи гражданӣ ба шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ додани…

Шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ барои қонеъ гардонидани манфиатҳои худ …

Принсипи иҷозатӣ ба шаҳрвандон ҳуқуқ медиҳад, ки…

Қонун санади меъёрии ҳуқуқиест, ки…

Дар намуди диспозитивӣ баровардани меъёрҳои ҳуқуқӣ…

***5. Аз матн ба саволҳо ҷавоб ёбед:***

1) Танзими ҳуқуқӣ чист?

2) Хусусияти иҷозатӣ доштани ҳуқуқи граждаиро чӣ навъ бояд фаҳмид?

3) Дар намуди диспозитивӣ баровардани меъёрҳои ҳуқуқӣ чӣ маъно дорад?

4) Қонун бо кадом роҳ қабул карда мешавад?

5) Зери мафҳуми санадҳои зерҳуқуқӣ чиҳо дар назар дошта мешавад?

***6. Бо нақли мухтасари мазмуни матн бо риояи меъёрҳои забон (ҳусни баён) омода шавед.***

Нутқи мураттаб ё алоқанок дар заминаи дониши муфассал, риояи тартиби фикр, робитаи мантиқии ҷумлаҳо, масъалагузорӣ ва хулосаву ҷамъбасти андешаҳо иборат аст. Ҳамчунин талаботи ҳатмӣ ва ягона дар нақли хаттӣ ё шифоҳӣ ин аст, ки навиштор ё гуфтор дар интихобу истеъмоли калимаҳо, ибораорой, ҷумлабандӣ, масъалаҳои имло ва талаффуз мутобиқ ба меъёрҳо (қоидаҳо)–и забони адабӣ бошад. Ба нақли мухтасари матни тахассусӣ ҳамаи шогирдон баробар тайёрӣ мебининад, вале дар дарс бо навбат интихобан пурсида мешаванд.

Ин пешниҳоди методии Эшонова Д. дар мавриди таълими забони тоҷикӣ аз рӯйи тахассуси донишҷӯён хеле ҷолиб буда, мо кӯшиш намудем, ки онро ҷонибдорӣ ва ба он пайравӣ намоем, зеро чунин равиши дарси амалӣ барои аз худ кардани истилоҳоти соҳавии матни тахассусӣ, шарҳи хаттии он, шиносой бо лексикаи соҳавӣ, истилоҳот, моҳият ва талабот нисбат ба истилоҳсозӣ, луғати касбӣ, арго ва жаргонҳо мусоидат намуда, маводи ин дарс шогирдонро бо дониш оид ба моҳият, вазифа, хел ва хусусиятҳои истилоҳоти соҳавӣ мусаллаҳ менамояд.

Инчунин дар дарс тавассути машқҳо ва саволу ҷавоби тестӣ дониш ва малакаи муҳассилин оид ба мавзуи истилоҳот мустаҳкам карда мешавад ва онҳо ба кори мустақилона аз рӯйи матн омода мешаванд, донишҷӯён дар ин дарс дар бораи моҳият ва вазифаҳои маъноию услубии синонимҳо дар матн маълумоти мушаххас мегиранд, ки ба ин васила захираи луғавии касбии онҳо ғанӣ мегардад, дар ибораороию ҷумлабандӣ балад мегарданд, афзоиши маҳорат ва малакаи бодиққатона мутолиа намудани матни таълимӣ амалӣ мегардад ва ниҳоят дар навиштор ё гуфтор дар интихобу истеъмоли калимаҳо, ибораорой, ҷумлабандӣ, масъалаҳои имло ва талаффуз мутобиқ ба меъёрҳо (қоидаҳо) – и забони адабӣ дониши фарогир ба даст меоранд.

# ХУЛОСАИ БОБИ ЯКУМ

Аз таҳқиқ ва баррасии масоили боби якум маълум мешавад, ки дар замони муосир талабот оид ба баландшавии сифати дониш, маҳорат ва малакаи хатмкунандагони мактабҳои олӣ рӯ ба афзунӣ мениҳад. Агар аз бар намудани донишҳои тахассусӣ як тарафи масъала бошад, тарафи дигари он - ташаккули маҳорати суханварӣ ва муоширати озод ва фасеҳ дар доираи ихтисос, шиносоии комил бо истилоҳоти тахассусӣ маҳсуб меёбад.Низоми муосири таҳсилотро ҳалли масъалаи зерин тақозо мекунад: тайёр кардани мутахассиси босаводе, ки дорои сифатҳои соҳибмаърифатӣ, таҳлили интиқодӣ, рушди тафаккури эҷодӣ ва маҳорати мутобиқ шудан ба фазои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад.

Дар сатҳи баланд донистани забони давлатӣ, меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик, шиносоии комил бо истилоҳоти тахассусӣ, дарки мутуни ихтисос, малакаи кор бо забони сарчашмаҳо ва донистани асосҳои имло ва ҳуҷҷатнигорӣ муҳим арзёбӣ шуда, мавзуъ ва мундариҷаи ҳар як мавзуи дарс тавре муайян мегардад, ки дар баробари пурра аз худ намудани барномаи таълимӣ сатҳи мустақилиятнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва донишҳои назариявии донишҷӯ-мутахассиси оянда ташаккул меёбад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми ҶТ пайваста кӯшиш менамоянд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон гардонда, тадбирҳои мушаххасро амалӣ гардонанд. Ҳамин буд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди маориф то давраи солҳои 2030»-ро қабул ва ба тасвиб расонд. Тибқи ин ҳуҷҷат то соли 2030 стандарту барнома ва китобҳои дарсӣ ҳамчун асоси донишомӯзӣ, сарчашмаи боэътимоди тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар руҳияи баланди худшиносии миллӣ, садоқат ба арзишҳои умумибашарӣ ва инсонӣ, парвариши ҳисси ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ хидмат намуда, дар асоси низоми ҷадиди “муносибати босалоҳият ба таълим” ба роҳ монда шаванд.

Ғояи асосии муносибати босалоҳият ба таълим дар амал истифода бурдани дониш, малака ва маҳорати парваридаи донишҷӯён мебошад. Ҳарчанд ин низом дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав маҳсуб ёбад ҳам, он дар афкори педагогии мардуми мо асрҳои аср боз арзи ҳастӣ дорад ва бояд гуфт, ки муносибати босалоҳият ба таълим тавассути фардикунонии раванди таълим ва фаъолмандии шахсияти омӯзанда амалӣ карда мешавад.

Дар шароити кунунии Тоҷикистон омӯзгорон батадриҷ ба фазои таълими босалоҳият ворид мегарданд ва агар ҳадаф салоҳиятмандии омӯзгору муҳассилин ва инчунин таҳсилоти босифат бошад, омӯзгор барои кор дар ҳолате роҳ дода шавад, ки агар дониши комил ва малакаву маҳорат дар самти раванди фаъоли таълим дошта бошад. Яъне, омӯзгор салоҳияти касбии мувофиқ ба талаботи гузошташуда дошта бошад.

Забони тоҷикӣ чун забони давлатӣ ва ҳамзамон ҳамчун забони муошырати ақаллиятҳои миллии маскуни Тоҷикистон ба таври амиқ бояд таълим дода шавад, то ғановату имконоти забон дар таҳкиму густариши алоқаҳои гуногуни узви ҷомеа ба таври муфид ва самарабахш истифода гардад. Вобаста ба ин нукта имрӯз масъалаи таълим ва тадриси забон, такмили равишу усулҳои самарабахши омӯзиши он ба яке аз мавзуъҳои муҳимми ҳаёти ҷомеаи имрӯза мубаддал гардидааст. Пайдо намудани роҳҳо ва усулҳои муассири таълими забон, истифода аз методҳои анъанавӣ ва санҷидашуда, ба кор бурдани таҷрибаҳои беҳтарини омӯзиш ва навовариҳо дар ин бахш ва такмили онҳо аз масъалаҳои муҳимме ба шумор мераванд, ки имрӯз дар фарорӯйи ҷомеа қарор гирифтаанд.

Дар боби якум хулосае зикр мегардад, ки мақсади таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ - такмил додани малакаю маҳорати суханварӣ ва баён карда тавонистани фикр, бе хато навиштан, мукаммал намудани дарки амиқи ҷиҳатҳои хоси забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи муошират ва интиқоли иттилоот, инчунин васеъ намудани ҷаҳонбинии умумигуманитарӣ дар такя бо фаҳмиши амиқи сатҳи коммуникативӣ,

маърифатӣ ва эстетикии донишҷӯён мебошад. Ба ибораи дигар, ташаккул додани салоҳияти коммуникативӣ-касбии мутахассиси баландихтисос, ки ба меъёри муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад.

Қобилияти мутахассис дар доираи муайян на танҳо ба дониш, маҳорат ва малакаи касбӣ вобастааст, балки ба инкишофи қобилияти иҷтимоӣ-коммуникативӣ ва шахсӣ-коммуникативӣ, инчунин ба таъмини дараҷаи эҷодии фаъолияти касбӣ алоқаманд аст. Яъне барои ҳар як мутахассис зарур аст доштани:

-истеъдоди иҷтимоӣ-коммуникативӣ (қодир будани иштирокчиён дар раванди ба вуҷуд омадани фаъолияти якҷояе, ки тавассути забон ва фаҳмиши маданияти иҷтимоӣ барои дастовардҳои вазифаҳои аниқ-суханронии расмӣ бо баромади илмӣ, презентатсия ва ғ. муносибатҳои байнишахсӣ барқарор менамояд);

-истеъдоди илмӣ-тадқиқотӣ (на танҳо захираҳои таркибии илмӣ ва методологияи эҷоди илмиро дар бар мегирад, балки маҳорати интихоб, коркард, муҳофизат ва паҳн намудани ахборро низ ташкил медиҳад);

-истеъдоди тахассусӣ-корӣ (ташкил намудани ин ё он муносибати шахсии тахассусӣ-корӣ, ки ба воситаи доштани малакаи забондонӣ ва дониши предметӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба вуҷуд меояд).

Дар боби якум оид ба хусусиятҳои фарқкунандаи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ва робитаи он бо илмҳои лингвистика, психология ва дидактика таваққуфи махсус шудааст, ки он аз консепсияи роҳу усули хос доштани таълиму тадрис бармеояд.Чунончи, илми забоншиносӣ аз қисматҳои гуногун (фонетика, грамматика (морфология ва синтаксис), лексика, фразеология, имло) иборат буда, ҳар яке хусусият ва вижагиҳои хоси хешро дорад.

Омӯзгори макотиби олӣ дар истифодаи рукнҳои забон усули шуурона дарк кардани ҳар як воҳидҳои мустақили забонро роҳандозӣ мекунад. Аз методҳое истифода мебарад, ки дар ташаккули салоҳиятмандии лингвистии муҳассилин мавқеи ҳалкунанда дорад. Зиёда

аз ин, дар самти робитаи методика таълими забон ва лингвистика яке аз масъалаҳои асосӣ лингвистикаи матн мебошад.

Лингвистикаи матн имкон медиҳад, ки таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар аз нигоҳи ҷамъбасти донишу маълумот аз забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва фарҳангшиносии муҳассилин ҷараён ёфта, дар ташаккули фарҳанги хониш, дарки образҳои асари бадеӣ, маҳорату малакаи ворид шудан ба ҷаҳони маърифат ва маънавияти муаллифи осори адабӣ, фаҳмиши комили мазмун ва мундариҷаи асари бадеӣ мусоидат менамояд.

Дар боби мазкур инчунин робитаи фанни методикаи таълими забон бо илми равоншиносӣ (психология) мавриди баррасии васеъ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, фаъолияти аналитикӣ ва синтетикии омӯхтани донишҳо, ташаккули маҳорат ва малака, рушди салоҳиятмандии забонӣ, муайян намудани сабабҳои асосии эҷод шудани мушкилот ва душвориҳо дар самти забономӯзӣ, рушди инфиродии муҳассилин ва амсоли он.

Робитаи методикаи таълими забони тоҷикӣ ва илми психология ба таҳкими пояҳои шуурона аз худ намудани маводи таълим аз ҷониби муҳассилин роҳ мекушояд. Донишҷӯ дар навбати аввал қонуниятҳо ва рӯйдодҳои забониро дарк мекунад, дар хотир нигоҳ медорад, дар таҷрибаи амалии забономӯзӣ ва забондонӣ, хоса, мавридҳои гуногуни муошират, гуфтор ва навиштор кор мефармояд ва ба ташаккули маҳорат ва малакаи пойдору устувор ноил мегардад.Чунин пайдарҳамӣ дар раванди таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути иҷрои амалҳои зерин тақвият меёбад: шунидан (дидан) – дарк кардан (фаҳмидан) – донистан – аз худ кардан –тавонистан – қудрат пайдо кардан.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар ба дидактика – назарияи умумии таълим робитаи зич ва қавӣ дорад. Қонуниятҳои дидактика дар ҳалли масъалаҳои муҳимми густариши низоми омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ, амсоли ҳадафи таълим, зинаҳои таълим, самти умумии таълим ҳамчун замина хидмат мерасонад.

Масъалаҳои тарбияи насли наврас ва ҷавонони муҳассилро фанни педагогика аз нигоҳи илмӣ ва асосҳои бунёдию методологӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, дар ин росто тавсияҳо ва дастурҳои хубро пешниҳод менамояд. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар  ба маслиҳатҳо ва тавсияҳои илми педагогика такя намуда, тавассути матнҳои адабӣ, тахассусӣ, системаи машқҳои гуногуни коммуникативӣ ва шифоҳию хаттӣ ягонагии раванди муштараки таълим ва тарбияро ба омӯзандагон нишон медиҳад.

Дар боби якум мо тасмим гирифтем якчанд китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ»-ро барои факултетҳои ғайрифилологӣ таҳлил ва муқоиса намоем ва андешаҳои худро оид ба сифатан беҳтар кардани вазъи таълим ва омӯзиши ин фанни таълим изҳор намоем. Маълум, ки дар таълими фанни Забони тоҷикӣ китоби дарсӣ маводи асосии назариявию амалӣ ба шумор меравад. Он бо Стандарти давлатӣ ва барномаи таълимӣ, ки аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, пурра мутобиқат дорад.

Дар айни замон мактабҳои олии кишвар аз рӯйи якчанд китобҳои дарсӣ (вобаста ба ихтисоси донишҷӯён) ба таълим фаро гирифта шудаанд. Аз ҷумла, Китоби «Забони тоҷикӣ»-и мураттибон А. Абдуқодиров ва З. Раҳмонов (Хуҷанд: Ношир соли 2009,-192 с.); Матробов С.Қ., Абдуллоева П.П. «Забони тоҷикӣ» (барои донишҷӯёни низоми таҳсилоти кредитии ихтисосҳои иқтисодӣ) -Душанбе, 2011,-266 с.); Матробов С.Қ., Усмонова М.Х., Ғуломалиева Р.Қ. «Забони тоҷикӣ» (барои донишҷӯёни низоми таҳсилоти кредитии ихтисосҳои тарҷумонӣ, забонҳои хориҷӣ ва рӯзноманигорӣ), -Душанбе, 2013 -306 с.); «Забони тоҷикӣ» муаллифон С. Анварӣ. Ш. Кабиров, Н.Каримов, (барои ихтисосҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Душанбе, 2019, -288 с.); Забони тоҷикӣ, мураттибон У. Каримов ва С. Абдулазизова (қисми 2), соли 2004,-182 с.; «Забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ» Г. Аҳророва ва Д. Лутфуллоев (барои донишҷӯёни гурӯҳҳои русии ихтисоси иқтисодӣ, соли 2010, - 160 с.;

«Забони тоҷикӣ» муаллифон С. Матробов ва П. Абдуллоева (барои ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ) Душанбе, 2009, -218 с.); Дастури таълимӣ-методии «Забони тоҷикӣ» М. Ҷабборова (барои донишҷӯён ва курсантони ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, Хуҷанд, 2014,-216 с.) ва амсоли он.

Китоби Эшонова Д. «Кор бо матнҳои тахассусӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ» (Дастури таълим барои донишҷӯёни ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ва гумруки мактаби олӣ) хеле ҷолиб мебошад. Мо кӯшиш намудем, ки онро ҷонибдорӣ ва ба он пайравӣ намоем, зеро равиши дарси амалӣ, ки дар китоби муаллиф пешниҳод шудааст, барои аз худ кардани истилоҳоти соҳавии матни тахассусӣ, шарҳи хаттии он, шиносоӣ бо лексикаи соҳавӣ,истилоҳот, моҳият ва талабот нисбат ба истилоҳсозӣ, луғати касбӣ, арго ва жаргонҳо мусоидат намуда, шогирдонро бо дониш оид ба моҳият, вазифа, хел ва хусусиятҳои истилоҳоти соҳавӣ мусаллаҳ менамояд.

Дар ҳамаи китобҳо матнҳои вобаста ба забон тавре интихоб ва гузориш ёфтаанд, ки дорои далелҳои муътамади истифодашавии забон дар нутқ буда, дар айни замон дорои аҳамияти бузурги тарбиявӣ-эстетикӣ ҳастанд. Матнҳо аз насиҳатномаҳои бузургон, ҳикоёти латиф, панду андарзҳо ва зарбулмасалу мақолҳои ибратбахш иборат буда, муҳассилинро дар руҳияи ахлоқу одоби баланди инсонӣ раҳнамун месозанд. Метавон гуфт, ки китобҳои дарсии Забони тоҷикӣ, ки зикрашон дар боло рафт, бо назардошти ҳамин талабот таълиф ва интишор шудаанд.

# БОБИ 2. МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА НИЗОМИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ НУТҚ ДАР АСОСИ МАТНҲОИ ТАХАССУСӢ ДАР ФАКУЛТЕТҲОИ ҒАЙРИФИЛОЛОГИИ МАКОТИБИ ОЛИИ ҶУМҲУРӢ

## 2.1 Асосҳои илмӣ-методии ташаккули фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ аз забони тоҷикӣ

Мувофиқи асосҳои илмӣ-методӣ дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар мо низоми тозабунёдро дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим таҳия кардем, ки моҳият, мазмун ва мундариҷаи он дар боби зерин пешниҳод мегардад. Машғулиятҳои забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ тобеи қолаб ва низоми ягона буда, аз қисмҳои зерин иборатанд: маълумоти мухтасари назариявӣ тибқи мавзуи дарс, кор бо матн, иҷрои қисмати савол ва супоришот, луғатомӯзӣ (луғати тафсирӣ ва тахассусӣ), саволу ҷавоби тестӣ.

Иҷрои супоришот, ки низ аз системаи муайяни корҳои амалӣ иборат аст, аз бандҳои алоҳида – ҷавоб ба саволҳо, кор бо матн, иҷрои машқҳо иборат аст. Дар ҳар як дарс луғатомӯзӣ, яъне аз бар кардани 10-12 вожаи нав дар назар дошта шудааст, ки дар воситаҳои ахбори умум роиҷ ва ба шарҳу тафсир эҳтиёҷ доранд.

Муҳтавои дарсро масъалаҳои зерини забоншиносӣ ва маҳорату малакаи суханварӣ ташкил менамоянд;

1) масъалаҳои асосии назария (мухтасар) ва амалияи маданияти нутқ марбут ба калимасозӣ, истеъмоли калима, ибораорой, ҷумлабандӣ ва меъёрҳои талаффузи сареҳ;

2) кор бо матни алоқаманд бо мақсади инкишофи нутқи мураттаб;

3) аз бар кардани қоидаҳои имло (мушкилоти имлои ҳарфҳои

садоноку ҳамсадо, қоидаҳои аз сатр ба сатр кӯчонидани қисми калима, имлои даҳ ҳиссаи нутқ);

4) мавридҳои истифодаи аломатҳои китобатӣ;

5) масъалаҳои услуби забон ва шарҳи муфассали услуби илмӣ бо мақсади ошно ва омода кардани донишҷӯён ба омӯзиши матнҳои таълимии тахассусӣ;

6) ҳосил кардани малакаҳои корбарӣ бо вожаномаҳои лингвистӣ ва энсиклопедӣ;

7) шинос намудани донишҷӯён бо моҳияти корҳои илмии тадқиқотӣ, навъҳо ва хусусиятҳои сохтории онҳо; омӯзонидани шогирдон бо роҳу усулҳои таҳияи маърӯзаи илмӣ;

8) дар заминаи талаботи маданияти ҳуҷҷатнигорӣ ошно намудани донишҷӯён бо назария ва амалияи таълифи ҳуҷҷатҳои расмӣ.

Ҳамаи ин бандҳои фаъолияти омӯзгор дар маҷмӯъ ба афзудани ҳисси дарки меъёрҳо ва назокати забон, вусъати маданияти нутқи шифоҳию хаттӣ, маҳорат ва малакаи кор бо луғатҳои соҳавӣ ва энсиклопедӣ, шиносоӣ бо моҳият ва раванди корҳои илмии тадқиқотӣ, фарҳанги ҳуҷҷатнигорӣ равона гаштаанд.

Низоми мазкур ба матн ва интихоби он, кор бо матнҳои тахассусӣ асос ёфтааст. Интихоби машқҳо ба матнҳо қисмати дигари масъала аст. Пеш аз машқҳо самти назариявии кор гузаронида мешавад. Системаи пешниҳодшуда аз 116 машқ иборат аст, ки аксарияти онҳо вазифаҳои пеш аз матн ва баъди матн иҷрошавандаро дар бар мегиранд.

Чунончи, методист Ҳакимова Ш. дар бобати истифодаи машқ дар ташаккули нутқи хаттӣ ва шифоҳии донишҷӯён қайд менамояд: «Яке аз усулҳое, ки дар таълими забони тоҷикӣ баҳри донишҳои назарии донишҷӯёнро дар амал мустаҳкам намудан ва намоиш додан дар ҳар дарс истифода бурда мешавад, мансуб ба коркарди машқҳои гуногун буда, бо унвони усули машқ маъмул аст. Мафҳуми «усули машқ» васеъ буда, аз

ҷумла таҳлили грамматикӣ ҳам як навъи он, яъне машқ, ба шумор меравад. Иҷро намудани талаби машқҳо ва ё маҷмӯи машқҳо дар таълими забони тоҷикӣ яке аз усулҳои самараноки мустаҳкамкунии мавзуъҳо маҳсуб мешаванд» [168.41].

Дар ҳақиқат, дар ҷараёни иҷрои талаби ҳар як машқи пешниҳодшуда ҳаминро ба назар гирифт, ки на танҳо донишҳои назарии донишҷӯён аз грамматика, инчунин (фонетика ва лексика) мустаҳкам мешаванд, балки дар онҳо малакаҳои нутқи мураттаб, хониши бурро, дурустнависӣ, кор фармудани аломатҳои китобат ҳам инкишоф дода шавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки иҷрои машқҳои ҳархела дар он сурат натиҷаи хуб медиҳанд, ки агар мунтазам бо як низоми муайян, аз осон ба душвор, ки як навъи машқ донишҷӯёнро ба иҷрои анвои дигари машқ омода созад, гузаронида мешаванд.

Дар иртибот ба гуфтаҳои фавқ, муҳаққиқон чор навъи машқҳоро тавсия кардаанд, ки риоя намудани тартиби иҷрои онҳо дар таълими забони тоҷикӣ хеле муҳим мебошад:

1) машқҳо барои шинохтани ягон ҳодисаи марбути грамматикӣ аз байни ҳодисаҳои дигар;

2) мустақилона тартиб додани шаклҳои матлуб ва ё ҷамъ намудани ҳамон гуна мисолҳо;

3) Рӯйнавискунӣ бо супоришҳои грамматикӣ;

4) Машқҳое, ки ба инкишофи нутқ нигаронида шудаанд.

Роҷеъ ба иҷрои машқҳо чунин талабот таъкид гардидааст: «Машқҳоро тавре тартиб додан лозим аст, ки шакли матлуби грамматикии онҳо дар назари донишҷӯён намоён шуда наистад, балки барои онҳо имкони ҷудо кардан, муқоиса намудан, бо ҳам омехтани як шакл ба шакли дигари ба он монанд бошад (масалан, муайян намудани пасванди –он дар калимаҳои зерин: одамон, занон, даҳон, ҷаҳон). Ин

ҳолат хонандагонро водор мекунад, ки машқро беаҳамиятона иҷро накунанд, балки фикр кунанд ва бомасъулиятона иҷро намоянд» [112, 74].

Бояд гуфт, ки талабот доир ба иҷрои машқҳо ва риояи низоми иҷрои онҳо дар таълими забони тоҷикӣ пурра татбиқшавандаанд. Сарфи назар аз ин пешниҳодоти фавқ, дар таҷрибаи муаллимони забони модарӣ чунин навъ амалҳо ё худ иҷрои машқҳо бештар ба мушоҳида гирифта мешаванд, ки дар бобати дар амал татбиқ намудани донишҳои назарии донишҷӯён ҳатман натиҷаи дилхоҳ медиҳанд. Чунончи:

1. Таҳлили грамматикӣ (шифоҳӣ ва хаттӣ).
2. Тағйир додани шаклҳои морфологӣ дар матн (масалан, ҷонишини шахси якум - ман-ро ба мо) иваз намудани калимае ба синонимаш (чунончи, калимаи илм-ро бо дониш) ва ғ.
3. Мукаммал намудани ҷумлаҳо (ҷумлаи хулласро ба тафсилӣ, ҷумлаи яктаркибаро ба дутаркиба, аз ҷуфти ҷумлаҳои сода сохтани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ё тобеъ ва ғ.)
4. Мустақилона сохтани калимаҳои нав (сохта, мураккаб, таркибӣ), ибора (сода ва мураккаб) ва хелҳои гуногуни ҷумла.
5. Навиштани нақл, навиштани иншо, эссе бо супоришҳои грамматикӣ (фонетикӣ, лексикӣ ва аломатҳои китобат).

Ҳамин тавр, дар раванди таълими забони тоҷикӣ иҷрои машқҳои аз ҳар ҷиҳат ба мавзуъҳои таълимӣ мувофиқ зарурат доранд. Маҳз тавассути иҷрои машқҳо маводи назариявии забон дар зеҳни донишҷӯён мустаҳкам нақш баста, ба малакаҳои устувори дониш табдил меёбанд ва ин супоришҳоро бо салоҳдиди муаллим зимни баёни мавзуи нав, вақти мустаҳкамкунии мавзуъ, дар машғулиятҳои амалӣ, дар лаҳзаҳои КМРО (кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор) ва КМД (кори мустақилонаи донишҷӯ) иҷро кардан салоҳ аст.

Бояд гуфт, ки имрӯз масъалаи таълими забони тоҷикӣ чун забони давлатӣ, такмили усулҳои самарабахши омӯзиши ин фан ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа мубаддал гардидааст. Барои ворид

шудан ба фазои таҳсилоти ягонаи ҷаҳонӣ омӯзгоронро зарур аст, ки ба таълими фанни забони тоҷикӣ беш аз пеш диққат дода, аз имконоти замони муосир ба таври васеъ истифода баранд.

Таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар тақозо мекунад, ки дар рафти таълим чи дар машғулиятҳои амалӣ ва ташкили кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (КМРО) аз усулҳои фаъол ва интерактивӣ фаровон истифода барем [168.231].

Қобили тазаккур аст, ки ду навъи корҳои мутақилонаи донишҷӯён вуҷуд дорад:

1. Кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (КМРО)

2. Кори мустақилонаии ҳафтаина.

Кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (КМРО) тибқи Низомнома бояд чунин бошад:

1.Кори мустақилонаи донишҷӯёне, ки тибқи низоми кредитӣ таълим мегиранд, аз 2/3 ҳиссаи меҳнатталабии омӯзиши ҳар як фанро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор 50% вақт барои кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии устод ҷудо карда мешавад.

2.КМРО бо мақсади омӯзиши иловагии маводи таълимӣ аз фанҳои алоҳида, қабули санҷишҳои ҷорӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо бо донишҷӯёне, ки аз фанҳои алоҳида рейтинги фосилавии паст доранд, ташкил карда мешавад.

3. Ҳалли масъалаи дар ҷадвали дарсӣ дарҷ ёфтан ё наёфтани КМРО ва ба сарбории устодон аз фанҳои алоҳида пурра ё қисман дохил намудани соатҳо барои ин амал ҷудошуда ба ихтиёри муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузошта шуда бо қарори Шӯрои олимон тасдиқ карда мешавад.

4. Гузаронидани мусоҳиба бо донишҷӯён, ташкили бозиҳои касбӣ, дисскусияҳо, тафтиши вазифаҳои хонагӣ (корҳои санҷишӣ) ва корҳои курсӣ, инчунин қабули имтиҳонҳои ҷорӣ ва фосилавӣ (рейтингӣ)-ро дар бар мегирад.

5. Кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор барои омӯзиши ҳамаи фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ пешбинӣ мешавад.

6. Нақша ва тарзи гузаронидани КМРО бо нишондоди мавзуъҳо, вазифаҳо ва микдори соатҳо дар комплекси таълимӣ-методӣ доир ба фанни омӯхташаванда дарҷ меёбад.

7.Баҳогузорӣ ба натиҷаи кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор тибқи низоми холдиҳӣ-рейтингӣ сурат мегирад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳама вақт КМРО тибқи Низомнома ташкил ва гузаронида мешавад. Одатан КМРО бо мақсади омӯзиши иловагии маводи таълимӣ аз фанҳои алоҳида, қабули санҷишҳои ҷорӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо бо донишҷӯёне, ки аз фанҳои алоҳида рейтинги фосилавии паст доранд, ташкил карда мешавад. Дуруст аст, ки КМРО давоми мантиқии машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ аст, аммо набояд дар дарсҳои КМРО донишҷӯён бо маводи хушки назариявӣ андармон гарданд.

Он бояд тариқи дарсҳои амалӣ дар шаклҳои гуногун: мубоҳиса, санҷишу пурсиши хаттиву даҳонӣ, гузаронидани корҳои гуногуни хаттӣ бо истифодаи ҷадвалҳо, дарс-экскурсияҳо, бозиҳои зеҳнӣ, овезаҳои таълимӣ, тестҳо, саволномаҳои интерактивӣ, истифодаи компютер ва асбобҳои намоишдиҳӣ, сохтани слайдҳо, тайёр кардани аёниятҳо гузаронида шуда, бояд ҳар як матлаби КМРО дар зеҳни донишҷӯ ба таври фаромӯшношуданӣ ҷой гардад [168.231].

Мақсади дарси забони тоҷикӣ, ки тибқи Стандарти давлатӣ «Забони тоҷикӣ аз рӯйи ихтисос» ном дорад ва ба ҳайси як фанни ҳатмӣ ба нақшаи таълимӣ ворид шудааст, тақозо мекунад, ки масоили забон ва рушди нутқи мураттаби муҳассилин тибқи ихтисоси интихобшудаи онҳо омӯхта шавад. Дар рафти дарс кӯшиш карда шавад, ки мафҳум ва истилоҳоти тахассусиро донишҷӯён хуб омӯхта бошанд, кор бо матнҳои тахассусиро ёд гиранд. Тавонанд, ки адабиёти марбути ихтисоси худро аз забонҳои дигар ба забони давлатӣ бе ҳеҷ душворӣ тарҷума намоянд.

Чунин ташкил намудани дарсҳои КМРО аз фанни забони тоҷикӣ интегратсия ва ё ҳамгироии фанҳо низ ном дорад. Интегратсия ё ҳамгироии фанҳо яке аз усули муҳимми таълим аст, ки ба хонандагон дарки беҳтари мавзуъ ва омӯзиши амиқи фунуни мухталифро дастрас менамояд. Албатта, аз ин шеваи таълим бояд ба мантиқ ва маврид истифода кард. Ба ғайр аз ин, омӯзгор ҳангоми алоқаманд кардани мавзуъҳои ду фан бояд дар бораи ҳар дуи онҳо дониши амиқ дошта бошад [168,233].

Фанни забони тоҷикиро метавон ба ҳамаи фанҳои таълимӣ ё худ ҳамаи ихтисосҳо ҳамгиро намуд. Зеро ягон фанни таълимӣ наметавонад бидуни омӯхтану донистани забон ба даст ояд ва ҳар дигаргуние, ки дар тараққиёти улум ба вуқуъ мепайвандад, бевосита дар забон инъикоси худро меёбад. Барои мисол метавон дар вақти иҷрои машқҳо аз матни зерин истифода намуд:

**АЛХОРАЗМӢ**

Алхоразмӣ Муҳаммад ибни Мӯсо соли 780 дар Хева таваллуд шудааст. Ӯ ҳайатшинос, риёзидон, муаррих ва ҷуғрифодони асрҳои миёна маҳсуб мешавад. Дар замони зиндагии ӯ илми риёзӣ дар заминаи анъанаҳои қадимаи маданияти бостонӣ тараққӣ карда буд. Дар ин давра мактабҳои риёзии Бағдоду Димишқ ва Қоҳира амал мекарданд. Дар онҳо масъалаҳои гуногуни ҳисоб, ҳандаса, мусалласот баррасӣ мегардиданд.

Алхоразмӣ дар асари худ «Алҷабр ва алмуқобала» ҳалли муодилаҳои квадратиро тадқиқ карда, ба илми алгебра асос гузоштааст. Маънои алҷабр дар риёзиёт барқарор кардан аст, вале баъди тарҷумаи китоби мазкур ба забонҳои дигар, аз ҷумла, ба забони лотинӣ бо номи «Либер Алгоризм», яъне китоби Хоразмӣ машҳур шуд ва минбаъд номи Алхоразмӣ, лотиниаш Алгоризм дар Ғарб ба номи **алгебра** табдил ёфт [210.351].

Дар вақти иҷрои машқ бо матни мазкур донишҷӯён дар бораи этимологияи калимаи алгебра, таърихи бавуҷудоии он маълумот ба даст меоранд. Инчунин он барои инкишофи ҳисси хештаншиносии хонанда мусоидат менамояд.

Таҳлили мафҳумҳо ва истилоҳоти фунуни дигар ба хотири дастрас гардонидани маводи он фанҳо низ яке аз роҳҳои алоқамандсозӣ ва ё худ интегратсияи фанҳо муқаррар мешавад.

Дар КМРО мо инчунин ҳалли тестҳои бисёрҷавоба, якҷавоба ва озодҷавобро ба роҳ мемонем. Корҳои хаттии гуногун, аз қабили диктант, нақли хаттӣ, нақл аз рӯйи расм, нақл пас аз экскурсия гузаронида мешавад.

КМД ё худ вазифаи хонагӣ бо роҳи гузаронидани луғатомӯзӣ ба назар гирифта шудааст, зеро мо ин корро усули самараноки таълим медонем, инчунин коре, ки барои анҷом додани он вақти зиёдро талаб мекунад. Луғатомӯзӣ дар таълими фанни забон яке аз бахшҳои асосӣ ба шумор рафта, аз он сатҳи забондонии шахс муайян мегардад. Аз ҳамин сабаб дар барномаи таълимии забони тоҷикӣ ҳам барои мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумиву касбӣ ва ҳам барои мактабҳои олӣ ба масъалаи луғатомӯзӣ аҳамияти хоса дода шудааст.

Истифодаи луғати имло дар ҷараёни омӯзиш ва ба даст овардани малакаи имло муассирияти таълимро баланд бардошта, барои дурусту беғалат навиштани калимаҳо мусоидат менамояд.

Муаллим бо овардани далелҳои боэътимод исбот намояд, ки луғатномаи имло бояд китоби рӯйимизии шогирдон бошад. Он дар ҳамаи ҳолатҳо мушкилкушои шогирдон ба ҳисоб меравад. Омӯзгор андешаи худро асоснок карда, ба шогирдон таъкид месозад, ки аввалан тамоми калимаҳои забонро фаро гирифтани дарс ва китобҳои дарсӣ аз имкон берун аст. Сониян, забон ҳамеша дар таҳаввулу тағйирот аст ва ҳар сари чанд вақт калимаҳои нав сохта мешаванд ва калимаҳои иқтибосӣ ба забон ворид мегарданд.

Ба хотири дурусту беғалат навиштани чунин вожаҳо ба луғати имло ҳамеша бояд муроҷиат кард. Махсусан ҳангоми навиштани корҳои мустақилонаи эҷодӣ зарурате пеш меояд, ки шогирдон ба луғатномаҳои зикршуда истинод намоянд. Ба он бояд муваффақ шуд, ки шогирдон дар қадами аввал алифбо, яъне тартиби ҳарфҳоро ёд гиранд. Донистани тартиби ҳарфҳо имкон медиҳад, ки ҳарчи зудтар калимаи лозима аз луғат пайдо карда шавад.

Дар барномаи таълимии забони тоҷикӣ барои факултаҳои ғайрифилологии мактабҳои олӣ низ, ки аз рӯйи он китоби «Забони тоҷикӣ» (муаллифонаш А.Абдуқодиров ва З.Раҳмонов, Хуҷанд, 2009) таълиф гаштааст, луғатомӯзӣ ҳамчун як лаҳзаи дарс мавқеи калон дорад.

Дарсҳое, ки аз фанни забони тоҷикӣ аз рӯйи ихтисоси донишҷӯён ба андозаи 3 кредит дар давоми сол ба нақша гирифта шудаанд, қолаб ва тартиби ягона дошта, аз лаҳзаҳои шарҳи маводи назариявӣ, кор бо матн, луғатомӯзӣ, иҷрои машқу супоришҳо ва суолу ҷавоби тестӣ иборатанд, вале луғатомӯзӣ дар байни ин корҳои таълимӣ муҳимтар ба шумор меравад, зеро мусаллам гаштааст, ки зинаи аввали забондонӣ ба луғатомӯзӣ марбут аст.

Таҷрибаи корӣ ва мушоҳидаҳои мо нишон медиҳад, ки луғатомӯзӣ бояд дар ду самт – бевосита ва бавосита ҷараён гирад. Дар барномаи таълимӣ низ ҳамин самтҳои кор пешбинӣ шудаанд.

Самтҳои луғатомӯзиро дар машғулиятҳо ба гуфти методист Тиллохоҷаева М. метавон чунин ихтисос дод:

**1.Самти бевоситаи луғатомӯзӣ** – ин чунин маъно дорад, ки дар ҷараёни дарс вобаста ба луғатомӯзӣ корҳои муайян бевосита ба анҷом расонида мешаванд.

Як лаҳзаи дарс дар таълими фанни забони тоҷикӣ аз руйи ихтисос «Луғатомӯзӣ» ном гирифтааст, ки мутобиқи он донишҷӯён бо 10-12 калимаи нисбатан душворфаҳм, вале барои мутахассисон ва аҳли

маърифат зарур ошно мешаванд. Калимаҳо аз воситаҳои ахбори омма, китобҳои дарсии тахассусӣ гирифта шудаанд. Ин далели он аст, ки онҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба кор меравaнд ва донистанашон барои ҳар як тоҷикзабони соҳибмаърифат ҳатмист. Муаллимон метавонанд ба ҷои баъзе аз инҳо калимаҳои дигар интихоб намоянд.

Лаҳзаи дигари луғатомӯзии бевосита вобаста ба матни тахассусӣ маҳсуб мешавад. Тавре ки тазаккур ёфт, дар дохили ин гуна матнҳо низ калимаю ибораҳо ва истилоҳоти душворфаҳм фаровон ба назар мерасанд.

Табиист, ки дар давоми як соати дарсӣ маънидод намудан ва эзоҳ додани ҳамаи онҳо мушкил аст. Бинобар ин мо тавсия медиҳем, ки муаллим вобаста ба зарурат аз байни чунин истилоҳот чанд ададашонро мувофиқи салоҳдиди худ шарҳ дода, ташреҳи боқимондаашонро чун супориш дар машғулиятҳои КМРО ва КМД супориш диҳад ва дар дарси оянда ҳатман он супориши хонагиро санҷад.

**2.Самтҳои бавоситаи луғатомӯзӣ** аз қисматҳои муҳимми омӯзиши забон ба ҳисоб мераванд. Дар ин маврид донишҷӯён ба калимаҳои нав вобаста ба мавзуи дарс шинос мешаванд ва сатҳи луғатдонии худро васеъ мекунанд. Бисёр мавзуъҳои дар барномаи таълимӣ ба нақша гирифташуда ба ин мусоидат мекунанд [92,95].

Бояд гуфт, ки луғатомӯзиро бе алоқамандӣ ба дигар қисматҳои дарс ба роҳ мондан тавсия намешавад. Дар фурсати кӯтоҳ донишҷӯ наметавонад дар қисмати луғатомӯзӣ мазмуни 10-15 вожаи душворфаҳм ё навро аз худ кунад, бинобар ин мо дар таҷрибаи кори худ ба ғайр аз қисмати луғатомӯзии дарс дар қисматҳои дигари он низ ба ин масъала аҳамият медиҳем.

Агар омӯзгор хоҳад, ҳатто диктанти санҷишии баъди ҳар се соати дарс пешбинишударо низ бо мақсади луғатомӯзӣ истифода бурда метавонад. Чунончи, баъди навиштани матн супориш медиҳад, ки аз

дохили он ба таври интихобӣ чанд луғатро шарҳ диҳанд ё бо воҳидҳои луғавии муайян ҷумла созанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бо тарзу усулҳои гуногун ба роҳ мондани луғатомӯзӣ самараи бештар медиҳад. Ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ аз донишҷӯён талаб кардани шарҳи маънои вожаҳои душворфаҳм дар радифи дигар саволҳои ба мавзуъ алоқаманд низ аз аҳамият холӣ нест. Бо сабаби кам будани соатҳои дарсӣ, ки барои таълими забони тоҷикӣ ва маданияти сухан 3 кредит (72 соат) бахшида шуда, аз он 24 соат машғулиятҳои амалӣ, 24 соат КМРО ва 24 соат барои КМД ҷудо шуда, тамоми супоришҳоро дар дарс иҷро кардан ғайриимкон аст, бинобарон системаи машқҳо барои иҷрои супоришҳои аудиторӣ ва ҳам хонагӣ пешбинӣ мегардад.

Ҳангоми интихоб ва сохти мавод мо мушаххасоти фаъолияти таълимии донишҷӯён, хусусиятҳои амалияи нутқи онҳо, хусусияти вазифаҳоеро, ки бо фаъолияти касбии мутахассисони оянда алоқаманданд, ба назар гирифтем. Системаи машқҳо аз забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ барои баланд бардоштани маданияти нутқи шифоҳӣ ва хаттии донишҷӯёни ихтисосҳои таърих, ҳуқуқ, барои дар онҳо ташаккул додани малакаҳои нутқи муассир, шаклҳои гуногуни нутқи муошират дар асоси луғат ва дастгоҳҳои консептуалӣ таҳия шудааст. Мо чунин мешуморем, ки маводи дидактикии курси донишгоҳии забони тоҷикӣ ва маданияти сухан бояд аз мактаб бо мураккабӣ ва муташаккилӣ фарқ кунад, аз ин рӯ, матнҳои муосири мундариҷаи дахлдор истифода шуданд, ки тамоми кори курс ба он асос ёфтааст.

Аз гуфтаи М.Р.Львов бармеояд, ки воҳиди олии ташаккули нутқ матн аст, на ҷумлаи алоҳида:«Матн маҳсули фаъолияти нутқест ... фазои гуфтор, майдони баёни фикр аст. Дар доираи ин фазо ташаккул меёбад, стратегияи нутқ ташаккул меёбад .... Дар ҷараёни нутқ, дар матни тавлидшуда, ҳар ҷумла танҳо дар ҷузъиёт нисбатан мустақил аст: ҷумлаҳо

ба мантиқ итоат мекунанд, на баръакс. Андешаи куллӣ тавассути матн ифода мешавад, на ба воситаи ҷумла» [61,36].

Бояд қайд кард, ки мутахассисони ҷавон, хатмкардагони донишгоҳҳо бояд дар фаъолияти касбии худ қобилияти эҷоди нутқро дошта бошанд, матни мувофиқ сохта тавонанд, маҳорати нутқи монологиро аз худ кунанд. Бо ин мақсад, вазифаҳои пеш аз матн ва баъд аз матн барои такмил додани малакаҳои эҷоди матн, таҳлили онҳо таҳия карда мешаванд.

## 2.2 Матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ

Мусаллам аст, ки матн ба таври анъана объекти (назаргоҳи) илми лингвистика (забоншиносӣ) шинохта шудааст. Дар заминаи таҳлили матн маълумот ва дониш оид ба сохтор, вазифа ва истифодаи воҳидҳои забон аз фонемаҳо то ҷумла ба даст меояд. Сарфи назар аз ин матн дар асолати хеш ҳамчун воҳиди мустақил, ҳамчун навиштаи комил (китоб, рисола, асари бадеӣ) то замони кашф шудани «лингвистикаи текст» мавриди таҳқиқи махсуси забоншиносӣ қарор наёфта буд. Муддатҳои тӯлонӣ забоншиносон дар атрофи чунин масъалаҳо, амсоли «Матн чӣ гуна ба амал омадааст?», «Аз кадом воҳидҳои забонӣ мураттаб ёфтааст?», «Тавассути кадом қоидаву қонунҳо сохта шудааст?», «Сохтори матн чӣ гуна аст?» ва монанди ин ибрози андеша ва мулоҳизот кардаанд.

Аз таҳлили ҳамаҷонибаи олимон ва донишмандони масъалаи мазкур (А.А.Потебня, А.М.Пешковский, В.В.Виноградов, Л.В.Шерба, Г.О.Винокур, Н.М.Шанский, М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Х. Каримова, С.Э. Негматов, Р.Р. Рамазанова ва дигарон) бармеояд, ки матн қабл аз ҳама маҳсули муошират ва муносибат тариқи нутқ (суханронӣ,

суханварӣ, сухандонӣ, суханоройӣ) мебошад. Аз ин лиҳоз дар шарҳу тафсири муосири матн масъалаҳои умдаи самти коммуникативӣ мақоми махсус пайдо карда, лингвистикаи матн ҳамчун соҳаи илми алоҳида бо ҳадафҳо ва вазоифи хоси хеш – муайян намудани моҳият ва асосҳои фароҳам овардани шарту шароити муоширату муомилоти байниинсонӣ зуҳур мекунад.

Аз доираи проблемаҳои гуногуни лингвистикаи матн мо ба масъалаҳое руҷӯъ мекунем, ки барои илми методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар аҳамияти аввалиндараҷа ва муҳим доранд. Қабл аз ҳама, масъалаи моҳияти матн ҳамчун объекти забономӯзӣ ва умуман забоншиносӣ. Барои методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ матн моҳиятан ва мантиқан чунин арзёбӣ мегардад: «Матн на чун муттасилӣ ва пайвастагии озоди воҳидҳои забон, чунончи, ҷумла, ки тавассути он матн ба амал меояд. Яке аз нишонаҳои асосии матн тарзи ташкили пайванди бомазмун ва бомантиқи кулли воҳидҳои забон аст» [31, 95].

Матн, ба ин маънӣ, маҷмӯи ғайримуқаррарӣ ва одии пайвастагии воҳидҳои забон набуда, он инъикоси навиштаҳоест, ки мувофиқи қоидаву қавоиди илми забоншиносӣ ва мантиқи фикру баён мураттаб ёфтааст. Чунин равиши ташаккул ва тартиби эҷоди матн ҳам дар шакл ва ҳам дар мазмун ифода меёбад. Чунончи, дар бобати мазмун матн тавассути тартиби ҷойгиршавии воҳидҳои маъноӣ бунёд мешавад. Нисбат ба риояи қоидаву қонунҳои зоҳирии матн мо тартиб ва ҷобаҷогузории ҷузъҳои шаклии он – хусусиятҳои жанрӣ ва композитсионии онро низ ба назари эътибор гирифтем.

Ҳамин тариқ, матн ҳамчун категорияи лингвистӣ бо хусусиятҳои барҷастаи пуррагӣ ва мукаммалӣ, таҳияи бомақсад ва ҳадафгири хеш чи дар самти мазмун ва чи дар шакл дар заминаи риояи қонуниятҳои илми забон (лингвистика) муаррифӣ мегардад.

Акнун саволи дигаре бармеояд: матни таълимӣ чист ва он аз нигоҳи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ ҳамчун категорияи методӣ чӣ гуна бояд роҳандозӣ гардад?

Мухтасаран ва мантиқан матни таълимӣ ҳамчун маводе пеши назар меояд, ки соҳаи махсуси муомила ва муошират тавассути таълимро дар назар дорад, ки ба иҷрои асолатҳо ва принсипҳои муҳимми дидактикӣ – иттилоотӣ, тарбиявӣ, рушдёбӣ ва таҳлилӣ-ҷамъбастӣ нигаронида шудааст.

Мусаллам аст, ки ҳангоми таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии ҷумҳурӣ матнҳои гуногун: бадеӣ, илмӣ-оммавӣ, публитсистӣ, тахассусӣ, ки махсус навишта ва мураттаб шудаанд, мавриди омӯзиш қарор доранд. Матнҳо мувофиқи меъёрҳо, хадафҳои методӣ ва принсипҳои муайян интихоб мешаванд. Масалан, матнҳои бадеӣ дар шакли пурра, қисман ва ё дар шакли кӯтоҳ ва мувофиқгардондашуда истифода мегарданд.

Дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ матн вазифаҳои махсусро ба иҷро мерасонад: нахуст ҳамчун намунаи таҳияи гуфтори (баёни) мустақили муҳассил ҷилва намуда, сипас роҳу равиши истеъмоли воҳидҳои омӯхташавандаи забонро дар нутқи донишҷӯ инъикос менамояд. Ин ду вазифаи ба ҳам тавъам дар таҳияи матни таълимӣ аз нигоҳи истифодаи дурусти қоидаву қонунҳои забон мақоми махсус ба иҷро мерасонад. Дар ин самт матнҳои дар китобҳои дарсӣ пешниҳодшуда, ки аз диалог, монолог ва амсоли он иборатанд, ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки онҳо бо такя бар мутуни додашуда нақли мухтасари хешро мураттаб созанд.

Боз кадом вазифаҳоро матни таълимӣ метавонад ба иҷро расонад? Дар робита ба гузориши чунин суол тазаккур медиҳем, ки ҷараёни таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ раванди муомила, муносибат ва муошırати омӯзгорро бо муҳассилин рӯйи кор меорад. Дар ҷараёни чунин амал матн вазифаҳои гуногунро дар робита ба муносибати омӯзгор бо донишҷӯён ба анҷом мерасонад.

Чунончи, барои омӯзгор матн ҳамчун объекти таълим ва воситаи назорат зуҳур намуда, барои муҳассилин объекти омӯзиш, фаҳмиш ва дарки мазмуну мундариҷаи он, чун сарчашмаи маълумот ва иттилоот маҳсуб меёбад.

Вазифаҳои зикршудаи матн хусусият ва тавсифоти мушаххаси онро намоён мекунад. Масалан, матн ҳамчун сарчашмаи маълумот бо арзишҳои иттилоотӣ, тавсифӣ-ҳиссиётӣ, маърифатӣ-зеҳнӣ маъруф буда, завқу шавқ ва рағбати муҳассилинро дар мавриди дарки мазмун ва мундариҷаи он бедор мекунад. Дар ин росто, матн ҳамчун объекти тафаҳҳум ва омӯзиши саҳеҳу дақиқ барои дарки сохтори мантиқӣ-маъноӣ ва ҷузъи забонии он бояд хидмати бузургро ба анҷом расонад.

Инак, матни таълимӣ ҳамчун категорияи методӣ дорои вазифаҳои мушаххас буда, дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ мақоми хоси маърифатӣ-зеҳнӣ ва тарбияviро ба иҷро мерасонад. Мақоми махсуси матн дар он зуҳур меёбад, ки он ҳадафи ниҳоии таълим, мундариҷаи таълим ва методҳои интихобшудаи таълим маҳсуб меёбад. Чунончи, дар илми лингводидактикаи муосир, ки асосҳо ва принсипҳои таълими забонро роҳандозӣ мекунад, алъон муносибати коммуникативӣ-фаъолгардонӣ (коммуникативно-деятельностный подход) пешрав аст.

Моҳияти ин муносибат дар он тазаккур меёбад, ки дар раванди омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ташаккули малакаҳои суханронӣ ва муошират ҳамчун ҳадафи ниҳоии таълим, асоси мазмун ва мундариҷаи он ба шумор меравад. Ба ибораи дигар, таълими роҳу усул ва равиши муошират мазмун ва мундариҷаи он, ҳадафи муошират мақсади ниҳоии он мебошад. Азбаски воҳиди асосии муомила ва муошират матн ба шумор меравад, маҳз он, яъне матн (на ҷумла ва на гуфтору изҳори фикр) воҳиди олии таълим пазируфта мешавад.

Таълими ба парвариши малакаҳои гуфтор, нутқ ва суханронӣ равонашуда ба ташаккули салоҳияти коммуникативии муҳассилин роҳи васеъ мекушояд. Донишҷӯён имкон пайдо мекунанд, ки тавассути

воситаҳои забон вазифаҳои мушаххаси коммуникативиро (қобилияти баёни фикр, матлаб, мулоҳиза, андешаҳо) дар мавридҳои гуногуни гуфтор ва нутқ ба иҷро расонанд. Чунин принсип консепсияи фаҳмиш ва идрокро ҳамчун асоси баёни фикр, изҳори матлаб ва мақсад арзёбӣ мекунад. Яъне салоҳияти коммуникативӣ бештар ва аксаран тавассути омӯзиши матн, таҳлилу баррасии мазмун ва мундариҷаи он рушд ва такмил меёбад.

Ҳамин тариқ, дар мавриди роҳандозии муносибати босалоҳият ва коммуникативӣ ба мундариҷаи таълим ба ҷуз маводи забонӣ (минимумҳои орфоэпӣ, луғавӣ, фразеологӣ, грамматикӣ) инчунин маҷмӯи маҳорат ва малакаҳои гуфтор (нутқ) ва минимуми матнҳои таълимиро бояд пешбинӣ ва ворид кард (интихоби матнҳо мувофиқи тахассус ва мавзуъҳои ҳаётан зарури тематикӣ).

Минимуми матнҳои таълимӣ аз маҷмӯи матнҳои типи гуногун иборат буда, дар роҳи дарку фаҳмиши мазмуну мундариҷаи онҳо муҳассилин бояд омода гарданд. Таҳияи минимуми матнҳои таълимӣ проблемаи мубрами лингводидактикаи муосир, аз ҷумла, методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар мебошад. Дар ин самт яке аз вазифаҳои мушкил типологияи матнҳои таълимӣ дар заминаи асосҳои илмӣ-методии проблемаи мазкур арзёбӣ мегардад.

Ҳангоми кор бо матнҳои таълимӣ бояд меъёрҳои забон ба назар гирифта шавад. Таваҷҷуҳи зиёд ба он дода шавад, ки чӣ гуна усули қабул ва интиқоли иттилоот тавассути интернет, интихоби дурусти матн ба амал меояд. Намудҳои гуногуни супоришоту машқҳо тамоюли маърифатии донишҷӯёнро фаъол мегардонад, зеро ташаккули малакаҳои нутқро асосан хусусияти таҳлилӣ таъмин мекунад.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ мо ба ҷузъҳои зерини фарҳанги суханронӣ ва маданияти нутқ тавассути муносибати босалоҳият ба таълим такя кардем:

- ниёзмандӣ-ҳавасмандгардонӣ (дараҷаи огоҳии донишҷӯён аз аҳамияти касбии забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ);
- маърифатӣ (дониш ва ғояҳои меъёрӣ, коммуникативӣ, ҷанбаҳои ахлоқӣ ва риторикии маданияти нутқ, ошкор сохтани хусусияти эҷодии он ва татбиқи бомуваффақияти фаъолияти касбӣ);
- фаъолият (азхудкунии усулҳои эҷоди матни ҳар услубе, ки ба вазъият мувофиқат мекунад, воқеиятро ба таври кофӣ инъикос мекунад ва ба мафҳум мувофиқ аст);
- эмотсионалӣ-арзишӣ (инъикоси огоҳии донишҷӯён оид ба арзиши забон ва маданияти нутқ, иштироки фаъолона дар муошират, ифодаи таҷрибаи мусбӣ дар раванди фаъолияти касбӣ).

Ҳангоми тартиб додани системаи машқҳо, усулҳо ва усулҳои рушди нутқи донишҷӯён мо ба пешниҳодҳои В.А.Артемов такя намудем [11 С.15].

В.А..Артемов фарқи се усули рушди нутқро баён кардааст: ретсептивӣ, репродуктивӣ, самаранок ва мувофиқи усулҳо:

1) хондани луғат, риояи қоидаҳои забон дар нутқ, нишон додани матнҳои намуна, омӯхтани алгоритми тавлид ва дарки матн, татбиқ аз қоидаҳо. Усули ретсептивӣ барои ташаккули дониш доир ба нутқ ва мафҳумҳои нутқ, дар бораи роҳҳои фаъолияти нутқ истифода мешавад;

2) тартиб додани ибораҳо ва ҷумлаҳо, кор бо матни вайроншуда, интихоб ва дохил кардани калимаҳо аз рӯи маъно, тафсири калимаҳо бо истифодаи луғат, таҳлили матн бо истифодаи алгоритм. Хусусияти усули репродуктивӣ ин намоиши матнҳои намунавӣ мебошад, ки тақлиди он зарурати эҷоди матни худро дар сатҳи ба ин монанд бармеангезад;

3) муайян кардани мавзуи асосӣ, андешаҳо, таҳлили матн, тартиб додани нақша, интихоби маводи забонӣ ва воқеӣ, услубсозӣ (сохтани матн дар мавзуи шабеҳ, аммо услуби дигар), моделсозии воҳидҳои лингвистии сатҳҳои гуногун.

Усулҳои самарабахши хусусияти ҷустуҷӯии мушкилот, қисман дар таҳияи нақшаи матн, таҳлили он, таҳрир ва ғайра амалӣ карда мешаванд. Усули самарабахш усули пешбари рушди нутқи донишҷӯён ба ҳисоб меравад. Системаи машқҳо, тавре ки аллакай гуфта шуд, ба кор бо матнҳои мувофиқ асос ёфта, супоришҳои пеш аз матн, пеш аз матн ва баъди матнро дар бар мегирад.

Вазифаҳои пеш аз матн асосан лингвистӣ мебошанд. Вазифаҳои пеш аз матн ба ташаккули хотира бо такрор дар вариантҳои гуногун, барои ташаккули малакаи пешгӯии эҳтимолӣ, масалан, вазифаҳое ба монанди ворид кардани калимаҳои гумшуда ё пур кардани ҷумлаҳо пешниҳод карда мешаванд, нигаронида шудаанд. Машқҳое, ки барои аз худ кардани як падидаи грамматикӣ ё воҳиди луғавӣ дар ҷумла сохта шудаанд, ба чунин марҳилаи азхудкунӣ, ба мисли дарк мувофиқат мекунанд. Вазифаи таҷдиди репродуктивии хонишро машқҳои тақлидӣ иҷро мекунанд. Ҳангоми хондани мавод дар заминаҳо, шаклҳои гуногун истифода мешавад.

Ҳамин тавр, пеш аз матн чунин вазифаҳо гузошта мешаванд: ҷумлаҳоро хонед, калимаҳои душворфаҳмро шарҳ диҳед, мазмуни матнро нақл кунед ва амсоли ин. Ҳамаи усулҳои дар боло овардашуда барои фаҳмидани падидаи лингвистӣ тарҳреҳӣ мешаванд ва асосан дар вазифаҳои пеш аз матн, ки ба ташаккули чунин малакаҳо равона карда шудаанд, истифода мешаванд, аз қабили: маънои калимаҳои ношиносро аз рӯи контекст муайян намоед, бо истифода аз луғатҳои ишорашуда иборaҳо созед, ҳангоми тартиб додани матн аз воситаҳои алоқа истифода баред, воҳидҳои луғавӣ ва сохти синтаксисиро пешгӯӣ кунед. Ҳадафи супоришҳои пеш аз матн рафъи мушкилоти хондан мебошад, бинобар ин онҳо ба марҳилаҳои муайяни азхудкунӣ: дарк, тақлид, мушоҳида ва истифода равона карда шудаанд.

Дар марҳилаи вазифаҳои матнӣ муносибати коммуникативӣ барои хондан, яъне барои истихроҷи миқдори зарурии иттилоот ташаккул меёбад. Амалисозии вазифаҳо дар асоси матн дар шакли дастурҳо барои хондани матн, сарлавҳаи он, ёфтани калимаҳое, ки бори бузурги маъноӣ доранд ва ғ. нигаронида мешавад.

Вазифаҳои баъди матн асосан вазифаҳои нутқ мебошанд, ки барои амалӣ намудани малакаҳои иҷрои амалҳои нутқ пешбинӣ шудаанд: мубоҳисаҳо оид ба мушкилот, муайян кардани вазифаи коммуникатсионии матн, муайян кардани ҷумлаҳое, ки вазифаи матнсозиро иҷро мекунанд, кӯтоҳ кардани матн бо сабаби ҷумлаҳое, ки маълумоти асосӣ надоранд ва ғ., вазифаҳо барои фаҳмидани матн, муайян кардани ғояи асосии он, муайян кардани мавзуъ пешбинӣ шудаанд; қобилияти фаҳмидани он, ки вазифаи коммуникатсионии матн чӣ гуна амалӣ карда мешавад, муайян кардани он ки чӣ гуна инкишоф меёбад ва ғайра.

Барои таълими бомуваффақияти намудҳои кори хаттӣ донишҷӯ бояд тамоми маҷмӯаи малакаҳо ва малакаҳои ташаккулёфтаро истифода барад, инчунин малакаҳои тартиботи олиро, ки дар сатҳи тавлиди матни ҳаҷми калон амалӣ карда мешаванд, истифода барад.

Матнҳои калон ба қисмҳо тақсим карда мешаванд, ки омӯзиши онҳо мушкилоти дарк ва фаҳмиши тамоми матнро бартараф мекунад. Таваҷҷуҳи зиёд ба таҳияи нақшаҳои номинативӣ ва саволҳо, таҳрири матнҳо, барқарор кардани матн тавассути калимаҳои калидӣ дода мешавад. Ҳангоми иҷрои чунин вазифаҳо нутқи монологии донишҷӯён инкишоф меёбад. Таълими нутқи диалогӣ бо ҷавоб ба саволҳо, инчунин вазифаҳои муҳокима асос ёфтааст ва масалан, пеш аз пешниҳоди системаи машқҳо барои таълими забони тоҷикӣ ва маданияти нутқи донишҷӯёни ихтисоси таърих, таърих ва ҳуқуқ ва ихтисосҳои ба он наздик аз рӯи матни мувофиқ арзёбии ҳаҷми дониши назариявӣ, малакаҳои амалии маданияти

нутқ, саводи хаттӣ ва санҷиши сатҳи нутқи хаттӣ ва шифоҳии донишҷӯёнро зарур мешуморем.

Ҳадди ақалли дониши назариявӣ ва амалӣ инҳоро дар бар мегирад: аз ҷониби донишҷӯён аз худ кардани меъёрҳои забони муосири тоҷикӣ ва маданияти нутқ, ки бо фаъолияти касбӣ алоқаманд аст, инчунин донистани таърихи инкишофи забон, таҳияи матнҳои мураттаб аз рӯйи ихтисос.

Натиҷаҳои мусбати таълими забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ аз доираи муайяни малакаҳое вобастаанд, ки бояд мунтазам ва ҳадафмандона инкишоф ёбанд. Малакаҳои истифодаи дурусти калимаҳоро дар назар доранд, ки интиқоли дақиқи маъноии сухан, интихоби дурусти калимаҳо, истифодаи калимаҳои бисёрмаъно, муродифҳо, паронимҳо, калимаҳои иқтибосӣ ва ғ. дар назар дорад. Инчунин ташаккули қобилияти донишҷӯён барои эҷод ва таҳлили матнҳои тахассусӣ буда, ба қобилияти истифодаи луғатҳо ва маълумотномаҳо аҳамияти калон дода мешавад.

Натиҷаҳои омӯзиши таҷрибавӣ асосан аз он иборатанд, ки кадом машқҳо, чӣ қадар мунтазам ва дар пайдарпай иҷро мешаванд, ки ин дар навбати худ бо ҳадафҳо ва вазифаҳо муайян карда мешавад.

Раванди таълими забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ бештар ба азхудкунии луғати касбӣ асос ёфтааст. Бинобар ин дар машқҳо мо бештар аз матнҳои тахассусӣ истифода кардем, ки раванди таълимро ба воқеияти фаъолияти касбии мухассилин наздик кард.

Раванди азхудкунии луғатҳои тахассусӣ ду марҳиларо дар бар мегирад:

1. Огоҳӣ аз зарурати омӯзиши луғат. Донишҷӯён мушоҳида мекунанд, ки онҳо аксар вақт маънои дақиқи калимаи истифодабурда ва пайдоиши онро намедонанд.

2. Такмили захираи луғавии онҳо. Дар раванди кор бо таркиби луғавии машқҳо, донишҷӯён луғат ва таҷрибаи истифодаи онро дар сухан ҷамъ мекунанд.

Пеш аз маҷмӯи машқҳо маълумоти назариявӣ гузошта мешавад, ки тавсифи меъёрҳои забони адабӣ, имло ва пунктуатсия, услубҳои функсионалии забони тоҷикиро дар бар мегирад. Ҳангоми пешниҳоди мавод самти касбии ин курс барои донишҷӯён, фаъолияти таълимӣ ва илмии онҳо, ки қобилияти навиштани рефератҳо, корҳои хаттӣ ва санҷишӣ, кори курсӣ ва амсоли инро талаб мекунанд, ба назар гирифта шуданд. Асосҳои маданияти нутқ дониши заруриро дар бораи сохти забони тоҷикӣ дар бар мегиранд.

## 2.3 Системаи машқҳо ва матнҳои тахассусӣ дар таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ

Дар фаъолияти ҳамарӯзаи инсон муомила ва муошират тавассути забон мақоми хосро ишғол мекунад. Қобилият ва салоҳияти коммуникативӣ дар фаъолияти касбӣ унсури асосии робитаи мутахассис буда, имкон медиҳад, ки шахс дар рушди иҷтимоии хеш пеш равад, дар иҷрои самарабахши вазифаи ба уҳда гузошта муваффақ бошад. Робитаи иттилоотӣ-коммуникативии мутахассиси ин ё он соҳа бо дониши комили забонӣ, фаъолияти суханронӣ ва нутқи пурмазмуни вай намоён мегардад. Дарки ин раванд ташаккул ва такмили қобилият ва салоҳияти гуфтору муоширатро бо дарназардошти мавриди сухан, вазъ ва ҳадафҳои нутқ пешбинӣ мекунад. Тавассути фаъолияти нутқ дар раванди муошират ниёзҳои иҷтимоӣ ва коммуникатсионии инсон амалӣ мегардад.

Ҳангоми сухан фикр ҳамеша дар ҷараёни ташаккул ва рушд қарор дорад. Бесабаб нагуфтаанд, ки забон ва тафаккур ба ҳам тавъам буда,

маҳсули якдигаранд. Аслан забон маҳсули фикр аст. Агар қобилияти фикрронӣ паст бошад ва инсон фикрашро баён карда натавонад, пас вай соҳибзабон нест. Таҳияи фикр иттилоот ва изҳоротро тавлид мекунад, онро ба кор меандозад. Дар заминаи донишҳои ҳосилшудаи забонӣ шиносӣ бо мундариҷаи матн ба амал омада, фикр сайқал меёбад, мазмун ва мундариҷаи матн равшан мегардад, мубодилаи афкор ҳусну асолати муоширатро таъмин мекунад. Ба ибораи дигар, фаъолияти нутқ ба қобилияти эҷод ва дарки матн роҳ мекушояд.

Намудҳои фаъолияти нутқро вобаста ба субъектҳои ироашаванда ва қабулшаванда тақсим мекунанд. Гуфтор ва навиштор намудҳои пурсамари фаъолияти нутқ мебошанд, ки эҷоди матнҳоро дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ дар бар мегиранд. Шунидан ва хондан намудҳои қабулкунандаи фаъолияти нутқ мебошанд, ки бо дарки матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ алоқаманданд.

Тибқи барномаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ мавзуъҳои зерин таълим дода мешаванд.

Барномаи корӣ:

| |
|---|
| Мавзуи 1. Забон ва аҳамияти иҷтимоии он. Забони тоҷикӣ дар масири таърих.<br>Мавзуи 2. Хат ва алифбои имрӯзаи тоҷикӣ. |
| Мавзуи 3. Савтиёт (фонетика)-и забони тоҷикӣ.<br>Мавзуи 4. Имлои забони тоҷикӣ. Имлои садонок, баъзе ҳамсадо, йотбарсар ва калимаҳои ташдиддор |
| Мавзуи 5. Исм ва имлои он.<br>Мавзуи 6. Имлои исмҳои хос. Мавридҳои бо ҳарфи калон навишта шудани исмҳо |
| Мавзуи 7. Сифат ва имлои он.<br>Мавзуи 8. Имлои шумора ва ҷонишин |
| Мавзуи 9. Феъл ва имлои он. |

| |
|---|
| Мавзуи 10. Феълҳои тасрифнашаванда ва имлои онҳо. |
| Мавзуи 11. Зарф ва имлои он.<br>Мавзуи 12. Ҳиссаҳои ёвари нутқ ва имлои онҳо (пешоянду пасоянд ва пайвандакҳо). |
| Мавзуи 13. Имлои ҳиссача ва нидо.<br>Мавзуи 14. Таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва хусусиятҳои он. Луғатҳо ва истифодаи онҳо. |
| Мавзуи 15. Калимаҳо аз рӯйи баромади забонӣ.<br>Мавзуи 16. Таснифи калимаҳо аз рӯйи ифодаи маъно ва истеъмол. |
| Мавзуи 17. Истилоҳот ва хусусиятҳои он. Истилоҳоти соҳавӣ. |
| Мавзуи 18. Наҳв (синтаксис) ҳамчун қисми грамматика. Ибора ва хелҳои он. |
| Мавзуи 19. Ҷумла ва аъзоҳои он. Хусусиятҳои ҷумлаи сода. |
| Мавзуи 20. Ҷумлаи мураккаб. Ҷумлаи мураккаби пайваст. |
| Мавзуи 21. Ҷумлаи мураккаби тобеъ. |
| Мавзуи 22. Мавқеи аломатҳои китобат дар матн. |
| Мавзуи 23. Услубҳои забони адабӣ. Услуби илмӣ ва бадеӣ. |
| Мавзуи 24. Услуби расмӣ-коргузорӣ. |

Бояд гуфт, ки ҷаҳони имрӯз бо рушд ва инкишофи бемайлони технологияҳои пешрафтаи иттилоотиву иртиботӣ аз замони пешинаи башарият фарқи куллӣ дорад ва яке аз омилҳои муҳимтарини гироиш ба ҷаҳонишавӣ маҳсуб меёбад. Чунин шароити замони муосир тақозо менамояд, ки ба масъалаи таълими забони модарӣ ва тарбияи мутахассисони шоистаи давру замон, ташаккули салоҳияти касбӣ-муоширатии онҳо аз дидгоҳи дигар наздик шавем.

Сарбории таълимии фаъоли омӯзгорони забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии мактабҳои олӣ аз гузаронидани машғулиятҳои аудиторӣ - дарсҳои лексионӣ, лабораторӣ, амалӣ,

семинарӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор иборат буда, интихоб ва истифодаи усулу методҳои пешрафтаи таълимӣ дар фазои фарохи иттилоотӣ, ки роҳу усул ва технологияҳои гуногуни таълим ба кор бурда мешавад, дар такмил ва ташаккули салоҳияти касбии мутахассисони оянда хеле муҳим мебошад.

Машғулияти аудитории амалӣ яке аз шаклҳои фаъолияти таълимии донишҷӯён ва фаъолияти мустақилонаи онҳо таҳти роҳбарии бевоситаи омӯзгор ба шумор рафта, ба таври ҳатмӣ дар ҷадвали дарсӣ гузошта шуда, ба сарбории таълимии омӯзгор ва сабақомӯзии донишҷӯ ворид мегардад ва аз тарафи омӯзгори фанни таълимӣ, мудирияти кафедраҳо, садорати факултетҳо ва роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди назорат қарор мегирад.

Тибқи муқаррароти тартиби машғулияти аудитории амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми кредитии таҳсилот, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон  аз 30-юми декабри соли 2015, №31/25 тасдиқ шудааст, вобаста ба самт ё ихтисоси донишҷӯён машғулияти аудитории амалӣ дар шакли машғулияти амалӣ (практикӣ), машғулияти семинарӣ, машғулияти лабораторӣ (кори лабораторӣ) ва ғайра гузаронида мешавад.

Интихоби роҳу усулҳои ташкил ва баргузории машғулиятҳои амалӣ, истифода аз навтарин технологияҳои таълимӣ, воситаҳои таълим, мавриди баҳрабарорӣ қарор додани усулҳои фаъоли таълим, истифодаи пурмаҳсули имконоти мавҷудаи таълиму тадрис барои омода кардани кадрҳои соҳибтахассуси босалоҳият ва дар бозори меҳнат рақобатпазир хеле муҳим аст [171,345].

Дар ҳама давру замон муносибат ба таълим метавонад тағйир ёбад, тарзҳои таълим дигар хел ба роҳ монда шавад. Чунончи, имрӯз дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти Стратегияи рушди маориф ба муносибати босалоҳият ба таълим рӯй оварда шудааст. Дар раванди таълиму тадрис толибилм, хоҳ хонандаи муассисаи таълимии

миёнаи умумӣ ва хоҳ донишҷӯйи донишгоҳи олӣ бошад, симои асосӣ маҳсуб меёбад ва мақсади ниҳоии таълиму тадрис тавсеаи ҷаҳонбинӣ, саводнокӣ, ташаккули дониш, маҳорату малака ва салоҳиятмандии муҳассилин аст [166,41].

Методисти маъруфи ватанӣ академик Лутфуллоев М. қайд менамояд: «Агар аз муаллимони фанҳо пурсед, ки чаро дониши бачаҳо аз фанни шумо бо ҳар ду по мелангад, тахминан ҷавоб медиҳанд, ки: Намедонам, ман дарс медиҳам, дарсҳоямро бо тайёрии пухта ва асбобҳои аёнӣ мегузаронам. Бале, муллим дарс медиҳад ва шояд тайёрии пухта ҳам бинад. Ана касодии кори мо ҳам дар ҳамин аст. Мо дарс медиҳем ва ҳар рӯз мактаб меоему меравем. Вале оё дарси моро, мазмуни мавзуи дарси моро, моҳияти назарию амалии дарси моро бачаҳо мефаҳманд ё не, ба ин коре надорем. Чаро? Зеро муаллим вазифаашро анҷом медиҳад, - мегӯяд, мефаҳмонад. Талабаҳо - чӣ? Онҳо хомӯшона гӯш мекунанд. Ҳамин тавр ҳар рӯзу ҳар сол. Муаллим муаллим асту талаба – талаба. Байни ину он девори кабири Хитой» [59,76].

Дар ҳакиқат муаллифи гуфтаҳои боло дар андешаи худ ҳақ буда, ба мо одат шудааст, ки дар ҷараёни таълим бештар ба он диққат медиҳем, ки кадом мавзуъро бо кадом метод таълим диҳем. Аммо масъалаи хеле муҳим - бо кадом мақсад таълим додани ин ё он мавзуъ аз назар дур мемонад. Лозим ба ёдоварист, ки яке аз аввалин корҳо дар раванди таълим ин мақсадгузорӣ маҳсуб меёбад. Мақсад меъёрест, ки шахс дар назди худ мегузорад ва барои расидан ба он мекӯшад. Вобаста ба ҷараёни таълиму тарбия мақсад ин банақшагирии пешакии натиҷаҳои омӯзиш, инкишоф ва тарбия мебошад, яъне мақсад натиҷаи чашмдошти фаъолият аст.

Мақсад на танҳо натиҷаро нишон медиҳад, балки шахсро барои расидан ба ин натиҷаҳо ҳидоят менамояд. Он равиши дарс, усул ва воситаҳои таълимро муайян мекунад. Ҳамин тавр, пас аз мақсадгузорӣ методи таълим, воситаҳои таълим ва равиши ин ё он машғулиятро интихоб кардан мувофиқи матлаб аст.

Ҳангоми таҳияи ҳадафи таълим омӯзгор бояд нуктаҳои зеринро ба инобат гирад:

1. Талаботи стандартҳои таълим ва барномаи фанниро ба эътибор гирад.

2. Арзишҳоеро муайян кунад, ки метавонад ҳавасмандии шахсии донишҷӯйро ба натиҷаҳои омӯзиш таъмин намояд.

3. Дар асоси мавзуъ ба системаи дониш, малакаю маҳоратҳое, ки асоси инкишофи маърифатии донишҷӯйро ташкил медиҳанд, диққат диҳад.

4. Тарзҳои фаъолияти таълимиеро, ки азхудкунии он барои донишҷӯй муҳим аст, муайян кунад [165,205].

Бо назардошти он, ки машғулияти амалӣ яке аз шаклҳои фаъолияти таълимии донишҷӯён ба шумор рафта, алоқамандии мантиқиро бо таълими назариявӣ, ба самти амалия равон сохтани фанҳои таълимии алоҳида ва тайёрии пурраи донишҷӯёнро ҳамчун мутахассис таъмин менамояд, хусусиятҳои хос ва фарқкунандаи машғулияти аудитории амалиро риоя намудан мувофиқи мақсад аст. Аз ҷумла, фаро гирифтани теъдоди маҳдуди донишҷӯён (ҳадди ақал – нисфи гурӯҳи академӣ ва ҳадди аксар - як гурӯҳи академӣ) дар ҷараёни машғулият; таъмини фаъолнокии донишҷӯён дар машғулият, дар раванди иҷро намудани супоришҳо, иштирок дар музокира, мубоҳиса ва ғайра; назорати доимии иҷроиши натиҷаи корҳои мустақилона дар рафти машғулиятҳои амалӣ.

Машғулияти амалӣ бо роҳбарии бевоситаи омӯзгори фанни таълимӣ ё ёвари он гузаронида шуда, иштироки корманди таълимӣ-ёрирасон дар гузаронидани ин шакли машғулият тавсия дода мешавад.Дар машғулияти амалӣ донишҷӯён бояд қоида ва усулҳои истифодабарии амалии донишҳои ба таври назариявӣ аз фанни таълимӣ азхуднамударо омӯхта, маҳорат ва малакаи ҳалли масъалаҳои мушаххасро дар асоси маълумоти илмии гирифтаашон дар худ ташаккул бидиҳанд.

Яке аз норасоии методҳои таълим, ки дар ҷараёни машғулиятҳои амалӣ мушоҳида мешавад, он аст, ки диққати асосӣ барои дар хотир нигоҳ доштани маълумот равона аст, на ба рушди тафаккури таҳлилӣ ва интиқодӣ. Самте, ки ба ташаккули қобилияти фикрронӣ, эҷодӣ, фаъолияти мустақили донишҷӯён нигаронида нашудааст. Яъне донишҷӯй ҳар чизе, ки дар машғулиятҳои лексионӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад, дар машғулиятҳои амалӣ такрор менамояд ва ташаккули нутқи мураттаб, салоҳиятмандии эҷодӣ ва коммуникативии донишҷӯён як тараф мемонад.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 тақозо менамояд: «Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба донишҷӯён имконияти аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятноки қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд» [6,103].

Мақсад аз гузаронидани машғулияти амалӣ ташаккул додани қобилияти баёни фикр, эҷодкорона ва мустақилона аз бар намудани дониш, ташаккули маҳорат ва малака аст. Дар ин бобат муаллифи «Таксономияи мақсадҳои таълим Б.Блум иброз медорад, ки «яке аз вазифаи асосии таълим дар он аст, ки малакаи фикрронии эҷодкорона, ҳал карда тавонистани проблема ва қабул карда тавонистани қарорҳои мақсадноки донишҷӯён ташаккул дода шавад» [26,56].

Машғулияти амалӣ аз се қисмат иборат аст:

- қисмати муқаддимавӣ
- қисмати асосӣ
- қисмати хотимавӣ

Дар қисмати муқаддимавӣ омода будани донишҷӯён ба машғулият санҷида шуда, мақсад, метод ва равиши машғулияти амалӣ фаҳмонида мешавад.

Дар қисмати асосии машғулият супоришҳои гузошташуда аз ҷониби донишҷӯён ба иҷро мерасад. Назорати иҷрои супоришҳо, сифати иҷро аз ҷониби омӯзгор таъмин карда мешавад.

Дар қисмати хотимавии машғулияти амалӣ омӯзгор онро ҷамъбаст намуда, ба гурӯҳ (ё ба донишҷӯёни алоҳида) барои мустақилона иҷро кардан супоришҳо медиҳад, ки он аз нақшаи корӣ, саволҳо барои иҷро, ҷустуҷӯи адабиёти илмӣ, сарчашмаҳо дар шакли электронӣ ва хаттӣ иборат мебошад.

Барои расидан ба мақсад ва ҳалли масъалаҳои дар машғулияти амалӣ гузошташуда аз шаклҳои маъмули анъанавӣ ва аз технологияҳои муосири таълим истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар замони муосир дар ҳамаи машғулиятҳо аз методу технологияҳои гуногун истифода мебаранд. Аз қабили методҳои интерактивии кластер, синквейн, ҳуҷуми ақлӣ, шаршара, харитаи андешаҳо, диаграммаи Венн, чархи андешаҳо, т-схема, МДД, инсерт ва монанди инҳо, ки асоси ҳамаи ин методҳои фаъол ва ба истилоҳ интерактивиро методи проблемавӣ ташкил медиҳад. Дар машғулиятҳо омӯзгорон метавонанд методҳоро вобаста ба мавзуъ, моҳият ва хусусияти он, сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён интихоб намоянд, ё аз роҳу усули инфиродӣ истифода баранд, ки дар он унсурҳои якчанд усули таълимӣ метавонад ҷой дошта бошад [171,345].

Муҳим ба мақсадҳои таълим ноил шудан аст. Ба андешаи мо, истифодаи методи проблемавӣ ба мақсад мувофиқтар маҳсуб меёбад. Он бо номи таълими проблемавӣ машҳур аст. Ин усули махсуси таълим охири солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-уми асри гузашта дар равоншиносӣ ва педагогикаи шӯравӣ оғоз ва машҳур гардида, минбаъд ҳамчун намунаи барҷастаи рушди тафаккури муҳассилин пазируфта шуда буд. Он маҷмӯи

амалҳоеро, амсоли ташкили вазъи проблемавӣ, таҳияи проблема, ба донишҷӯён расонидани ёрии зарурӣ дар ҳалли проблема, тафтиши роҳи ҳал ва роҳбарӣ дар танзим ва таҳкими донишҳои ба дастовардаро дар бар мегирифт. Машғулияти таълимие, ки дар он бо роҳбарии муаллим вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд оварда мешавад, фаъолнокии мустақилонаи донишҷӯёнро дар робита ба мавзуи таълимӣ таъмин месозад. Он дар самти чуқур аз бар намудани донишҳои касбӣ, ташаккули малакаю маҳорат ва инкишофи қобилияти фикрии муҳассилин роҳи васеъ мекушояд.

Ба таълими проблемавӣ назарияи пешниҳоднамудаи равоншинос, файласуф ва педагоги амрикоӣ Х.Дюӣ (1859-1952) мақоми хос дорад. Он дар таҳқиқоти олимон Т.В.Кудрявтсев, В.Т.Кудрявтсев, И.Я.Лернер, А.М.Матюшкин, М.И.Махмутов, В.Окон, М.Н.Скаткин ва дигарон мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор ёфта, роҳу усули мушаххаси расидан ба матлабро пешниҳод намудааст.

Тартиби таълими проблемавӣ ҳамчун амалиёти пайдарҳам чунин аст:

1. Гузориши масъалаи таълимию проблемавӣ аз тарафи омӯзгор.

2. Бо донишҷӯён ба вуҷуд овардани вазъи проблемавӣ.

3. Ҳалли проблемаи ба вуҷудомада, ки дар натиҷа донишҷӯён роҳҳои босамари аз бар намудани донишҳои навро пайдо мекунанд.

4. Татбиқи таълими проблемавӣ дар ҳалли масъалаҳои мушаххас.

Шароитҳои асосии психологӣ барои татбиқи самарбахши таълими проблемавӣ чунин мебошад:

1) вазъиятҳои проблемавӣ бояд ба мақсадҳои ташаккули системаи донишҳо ҷавоб диҳад;

2) ба донишҷӯён дастрас ва ба қобилиятҳои маърифатии онҳо мувофиқ бошад;

3) бояд фаъолнокии маърифатии донишҷӯёнро баланд бардорад;

4) гузориши проблема чунон бояд бошад, ки донишҷӯён ба донишҳои азхудшуда такя карда, онро ҳал карда тавонанд.

Арзиши таълими проблемавӣ мустақилияти баланди донишҷӯён, ташаккули шавқу ҳаваси маърифатӣ-зеҳнӣ ва рушди қобилияти фикрии онҳоро таъмин менамояд.

Ба назари мо, бештари усулҳои ҳамкорие, ки дар таълиму тарбияи имрӯза татбиқ ва истифода мешаванд, як навъ фарзанди ҳамин усули таълими проблемавист. Ҳарчанд ки он ҷиҳатҳои умумӣ ва фарққунанда низ дорад.

Дар адабиёти методӣ рукнҳои таълими проблемавиро чунин нишон додаанд:

1. Гузориши проблемаи таълимӣ.

2. Ба вуҷуд овардани вазъи проблемавӣ, ки донишҷӯён доир ба масъалаи пешниҳодшуда фикру андешаҳои хешро баён мекунанд.

3. Ҳалли проблемаи гузошташуда ва роҳу равиши исботи он.

4. Мустаҳкамкунии мавзуъ, ки онро кори мустақилонаи донишҷӯён низ меноманд ва он бояд характери аналитикӣ-эҷодӣ дошта бошад.

Тибқи муқаррароти тартиби машғулияти аудиторӣи амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми кредитии таҳсилот, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №31/25 тасдиқ шудааст, ҳангоми истифода аз технологияҳои анъанавӣ дар машғулияти амалӣ ҳалли пайдарпайи масъала ё машқҳо муқаррар гардида бо истифода аз маводи таълимии назариявии азхудшуда иҷро карда мешавад. Ҳангоми истифодаи технологияҳои нави таълим нақши усулҳои фаъоли таълим (интерактивӣ) назаррас буда, ба роҳ мондани муоширати байни донишҷӯён дар назар аст. Дар ин самт принсипи ҳамкории муҳассилин ва донишҷӯён мавқеи пурарзиш дошта, омӯзгор аз объекти маълумотдиҳанда ба ташкилотчӣ ё худ устоди роҳнамо табдил меёбад.

Бо назардошти асосҳои илмӣ-методӣ дар робита ба мавзӯи рисолаи мазкур дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ системаи машқҳои зеринро пешниҳод мекунем, ки бо мақсади самаранокии таълим таҳия ва тадвин шудааст.

СИСТЕМАИ МАШҚҲО

**Ҳафтаи 1**

**Мавзуъ: Забон ва аҳамияти иҷтимоии он. Забони тоҷикӣ дар масири таърих. Хат ва алифбои имрӯзаи тоҷикӣ**

**Машқи 1.** Дар васфи забон, сухан ва таъсири он порчаҳои назмӣ ва насрӣ нависед.

**Машқи 2.** Порчаи зеринро хонед, луғати онро шарҳ диҳед, мазмуни мухтасар ва мақсади онро маълум намоед.

Меҳри кас дар дил чу содиқ мешавад,

Гӯш пеш аз чашм ошиқ мешавад.

Вақте подшоҳе ҳакимеро гуфт: - Ҳоҷате дорӣ, бихоҳ!

Ҳаким гуфт: – Умрам дароз кун.

Гуфт: - Ин натавонам.

Гуфт: - Марг аз ман бардор.

Гуфт: - Ин ҳадди ман нест.

Гуфт: - Ҷавонӣ ба ман боздеҳ.

Гуфт: - Андозаи ман нест.

Ҳаким гуфт: - Эй мискин, ту ҳамчун манӣ ва ман ҳамчу ту, аз ҳамчу худӣ чӣ гуна ҳоҷат тавон хост!?...

Бар ҳукми ин маънӣ ва фатвои ин даъвӣ мулаққини табиат чунон талқин мекунад, ки …Акнун туро сидқи ҳол бо ман гуфтанӣ аст ва гавҳари ин мақол бо ман суфтанӣ… то ба қадри иститоат камари иҷтиҳод бар миён бандам ва бад-он чи мумкин гардад, туро ба мақсуд расонам [48,12].

**Машқи 3**. Аз пандҳои зерин хулосаҳо бароред:

Ҷавонони саргашта ва ошуфта хонаводаро мегузоранд ва аз ину аз он ва аз маъшуқу аз ошиқ таманнои меҳру муҳаббати бериё мекунанд,

ғофил аз он, ки он чӣ меҷӯянд, дар дили падару модар ва дар хонавода асту бас.

Баъзе дар айни талошу кӯшиш ороманд ва баъзе бекор нишастаю дар изтиробанд.

Ақл ва некбахтӣ қарини якдигаранд.

Моддиёт дар назари доранда ҳар рӯз кӯчактар ва ночизтар мешавад ва маънавиёт дар фикри соҳиби маънӣ ҳар рӯз бузургтару муфидтар [ 41..20].

**Машқи 4.** Порчаҳои назмиро бодиққат хонед ва аз рӯи он матн тартиб диҳед.

Мақсуд зи ҷумла офариниш моем,

Дар чашми хирад ҷавҳари биниш моем. [41,.25]

Мар ҷоҳилро набвад андозаи олим,

Сад мурғи яла қимати як боз надоранд. [48,23]

Нашавад тутӣ сухангӯй, чу суханпардоз аст,

Пур бувад нукта басе, з-он ба яке пур роз аст.

Ҳама кӯшанд ба ибрози як маъние,

Маънӣ овар ба сухан, в-арна ҳама барбод аст.

Дигар онро, ки бошад фаҳш гуфтор,

Наёбад назди мардум қадру миқдор. [41,15]

## Ҳафтаи 2

**Мавзуъ: Савтиёт (фонетика)-и забони тоҷикӣ**

**Машқи 1.** Калима ва ибораҳои додашударо ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед ва задаашонро гузоред: нарм, нафис, одил, бародар, дувоздаҳ, дарду ғам, дардманд, саодатманд, ҳамсол, дӯсти ҷонӣ, меҳрубон, бедард.

**Машқи 2.** Ба калимаҳо зада гузоред ва тавассути он ҷумлаҳо тартиб диҳед: насиҳатгар, пахтакор, аълочӣ, ватандӯст, форам. Намуна: Ҳар як падар насиҳатгар аст.

**Машқи 3.** Калимаҳои ҳар ду сутунро нависед ва фарқи маънoии онро шарҳ диҳед. Гӯед, ки фарқият ба чӣ вобаста аст? Чаро калимаҳои дар сутуни аввал якҷоя ва дар сутуни дуюм ҷудо навишта шудааст?

| | |
|---|---|
| инсон | ин сон |
| чормағз | чор мағз |
| мардикор | марди кор |
| чорсӯ | чор сӯ |
| номанавис | нома навис |
| ҳамин | ҳам ин |
| чунин | чун ин |

**Машқи 4.** Байтҳоро хонед ва нависед. Мазмуни онҳоро нақл кунед. Ифодаҳои ишорашуда аз ҷиҳати маъно фарқ доранд, ё не? Навишти онҳоро дар хотир доред.

Моҳазар нест ба бозор сивои манту,
Гушна мондӣ, агар имрӯз ба ҷои ман ту.
Касеро, ки дастат расад, даст гир,
Ки фардо ҳамон бошадат дастгир.
Чӣ нуқсон дорад ин мардум, ки ин сон,
Надорад қадру қимат мисли инсон? [48,40]

## Мавзуъ: Имлои забони тоҷикӣ. Имлои садонок, баъзе ҳамсадоҳо, йотбарсарҳо ва калимаҳои ташдиддор

Иҷрои машқҳо

**Машқи 1.** Калимаҳои додашударо аввал ба ҳиҷо ҷудо намуда, баъд аз сатр ба сатри дигар кӯчонида нависед:

Азиза, боғбон, дониш, восита, табассум, бародар, миллӣ, ароба, муаллима, овоза, ошно, осоиш, сайёра, муайян, тахайюл, зарофа, дирҳам, ҳамдастӣ, рақобат, сӯзанбарг, қиёфа, отифа, мусаллам.

**Машқи 2.** Калимаю ибораҳои додашударо аз рӯи қоидаҳои имло нависед ва шарҳ диҳед:

Супсурх, сомониён, вазорати маориф, донишгоҳи давлатии Хуҷанд, бӯрйо, боғи маданият ва истироҳати ба номи К. Хуҷандӣ, азхудкардани дарс, шамбе, бетанаффус, гӯшбирён, Вилояти Суғд, ягдигар фаҳми.

**Машқи 3.** Бо калимаҳои додашуда иборахо созед:

Ҷой, пой, лой, чой, навъ, ҷамъ, маҷмӯъ, мавқеъ, шамъ, нафъ.

**Машқи 4.** Байтҳоро ба дафтар нависед ва мазмуни онро шарҳ диҳед:

Забонро мадоред бар ҷой суст,

Ки то розатон кас надонад дуруст[41,34]

То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,

Зи иқбол даре ба рӯи кас боз нашуд. [48.34]

Руй овар бар китобу дониш аз он саҳл гир,

То ба дониш гардӣ машҳури ҷаҳону дилпазир. [ 72,107]

**Машқи 5.** Калимаҳои додашударо ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, бо онҳо ҷумлаҳо ё байтҳо нависед:

Хирадманд, салоҳият, райъпурсӣ, мутаассифона, муфаттиш, ёдгор, муҳайё, сайёд, муаррифӣ, мукаммал, аттор, муяссар, Юсуф, санксия, сарҳад.

**Машқи 6.** Чор байти писандидаатонро ба ҳиҷо ва аз сатр ба сатри дигар кӯчонида нависед.

## Ҳафтаи 3

## Мавзуъ: Исм ва имлои он

Иҷрои машқҳо

**Машқи 1.** Варианти дигари калимаҳои зеринро ёбед ва гӯед, ки кадом калимаҳо қаринаи худро надоранд.

Роҳ, рӯй, коҳ, мӯй, чоҳ, моҳ, сӯй, каҷ, бӯй, сой, диҷ, лой, пой, панҷсад, маддоҳ, Фирӯз, дирафш, гӯсфанд, ислоҳ, чормағз, бадхоҳ, сафеда, савол.

**Намуна:** роҳ-раҳ, сӯй-сӯ…

**Машқи 2.** Имлои дурусти исмҳоро дар калима ва ибораҳои зер барқарор намоед.

Ректификасияи сарҳад, қаддуқомати расо, иҷроиши кор, мавзуъ, шӯхрати шоир, райосати маориф, сару по харидан, ҷидду ҷаҳди донишҷӯй, ҷашни сад-солагии шоир, китоби Тоҷикони Бобоҷон Ғафуров, садсолагии Мӯъмин Қаноат, 35 солагии истиқлояти кишвар, 100 соли охир, шоири форс тоҷик, Қасасуланбиё, малик-уш-шуаро, ал-Видоъ, ас-салом, деҳаи Дуобаи поён, Бадахшони кӯҳӣ, Муаллими Парвиз, Акрами Чӯпон, Назира бону, Назира бону, Ҳисори Шодмон, Сардафтари адабиёти Советӣ, сайёраи замин, қонун дар бораи Забон, рӯзномаи Садои Мардум, Мағозаи Ромиш, худованди бузург, Шарофат-холаи китобфурӯш, Меҳмони Хуҷандӣ, огоҳии мамури.

**Машқи 3**. Имлои дурусти исмҳоро дар ҷумлаҳои додашуда барқарор намоед:

1.Худшиноси аввалин шарти хирадмандист, ки яке аз омилҳои асосии он омӯхтани таърихи худ маҳсуб меёбад. 2. Сиюпанҷ солагии истиқлолияти давлатиро ҷашн мегирем. 3. Обу тоби бадан яке аз шартҳои тарзи ҳаёти солим аст. 4. 5-уми октябри соли 2009 қонун дар бораи забони давлатии ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст. 5. Ҳамеша дар паноҳи худованди бузург бошед. 6. Деҳаи Дуобаи поён дар поёноби дарё ҷойгир аст.

**Машқи 4**.Варианти дигари калимаҳои зеринро ёбед ва гӯед, ки кадом калимаҳо вариант надоранд.

Даргоҳ, дебо, диз, дирҳам, дуредгар, гавҳар, исфаҳсолор, роҳ, рӯй, коҳ, мӯй, чоҳ, моҳ, сӯй, каҷ, бӯй, сой, лой, пой, панҷсад, маддоҳ, дирафш, гӯсфанд, ислоҳ, чормағз, бадхоҳ, сафеда, савол.

Намуна:Даргоҳ- даргаҳ, роҳ- раҳ…

**Мавзуъ:** Имлои исмҳои хос ва ихтисораҳо. Мавридҳои бо ҳарфи калон навишта шудани исмҳо

**Машқи 1**.Шакли пурраи ихтисораҳои зеринро нависед:

ҲХДТ, ММТ, ДДТ, ДДХ, ДДҲБСТ, КОА, ИМА, ИҶШС, ҶСШП, ҶСШК, САҲА, ДДОТ, ҶММ, СММ, ДМТ, БДА, ИДМ, КО ЧТ, КМ ҶТ, КҶ ҶТ, АМО ҶТ, САҲШ

**Машқи 2**. Калимаҳои зерро истифода бурда ибораҳо созед, ки дар онҳо ҳамсадоҳо мушаддад шаванд.Дар кадом ҳолат дар калимаҳо ташдиди ҳарф сурат мегирад?

| | | | |
|---|---|---|---|
| Мад | син | сир | тиб |
| Ҳад | фан | сад | ҷид |
| Рад | ҳал | ҳад | хат |
| Зид | дур | кул | зар |

**Машқи 3**.Ду байте оред, ки дар онҳо калимаҳои мушаддад истифода шуда бошанд.

**Машқи 4**. Калимаҳои зеринро нависед ва гӯед, ки чаро дар калимаҳои зерин ҳамсадоҳо ташдид шудаанд? Бо чанде аз онҳо ибора ва ҷумла тартиб диҳед.

Ҷаҳоннамо, оббозӣ, шаббода, каммева, каммаҳсул, ҷигарранг, серранг, яххона, маҳиннах, каммузд

**Машқи 5.** Порчаро ифоданок хонед ва маънидод кунед. Муайян созед, ки кадом мисраъ ба унвони шеър мувофиқ аст.

Агар бозҷӯйӣ хато аз савоб,
Наёбӣ яке ҳамнишин чун китоб.
Нахоҳад зи гетӣ магар коми ту,
На ҳаргиз ба зиштӣ барад номи ту.
Зи кори ҷаҳонат диҳад огаҳӣ,
Биёмӯзадат роҳу расми беҳӣ.
Бувад сӯйи озодагӣ раҳнамун,
Кунад мардро дину дониш фузун.
Китоб аст оинаи рӯзгор,
Ки бинӣ дар он розҳо ошкор.
Чунин ҳамнишин гар ба даст оварӣ,

Нашояд ки бигзорию бигзарӣ. [72.45]

**Машқи 3.** Маънии калимаҳоро шарҳ диҳед: алвидоъ, дурушт, сарв, кох, солгард, созмон, амният, рутба, мушовир, сармашқ, нахуст, ибн, валад, бинт.

## Ҳафтаи 4

### Машғулияти якум

### Мавзуъ: Сифат ва имлои он

Иҷрои машқҳо

**Машқи 1.** Имлои дурусти калима ва ибораҳои зеринро барқарор намоед:

Бар камоли, баробарқувва, боэътимод, боэътибор, ноосудагӣ, шахси ноӯҳдабаро, конференсияи байна - халқӣ, кӯдаки се-сола, давраи то мактабӣ, мӯй сафеди тунд миҷоз, духтари хуш андом, давраи пеш аз ҷангӣ, халтаи 50-килоӣ, нони дусад – грамӣ, анорҳои калон калон, хонаитиб торик, куртаи сип сиёҳ, духтари рӯймол ба сар, ҳамсояи рӯ ба рӯ, корҳои таълимю методӣ, дастархони пурнозу неъмат, 3-то дафтар, 2 –сар асп, чор ҷуфт кафш, ду се бор омадан, ҳам ин тавр нишастан, чӣ овардӣ

**Машқи 2.** Оё сифатҳое, ки ба ин калимаҳо дода шудаанд, дурустанд. Агар нодуруст бошанд, шакли дурусташонро ёфта ба дафтаратон нависед.

| | |
|---|---|
| Шоири калон | Пахтаи душанбегӣ |
| Мутриби форам | Ҳайвони пашмин |
| Насими бузург | Кишти бадахшонӣ |
| Модари азим | Лаълӣ баҳорӣ |
| Моҳи нурафкан | Кӯзаи тира |
| Қуллаи барфдор | Рақси гарм |
| Хӯроки мазадор | Саги тиллоранг |
| Дили сахт | Мӯйи шикорӣ |
| Ишқи барвақт | Хоби нилгун |
| Нигоҳи гургона | Осмони ширин |

**Машқи 3.** Бо истифода аз ибораҳои зерин 5- то ҷумла тартиб диҳед.

Бузургтарин гуноҳ, ширинтарин нон, камбағалтарин шахс, китоби хуб, баландтарин кӯҳ, модари меҳрубон.

Намуна: Бузургтарин ва баландтарин гуноҳ беҳурматӣ ба одам аст.

**Машқи 4.** Аз сифат ба воситаи пасванд 6-то исм созед.

Намуна: сабз-сабза, сафед-сафедӣ.

**Машқи 5**. Ба сифатҳои зерин исми муносиб ёфта, ибораҳо созед ва тавассути онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед: бостонӣ, қадима, таърихӣ, милодӣ, анъанавӣ.

**Машқи 6.** Имлои дурусти калима ва ибораҳои зеринро барқарор намоед:

Таърихи сеҳазор-сола, давлати сомониён, кӯдаки се-сола, давраи то мактабӣ, давраи пеш аз ҷангӣ, халтаи 50-килоӣ, хонаи тиб торик, куртаи сип сиёҳ, духтари рӯймол ба сар, ҳамсояи рӯ ба рӯ, корҳои талимию методи, сад бех ниҳоли себ, синфи дуюм, чор яки чорум, соли дуҳазору шашум, 10-рӯзнома, бистбисту панҷ қадам дуртар, панҷоҳу ҳаштсола

## Машғулияти дуюм

## Мавзуъ: Шумора, ҷонишин ва имлои онҳо

**Машқи 1**. Шумораҳои зеринро ба шумораҳои тартибӣ табдил дода, онҳоро бо ҳарф нависед: 7, 8, 9, 10, 11, 12, 13, 14, 15, 16, 17, 121, 1233, 4, 200, 3000, 78, 1005, 1969

**Машқи 2.** Аз калимаҳои додашуда шумораҳоро ҷудо кунед: бисёр, ҳазор, сад, андаке, зиёд, кам, ақалият, аввал, якум, қадре, панҷоҳ, чаҳор, чиҳил, дувист, миллион.

**Машқи 3**. Мисолҳои зеринро хонед, шумораҳоро ёбед ва эзоҳ диҳед.

1. Муҳаммадмурод бори дуввум ҳам натиҷае ба даст оварда натавонист ва якбора оташин шуда фарёд кард 2.Духтарак ду-се карат ба пеши пояш нигаристу лаб газид. Агар ҳамин даъворо карда, ҳамон шашяки нимтаноб заминро мегирифт ҳам, ба ӯ чӣ мерасид? . 3. Дар рӯ ба рӯи мо, аммо панҷоҳ қадам поинтар аз мо, ҳавзе буд ….4. Дар ин хона дар як гӯшае як бочкаи оҳанинеро мебинед, ки тахминан даҳ сатил ё зиёдтар обро ғунҷоиш дорад… 5.

Рафта-рафта дасти коргарон он қадар суст шуд, пунбадонаи тир хоидаро ба ду-се пас гардонидан ҳам гузаронида наметавонистанд [48. 78]

Машқи 4. Шумораҳои аслии зеринро бо ҳарф нависед:

7, 8, 9, 10, 11, 12, 13, 14, 15, 16, 17, 121.

**Машқи 5**. Бо истифода аз ҳашт навъи ҷонишин ҷумлаҳо тартиб диҳед,ё чор байте нависед, ки ҷонишин дошта бошанд.

Машқи 6.Ҷумлаҳоро хонед, ҷонишинҳоро муайян намоед ва хели онҳоро гӯед.

1… ҳар кас барои даромадан ба ин рӯйхат корҳои худаш кардаро баён кардан гирифт. 2. … ҳамаи бандиёнро як-як аз назар гузаронид… 3. Ҳар кадоми чашмаҳои дар ин чашмасор буда ба қадре сероб аст, ки як санг ё ним санги осиёро мегардонад. 4. Аммо Аслонхоҷа дар аввали кор ба бародараш ҳеҷ роҳи чораву тадбирро нишон нadodaаст [ 48.65].

Машқи 7. Бо калимаҳои он ҷониб, ин тарз, ҳамин гуна, ким-кӣ, ким-чиҳо, ҳар қадар ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Ҳафтаи 5**

**Мавзуъ: Феъл ва имлои он**

**Машқи 1**. Феълҳои зеринро аз руйи шахсу шумора тасриф кунед:

Рафт, омада истод, гуфтушунид кардем, вохӯрд, механдиданд, рақсид.

**Машқи 2**. Чор байте нависед, ки феъл дар аввали байт омада бошад.

**Машқи 1.** Феълҳои зеринро аз руйи шахсу шумора тасриф кунед:

Рафт, омада истод, гуфтушунид кард, вохӯрд, механдид, рақсид.

**Машқи 2.** Дар мисолҳои зерин имлои дурусти феълҳоро барқарор намоед:

Дарро вогузошт, ба ҳоли худ во гузоштани ӯ, азёд кардани шеър, дар гирифтани оташ, дар нагирифтани оташ, фуруд оии ҳавопаймо, боз гаштани шоир, боз гаштаомадани шоир, баҷо овардани супориш, дар

ғазаб шудан, аз бар кардани мавзуъ, ба ҷой нишастанӣ шудан, барнахостан аз ҷой, вохӯрӣ.

**Машқи 3.** Пешвандҳои феълсоз ва шаклсозро аз порчаи шеърии додашуда дарёбед ва онҳоро шарҳ диҳед.

Эй насими саҳар, оромгаҳи ёр куҷост?
Манзили он маҳи ошиқкуши айёр куҷост?
Шаби тор асту раҳи водии эмин дар пеш,
Оташи Тӯр куҷо, мӯиди дидор куҷост?
Ҳар ки омад ба ҷаҳон нақши харобе дорад,
Дар харобот бигӯед, ки ҳушёр куҷост?
Он кас аст аҳли башорат, ки ишорат донад,
Нуктаҳо ҳаст басе, маҳрами асрор куҷост?
Ҳар сари мӯй маро бо ту ҳазорон кор аст,
Мо куҷоему маломатгари бекор куҷост?
Ақл девона шуд, он силсила мушкин ку?
Дил зи мо гӯша гирифт, абрӯи дилдор куҷост?
Боз пурсед зи гесӯи шикан дар шиканаш,
К-ин дили ғамзада, саргашта, гирифтор куҷост?
Ҳофиз аз боди хазон дар чамани даҳр маранҷ,
Фикри маъқул бифармо гули баҳор куҷост? [72.468]

**Машғулияти дуюм**

**Мавзуъ: Феълҳои тасрифнашаванда ва имлои онҳо**

**Машқи 1.** Ду байте оред, ки масдар ва сифати феълӣ дошта бошад.

**Машқи 2.** Бо истифода аз сифати феълӣ ва феъли ҳоли додашуда ҷумлаҳо тартиб диҳед:

Шахси дермонда, амали иҷрогашта, гули навшукуфта, навозишкунон, сӯҳбаткунон, давида-давида, гулдуросзанон.

**Машқи 3.** Ба феълҳои гуфт, ҷӯй, дор, рафт, омад пасванд ҳамроҳ намуда, сифати феълӣ созед.

**Машқи 4.** Феъли ҳолро аз ҷумлаҳои додашуда ҷудо кунед:

1. Модар фурсате ҳайрон ва дар тааҷҷуб монда истоду табассумкунон духтарро ба хона даъват намуд.

2. Шуморо масхаракунон гуселонида истодаанд.

3. Дӯкондорон ба ин хандаи бемаҳали мо ҳайрон-ҳайрон ва тааҷҷубкунон нигоҳ мекарданд.

4. Хайрӣ хайрухушкунон рафт ва Бобоҷон пешдоманро баста ба пахтачинӣ даромад.

**Машқи 5.** Бо истифода аз сифати феълӣ ва феъли ҳоли додашуда ҷумла тартиб диҳед:

Шахси дермонда, амали иҷрогашта, гули навшукуфта, навозишкунон, сӯҳбаткунон, давида-давида, гулдуросзанон.

## Ҳафтаи 6

## Машғулияти якум

## Мавзуъ: Зарф ва хелҳои он

**Машқи 1.** Аз ҷумлаҳои зерин зарфҳоро вобаста ба навъ ҷудо карда нависед:

1.Таманно тарсидаву ларзида, гоҳ тозон, гоҳи дигар аз ҳол рафта тез-тез мекалавид. 2. Ӯ саропо ғарқи оби борон буд. 3. Тундар дам ба дам хурӯш карда, шохҳои атрофро гӯё ба тангӣ медаровард. 4. Об ғулғула бардоштаву печида, башаст меомад, сангҳои маҷро лағҷонак буданд. 5. Таманно то зону тар шуда, ҳамон зайл оҳиста-оҳиста то нисфи роҳ рафту ногаҳон сахт лағжида якпаҳлӯ афтид.

**Машқи 2.** Шаш ҷумла нависед, ки онҳо дорои зарфҳои тарзи амал, замон ва макон бошанд.

**Машқи 3.** Ҷумлаҳои зерро нависед ва калимаҳои зарфиашро ишора намоед.

Баногоҳ садои милтиқ ва пулемёт аз тарафи Бойсун баланд шуд. Шабҳо то саҳар ду ба ду менишинанд. Ниҳоят ба кӯчаи калони деҳа баромад. Мо бояд зудтар ба роҳ бароем. Вай бисёр тез мерафт . Сел тақрибан як соат кашол ёфта, баъд таққӣ монд. Дар чойхонаҳо деҳқонони

аз қишлоқҳои дуру наздик омадагӣ ва баъзе коркунон машғули чойнӯшӣ. Чойхонаи бозоргоҳ имрӯз махсусан серодам буд. Модараш ба вай бегонавор нигоҳ карда, боз рӯяшро гардонд. [41,56]

**Машқи 4.** Зарфҳои додашударо аз рӯи сохт ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, бо ёрии онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед: дуртар, поёнтар, наздиктар, зуд, тез, оҳиста, ягон-ягон, қасдан, ҳар гоҳ, рӯз аз рӯз, дергоҳ, шабона, пешакӣ, дербоз, доим, дарҳол, баъд, саҳарӣ, имрӯз, сар то ба по.

**Машқи 5.** Матнро хонед ва зарфро аз ҷиҳати сохт ба гурӯҳ ҷудо карда ба дафтар нависед.

Замоне, ки Темур ба қудрат расид, фурсат барои кишваркушоиҳо хеле муносиб буд, зеро давлати муқтадири муғулҳо парокандагиро паси сар карда, дар ҳеҷ минтақаи ҳамҷавор низ то он дам қудрати тозае ба арса наёмада буд. Барои бар зидди худ муттаҳид накардани муғулҳо ӯ дар ибтидо Суюрғатмиш ном муғулеро хон эълон карда, дар амал худ ба ҷои ӯ идораи кишварро дар даст гирифта буд. Темур соли 1372 Хоразмро забт кард. Хоразмиён ба муқобили Темур қаҳрамонона ҷангиданд ва 5 маротиба шӯриш бардоштанд. Дар вақти ҳуҷуми охир (с. 1388) бо амри Темур Урганҷ – пойтахти Хоразм, ки яке аз марказҳои тиҷоратии байни Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Миёна буд, ба хок яксон карда шуда ва дар он ҷав кошта шуд. Минбаъд муғулҳои Ҳафтрӯдро торумор карда, сарҳади шимолии давлати худро беҳтар гардонид.

Соли 1381 Темур давлати Куртҳо ва Сарбадорони Хуросонро шикаст дод ва ба худ тобеъ намуд. Соли 1395 пас аз мубориазаҳои тӯлонӣ қувваҳои ҳарбии Тӯхтамишхонро, ки хони Ӯрдаи Тиллоӣ буд, комилан торумор намуда, пойтахти он шаҳри Саройро забт ва хароб намуд. Дар айни замон (1392) Темур Арманистон ва Гурҷистонро ғорат ва ба худ мутеъ намуд, шаҳрҳои бузурги Эронро низ ба хоки давлати худ ҳамроҳ кард.

Темури Ланг се маротиба ба Ҳиндустон лашкар кашид. Соли 1398 шаҳри Деҳлиро гирифт ва ганҷинаҳои зиёди онро ба ғорат бурд. Соли

1400 Темур дар сарзамини Сурия қувваҳои ҳарбии ҳоким (хидев)-и Мисрро торумор намуд. Соли 1402 лашкари султони турк Боязидро шикаста, ӯро асир гирифт. Орзуи Темур забти Чин буд. Ин буд, ки зимистони соли 1405 ба ин кишвар лашкар кашид. Аммо дар нимароҳ 18-уми феврали соли 1405 дар шаҳри сарҳадии Утрор ногаҳон вафот кард.

Ба империяи ӯ Мовароуннаҳр, Хоразм, вилоятҳои назди Каспий, Афғонистони кунунӣ, Эрон, қисман Ҳиндустон, Ироқ, Кавкази Ҷанубӣ ва як қатор кишварҳои Осиёи Ғарбӣ дохил мешуданд. Дар замони зиндагии Темур, пас аз марги ӯ ва ҳатто дар рӯзҳои мо баъзе муаррихону сиёсатмадорон аз ин чеҳраи хуношом, қаҳрамон, соҳибқирон ва идеали сиёсӣ месозанд. Аммо воқеият ин аст, ки ба дасти ин ситамгори бадрӯзгор ҳазорон нафар бегуноҳон қурбон гардиданд. Аз ҷумла дар маҳалҳои тоҷикнишин ӯ ҷиноёти гӯшношунид содир кард: бо амри ӯ дар Исфаҳон 70 ҳазор нафар аҳолии бегуноҳро сар бурида калламанора сохтанд (1387), ба қатл расонида шудани 100 ҳазор асирони Ҳинд корномаи дигари ӯст,дар Бағдод, рӯзи иди Қурбон 90 ҳазор касро кушта аз сари онҳо 120 калламанора сохт; воқеаи фоҷиавии Сабзавор (дар Хуросон соли 1383), яъне одамони зиндаро дар байни хиштпораҳо гузошта ва аз болои онҳо оҳак ва гил рехта девори баланд сохтан, асиронро зинда ба зинда гӯронидан ва ғайраҳо рӯйхати нопурраи ҷиноятҳои Темури Ланганд [32 168].

**Мавзуъ: Ҳиссаҳои ёвари нутқ ва имлои онҳо (пешоянду пасоянд ва павандакҳо)**

**Машқи 1.** Дар ҷумлаҳои додашуда мавқеи истифодаи пасояндҳои номӣ (интараф, инҷониб) ва ҷузъҳои номӣ (ин тараф, ин ҷониб) -ро муайян кунед.

1. Як сол…аз ӯ нома нагирифтаам.
2. Аз...хона гузаштан лозим буд.
3. Ду ҳафта…бо ӯ вонахӯрдаам.
4. Қаблан дар…деҳа боғи хурраме мавҷуд будааст.

5. Солҳо...оби мусаффои чашма аз дили кӯҳ ҷӯш зада мебарояд.

**Машқи 2.** Дар истифода аз пешоянду пасояндҳо дар ҷумлаҳои додашуда ба ғалатҳо роҳ дода шудааст. Онҳоро ислоҳ кунед.

1.Азхудкунӣ ва риояи қонун аз шумо, кормандони умури дохилӣ низ вобаста аст. 2. Ман Шоҳномаро то ду сол нигоҳ доштам. 3. Маҳфили Шоҳномахониро оғоз намуданд. 4. Се сол ин ҷониб ӯро надидам. 5. Бо дар назар дошти гармии рӯз меҳмононро ба базм даъват нанамуданд. 6. Рӯрӯи замини сабзқабо гулҳои рӯидаро медиду рӯҳан меболид.

**Машқи 3.** Аз байтҳои додашуда пешоянду пасоянд ва пайвандакҳояшро ёбед ва ба имлои онҳо диққат диҳед.

Чу бар паҳлавон офарин хонданд,
Абар Золи Зар гавҳар афшонданд .
Абе донишон бори ту кай кашанд?
Абе донишон душмани донишанд!
Або барқу бо ҷастани соиқа,
Або ғулғули раъд дар кӯҳсор.
Сафар кард Рустам аз ин достон,
Навишта бад-ин хок аз бостон.
Ғарра машав бад-он ки ҷаҳонат азиз кард,
Эй бас азизро, ки ҷаҳон кард зуд хор.
Сикандар бад-ӯ гуфт: аз ин сабз ҷон,
Чӣ гирӣ ба даст ин ду-се устухон?
Оташи зан буд, ки мо сӯхтему сохтем,
В - арна чун санги сари аҳром мемондем мо.
Ту, к-андар базми васлӣ, дарди ҳиҷронро чӣ медонӣ?
Ту, к-андар пеши ҷононӣ, ғами ҷонро чӣ медонӣ?
К-эй аҷаб лутф ин шаҳи ваҳҳобро,
В-он аҷабтар, к-ӯ ситад он обро.
Оина(й) дил чун шавад софтиву пок,
Нақшҳо бинӣ бурун аз обу хок.[41, 86]

**Машқи 4.** Пешояндҳоро аз рӯи сохташон ба гурӯҳҳо ҷудо намоед:

Бо, дар бораи, баъд аз, ба, доир ба, барои, гирд-гирди, аз, бе, болои, ғайр аз, то, назар ба, дар пеши, пеш аз, дар хусуси, ба ҷуз, аз барои, дар бобати.

**Машқи 5.** Бо ҷои нуқтаҳо пайвандаку пасояндҳо гузоред.

Ятим баъд аз он ки аз наздикиҳои дарё модари худ... наёфт, ба даруntари мамлакати бегона рафтанӣ шуда ба роҳ баромад. Дар лаби дарё сарпаноҳе набуд,... онҳо дар он ҷо нишинанд. Ман писари ягонаи модар... падар ҳастам. (Р.Ҷалил) Дар охирҳои шаб хоби Ятим бурда буд,...беҳуш шуда буд, ин... худи вай ҳам намедонист,... вақте чашм кушод,...равшании офтоб ба даруни мағора партави худ... андохтааст. .... имшаб ҳама бояд дар сари дастархони идӣ бошанд, касе намерафт. Шодигул як ҷуволи пур.. дар оғӯш гирифта, бардошта ба тарафи хастӯдаҳо меомад. Бӯи ғализи мева... сабзавоти пӯсида нафаси кас... кӯрдуд ... танг мекунад. [41,57]

**Машқи 6.** Чор байт нависед, ки дорои пешоянду пасоянд ва пайвандакҳо бошанд.

## Ҳафтаи 7

### Машғулияти якум

### Мавзуъ: Имлои ҳиссача, нидо

**Машқи 1.** Ба воситаи ҳиссачаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед:

Бигузор, мабодо, раваду, на танҳо, гӯё, магар, даркор, бояд, рафтед-ку, баргардем-чи.

**Машқи 2.** Дар ҷумлаҳои додашуда ҳиссача ва нидоҳоро ишорат кунед.

Канӣ, акнун тайёр шавед! Агар аз иштиҳо намемондед, тамоми дунёро мехӯрдед-дия! Ин гапро аз кӣ шунидӣ-а! Салом шумо магар дер боз рӯи тағораи ҷомашӯиро надидаед! Вай-ку ба ту холабача намешавад? Ваҳ-ваҳ-ваҳ, дастам бурида шуд! Акнун чашматро пӯш, осуда хоб рав! Алла, ҷон, Алла! (А.Лоҳутӣ) Ҷим, овозатро набарор! Диққат, рафиқон! Ҳоло

бо шумо намояндагони ҳукумат сӯҳбат мекунанд! Вой-вой-вой, ман ба ин гуна азобу уқубатҳо тоқат карда наметавонам. Ваҳ, чӣ хуш медамад насими баҳор, Субҳи содиқ зи ҷониби кӯҳсор! [48,80]

**Машқи 3.** Бо истифодаи ҳиссачаҳо, нидоҳо ва калимаҳои тақлидиву тасвирӣ дар мавзуи Дар осорхона муколама (диалог) тартиб диҳед.

**Машқи 4.** Ба воситаи ҳиссачаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед:

Бигузор, мабодо, раваду, на танҳо, гӯё, магар, даркор, бояд, рафтед-ку, баргардем-чи.

**Мавзуъ: Таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва хусусиятҳои** он.

**Луғатҳо ва истифодаи онҳо**

**Машқи 1**. Бозии Аз калима калимаи нав.

Дар ин бозӣ аз ҳарфҳои калимаи додашуда калимаи дигар тартиб диҳед:

Дарвоза, Хуршед, Мафтуна, Фароғат, донишгоҳ, офтоб.

Намуна: Дарвоза – дар, зар, зор, давра, зард, овард.

**Машқи 2.** Аз Фарҳанги забони тоҷикӣ маънии калимаҳои додашударо ёбед ва бо воситаи онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед: Меҳан, садама, шараф, гетӣ, фирӯза, посух, Авасто.

**Машқи 3.** Калимаҳоеро нависед, ки ҳангоми аз ҳар ду тараф хондан калимаи аввал ҳосил шавад, яъне калима шаклан ва мазмунан тағйир наёбад.

**Намуна: Азиза, амма…**

**Машқи 4.** Фарқи луғатҳои лингвистию энсклопедиро баён намуда, бо истифода аз фарҳангҳо даҳто калимаҳои тахассусиатонро бо шарҳаш оред.

**Ҳафтаи 8**

**Машғулияти якум**

**Мавзуъ: Калимаҳо аз рӯи баромади забонӣ**

**Машқи 1.** Калимаҳои додашударо аз рӯи баромадашон гурӯҳбандӣ намоед: ҳашар, ҳотам, ҳофиз, ҳузур, ҳукумат, фалокат, яғмо, ясавул, юндӣ,

қирғиз, қулай, қӯтос, қӯшун, ҳалво, файласуф, орден, шеър, печка, газета, ясли, даст, модар, ҷола, парда, ситр, ангур, додар.

**Машқи 2.** Зарбулмасалҳои зеринро пурра карда нависед ва муайян намоед, ки калимаҳо ба маънои аслӣ омадаанд ва ё маҷозӣ?

Аввал андеша .... Аз дӯст.... Ангура хӯру .... Кори имрӯзаро .... Ҷавонӣ баҳор асту .... Ҷомаи бомаслиҳат .... Дарро задам, .... Дурӯғи маслиҳатомез .... Офтобро бо доман ... Бори каҷ ...

**Машқи 3.** Калимаҳои ишоратшудаи ҷумлаҳои зеринро аз рӯи баромади забонӣ ба гурӯҳҳо ҷудо намоед.

1. - **Ҳуррият** шудааст. Ростӣ. Навакак ман дар пушти дар истода гӯш мекардам. Зиндонбон ба шогирдони худ гуфт, ки амир корро **бой** дод. Ба ҳуррият даст мондааст. Эҳтимол ҳамаи бандиёнро озод кунад . 2. Аз хона як истгоҳ болотар баромада, ба **троллейбус**е, ки одатан Хиромон савор мешуд, бо умеде, ки ӯро бубинад, савор мегардид (Ф. Муҳаммадиев). 3. **Паровоз**ҳо, дегҳои буғии **стансия**ҳои электрикии олавӣ, **фабрика** ва **завод**ҳо бо ангиштсанг кор мекунанд . 4. **Проект** ҳаст, **схема** ҳаст, кор рафта истодааст . 5. Оре, дар шабҳои торик аз ин роҳ духтарон, ҷавонзанон пешопеши одамони **милтиқ**дор мегузаштанд, ки онҳоро барои дилхушии амир аз **қишлоқ**ҳои атроф меоварданд .[41,74]

**Машқи 4.** Муродифоти калимаҳои иқтибосии зеринро ёфта нависед: республика, районҳо, самолёт, поезд, қишлоқ, қатиқ, қайно, аэропорт, аптека, газета, стол, стул, бизнесмен, магазин, қаравул, микрорайон, остановка.

## Мавзуъ: Таснифи калимаҳо аз рӯи ифодаи маъно ва истеъмол

**Машқи 1.** Маънои калимаҳои зеринро муайян кунед: бар, сарой, меҳр, гул, ҳазор, доғ, банд, хунук, даҳ.

**Машқи 2.** Зарбулмасалҳои зеринро пурра карда нависед ва муайян намоед, ки калимаҳо ба маънои аслӣ омадаанд ва ё маҷозӣ?

Дили нохоҳам … . Аз барф гурехта… . Ангура хӯру … . Кори имрӯзаро … . Ба як ҷавонмард … . Дидадаро шав … . Лайлиро бо … . Дурӯғи маслиҳатомез …. Аввал бубин … . Ба кӯрпаат нигоҳ карда...

**Машқи 3**. Байтҳои додашударо ба дафтар нависед ва маънидод карда, маъноҳои аслӣ ва маҷозии калимаҳоро муайян созед.

Ту фарзанди азизу арҷмандӣ,

Ту чун аҷдодҳоят сарбаландӣ.

Ту бо ман рӯз месозӣ шабонро

Мисоли моҳ мегардӣ ҷаҳонро.

Ҳазорон хеши ноқобил агар мирад чӣ ғам дорам?

Аз он тарсам, ки як бегонаи қобил равад аз даст.

Ба чашмат барги сабзи навбаҳорӣ,

Дурахшон буд мисли гӯшворе. [41,34]

**Машқи 4.** Чор байте нависед, ки калимаҳои сермаъно (зидмаъно, ҳаммаъно ва ҳамгун) истифода гардида бошанд.

**Машқи 5.** Мисолҳои зеринро аз рӯи истеъмол ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, дар ду сутун нависед:

Грант, гирдиҳамоӣ, бӯрёпулӣ, зиндаёд, квота, меҳан, ҷинчароғ, фурӯзонак, ҷадид, идрор, сарпараст, тамос, муштарӣ, каммасраф, марз, бум, қозӣ, миршаб, таҷвид, қумғон, газоф, кунун.

## Ҳафтаи 9

### Машғулияти якум

### Мавзуъ: Истилоҳот ва хусусиятҳои он. Истилоҳоти соҳавӣ

**Машқи 1.** Истилоҳҳои махсуси соҳаи худро ба дафтар нависед, шарҳ диҳед ва аз онҳо ҷумла тартиб диҳед.

**Машқи 2**. Аз матн истилоҳоти тахассусиро дарёбед ва ба дафтар нависед.

Амалиётҳои ҷангии арабҳо то андозае ҳокимони мулк - давлатҳои Хуросону Мовароуннаҳрро муттаҳид кард. Дар Хуросон - иттиҳоди ҳарбию сиёсии маликони Деҳистон, Гургон, Бодғис, Балху Тахористон ва

дар Мовароуннаҳр бошад, аввал, дар солҳои 712-713 иттиҳоди сиёсии се мулк-давлати калон: Суғд, Чоч ва Фарғона, инчунин пайвастагии онҳо ба Хоқони Турк ба амал омад. Ин иттифоқҳо ҳарчанд барои озодӣ ва нигоҳ доштани истиқлолияти давлатии хеш аз арабҳо ташкил ёфта бошад ҳам, вале ба нерӯи ҷангандагии Қутайба ибни Муслим тоб оварда натавониста, оқибат шикаст хӯрданд. Бо вуҷуди ин, пас аз вафоти сарлашкар Қутайба ибни Муслим ҷараёни муқовимати халқӣ дар Мовароуннаҳр характери бонизом ва мақсаднокро гирифт.[32.120]

**Машқи 4.** Ба кадом соҳа тааллуқ доштани истилоҳоти додашударо. муайян намоед: Морфология, ҳуҷайра, ядро; муодила, каср, махраҷ; ғулом, куҳандиз, кӯшк; морфология, фразеология, лексикология; калий, бор, натрий; молекула, зичӣ, ампер.

## Ҳафтаи 10

### Машғулияти якум

### Мавзуъ: Наҳв (синтаксис) ҳамчун қисми грамматика. Ибора ва хелҳои он

**Машқи 1.** Аз калимаҳои додашуда ибораҳои сода ва мураккаб созед: дарахт, дӯстӣ, калонтарин, меҳнатдӯст, водӣ, паранда, кишвар, донишҷӯ, шаҳр, китоб.

**Машқи 2.** Маънои яклухти воҳидҳои фразеологиро дарёфта, дар кадом маврид истифода шудани онҳоро фаҳмонед:

1. Ба даҳон об гирифтан;
2. Кулӯхи бачашм;
3. Мурғи посӯхта;
4. Чашм дӯхтан;
5. Аз паси панҷа нигоҳ кардан;
6. Сурху сафед шудан;
7. Аз дил гузаронидан.

**Машқи 3.** Ҷумлаҳои содаро ба ҷумлаҳои мураккаб баргардонед.

1.Таърих моро худшиносӣ меомӯзад.2. Густариши ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр ба ҳуҷуми сиёсиву низомии арабон вобаста буд. 3. Ин нукта ҳам қобили ёдоварист.

**Машқи 4.** Аз матни додашуда ибораҳоро ҷудо намуда нависед ва сохту хели онҳоро муайян кунед.

**Вазъи фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 80-90 - уми асри XX**

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (27 июни соли 1997) фазои фарҳангии кишвар хеле беҳтар шуд. Дар Тоҷикистон ба рушди маориф аҳамияти муҳим дода шуд. Афроди синни мактабӣ дар 3800 мактаби имрӯзӣ бо таҳсилоти ҳамагонии миёна пурра фаро гирифта шудаанд.

Дар соҳаи илмҳои бунёдӣ пешрафтҳои муҳим ба назар расиданд. Доир ба масъалаҳои астрофизика, кимиё, зилзиласанҷӣ, физиологияи рустаниҳо, таърих, фалсафа, адабиётшиносӣ, шарқшиносӣ ва нашри мероси хаттӣ як силсила асарҳои нав ба вуҷуд омаданд. Махсусан, бештар ба таърихи гузаштаи халқ таваҷҷуҳ шуд. Академикон Н.Неъматов, А.Мухторов ва як идда олимон дар ин мавзуъ асарҳо эҷод намуданд, ки китобҳои «Таърихи халқи тоҷик» (зери таҳрири Н.Неъматов), «Давлатдории тоҷикон» (мураттиб Н.Амиршоҳӣ), «Таърихи халқи тоҷик: асри 20»-и Ғ.Ҳайдаров, «Таърихи тоҷикони ҷаҳон»-и М.Бобохонов, «Таърихи тоҷикон ва Ҳафтхони Темурмалик»-и Н.Турсунов, «Аз Ориён то Сомониён»-и Э. Раҳмонов, «Мероси оли Сомон»(мурратиб Н.Салимов) аз зумраи онҳоянд. Дар ин солҳо «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров, «Таърихи Табарӣ»-и Муҳаммад Ҷарири Табарӣ аз нав чоп шуданд. «Қуръон» дубора ба забони тоҷикӣ чоп шуд. Адабиёт ва санъати тоҷик инкишоф ёфт. Дар ин давр достони ҳамосаи «Дод»-и Мӯъмин Қаноат, маҷмӯаи шеърҳои Лоиқ таҳти унвони «Фарёди бефарёдрас», повестҳои А. Самадов «Маҳбус» ва С. Турсунов «Санг дар бағал ба тӯфон», китоби сеҷилдаи шеърҳои Фарзона «Қатрае аз Мӯлиён» ва ғайра нашр гардиданд.

Адибони хушсалиқа К. Мирзоев, М. Бахтӣ, Салими Хатлонӣ як силсила асарҳои тоза эҷод карданд.[39,105]

**Машқи 6.** Бо ибораҳои фразеологии зер ҷумла тартиб диҳед: дили сахт, нури дида, мурғи посӯхта, хор шудан, дил сӯхтан, чашм дӯхтан.

## Ҳафтаи 11

## Машғулияти якум

## Мавзуъ: Ҷумла ва аъзоҳои он. Хусусиятҳои ҷумлаи сода

**Машқи 1.** Аз китоби академик Н. Неъматов Давлати Сомониён ҷумлаҳои сода ғалат рӯйнавис шудаанд, шакли дурусти онҳоро барқарор намоед.

1. Осиёи Миёна дошт ҷиҳатҳои хоси заминдории калон худро.

2. Чоряккорию иҷорагирӣ шакл ва анвои буданд хеле зиёд зоҳиран.

3. Аммо иқта васеъ интишор ёфт дар садсолаҳои минбаъда.

4. Давлат миқдори муайяншудаи андозро мегирифт дар ҳар ҳолат тамоми.

5. Дар бораи иқоматгоҳи кишоварзҳо маълумоти фаровон нест дар воҳаи Марви қадим.

**Машқи 2.**Аз порчаҳои назмии зерин мухотабро ёбед.

Эй бахт, аҷаб маро Ватан додаӣ ту,
Гулҳои умед аз чаман додаӣ ту.
Ман намедонам чӣ сон тасвир созам бо сухан,
Рангу рӯи беназири дилкашатро, эй Ватан!
Шод бош, эй Тоҷикистони советӣ, шод бош,
Манзили ободи насли навраси озод бош [41,57]

**Машқи 4.** Бо калимаҳои *эҳтимол, ҳамин тавр, қисса кӯтоҳ, ба назарам, аслан, албатта, воқеан* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 5.** Ҷумлаҳои зеринро ба дафтар навишта, калима ва ибораҳои туфайлиро муайян намоед.

Мутаассифона, ин масъулиятро ҳама баробар ҳис намекунанд. Ба ҳамин тариқа, ҳар кас бе навбат ва бе тартиб муддаои худро изҳор кард.

Чунонки дар боло ишора рафт, фонема воҳиди хурдтарини нутқ аст. Назар ба гуфтаҳои падарам, дар ҳафт иқлим аз Сир калонтар дарё набудааст. Хулласи калом, Одина ба умедвории бисёре дубора ба завод даромад.[48,44]

**Машқи 6.** Чор ҷумлае нависед, ки хабар дар аввали ҷумла омада бошад.

Намуна: Менависам ман суруди сулҳро бо хуни дил…

**Машқи 7.** Бо истифода аз таркибу калимоти “мутаассифона, воқеан, дар ҳақиқат, хушбахтона, ” ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 8.** Ду ҳикоятро аз “Гулистон”-и Саъдӣ навишта, навъи ҷумлаҳои содаашро муайян намоед.

## Ҳафтаи 12

### Машғулияти якум

### Мавзуъ: Ҷумлаи мураккаб. Ҷумлаи мураккаби пайваст

**Машқи 1.** Аз порчаҳои додашуда ҷумлаҳои мураккабро ёфта, ба дафтаратон нависед.

1.Тирҳои бехато кори худро карданд. Се тӯпи душман тамоман хомӯш шуд. Аммо маълум набуд, ки аз қатор баровардa шудаанд ё на. Ӯрунбек фармон дод, ки ба душман имконияти ба назди тӯпҳо омадан дода нашавад.

2.Шаби дуюми пур аз воҳима ва азоби мо расид. Имшаб ҳам хоб набурд. Асабҳои таранггашта ва пуризтироби маро гоҳ-гоҳ суханони тасаллиомези Акамирзо навозиш мекард. Ғиёсиддин хомӯш буд. Баъд маълум шуд, ки вай дарди сар шуда таб баровардааст. Мо ҳар чи ки метавонистем, ба вай ёрӣ расонидем. Ман ҷомаамро кашида ба болояш пӯшондам. Акамирзо бошад, дасту пояшро мемолиду афсонаҳои аҷибу дилкашро гуфта, саргардон кардан ва тасаллӣ додан мехост. [48.66]

**Машқи 2.** Байтҳое нависед, ки пайвандакҳои пайвасткунанда истифода шуда бошанд.

**Машқи 3.** Бо истифода аз истилоҳоти тахассусӣ ҷумлаҳои мураккаби пайваст тартиб диҳед.

**Машқи 4.** Матнро хонда, мазмунашро баён кунед.

Баҳодиҳӣ ба далелҳо чараёни ба ҳам пайвастаи унсурҳои хулосабарорӣ мебошад, ки аз омилҳои зерин иборат аст;

- чараёни омӯзиш, таҳлил ва майл кардан ба ақидаи муайян ё водор гардидан ба амали (қарори) муайян;
- ба вуҷуд омадани нуқтаи назари қатъӣ ё хулосаи муайян;
- муносибати (боварии) шахс нисбати дониш, хулоса, қарор, амали худ;
- эътимоднок ва тасдиқ ёфтани хулосаҳо;

Баҳодиҳӣ ба далелҳо аз рӯи ақидаи ботиниро дар пайдарҳамӣ ифода карда гуфтан мумкин аст, ки дар зинаи аввал омӯзиш, тадқиқот, таҳлил қарор доранд, дар зинаи минбаъда бошад- натиҷа ва хулосабарорӣ. Аз ин лиҳоз, баҳодиҳӣ ба далелҳо аз рӯи ақидаи ботинӣ бо амалӣ гаштани принсипи бевосита будани мурофиаи ҷиноятӣ алоқамандӣ дорад. Чунки дар натиҷаи баҳодиҳӣ ба далелҳо бевосита дар бораи ҳолатҳои воқеӣ хулоса мебароранд. Хулосаи онҳо бевосита ташаккул ёфта нуқтаи назари бевоситаи онҳоро ифода мекунад. Яъне хулосаи онҳо, хулосаи новобаста, озодона, мустақилона, бедахолат бевоситаи ботинӣ (шахси)-ро ифода мекунад [79,54].

**Машқи 5.** Аз матн ҷумлаҳои мураккаби пайвастро ҷудо намуда, ба дафтар нависед:

Зардуштиён аснои ибодат ва парастиш ба сӯи равшанӣ рӯй меоварданд, рӯзона ба офтобу шабона ба моҳ таваҷҷӯҳ мекарданд. Оташ, ки намунаи он аҷроми нуронӣ, яъне Хуршеду Моҳ буд, барояшон муқаддас шуморида мешуд.

Барои оташ оташкадаҳо месохтанд. Аз оташкадаҳои машҳури шаҳрҳои бузург, махсусан ҳафттоаш басе муътабар буд. Дар он маҳалҳо оташи ҷовид месӯхт. Онро аз хомӯш шудан нигаҳдорӣ мекарданд. Агар

ногаҳоноташ мемурд, барои аз нав барафрӯхтани он аз шонздаҳ маҳал оташ меоварданад: аз оташдони оҳангар, аз танӯри нонпаз, аз кӯраи заргар, аз гулхани чӯпон, аз оташдони оилаи некиқболи бошарофат ва монанди ин. [41.35]

**Машқи 6.** Дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти дар матн қарордошта пайвандаки пайвастро ҷудо намоед.

**Машқи 7.** Чор байте нависед, ки дар онҳо пайвандакҳои пайваст мавҷуд бошанд.

## Ҳафтаи 13

### Машғулияти якум

### Мавзуъ: Ҷумлаи мураккаби тобеъ

**Машқи 1**. Матни додашударо ба наср гардонед:

Писар чун зи даҳ баргузашташ синин,

Зи номаҳрамон гӯ, фаротар нишин.

Бари пунба оташ нашояд фурӯхт,

Ки то чашм бар он занӣ, хона сӯхт.

Чу хоҳӣ, ки номат бимонад ба хой,

Писарро хирадмандӣ омӯзу рой.

Ки гар ақлу табъаш набошад басе,

Бимирию аз ту намонад касе.

Басо рӯзгоро, ки сахтӣ барад,

Писар чун падар нозукаш парварад…

Ба хурдӣ дараш заҳру таълим кун,

Ба неку бадаш ваъдаву бим кун…

Нигаҳ дор аз омӯзгори бадаш,

Ки бадбахту бераҳ кунад чун худаш. [72, 453]

**Машқи 2**.Ҷумлаҳои содаро ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ баргардонед: Калонсолонро бояд эҳтиром кард, ... . Модарам маро

насиҳат кард, ... . Ман шояд пагоҳ омада натавонам, ... . Ӯ аз шодӣ дар куртааш намеғунҷид, ...

**Машқи 3.** Бо истифода аз истилоҳоти тахассусӣ ҷумлаҳои мураккаби тобеъ тартиб диҳед.

**Машқи 4.** Аз матн ҷумлаҳои мураккаби тобеашро ҷудо намуда, ба дафтар нависед:

Тахминан 40–35 ҳазор сол пеш ташаккули навъи имрӯзаи башар Homo sapiens сурат мегирад. Дар ин давра асбобу олоти сангӣ босуръат такмил меёбад. Ба ивази се-чор намуди асосии олатҳои замони мустйе асбобу абзорҳои гуногуни сангӣ ба вуҷуд меоянд. Бо такмили асбобу олот ҳаҷми онҳо хурдтар ва василаҳои шикор низ беҳтар мегардад.

Дар давраи палеолити боло ташаккули қабилаҳо шурӯъ мешавад: қавми модарӣ, ки аз гурӯҳи экзогамии одамони бо риштаҳои хешӣ ва умумияти насаби модарӣ баҳампайваста фароҳам омада буданд, дар ҳамин давра ба дараҷаи рушду такомули худ мерасад.

Палеолити болои Осиёи Миёна кам таҳқиқ шудааст.Зоҳиран, баръакси давраи мустйе, шароити табиӣ на дар ҳамаи ноҳияҳои Осиёи Миёна барои зиндагонии одамони он давр мусоид буд.

Муҳимтарин ёдгории палеолити боло қароргоҳи Самарқанд мебошад, ки дар даруни худи шаҳр воқеъ гардидааст. Дар байни ҳазорон маснуоти аз се табақаи маскунӣ бадастомада абзорҳои мухталиф, аз қабили белча, корд, асбобҳои тарошанда, буранда ва ғайра мавҷуданд. Соли 1964 аз ин ҷо ҷоғи одами палеолити боло ёфт шуд [32,17].

**Машқи 6.** Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи дар матн қарордошта пайвандаки тобеъкунандаро ҷудо намоед.

Зуҳури дини ислом, ки пасон сабаби ташкили давлати муттаҳидаи арабҳо - Хилофати Араб (622-1258) гардид, дар тақдиру сарнавишти бисёр халқҳои Шарқ, аз ҷумла тоҷикон, нақши муҳим бозид. Ислом, ки ба маънӣ - итоат, тавозуъ, фармонбардорӣ аст, яке аз динҳои яктопарастии ҷаҳонӣ

буда, дар асри VII дар нимҷазираи Арабистон дар муҳити қабилаҳои араб пайдо шудааст. Асосгузори он Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (570-632), яъне Муҳаммад пайғамбар шуморида мешавад. Азбаски дар исломи ибтидоӣ ғояҳои иҷтимоии бародарӣ, баробарӣ, накӯкорӣ, адолатпарварӣ, шафқату эҳтиром ба якдигар тарғибу талқин шуда, зулму тааддӣ, риёкорӣ, дурӯғгӯйӣ, ришвахӯрӣ ба зери тозиёнаи танқид афтида буд, мардуми нимҷазираи Арабистон ва баъдтар қавмҳои эронӣ ҳам онро писандида қабул карданд. Манбаъҳои ғоявии ислом, қабл аз ҳама дини яҳудӣ, масеҳӣ, динҳои қадимаи қабилаҳои араб, зардуштия ва монавия мебошад. [32,171]

**Машқи 7.** Чор байте нависед, ки дар онҳо пайвандакҳои тобеъкунанда мавҷуд бошанд.

**Машқи 8.** Дар мавзуи Заҳмати волидайн дар тарбияти фарзанд (бо истифода аз ҷумлаҳои мураккаби тобеъ) матн тартиб диҳед.

## Ҳафтаи 14

### Машғулияти якум

### Мавзуъ: Мавқеи аломатҳои китобат дар матн

**Машқи 1.** Матнро ба дафтар нависед, мавқеи аломатҳои китобатро муайян созед:

Басо мешавад, ки мепурсанд: истиқлолият чист, онро чӣ гуна бояд фаҳмид? Ба назари ман, истиқлол - соҳиби комилҳуқуқи обу замин, тамоми сарватҳо ва давлати худ будан аст. Истиқлол озодии шахс бо тамоми маъноҳояш дар меҳани худ аст.

Ҳамин маъниро Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар бахши «Сабақҳои таърих ва озмоишҳои мактаби истиқлолият»- и китобашон хеле нишонрас, возеҳ ва равшан ифода кардаанд [48,63]

**Машқи 2.** Бо истифода аз аломатҳои китобӣ дутогӣ ҷумлаҳои пурмазмун тартиб диҳед.

**Машқи 3.** Аз ҷумлаҳои зерин аломатҳои китобат афтодаанд, онҳоро барқарор созед:

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар борai забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ки забони тоҷикӣ забони давлатии Тоҷикистон 7 боб ва 28 модда аст омадааст Моддаи 3. Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Машқи 4.** Ҷумлаҳои мазмунаннақлшуда ва айнаннақлшударо ҷудо намуда, аломатҳои китобиро гузоред.

Маро ба галабонӣ намегирифта бошад пурсид Восеъ. Домулло фармуд, ки ҳезумро ба оғилхонаи ӯ бурда ҷо кунем. Ин кори ту нест дод зад пристав.  Вай мепурсид, ки меҳмон ба кадоме аз ин нӯшокиҳо майл дорад. Кампир гуфт Ман имшаб ба ҳикоягӯӣ ҳавсала надорам Дар он ҷо Аҳрорхоҷа ба ман гуфт, ки як чизро фаромӯш кардааст [ 48,54]

**Машқи 6.** Муаллифи ин гуфтаҳоро муайян намуда, ҷумлаҳо нависед, ки нутқи айнаннақлшуда ва мазмунаннақлшуда ба вуҷуд ояд:

Хонед, хонед, боз хонед! Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ... Биёед, эй рафиқон дарс хонем, Ба бекорию нодонӣ намонем. Ҷони ширин, ин қадар ҷангам макун.

**Машқи 7.** Аломатҳои китобати матнро барқарор намуда, онро ба дафтар нависед:

Моҳи феврали соли 1921 буд Дашти ҳамвори бедолу дарахти канорҳои дарёи Аму манзараи як биёбони мурдаро нишон медод фақат боди афғонӣ ки аз тарафи ҷануб ғуррос зада мевазид ин биёбони беҷонро ба ҳаракати ҷонканона оварда буд тӯфони чангу хоке ки бо вазидани бод аз дашт бармехост рӯи офтобро мисли абри сиёҳ фурӯ мегирифт дар он биёбони васеъ дар рӯз чунон ки дар шаби торик бошад касе чизеро дида наметавонист

Ятим ки ҳанӯз соли дувоздаҳуми худро пур намуда буд дар аввали сар шудани тӯфон гӯсфандони бойро ба қӯраи ҳавзмонанди заминӣ даровapда худ ба пеши даромадгоҳи қӯра қаровулӣ мекард Бачек барои

нигоҳдорӣ кардани чашму даҳонаш аз хоку рег чашмонашро бо дастонаш маҳкам гирифта даҳонашро ба замин карда парӯ мехобид... [48,38]

## Ҳафтаи 15

### Машғулияти аввал

**Мавзуъ:** Услубҳои забони адабӣ. Услуби бадеӣ, илмӣ ва публисистӣ

**Машқи 1**. Нависед, ба кадом услуб тааллуқ доштани муродифҳоро бо калимаҳои **умумиистеъмолӣ**, **китобӣ**, **гуфтугӯӣ** муайян кунед.

Абр, саҳоб; бадан, тан, ҷисм, пайкар; байрақ, ливо, алам; барқ, чароғак, оташак; хона, бино, иморат; бой, сарватдор, доро, ағниё.

**Машқи 2.** Нависед, ба кадом услубҳои нутқ тааллуқ доштани ҷумлаҳоро муайян кунед.

Дар осори Сорбон эҷодиёти халқ чун воситаи дарки бадеии воқеияти ҳаёт корбаст мешавад. Агар даҳони кафтарро калон кушоем, дар паси забон шикофиеро дидан мумкин аст. Барои гузаронидани овоздиҳӣ ва ҳисоб кардани овозҳо ҳангоми интихоботи депутатҳои маҳаллӣ ҳудуди районҳо, шаҳрҳо ба участкаҳои интихобот тақсим карда мешавад.

... Ҳаво сабуктар аз об аст ва гаронтар аз оташ ва табъи ӯ гарму тар аст ва манфиати ҳастии ӯ андар ҳар чизе он аст, ки чизҳои латиф ва сабук бошанд … (Исмоили Ҷурҷонӣ). Дода шуд, ба Исохони Ҷамшед дар ин бора, ки ӯ ҳақиқатан дар курси якуми факултети таърихи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таҳсил мекунад.

**Машқи 3.**Байтҳоро ба дафтар нависед ва аз он муродифи калимаи услубро дарёбед ва гӯед, ки он ба кадом маънӣ корбаст гаштааст.

Дуздида ҳусни Юсуф дидану каф буриданд,
З-ин шева дасти дуздон доим бурида бошад.

Шеваи риндӣ на лоиқ буд заъфамро, вале
Чун дарафтодам, чаро андешаи дигар кунам?

Ҷафокоро, вафодорӣ биёмӯз,
Зи ёрон шеваи ёрӣ биёмӯз.

Мушфиқӣ, шеваи адаб магзор,

Хок шав, домани талаб магзор! [72, 380]

**Машқи 4.** Байтҳои зеринро ба дафтар нависед, маънии онро дар ҳудуди 5-6 ҷумла баён созед.

Сухан, к-он аз сари андеша н-ояд,

Навиштанрову гуфтанро нашояд.

Шабҳои тираро ба шабохун намуда сарф,

Охир ба фатҳи субҳи дурахшон расидаӣ

Бо сиришкам Даҷлаву Ҷайҳун ду рӯди ошност,

Аз ду рӯди дидаи мо бод ёронро дуруд.

Биёр он май, ки пиндорӣ равон ёқути ноб астӣ,

Ва ё чун баркашида теғ пеши офтоб астӣ. [72.233]

**Машқи 1.** Порчаи зеринро ба дафтар нависед ва аз рӯи он хусусиятҳои услуби илмиро муайян намоед, истилоҳоти тахассусиро дарёбед ва ба дафтари луғат қайд намоед.

Яке аз қисматҳои муҳимми илми лексикология семасиология (ва ё семантика) ба шумор меравад. Семасиология маънои луғавӣ ва ҷиҳатҳои маъноии нутқи инсонро меомӯзад. Вай аз ду ҷузъ: semasia-маъно ва logos-илм, таълимот иборат аст ва дар маҷмӯъ дар бораи маъно ва мафҳуми луғат ва калимот баҳс мекунад. Семасиология дар навбати худ ба семасиологияи таърихӣ (диахронӣ) ва семасиологияи тасвирӣ (синхронӣ) тасниф меёбад. Семасиологияи таърихӣ мувazзаф аст, ки маъниҳои калимаҳоро дар такомул (эволютсия)-и таърихиашон мавриди таҳлил қарор диҳад ва ошкор созад, ки калима дар оғози мавҷудияти хеш кадом маъниро ба дӯш дошт ва минбаъд ба кадом маъниҳои нав соҳиб гардид. Масалан, калимаи раис. Вақте ки ин калима аз арабӣ иқтибос гардид, маъниҳои сардор, идоракунанда, сарвар, мансаби динӣ дар исломро ифода мекард. Дар натиҷаи дигаргуниҳои куллии иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ калимаи раис ифодаи маъниҳои навро ба дӯши худ гирифт ва баъзе маъниҳои пешинаи вай тағйироти сифатиро аз сар гузарониданд. Имрӯз раис маъниҳои зерро ифода менамояд:

1) сардори муассиса: раиси хоҷагии деҳқонӣ, муассиса, шӯро ва амсоли ин;

2) роҳбари ташкилотҳои иҷтимоӣ: раиси Иттифоқи касаба, раиси Иттифоқи нависандагон, раиси Шӯрои пешоҳангон, раиси Комитети занон, раиси Комитети ветеранҳои ҷанг ва ғайраҳо;

3) сардори мақомоти марказии роҳбарикунанда: раиси Шӯрои Олӣ, раиси суди олӣ, раиси комитети бехатарии давлатӣ.

Ҳамин тавр, маҳз таҳлили грамматикӣ ва лексикӣ-семантикӣ қодир аст, ки маъниҳои калима, тағйир ва эволютсияи онҳоро вобаста ба рӯйдодҳои ҷомеа нишон диҳад ва бори маъниҳои дар дӯш доштаи онро аз оғози мавҷудияташ то ба имрӯз нишон диҳад.

## Ҳафтаи 16

### Машғулияти аввал

### Мавзуъ: Услуби расмӣ-коргузорӣ

**Машқи 1.** Бо истифода аз хусусиятҳои фарқкунандаи услуби расмӣ-коргузорӣ намунаи ягон ҳуҷҷатро нависед.

ЗАБОНХАТ

Ман, Зафари Саидиён, сокини кӯчаи Сомониён, хонаи № 25, ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд (силсила ва рақами шиносномаам А 231815, ки ШКД, н. Бобоҷон Ғафуров 12.08.2012 додааст), аз ҳамсабақам Шодии Шарифзода дар шоҳидии шарикдарсам  Ҷовид Ҳомидзода ба маблағи 200 (дусад) сомонӣ  ба муддати 3 моҳ қарз гирифтам.

(имзо)

Имзои Зафари Саидиёнро тасдиқ мекунам:

Декани факултети таърих ва ҳуқуқи ДДХ

(ному насаб), (имзо), (мӯҳр),

(таърихи рӯз).

**Машқи 2 .** Бо истифода аз хусусиятҳои фарқкунандаи услуби расмӣ-коргузорӣ намунаи ягон ҳуҷҷатро нависед.

**Машқи 3.** Намунаи “ариза” ва “хислатнома”-ро таҳия намоед.

Агар дар дарсҳои амалӣ истифодаи методи машқ барои ташаккули дониш, маҳорат, малака истифода шаванд, дар дарсҳои КМРО барои интегратсияи фанни забони тоҷикӣ бо ихтисоси донишҷӯён, барои дарки забони сарчашмаҳои таърихӣ, шарҳу тавзеҳи мафоҳим ва истилоҳоти соҳавӣ мо аз матнҳои тахассусӣ истифода карданро тавсия медиҳем, ки дар поён блоки матнҳои тахассусӣ ва навъҳои кор бо матнро меорем:

## СИСТЕМАИ КОР БО МАТНҲОИ ТАХАССУСӢ

**Матни 1**

### Сохти давлатӣ ва ташкили дастгоҳи идораи он

Асосгузори давлати Сомониён Исмоили Сомонӣ ба хубӣ медонист, ки таъмин кардани истиқлолияти Мовароуннаҳр ва аз хилофати Араб озодона нашъунамо ёфтани вай фақат ҳамон вақт мумкин мешавад, ки дар ин мамлакат як ҳукумати марказӣ ба вуҷуд ояд. Вай дар роҳи ин мақсад як қатор иқдомот ба амал овард.

Яке аз ин навъ иқдомот ҷорӣ намудани усули мутаносиби идораи давлат буд. Дар аҳди Сосониён дастгоҳи давлатӣ ба **даргоҳ** (дарбори подшоҳӣ) ва **девонҳо** (идораҳои марказии ҳарбӣ-гражданӣ) тақсим мегардид. Дар шароити ҳаёти феодалӣ ба ин тақсимот он қадар ҳам риоя карда намешуд: одамони бонуфузи дарбор аксар вақт ба корҳое мудохила мекарданд, ки вазифаи ин ва ё он девон ба шумор мерафт.

Чи навъе ки Наршахӣ қайд мекунад, дар замони салтанати Насри II Сомонӣ (914-943) дар атрофи Регистони Бухоро даҳ бинои олӣ барои девонҳо сохта буданд. Девонҳо аз 10 идораи марказӣ иборат буда, аз рӯи вазифаҳои худ ба соҳаҳои зерин тақсим мешуданд:

**Девони вазир** - асоситарин идораи марказӣ ҳисоб мешуд ва дар тамоми муассисаҳои маъмурӣ, сиёсӣ ва иқтисодии давлат назорат менамуд. Ба вай сардорони ҳамаи девонҳои дигар итоат мекарданд. Ба мансаби сардори ин девон, яъне ба вазифаи вазирӣ ё ҳоҷиби бузург, одатан яке аз намояндагони се хонавода: Ҷайҳонӣ, Балъамӣ ва Утбӣ таъин

мешуданд. Тамоми қувваҳои ҳарбии Сомониён дар ихтиёри ҳоҷиби бузург буд.

**Девони муставфӣ** ҳамаи корҳои молиявӣ, яъне харҷу дахли мамлакатро пеш мебурд.

**Девони амид-ул-мулк** ба ҳамаи қоғазҳои муҳими давлатӣ маъмур буда, инчунин муносибатҳои дипломатиро бо дигар давлатҳо идора мекард.

**Девони соҳиб-уш-шурот** гвардияи Сомониёнро дар ихтиёри худ нигоҳ медошт, ба озуқа, моҳона ва нигоҳубини лашкар назорат менамуд.

**Девони соҳиб-ул-барид** (сардори почта) ба расонидани муросилоти давлатӣ маъмур буд. Аммо коркунони маҳаллии ин девон на фақат вазифаи хатбариро адо мекарданд, балки дар бораи ҳокимон ва маъмурини маҳаллии давлатӣ ва рафтори онҳо хабарҳои махфиро ҳам ба марказ расонида меистоданд, яъне вазифаи маъмурони «маҳкамаи сиёҳ»-ро низ ба ҷо меоварданд. Девони барид бо чунин хусусияти худ аз дигар девонҳо тафовут дошт, ки муассисаҳои маҳаллии вай ба ҳокимҳо итоат нанамуда, бевосита ба идораи марказии худ нигоҳ мекарданд. Бояд қайд кард, ки почта он вақтҳо фақат ба эҳтиёҷоти давлат хидмат менамуд ва барои аҳолӣ дастрас набуд.

**Девони муҳтасиб** ба бозор, тарозу, молҳои фурӯшии барзгарон ва пешаварон назорат мекард. Вай метавонист фурӯши молҳои қалб ва номарғубро боздорад ва ба нархи гарон фурӯхтани маҳсулотро манъ кунад. Ин девон тадриҷан ба ахлоқи мардум, масҷидравӣ ва истеъмоли машрубот низ назорат мекардагӣ шуд. Шаҳре набуд, ки муҳтасиби худро надошта бошад.

**Девони мушриф** корҳои давлатӣ, хусусан харҷу дахли хазинаро назорат мекард.

Ғайр аз ин девонҳо боз девони мулкҳои давлатӣ, девони қозӣ ва девони вақф мавҷуд буд. Ал-Хоразмӣ боз як девони дигар: девони умури ҳарбро ном мебарад, ки дар асари Наршахӣ зикр наёфтааст.

Муассисаҳои маҳаллии ҳамаи ин девонҳо, ба истиснои девони барид, аз як тараф, ба ҳокимҳо итоат кунанд, аз тарафи дигар, ба девони марказии худ итоат менамуданд.

Ҳокимони вилоятҳо аксаран аз байни аъён ва ашрофи заминдори бонуфуз, маъмулан аз хонаводаи ҳокимони гузаштаи маҳаллӣ таъин мешуданд.

Дар қатори ин ҳокимҳо дар ҳар шаҳр якнафарӣ раис ҳам буд, ки аз байни аъён ва ашрофи маҳаллӣ таъин мегардид.

Дар асри X, дар аҳди Сомониён рӯҳониёни ислом низ нақши калон мебозиданд. Дар Мовароуннаҳр асосан мазҳаби ҳанифия паҳн шуда буд. Саррӯҳонӣ, ки аввалҳо устод меномиданд ва баъдтар ба худ лақаби «шайхулислом»-ро гирифт, дар давлати Сомониён мавқеи бузурге дошт.

Аммо усули мутаносиби идораи давлат, ки Сомониён ба вуҷуд оварда буданд, ба ҳеҷ ваҷҳ аз марказияти қатъӣ пайдо кардани ин давлат шаҳодат намедиҳад.

Дар зарфи тамоми давраи ҳукумати Сомониён муборизаи ҳокимияти марказӣ бар зидди қасдҳои марказгурези моликони ҷудогонаи феодалӣ қатъ нагардид. На Исмоили Сомонӣ ва на ворисони ӯ, бо вуҷуди муборизаҳои шадиде, ки барои мустаҳкам намудани ҳокимияти мутамарказ мебурданд, усули мамлакатдории марказиятнокро дар бисёр маҳалҳо ва канору гӯшаҳои Осиёи Миёна ҷорӣ карда натавонистанд.Ҳарчанд вилоятҳои Хоразм, Чағониён, Хатлон ва ғ. дар ҳайъати давлати Сомонӣ бошанд ҳам, ҳокимони онҳо дар амал мустақилан ҳукмронӣ мекарданд.

Масалан, дар Хатлон дар зарфи қариб дусад сол (асрҳои IX–X) намояндагони сулолаи маҳаллии Баниҷуриён ҳукмронӣ карда, тамоми оидоти ин вилояти пурсарватро ба хазинаи худ мегузоштанд, вале ба Сомониён ғайр аз пешкаш чизе намедоданд. Ба ин тариқа, тадбири пешгирифтаи Сомониён, ки ҳокимони вилоят таъйин карда, ба ин васила

муқобилиятварзии феодалони маҳаллиро барҳам додан ва онҳоро ба тарафи худ кашидан буд, аксар вақт натиҷаҳои номатлуб медод.

Усули феодалии инъоми мулк, ки дар замони Сомониён хеле авҷ гирифта буд, давлатро аз дарун пора карда, ҳатто хоки аслии онро ҳам тақсим намуд. Аҳли хонадони сомонӣ ва амалдорони калон, ки ба тариқи инъом шаҳру вилоятҳоро соҳиб мешуданд, кӯшиши соҳибихтиёр шудан доштанд ва аксар вақт мавқеи аз ҳокимияти марказӣ мустақилро ишғол менамуданд.

Таҷрибаи ба умури идораи вилоятҳо таъин намудани намоёнтарин саркардаҳои ҳарбии гвардияи дарбори сомонӣ, ки дар вақтҳои аввал барои дарҳам шикастани муқовимати феодалони маҳаллӣ ва фурӯ нишондани шӯришҳои халқӣ ба кор бурда мешуд, низ оқибатҳои нек набахшид. Саркардагони турк аз норизоиятии феодалони маҳаллӣ ва муборизаҳои синфии дохилӣ истифода намуда, гоҳо худашон бар зидди ҳокимияти марказӣ сар мебардоштанд ва вилоятҳои худро мустақил эълон мекарданд [32, 316].

**Савол ва супоришҳо**

1. Истилоҳоти соҳавии матнро ҷудо кунед ва онҳоро мухтасар хаттӣ шарҳ диҳед.

2. Синоними калимаю ибораҳои зеринро дар хотир доред ва истифода намоед:

Аъён - бузургон, ашроф, саркардагон.

Ашроф - амалдорону мансабдорон, калонҳо, бузургон, соҳибони ҷоҳу мансаб

Барид – номарасон, қосид, пайк

Хилофат- халифа будан, ҷонишин шудан

Ҳоҷиб- мансабдори олимақом, вазир

Маъмур- амр гирифтан барои иҷрои ягон вазифа, мутасаддӣ

Мӯҳтасиб - назораткунандаи иҷрои қонуну қоидаҳои шариати ислом; назораткунандаи тартибу қоидаи бозор

Муросилот- мактубҳо, номаҳо

3.Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед:

идораи марказӣ, хилофати Араб, дастгоҳи давлатӣ, девони муставфӣ, муросилоти давлатӣ, девони барид, ҳокимияти мутамарказ, эҳтиёҷоти давлат, рӯҳониёни ислом, умури идораи вилоятҳо

4. Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуну қолаби онҳоро дар хотир нигоҳ доред:

Асосгузори давлати Сомониён….

Дар аҳди Сосониён дастгоҳи давлатӣ…..

Дар шароити ҳаёти феодалӣ…..

Девони амид-ул-мулк ба ҳамаи…

Дар зарфи тамоми давраи ҳукумати Сомониён…

Усули феодалии инъоми мулк…

Аҳли хонадони сомонӣ…

5. Аз матн ба саволҳо ҷавоб ёбед:

1. Озодона ташаккул ёфтани давлати Сомониён кадом вақт ба вуҷуд меояд?

2. Дар аҳди Сосониён дастгоҳи давлатӣ ба чанд тақсим мегардид?

3. Девонҳо аз рӯи вазифаҳои худ аз чанд идораи марказӣ иборат аст?

4. Саррӯҳонӣ чӣ гуна лақаб дошт?

5. Дар Хатлон дар зарфи чанд сол намояндагони кадом сулола ҳукмронӣ кардаанд?

6. Аҳли хонадони Сомонӣ чӣ ният доштанд?

7. Бо нақли мухтасари мазмуни матн бо риояи меъёрҳои забон (ҳусни баён) омода шавед.

**Матни 2**

## Хати суғдӣ ва адабиёти он

Ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ далолат менамоянд, ки дар Суғд хаттотони касбии баландихтисос буданд ва аксар ҳуҷҷатҳо бо хатти ниҳоят зебо ва хоно навишта шудаанд. Аксар вақт дар поёни ҳуҷҷатҳо чунин таъбир ба

назар мерасад: Бо супориши фалонӣ фалонӣ навишт. Масалан, номи Аспанаки Девгон ном хаттот то ба мо расидааст. Яке аз беҳтарин хаттотони Суғд дар ибтидои асри VIII Рамтиш ном касе буд, ки падараш Вғашфарн ном доштааст ва он никоҳхати зеборо маҳз ҳамон Рамтиш навишта будааст.

Ба туфайли ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ мукотибаи расмии суғдиён, ҳуҷҷатҳои юридикӣ, мактубҳои муқаррарӣ, мукотибаи хоҷагӣ ва ғ. дастрасӣ мо шуданд.

Сюан-сзан қайд кардааст, ки дар Суғд як навъ адабиёт ҳаст (ин таъбирро дигар хел хондан ҳам мумкин: як навъ солномаҳои таърихӣ ҳаст ё худ онҳо китобҳо ва солномаҳои таърихӣ доранд).

Дар ҳақиқат, суғдиён соҳиби адабиёти бойи динӣ ва дунявӣ буданд. Масалан, китобҳои суғдии буддоӣ бо хатти аслии суғдӣ навишта шудаанд. Аз ҷумлаи ин адабиёт тарҷумаи суғдии Вессон тараҷатакӣ аз ҳама муҳимтар аст. Дар ин китоб дар баробари матни суғдии ин ҷатакӣ матнҳои он ба забони палӣ, тибетӣ ва хитоӣ низ ҳастанд ва ин ба яке аз беҳтарин донандагони забони суғдӣ Э.Бенвенист имкон дод, ки матни суғдии ин асари буддоиро пурра хонда барояд. Матни суғдӣ 1513 сатр аст (фақат чанд саҳифаи аввал ва чанд сатри охираш нест).

Маълум, ки сикли ҷатакӣ яке аз муҳимтарин фаслҳои адабиёти ҳиндии буддоӣ мебошад. Инчунин асарҳои буддоие низ буданд, ки аз мавзуи илми илоҳиёт баҳс мекарданд. Е.Э.Бертелс навишта буд: Гуфтан лозим, ки қимати бадеии матнҳои мазкури суғдӣ баланд нест. Вале инро ҳам фаромӯш кардан лозим не, ки онҳо тарҷума мебошанд. Аз ҳама муҳимаш ҳамин, ки ин матнҳо ба зиммаи мутарҷимони суғд вазифаи бениҳоят мураккабтар гузошта буд ва дар айни ҳол, ин матнҳо ба мутарҷимон мадад мерасонданд, ки забони худро такмил диҳанд ва ба дараҷаи забони бою мукаммали адабиёти Ҳиндустони қадим – ба дараҷаи забони санскрит баланд бардоранд.

Бояд қайд кард, ки тарҷумаи суғдӣ тарҷумаи тахтуллафзӣ набуд ва баъзе ҷойҳои он аз асл дур мерафт. Тарҷумон ба тарҷумаи худ нуктаҳое илова кардааст, ки дар матни аслӣ нест, вале аз ҷаҳонбинӣ ва тарзи ҳаёти суғдиёни онзамона бармеомад.

Вилоятҳои Осиёи Миёна нахустин бор бо хат пас аз дохил шудан ба ҳайъати давлати Ҳахоманишӣ ошноӣ пайдо карданд. Ёфт шудани навиштаҷоти оромӣ дар ҳудуди собиқ сатрапиҳои шарқии давлати Ҳахоманишӣ (Таксил, Пули Дарунта ва Қандаҳор) бар он шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз дар аҳди ҳахоманишиҳо забон ва хатти оромӣ ба музофотҳои саргаҳи Ҳинд ва Осиёи Миёна нуфуз карда, дар расмияти идораҳои давлатии он ҷо истифода бурда мешудаанд. Дар аҳди Ҳахоманишиҳо ба тадриҷ қолабҳои ба забонҳои эронӣ гардонидани истилоҳот ва муншаоти оромӣ ба вуҷуд омадаанд.

Баъдҳо аз номаҳои идоравии оромии пас аз Ҳахоманишиҳо чор системаи хатти идеографӣ: портӣ, форсӣ, суғдӣ ва хоразмӣ пайдо шуданд. Ин системаҳои хат дар Осиёи Миёна ва Эрон муддати чандин аср, то давраи истилои арабҳо мавҷудияти худро нигоҳ доштанд.

Чунон ки таъйид гардида буд, дафинаи Амударё барои таҳқиқи ҳунар ва санъати Осиёи Миёна, аз ҷумла Бохтари миёнаҳои ҳазораи I пеш аз милод материали асосӣ медиҳад. Сиккаҳои давраҳои охири ин дафина мутобиқи соли 200-уми пеш аз милод буда, аксари ашёи он, бешубҳа, ба давраҳои қадимтар, яъне асри IV ва ҳатто асрҳои VI-V пеш аз милод мансубият дорад.

Дар байни ганҷҳои дафинаи Амударё як миқдор ашёи воридотӣ ҳам мавҷуд аст, аммо қисмати муҳими ин дафинаро маснуоти маҳаллӣ ташкил менамояд. Устодони ин ҷо бо санъати дарбории Эрони ҳахоманишӣ, ки намунаи барҷастаи он қасрҳои бошукӯҳи Истахр ва Шуш мебошад, шиносоӣ доштанд. Саҳнаи шикори шер, ки дар рӯйбасти заррини наём тасвир шудааст, ҳамчунин сурати шер аз таъсири анъанаи мактаби

устодони нақшҳои машҳури ошурӣ, ки яке аз мавзуъҳои дӯстдоштаи онҳо шер шикор кардани подшоҳ буд, шаҳодат медиҳад.

Санъати Бохтари Қадимро боз дигар як мактаби шоистатаре буд, ки онро бо санъати дунёи васеи тоифаҳои бодиянишин наздик менамуд. Тарзи хеле гӯёву фасеҳ, муассиру пурҷазаба, дар ҳаракати тез, ҳолат ва чарху печҳои ғайриодӣ тасвир кардани ҳайвонот ҷиҳати хоси ин санъат аст. Нақши ин сабки тасвирро дар ашёи хизонаи Амударё ҳам метавон мушоҳида намуд. Чунончи, ҳайкалчаҳои гавазн, муҷассамаи нуқрагии буз дар вазъи ҷаҳиш, саҳнаи саворон ҳангоми шикори бузу харгӯш аз ҳамин қабиланд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, дар асри IV пеш аз милод бузургзодагони суғд майдонҳои шикори худро доштаанд ва, аз ин рӯ, табиист, ки саҳнаи шикор дар санъати Бохтари Қадим ин тариқа маъмул ва машҳур аст. Бинобар ин дар вақти омӯхтани санъати сабки тасвири ҳайвонот бояд мавқеи мактаби ҳунарии Бохтар ва дигар воҳаҳои иқоматиро ба назар гирифт. [32,257]

**Савол ва супориш**

1. Истилоҳоти соҳавии матнро ҷудо кунед ва онҳоро мухтасар шарҳ диҳед.

2. Синоними калимаю ибораҳои зеринро дар хотир доред ва истифода намоед:

хаттот- хушхат, хатнавис

никоҳхат- хати никоҳ

мукотиба - мактубнависӣ, нома навиштан

мутарҷимон- тарҷумон

нукта - мазмуни дақиқ, сухани пӯшида, ҳарфи муҳим

муншаот- навиштаҷоти адабӣ ва мактубӣ, мактубот

бодиянишин- сокини бодия, биёбоннишин

муассир- таъсиркунанда

пурҷазаба- ҷозибанок, ҷозиб, бахудкашанда

воҳа - ободӣ дар миёни дашту саҳро, қитъаи замини сабз дар биёбон.

3. Бо иборахои зерин чумлахо тартиб дихед: хаттотони касбии баландихтисос, никоххати зебо, хуччатхои Қалъаи Муғ, китобхои суғдии буддоӣ, мутарчимони суғд, хаёти суғдиён, қасрхои бошукӯх, муншаоти оромӣ, устодони накшхои машхури ошурӣ, бузургзодагони суғд

4. Чумлахоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуну қолаби онро дар хотир нигох доред:

Хуччатхои Қалъаи Муғ далолат менамоянд….

Яке аз бехтарин хаттотони Суғд….

Дар хақиқат суғдиён….

Сиккахои даврахои охири ин дафина….

Устодони ин чо бо санъат……

Санъати Бохтари Қадимро боз дигар….

5. Аз матн ба саволхои зерин чавоб ёбед:

1) Дар Суғд хуччатхоро ки менависад ва ба ин масъала кадом санад истифода мешавад?

2) Суғдиён чӣ гуна адабиёт доштанд ва он асар чӣ ном дошт?

3) Вилоятхои Осиёи Миёна кай бо хат ошноӣ пайдо карданд ва навиштачоти оромӣ дар кучо дарёфт карда шуд?

4) Номахои идоравии оромӣ дар асоси чанд системаи хатти идиографӣ пайдо шуда, то кай мавчудияти худро нигох доштанд?

5) Ганчхои дафинаи Амударёро чихо ташкил медиханд?

6. Ба нақли мазмуни матн бо риояи талаботи меъёрхои забон (хусни баён) омода шавед.

**Матни 3**

## Мухорибахо дар дамгахи Осиёи Миёна

Дар сарчашмахои хаттӣ рочеъ ба чорачӯихои Бесс баъзе маълумот мавчуд аст. Аввалан, ӯ кӯшиш кард, ки чихати қонунии хокимияти худро таъмин намояд. Зухуроти чунин кӯшишхои Бессро дар ахбори Диодор (XVII, 74, 1-2) рочеъ ба Бохтар метавон пай бурд: Бесс ваъда дод, ки ба

ҷанг сардорӣ мекунад ва мардум бовар карда, ӯро подшоҳ хостанд. Дар ин сарчашма ҳамчунин хотирнишон мешавад, ки Бесс аскар ҷамъ кард ва аслиҳаи бисёр омода намуд.

Бесс муваффақ гардид, ки аз сатрапиҳои ҳамсоя, пеш аз ҳама Ориё (вилояти имрӯзаи Ҳирот) ва инчунин аз мардумони бодиянишин барои тарафдорӣ ризоият гирад. Як навъ Иттифоқи сатрапиҳо ташкил ёфт. Аммо ба ӯ таъмини пуштибонии табақаҳои васеи аҳолӣ муяссар нагардид. Яке аз сабабҳои асосии ин ба худ ном ва унвони подшоҳи ҳахоманиширо гирифтани Бесс буд. Илова бар ин, ба ӯ фурсат кифоя намекард: аз тарафи ғарб лашкари Юнону Мақдунӣ бо суръат наздик меомад.

Аввалин дафъа лашкари Юнону Мақдунӣ дар Ориё ба муқовамати сахт дучор гардид. Ба Искандари Мақдунӣ бештар аз як моҳ лозим омад, то муқовамати ориёиҳоро фурӯ нишонад. Дастаи сершумори саворан ориёӣ бо сардории Сатибарзан аз дасти Искандар раҳоӣ ёфта, ба қӯшуни Бесс ҳамроҳ шуд.

Искандари Мақдунӣ вилоятҳои ҷанубии Афғонистонро, ки дар он ҷойҳо низ, зоҳиран, тарафдорони Бесс мавҷуд буданд, забт намуда, ба воситаи ағбаи ҳиндукуш роҳи шимолро пеш гирифт. Ҳангоми ба даштҳои шимоли Афғонистон баромадани лашкари Юнону Мақдунӣ дар ихтиёри Бесс 7 ё 8 ҳазор бохтариҳои мусаллаҳ ва боз чанд даста сарбозони дигар буданд (Арриан, III, 28, 5; Квинт Куртсий, VII, 4, 20). Дуруст аст, ки Бесс ба мақсади нигоҳ доштани як қисми лашкари Искандар Сатибарзанро бо ду ҳазор аскари савора ба Ориё фиристод ва дар он ҷо шӯриш сар зад, ки Искандарро маҷбур сохт барои фурӯ нишондани он қисмате аз қувваҳои ёрирасони худро равона кунад. Бо вуҷуди ин нирӯи Искандар аз нирӯи Бесс хеле зиёд буд. Аз ин рӯ, Бесс ба тарафи шимол, ба Бохтари ин сӯи Амударё, яъне ба Осиёи Миёна ақиб нишаст.

Дар таълифоти илмӣ роҷеъ ба моҳият ва оқибати амалҳои Бесс фикру андешаҳои мухталиф баён ёфтаанд. Ба назари мо, ин амалиёт,

сарфи назар аз кӯшишу ҳаракатҳои шахсии салтанатталабонаи худи Бесс, объективона аҳамияти прогрессивӣ дошт. Ба тавассути муборизае, ки бо сардории Бесс вусъат пайдо намуд, ҳамлаи лашкари юнону мақдунӣ ба Осиёи Миёна якчанд моҳ (ва шояд ним сол ҳам бошад) ба таъхир афтод, зеро аскарони Искандар дар натиҷаи муқовиматҳои сари роҳи ин сарзамин заифу беҳол гардида буданд. Муборизаи иттифоқи сатрапиҳо бар зидди лашкари истилокори юнону мақдунӣ муқаддимаи он муборизаи ҳақиқатан ҳам халқиест, ки баъдтар дар сарзамини Осиёи Миёна бо вусъати тамом ба амал омад [32.91].

**Савол ва супориш**

1.Истилоҳоти соҳавии матнро ҷудо кунед ва онҳоро мухтасар шарҳ диҳед.

2.Синоними калимаю ибораҳои зеринро дар хотир доред ва истифода намоед:

Ағба - ақаба, давон, гардана.

Аслиҳа - силоҳ, яроқи ҷангӣ

Сарчашма - манбаъ, маншаъ

Муқовамат - муқобил

Мусаллаҳ - силоҳдор, аслиҳадор, яроқдор:

нирӯ- қувва, зӯр, қудрат

салтанатталабона - толиби тоҷу тахт, тахтталаб.

1. Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: сарчашмаҳои хаттӣ, кӯшишҳои Бесс, сатрапиҳои ҳамсоя, муқовамати сахт, даштҳои шимоли Афғонистон, мардумони бодиянишин, ағбаи ҳиндукуш, аскари савора, лашкари истилокор;

2. Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуну қолаби онҳоро дар хотир нигоҳ доред:

Зуҳуроти чунин кӯшишҳои Бессро…

Бесс муваффақ гардид…

Аввалин дафъа лашкари юнону мақдунӣ…

Искандари Мақдунӣ вилоятҳои…

Дар таълифоти илмӣ роҷеъ…

Муборизаи иттифоқи сатрапиҳо…

3. Аз матн ба саволҳо ҷавоб ёбед:

1) Дар сарчашмаҳои хаттӣ роҷеъ ба нақшаҳои Бесс чиҳо мавҷуд аст?

2) Лашкари юнону мақдунӣ дар Ориё ба чӣ дучор шуд ва он чӣ гуна анҷом ёфт?

3) Искандари Мақдунӣ кадом мавзеъҳоро забт намуд?

4) Дар таълифоти илмӣ роҷеъ ба амалҳои Бесс чиҳо гуфта шудааст?

6.Бо нақли мазмуни матн бо риояи талаботи меъёри забон (ҳусни баён) омода шавед.

**Матни 4**

## Умумияти ҳиндуэронӣ. Ориёиҳо

Протсессҳои этникие, ки дар Осиёи Миёнаи аҳди биринҷӣ ба амал меомаданд, ҳам барои тараққиёти ояндаи худи ин сарзамин ва ҳам барои таърихи як қатор кишварҳои ҳамсоя, ки аз Ҳиндустон то Аврупои ҷанубӣ-шарқӣ масоҳати бузургеро ишғол кардаанд, аҳамияти хеле калон доштанд.

Мавҷуд набудани манбаъҳои хаттӣ ва ҳанӯз ба як маънӣ тавзеҳ наёфтани бозёфтҳои археологӣ боиси ба миён омадани душвориҳо дар таҳқиқи таърихи этникии Осиёи Миёнаи онвақта гардидааст. Бо вуҷуди ин, маълумоти аз оғози давраи таърихӣ дар сарзамини Осиёи Миёна ва кишварҳои ҳамсоя сукунат доштани қавму тоифаҳои мухталиф ва ҳамчунин мадракҳои қиёсии таърихию забоншиносӣ дар баробари таҳқиқ ва ҷамъбасти материалҳои беш аз пеш афзояндаи археологӣ ба баровардани чанде аз хулосаҳои муҳим ва ба ҳақиқат наздик имкон медиҳанд.

Нахустин сарчашмаҳои хаттии санавӣ, ки дар бораи Осиёи Миёна маълумот медиҳанд, дар асрҳои VII–VI пеш аз милод дар ин сарзамин сукунат доштани қавму тоифаҳои эронинажод - суғдиён, бохтариҳо, марғиёниҳо, хоразмиҳо, портҳо, қабилаҳои мухталифи сакоӣ ва ғайраро хотирнишон намудаанд.

Ҳоло дар натиҷаи кофтуков ва бозёфтҳои ҷудогонаи археологӣ ба дасти олимон матнҳои ба чандин забонҳои эронӣ навишташуда расидаанд, ки ин забонҳо дар давраҳои қадим ва аввали асри миёна дар Осиёи Миёна ва ноҳияҳои сарҳадии дар – антар; ду – два ва два; чаҳор – чатвар ва чатвар; панҷ – панча ва панҳча, ҳафт – ҳапта ва сапта; ҳашт – ашта ва ҳашта; даҳ– даса ва даща, дувоздаҳ – двадаса ва двадаща; сад– сата ва щата ва ғайра.

Аксари ин калимаҳо бо баъзе тағйироти фонетикӣ мавҷудияти худро дар забонҳои ҳозираи эронӣ низ давом медиҳанд. Чунончи, дар забони тоҷикӣ калимаҳои *об, бод, тан, даст, ном, падар, бародар, андар, ду, чаҳор, панҷ, ҳафт, сад* ва амсоли инҳо то имрӯз мустаъмал аст.

Мутобиқати устувор ҳамчунин дар грамматика, дар системаи тасриф ба назар мерасад. Масалан, дар эронии қадим калимаи *тану* дар ҳолати фоилӣ (именительный падеж) шакли *тануш, танум, танва* ва ҳоказо. Дар эронии қадим барои тасрифи феъли *бар* (бурдан) чунин шаклҳои замони ҳозираи он вуҷуд дошт: шахси якуми танҳо – *барамӣ*, шахси дувуми танҳо – *бараҳӣ,* шахси севуми танҳо – *баратӣ* ва ғайра; дар ҳиндии қадим барои тасрифи ҳамин феъл, яъне *браҳ* мутобиқан чунин шаклҳо мавҷуд буд: *бҳарами, бҳараси, бҳарата* ва ғайра.

Чунин далелҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки забонҳои ҳиндӣ ва эронӣ аз як мабдаи забонӣ ба вуҷуд омада, асосҳои сохти грамматикӣ ва луғавии худро аз он мерос гирифтаанд. Инро ҳам бояд гуфт, ки забонҳои нави дар ҷараёни тараққиёти мустақил инкишоф ёфтаи эронӣ (ва ҳамчунин ҳиндуориёӣ), чи навъе ки забоншиносон хотирнишон менамоянд, назар ба

забонҳои қадими эронӣ ва ҳиндӣ аз якдигар тафовути бештар доранд [32,33-36].

**Савол ва супориш**

1. Истилоҳоти соҳавии матнро ҷудо кунед ва онҳоро мухтасар шарҳ диҳед.

2. Синоними калимаю ибораҳои зеринро дар хотир доред ва истифода намоед:

аҳд- паймон

қавм - гурӯҳи мардум, тоифа, қабила

қабила - гурӯҳи иҷтимоӣ, ки муносибатҳои хешутаборӣ ва ягонагии забону ҷой истиқомат аз нишонаҳои он аст, қавм, тоифа

мадрак-маҳалли дарк, макони идрок, маъхаз, санад, ҳуҷҷат

манбаъ-сарчашма

мабдаъ-ҷои оғоз, ҷои пайдоиш; асл, асос, маншаъ. ибтидо

тоифа-гурӯҳ, қабила

этникӣ- мансуби ягон халқ ва халқият

3. Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: Протсессҳои этникӣ, аҳди биринҷӣ, кишварҳои ҳамсоя, бозёфтҳои археологӣ, манбаъҳои хаттӣ, мадракҳои қиёсии таърихию забоншиносӣ, давраҳои қадим, эрони қадим, мабдаи забонӣ

4. Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуну қолаби онҳоро дар хотир нигоҳ доред:

Протсессҳои этникие, ки дар Осиёи Миёна…

Мавҷуд набудани манбаъҳои хаттӣ…

Нахустин сарчашмаҳои хаттии санавӣ…

Аксари ин калимаҳо бо баъзе тағйироти фонетикӣ…

Чунин далелҳо гувоҳӣ медиҳанд….

5. Аз матн ба саволҳо ҷавоб ёбед:

1. Протсессҳои этникӣ дар Осиёи Миёнаи аҳди биринҷӣ чӣ гуна аҳамият доштанд?

2. Мавҷуд набудани манбаъҳои хаттӣ ба чӣ оварда расонид?

3. Нахустин сарчашмаҳои хаттии санавӣ дар бораи чӣ маълумот медиҳад?

4. Ба дасти олимон чӣ гуна навиштаҷот омада расид?

5. Кадом вожаҳо бо ҳодисаҳои фонетикӣ мавҷудияти худро давом медиҳанд?

6.Бо нақли мазмуни матн бо риояи талаботи меъёри забон (ҳусни баён) омода шавед.

**Матни 5**

**Масъалаи ташаккули қадимтарин давлатҳо**

Таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёна нишон медиҳад, ки мамлакат дар марҳилаи гузариш ба ҷамъияти синфӣ буд. Комилан табиист, ки дар баъзе аз ноҳияҳои мутараққии Осиёи Миёна аввалин давлатҳо ташкил меёфтанд ва, эҳтимол, инҳо ҳамон давлатҳое буданд, ки дар Авесто даҳйусасти номида шудаанд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ оид ба ин давлатҳои нахустин маълумоти хеле кам ва дар бисёр мавридҳо нодурустеро дучор менамоем.

Яке аз ин давлатҳо Хоразми Бузург буд. Геродот (III, 117) иттилоъ медиҳад: Дар Осиё даште мавҷуд аст, ки атрофашро силсилаи кӯҳҳо ишғол кардаанд, дар ин қаторкӯҳҳо панҷ дара мавҷуд аст. Замоне ин дашт моли хоразмиён буд ва он дар ҳудуди хоки ҳамин хоразмиён, гиркониён, портҳо, сарангҳо ва таманаиҳо ҷо гирифтааст. Аз кӯҳе, ки дар атрофи дашт ҷо дорад, дарёи бузурги Акес ҷорӣ аст. Аввалҳо дарё ба панҷ шохоб тақсим шуда, заминҳои мардумони зикршударо обшор менамуд. Ин порча аз Геродот баҳси зиёдро ба миён овардааст; тафсироти мухталиф, аз ҷумла, комилан фантастикӣ дар ин бобат баён шудааст. ҳақиқатан ҳам дар ин ҷо душвориҳои зиёд пеш меоянд. Дар натиҷа В.В.Бартолд барин

шахсе, ки беҳтарин донандаи географияи таърихии Осиёи Миёна аст, аз таҳлили конкрети ин иттилоот даст кашидааст.

Аксарияти олимон ба ин иттилоъ таври дигар назар мекунанд. Аввалан, дарёи Акесро, ки Геродот аз он хабар медиҳад, қариб тамоми муҳаққиқон ҳамон дарёи Теҷен мешуморанд (Ба ақидаи мо, С.П.Толстов, ки бар хилофи шаҳодати бавосита ва бевоситаи манбаъҳо кӯшиш дорад, дарёи Акесро дар мавзеи Хоразми ҳозира ҷой бидиҳанд, ноҳақ аст. Сониян, иттилооте, ки дар асарҳои дигар муаллифони қадим мавҷуд аст, ба назар гирифта мешавад. Муаллифи юнонӣ Геготеи Милетӣ (наздики соли 500 пеш аз милод) аз Геродот пештар хоразмиҳоро ёд мекунад, ки қисман дар дашт ва қисман дар кӯҳҳо, дар шарқи Порт зиндагӣ мекарданд. Равшан аст, ки ин на Хоразми ҳозиразамон, балки ноҳияест дар навоҳии Ҳироту Марв ҳамаи инро ба назар гирифта, И.Маркварт дарёи Акесро натанҳо бо Ҳарирӯди ҳозира – Теҷен айният додааст, ки ба ин васила иттилооти Геродот воқеӣ ба назар мерасад, балки онро бо ривоятҳои эронии қадим оид ба Афросиёб, ки якчанд дарёҳоро ба кӯли Ҳилманд гузаронидааст, муқоиса менамояд. Вай ба будани иттиҳодияи калони қабилаҳои шарқиэронӣ – Хоразми Бузург ақидаи худро изҳор дошт [32,60].

**Савол ва супориш**

1.Истилоҳоти соҳавии матнро ҷудо кунед ва онҳоро мухтасар шарҳ диҳед.

2.Синоними калимаю ибораҳои зеринро дар хотир доред ва истифода намоед:

Вазъ -ҳолат

марҳила- давра

мутараққӣ- пешқадам,афзуншаванда,тараққикунада

қаторкӯҳ - силсилакӯҳ, кӯҳҳои занҷирбанд

дара- водии танги воқеъ дар байни ду кӯҳҳо

иттилоот - иттилоъ, ахбор

манбаъ - сарчашма, маншаъ, маъхаз

ақида-андеша, фикр, эътиқод, маслак

5. Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, марҳилаи гузариш, ноҳияҳои мутараққӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, тафсироти мухталиф, муаллифи юнонӣ, дарёи бузург, тафсироти мухталиф, ривоятҳои эронии қадим, қабилаҳои шарқиэронӣ

6. Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуну қолаби онҳоро дар хотир нигоҳ доред:

Дар баъзе аз ноҳияҳои мутараққии Осиёи Миёна....

Дар сарчашмаҳои таърихӣ...

Замоне ин дашт моли хоразмиён буд...

Ин порча аз Геродот баҳси зиёдро...

Аввалан, дарёи Акесро, ки Геродот...

Муаллифи юнонӣ Геготеи Милетӣ...

Равшан аст, ки ин на Хоразми ҳозиразамон...

5. Аз матн ба саволҳо ҷавоб ёбед:

1.Таҳлилҳо оид ба вазъи Осиёи Миёна чӣ нишон дод?

2. Геродот оид ба Хоразми бузург чӣ иттилоъ медиҳад?

3. Олимон дар бораи дарёи Акес чӣ гуна ақида доранд?

4. Олими юнонӣ оид ба Хоразм чӣ гуна иттилоъ медиҳад?

5. Кадом вожаҳои куҳан бо тағйироти фонетикӣ то ҳол мавҷудияти худро давом медиҳанд?

6. Бо нақли мазмуни матн бо риояи талаботи меъёри забон (ҳусни баён) омода шавед.

**Матни 6**

**Таснифи ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд**

Дар ҷаҳони имрӯза вазъи ҳуқуқии инсон ё таълимот дар хусуси ҳуқуқҳои одам аз сарҳадҳои миллии давлатҳо берун гардида, ба масъалаи

умумибашарӣ табдил ёфтааст. Обрӯю мартабаи давлатҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ бештар вақт ба он вобаста аст, ки онҳо то кадом дараҷа ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро бо қонунҳои миллӣ эътироф, риоя ва кафолат медиҳанд. Санадҳои муҳимтарини байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, қабили Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, санадҳои байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, дар бораи ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ ва ғайра, ҳуқуқҳои инкоршавандаи инсон ва шаҳрванд, озодиҳои ӯро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт эълон намуда, давлатҳои ба ин санадҳои ҳамроҳшударо водор менамоянд, ки дар қонунҳои миллӣ ба онҳо кафолат диҳанд. Дар аксари давлатҳои тозаистиқлол муассисаҳои махсуси назоратӣ аз болои риояи ҳуқуқҳои инсон ташкил ёфта, ба онҳо омбудсмен – намоянда оид ба ҳуқуқҳои инсон таъин карда шудаанд.

Барои дар ҳаҷми пурра ба шахс паҳн гардидани ҳуқуқу вазифаҳо лаёқати соҳибҳуқуқӣ доштани ӯ зарур аст. Яъне узви дигари ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд соҳибҳуқуқии умумӣ ё ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва вазифадории онҳо мебошад. Лаёқати соҳибҳуқуқии шахс бо шаҳрвандӣ алоқаманд буда, онҳо якдигарро пурра мекунанд. Шаҳрванди Тоҷикистон, ки лаёқати пурраи ҳуқуқӣ дорад, метавонад шахси (субъекти) комили ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ бошад.

Мазмуни ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, аз ҳама бештар дар ҳуқуқу вазифаҳои онҳо, ки қонунгузории Тоҷикистон муқаррар кардааст, ифода меёбад. Низоми ҳуқуқу вазифаҳо, хусусан, ҳуқуқу вазифаҳои асосӣ қисми марказии ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд мебошад. Зеро ки маҳз онҳо алоқаҳои муҳимтарини байни давлат ва шаҳрвандро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт таҷассум мекунанд. Вобаста ба низом ва мазмуни ҳуқуқу вазифаҳои асосӣ дар хусуси ҳолати ҳуқуқии шахс дар Тоҷикистон сухан рондан мумкин аст. Ва ин ҳолат, яъне низоми ҳуқуқ озодӣ ва вазифаҳои асосӣ, нишондиҳандаи демократизми ин ё он ҷомеа мебошад.

Қисми таркибии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд принсипҳое мебошанд, ки дар хусуси моҳияту мазмуни ин падида шаҳодат медиҳанд.

Присипҳои асосии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборат аст: дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон; баробарҳуқуқии шаҳрвандон; ягонагии ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои шаҳрвандон.

Дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст:

*Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд* [90,42].

**Савол ва супориш**

1.Истилоҳоти соҳавии матнро ҷудо кунед ва онҳоро мухтасар шарҳ диҳед.

2.Синоними калимаю ибораҳоро дар хотир доред ва истифода намоед:

Башар - инсон, одам, мардум;

Ҳуқуқ- маҷмӯи меъёр, рафтор ва муносибатҳои ҷамъиятию иҷтимоии одамон;

Соҳибҳуқуқ - он ки ба муайян кардани ҳаққу ҳуқуқи худ соҳиб аст, баҳраманд аз ҳама ҳуқуқҳо;

Умумибашарӣ - барои умуми башарият хос, умумиинсонӣ;

Дахлнопазирӣ- ҳуқуқи масуният,қобилияти муқобилият;

Санад - хуҷҷат, бурҳон;

Демократизм - шакли идораи сиёсии ҷамъият, ки ба эътирофи аз они халқ будани ҳокимият асос ёфтааст;

Фитрӣ- зотӣ, табиӣ, ҷибиллӣ;

Омбудсмен – шахсияти расмӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон;

4. Бо иборахои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: ҳуқуқи инсон, мартабаи давлатӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, санадҳои байналхалқӣ, ҳуқуқҳои фитрии инсон, нишондиҳандаи демократизм;

5.Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуну қолаби онҳоро дар хотир нигоҳ доред:

Обрӯю мартабаи давлатҳо...

Санадҳои муҳимтарини байналмиллалӣ...

Лаёқати соҳибҳуқуқии шахс...

Мазмуни ҳолати ҳуқуқии инсон...

Низоми ҳуқуқу вазифаҳо...

Қисми таркибии вазъи ҳуқуқии инсон...

Дар моддаи 5 Конститутсияи...

6. Аз матн ба саволҳо ҷавоб ёбед:

1) Дар ҷаҳони имрӯза вазъи ҳуқуқии инсон ба чӣ табдил ёфтааст?

2) Обрӯю мартабаи давлатҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ ба чӣ вобаста аст?

3) Кадом санадҳои муҳимтарини байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мавҷуд аст?

4) Аз болои риояи ҳуқуқҳои инсон кадом муассиса назорат мебарад?

5) Соҳибҳуқуқии шахс ба чӣ вобаста аст?

6) Присипҳои асосии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чиҳо иборат аст?

7) Дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуфта шудааст?

6.Бо нақли мазмуни матн бо риояи талаботи меъёри забон (ҳусни баён) омода шавед.

**Матни 7**

## Ҳокимияти судӣ, низом ва нақши он

Ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба судҳо дар симои судяҳо ва машваратчиёни халқӣ, ки дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун барои ба амал баровардани адолати судӣ ҷалб шудаанд, тааллуқ дорад. Ягон мақомоти дигар ва ё шахсони ҳуқуқӣ адолати судиро ба зиммаи худ гирифта наметавонанд.

Ҳокимияти судӣ мустақил буда, дар баробари ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия амал менамояд.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ надоранд, ки ба зиммаи суд вазифаҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашударо гузоранд.

Ҳокимияти судӣ бо роҳи мурофиаи судии конститутсионӣ, гражданӣ, маъмурӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва хоҷагӣ ба амал бароварда мешавад.

Тартиби мурофиавии баррасии парвандаҳоро аз ҷониби суд Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд.

Суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои шахс, манфиати давлат, созмону муассисаҳо, ташкилотҳо, қонуният ва адолатро, ки Конститутсия ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намудаанд, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, ҳифз менамояд.

Вазифаи суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмини адолати иҷтимоӣ мебошад.

Ҳокимияти судӣ мустақил буда, ҳуқуқ ва озодии шахс, манфиати давлат, созмону муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд.

Адолати судиро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, шаҳр ва ноҳия амалӣ мекунанд.

Ҳамаи судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мақоми ягона буда, фақат бо ваколат ва салоҳияти худ тафовут доранд.[96,150]

**Савол ва супориш**

1. Истилоҳоти соҳавии матнро ҷудо кунед ва онҳоро мухтасар шарҳ диҳед.

2. Синоними калимаю ибораҳоро дар хотир доред ва истифода намоед:

ҳокимият- ҳукумат, ҳукмронӣ

суд - додгоҳ, мақоми давлатӣ, ки мурофиаҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноятиро мебинад

машваратчиён - мушовир, маслиҳатдиҳанда

адолат - адлу инсоф, додгарӣ

мурофиа - мурофаа, додхоҳӣ дар маҳкамаи судӣ

гарнизон - бошгоҳи ҳарбӣ

таҳким - маҳкам кардан, мустаҳкам намудани чизе;

ваколат – вакил, гумоштагӣ

салоҳият – қобилият, нерӯмандӣ, тавоноӣ, имконият

3.Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: ҳокимияти судӣ, машваратчиёни халқӣ, адолати судӣ, ҳокимияти қонунгузор, мурофиаи судии конститутсионӣ, баррасии парвандаҳо, ҳуқуқу озодиҳои шахс, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ

4. Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуну қолаби онҳоро дар хотир нигоҳ доред:

Ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ...

Тартиби мурофиавии баррасии парвандаҳоро...

Суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...

Вазифаи суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...

Адолати судиро Суди конститутсионӣ...

Ҳамаи судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...

5. Аз матн ба саволҳо ҷавоб ёбед:

1) Ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба киҳо тааллуқ дорад?

2) Кадом мақомот ваколати судиро ба зимма мегирад?

3) Ҳокимияти судӣ бо кадом роҳи мурофиа ба амал бароварда мешавад?

4) Суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чиро ҳифз менамояд?

5) Вазифаи суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чиҳо иборат аст?

6)Адолати судиро кадом судҳо амалӣ мекунанд?

6. Бо нақли мазмуни матн бо риояи талаботи меъёри забон (ҳусни баён) омода шавед.

**Матни 8**

## Мақомоти прокуратура

Мақомоти прокуратура яке аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, бо роҳи ба амал баровардани назорати риояи дақиқ ва иҷроиши якхелаи қонунҳо дар таъмин намудани қонуният, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва муҳофизати ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, корхонаву муассисаҳо саҳми сазовор дорад.

Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи воҳиди марказонидашудаи мақомоте мебошад, ки дар ҳудуди ваколатҳои худ ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад.

Низоми мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарпрокуратураи ҳарбӣ, прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон, прокуратураи ноҳияҳо, шаҳрҳо, прокуратураи ҳарбӣ ва прокуратураи назорат аз болои муассисаҳои ислоҳӣ ташкил медиҳанд.

Сохти прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад. Прокурори генералии Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо розигии Маҷлиси миллӣ таъин ва сабукдӯш карда мешавад. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати 5 сол таъин мешавад.Яке аз муовинони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Хабар дар бораи таъин ва аз вазифа сабукдӯш кардани Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ дар матбуот нашр мегардад.

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллӣ ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот медиҳад.

Прокурор фаъолияти назоратии худро ба амал бароварда, ҳангоми ошкор намудани вайронкунии қонун бо мақсади бартараф намудани он чунин актҳои таъсиррасонӣ мебарорад: эътироз; қарор; пешниҳод; амр. [96, 345]

**Савол ва супориш**

1. Истилоҳоти соҳавии матнро ҷудо кунед ва онҳоро мухтасар шарҳ диҳед.

2.Синоними калимаю ибораҳоро дар хотир доред ва истифода намоед:

мақомот- мақом,идораҳои масъули ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон

прокуратура - додситонӣ,

ҳифз - нигаҳдорӣ, нигаҳбонӣ

қонуният - мутобиқат ба қонун,вобастагӣ бо қонунҳои объективӣ

дақиқ- нозук, борик, аниқ, саҳеҳ,

марказонидашуда- тобеъ кардашуда, ба як марказ ҷамъ кардашуда

прокурор - додситон

сабукдӯш- аз вазифаи ишғолкарда озод намудан

4. Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: мақомоти прокуратура, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ, системаи воҳиди

марказонидашуда, прокуратураи ҳарбӣ, прокурори генералӣ, Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

5. Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуну қолаби онҳоро дар хотир нигоҳ доред:

Мақомоти прокуратура яке аз мақомоти ҳифзи...

Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон...

Низоми мақомоти прокуратураи...

Сохти прокуратураи генералии...

Хабар дар бораи таъин...

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон...

Прокурор фаъолияти назоратии худро...

6. Аз матн ба саволҳо ҷавоб ёбед:

1.Мақомоти прокуратура дар назди давлат ва ҷамъият чӣ рисолат дорад?

2.Прокуратураи ҶТ чӣ гуна система буда, кадом ваколатҳоро дорад?

3.Ба мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дохил мешавад?

4. Сохтори прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӣ тасдиқ мекунад?

5.Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд сол фаъолият мебарад?

6.Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир фаъолияти мақомот ба кӣ ҳисобот медиҳад?

6.Бо нақли мазмуни матн бо риояи талаботи меъёри забон (ҳусни баён) омода шавед.

**Матни 9**

## Мақомоти корҳои дохилӣ

Милитсия мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, таҳқиқу тафтишот бурда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳои ҷамъияту давлатро аз кирдорҳои ҷинояткорона ва дигар

ҳуқуқвайронкуниҳо муҳофизат намуда, ҳуқуқ дорад чораҳои маҷбурии дар доираи Қонун дар бораи милиса ва дигар қонунҳои пешбинигардидаро ба кор барад.

Самтҳои асосии фаъолияти милитсия аз инҳо иборатанд:

- ✓ ҳимояи ҳаёт ва саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон аз кирдорҳои ғайриқонунӣ;
- ✓ пешгирӣ, рафъи ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо;
- ✓ ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятию давлатӣ;
- ✓ таъмини тартибот ва бехатарии ҷамъиятӣ;
- ✓ ошкор намудан, таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳо, ҷустуҷӯи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд;
- ✓ ҳимояи ҳама гуна шакли моликият аз кирдорҳои ғайриқонунӣ;
- ✓ дар доираи муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани таблиғоти ҳуқуқӣ дар байни шаҳрвандон, шахсони мансабдор, дар корхонаҳо, муассисаю ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият;
- ✓ таъмини бехатарии ҳаракати роҳ;
- ✓ татбиқ ва иҷрои ҷазои маъмурӣ.

Фаъолияти милитсия мутобиқи принсипҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

- ▪ қонуният;
- ▪ ягонагии низоми мақомоти милитсия ва муттамарказонидани идоракунии он;
- ▪ эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ▪ адолати иҷтимоӣ ва инсондӯстӣ;
- ▪ пинҳонкорӣ, истифодаи усулу воситаҳои ошкоро ва махфии фаъолият;
- ▪ яккасардорӣ;
- ▪ баробарии ҳама дар назди қонун;

- алоқамандӣ бо аҳолӣ ва ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ;
- ғайриҳизбият [90,360].

**Савол ва супориш**

1. Истилоҳоти соҳавии матнро ҷудо кунед ва онҳоро мухтасар шарҳ диҳед.

2. Синоними калимаю ибораҳои зеринро дар хотир доред ва истифода намоед:

Милитсия - муассисаи маъмурӣ барои муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ

Ҳифз - нигаҳдорӣ, муҳофизат, ёд кардан, аз бар кардан

Ҷинояткор - айбдор, гунаҳгор

Таҳқиқ - тафтиш намудан, пажӯҳиш

Пинҳонкорӣ- пинҳон кардан, махфӣ амал кардан

Яккасардорӣ - сардор, сарвар, яккасолорӣ, фармонравоии мутлақ

Ғайриҳизбият - беҳизб,

3.Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед:

мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, мақомоти милитсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон, низоми мақомоти милитсия, адолати ичтимоӣ,афкори ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, кирдорҳои ғайриқонунӣ;

4. Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуну қолаби онҳоро дар хотир нигоҳ доред:

1) Милитсия  мақомоти давлатии...

2) Дар доираи муқаррарнамудаи...

3) Ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятию ...

4) Алоқамандӣ бо аҳолӣ ва ба назар...

5) Фаъолияти милитсия мутобиқи...

5. Аз матни додашуда ба саволҳо ҷавоб ёбед:

1) Милитсия кадом қонунро ҳифз мекунад?

2) Самтҳои асосии фаъолияти милитсия чиҳо иборатанд?

3) Фаъолияти милитсия мутобиқи кадом принсипҳо амал мекунанд?

4) Милитсия чӣ гуна амалро ба субот мерасонад?

5) Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба милистсия чӣ гуфта шудааст?

6. Бо нақли мазмуни матн бо риояи талаботи меъёри забон (ҳусни баён) омода шавед.

**Матни 10**

## Ҳуқуқ ва озодии инсон

Дар назарияи муосири давлат ва ҳуқуқ ба ҳуқуқҳову озодиҳои инсон ва шаҳрванд таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Ҳуқуқи инсон масъалаи муҳим ва маркази назарияи давлат ва ҳуқуқ ва умуман илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Ҳуқуқ шакли ифодаи меъёрии озодии инсон аст. Ин ҷо истилоҳи инсон ҳар фарди ҷомеаро (ҳам шаҳрванди қаторӣ ва ҳам шахси мансабдорро) дар назар дорад.

Агар ҳуқуқ замонҳои пеш озодии номаҳдуди танҳо табақаҳои болоро пешбинӣ намояд, пас ҳуқуқи муосири ҷомеаи шаҳрвандӣ на озодии маҳдуд, балки ҳудуди озодии инсонро, озодии на танҳо гурӯҳҳои дорои ҷомеа, балки ҳар фарди ҷомеаро таъмин мекунад.

Тафовути ҳуқуқи ҷомеаи муосири шаҳрвандӣ аз ҳуқуқи ҷамъиятҳои пешин маҳз дар он аст, ки ҳуқуқи муосир дар воқеъ ҳуқуқи ҷомеаи озод аст, ҷомеае, ки аъзои он озоданд, озодона, бе ягон мамониат аз ҳуқуқи озодиҳояшон истифода мебаранд (ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, ба интихоби ҷойи зист, муҳоҷирати озод, иштирок дар идораи давлат, бо озодии сухан, матбуот, виҷдон ва м.инҳо).

Ҳуқуқи инсон чун шакли ҳуқуқи ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ як қатор хусусиятҳоро дорост:

**Якум,** ҳуқуқи инсон моҳияти имонӣ дорад. Ҳуқуқи инсон ин ҳуқуқи на танҳо давлат (ҳуқуқи позитивӣ), балки ҳуқуқи фитрӣ низ мебошад.

Кулли меъёрҳои ҳуқуқиро танҳо давлат муқаррар намекунад. Ҳуқуқҳои фитрии инсон, талаботи фитрӣ - ҳуқуқӣ (адолат, хирад, виҷдон қадру номус ва монанди ин) ҳоло ифодаи бевоситаи хешро дар ҳуқуқ меёбанд.

**Дувум,** ҳуқуқи инсон воқеан ҳуқуқест, ки манбаи онро инсон, табиати ӯ чун вуҷуди биологиву иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Маҳз инсон ва ҳуқуқҳои фитриаш (табиатан вуҷуд дошта) маҳаки сифати ҳуқуқии қонунҳои давлат ва асноди дигари зери қонун қарор дорад. Ин меъёр дар конститутсияҳои пасошӯравӣ, аз он ҷумла дар Конститутсияи Тоҷикистон ифода гаштааст.

**Савум,** байни мафҳумҳои ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқи инсон тафовут ҷой дорад. Ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқҳои фард, ҳар як аъзои ҷомеа мебошанд. Онҳо шакл ва имконияти ҳуқуқии ин ё он намуди қонунии фаъолияти инсон, қонеъ гардонидани талаботи инсонӣ мебошанд. Бо ин маъно ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқҳои субъективӣ (ба нафақа, меҳнат, ташкили оила, таҳсил интихобот ва ғайра) мебошад.

Ҳуқуқи инсон бошад, ҳуқуқи объективӣ аст. Ҳуқуқи позитивӣ ҳам ҳуқуқи объективӣ аст. Аммо ҳуқуқи объективии позитивӣ дар шакли меъёрҳои муқаррарнамудаи давлат ҷой дорад. Ҳуқуқи объективии инсон бошад, дар баробари меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчунин аз ҳуқуқҳои фитрии инсон ва кулли талаботи фитрии ҳуқуқӣ иборат аст.

**Чорум,** байни мафҳумҳои ҳуқуқи позитивӣ, ҳуқуқи фитрӣ ва ҳуқуқи инсон тафовут ҷой дорад. Ҳуқуқи позитивӣ ин ҳуқуқи муқаррарнамудаи давлат аст. Давлат, табиист, ки ҳуқуқи позитивиро муқаррар намуда, онро бо ҳар воситаву чораҳо ҳимоя мекунад. Ҳуқуқи фитрӣ ин ҳуқуқи новобаста аз давлат ташаккулёфта ва амалкунанда аст. Ҳуқуқи фитриро ҳуқуқиҳои инсон, кулли талаботи фитрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Ҳуқуқи инсон ҳуқуқи ҷомеаи озоди шаҳрвандист.

**Панҷум,** ҳуқуқи инсон ифодаву моҳияти инсонӣ дорад. Тафовути он аз ҳуқуқи давлатҳои пешин маҳз дар ҳамин аст. Андешаи марказии ҳуқуқи

инсон арзиши олӣ эълон гаштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш аст. Ин андеша ҳоло дар Конститутсияи Тоҷикистон низ ифода гаштааст.

**Шашум,** ҳуқуқи инсон воқеан ҳуқуқи ҷомеаи муосири ҳуқуқӣ ва озодии шаҳрвандист. Ин ҳуқуқ дар зинаи баланди тараққиёт, дар замони ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи иттилоотӣ, воқеӣ гаштани арзишҳои инсонӣ, дар ҷомеа зоҳир мегардад.

Аз ин нуқтаи назар, барои воқеӣ гаштани ҳуқуқи инсон, ба ибораи дигар, барои ба ҳуқуқи инсон сабзида расидани ҳуқуқи позитивии давлат заминаҳои кофии ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангиву маънавӣ заруранд.

Заминаи ҳуқуқии ташаккули ҳуқуқи инсонро эътирофи таъмини ҳуқуқҳои инсон, фаҳмиши нави ҳуқуқ чун ҳуқуқи инсон, ифодаи арзишҳои инсонӣ дар ҳуқуқ, андешаҳои қонуни ҳуқуқӣ, тафовути ҳуқуқ (қонуни ҳуқуқӣ) ва қонун (ҳуқуқи позитивӣ) ташкил медиҳанд.

Заминаи иҷтимоии ҳуқуқи инсонро инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ, фаъолияти корхонаҳои саноативу истеҳсолӣ, ривоҷи соҳибкории хусусии хурду миёна, моликияти хусусӣ ва умуман низоми мукаммали иқтисодӣ ташкил медиҳанд [90,82].

**Савол ва супоришот**

1.Истилоҳи соҳавии матнро ҷудо кунед ва онҳоро мухтасар хаттӣ шарҳ диҳед.

2.Синонимҳои калимаҳои зеринро дар хотир доред ва онҳоро истифода намоед:

муосир – ҳозира, ҳозиразамон

марказӣ – асосӣ

фард – шахс

тафовут – фарқ

имон – эътиқод, боварӣ

фитрӣ – табиӣ, зотӣ

манбаъ – сарчашма

аснод – санадҳо, ҳуҷҷатҳо

иттилоот – ахбор

замина – асос

4.Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: ҳуқуқу озодии инсон, фарди ҷомеа, ҳуқуқи фитрӣ, конститутсияи пасошӯравӣ, ҷомеаи муосир, давлати ҳуқуқбунёд.

5.Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуну қолаби онҳоро дар хотир нигоҳ доред:

Ҳуқуқи инсон масъалаи муҳим ва марказии…

Тафовути ҳуқуқи ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҳуқуқи ҷамъиятҳои …

Ҳуқуқи инсон ин ҳуқуқи на танҳо давлат, балки…

Ҳуқуқи инсон воқеан ҳуқуқест, ки…

Ҳуқуқи инсон шакл ва имконияти ҳуқуқии …

Ҳуқуқи фитриро…

4. Аз матн ба саволҳо ҷавоб ёбед:

1) Ҳуқуқи инсон чист?

2) Тафовути ҳуқуқи ҷомеаи муосир аз ҷамъиятҳои пешин дар чист?

3) Ҳуқуқи инсон ҳамчун шакли қонунии ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ чӣ гуна хусусиятҳо дорад?

4) Ҳуқуқи фитрии инсон чӣ маъно дорад?

5) Заминаҳои ҳуқуқии ташаккули ҳуқуқи инсонро чиҳо ташкил медиҳанд?

5. Ба нақли мазмуни матн бо риояи талаботи забон (ҳусни баён) омода шавед.

**Матни 11**

## Мафҳуми ҳуқуқи граждании ва муносибатҳои он

Ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун соҳаи мустақил дар низоми ҳуқуқ мавқеи муҳимро ишғол намуда, аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ бо доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тарзи танзими онҳо фарқ мекунад. Фанни ҳуқуқи гражданӣ

муносибатҳои молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ба онҳо алоқамандро меомӯзад. Муносибатҳои молумулкие, ки ҳуқуқи граждании меомӯзад, аксаран характери пулию молӣ доранд.

Дар ҳаёт барои қонеъ гардонидани талаботи худ шаҳрвандон доимо ба муносибатҳои граждании дучор мешаванд. Чунин муносибатҳо дар байни шаҳрвандон, ташкилотҳои савдо, хизмати маишӣ, дар байни худи корхонаҳо ба вуҷуд меоянд. Шаҳрвандон ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои граждании талаботи худро бо роҳи дохил шудан ба муносибатҳои хариду фурӯш, боркашонӣ, амонатнигаҳдорӣ, қарз, хариду фурӯши манзил ва ғайраҳо қонеъ мегардонанд.

Муносибатҳои молумулкӣ дар байни корхонаҳо, иттиҳодияҳо низ ба вуҷуд меоянд. Онҳо доимо бо фиристонидани маҳсулот, мол (ашё), сохтани бино, боркашонӣ, хариду фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ғайраҳо сурат мегиранд. Ҳуқуқи граждании муносибатҳои шахсии ғайри молумулкиро низ ба тартиб медарорад, ки ба муносибатҳои молумулкӣ зич алоқаманданд. Ин муносибатҳо доир ба эҷод намудани асарҳои илмӣ, адабиёт, санъат, ихтироот, навоварӣ ба вуҷуд меоянд.

Шаҳрвандон ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи граждании дорои қобилияти ҳуқуқиву амалкунӣ мебошанд. Қобилияти соҳиби ҳуқуқ ва уҳдадориҳои граждании буданро қобилияти ҳуқуқдории граждании меноманд. Вай мувофиқи қонун барои ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар мебошад.

Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуди ӯ оғоз ёфта, баъд аз вафоташ қатъ мегардад. Ҳар як шаҳрванд метавонад соҳиби молу мулк бошад, аз бинои истиқоматӣ истифода барад, мерос гирад ва молу мулкашро ба мерос гузорад, аз ҳуқуқи муаллифи асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат, инчунин, дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ бархурдор бошад. Ноболиғи то синни 18-сола метавонад соҳиби хона, мошин, яхдон, амонатгузор дар хазинаи амонатӣ бошад. Вале ҳуқуқи фурӯхтан, иваз намудан, тухфа кардан ва амсоли онро то расидан ба синни муайян надорад. Барои ин соҳиби қобилияти амалкунӣ

будан лозим аст. Аз ин рӯ, қобилияти ҳуқуқдориро аз қобилияти амалкунии гражданӣ фарқ менамоянд.

Қобилияти амалкунии гражданӣ гуфта, қобилияти ба ҳаракатҳои худ ба даст овардани ҳуқуқҳои гражданӣ ва барои худ ба вуҷуд овардани уҳдадориҳои гражданӣ меноманд.

Иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқҳои гражданӣ натанҳо шаҳрвандон, балки шахсони ҳуқуқӣ ҳам мешаванд. Ташкилоте, ки молу мулки алоҳида дорад, аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримулкӣ ба даст даровардa, уҳдадориҳоро ба ҷо оварда, дар суд, суди иқтисодӣ ё суди ҳакамӣ даъвогар ё ҷавобгар шуда метавонад, инчунин, ташкилотҳо ба шарте шахси ҳуқуқӣ эътироф карда мешаванд, ки:

– коллективи ягонаи муташаккил бошанд;

– молу мулки алоҳида дошта бошанд;

– аз номи худ дар муомилотҳои гражданӣ иштирок карда тавонанд.

Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахси ҳуқуқӣ дар як вақт ба вуҷуд омада ва дар як вақт қатъ мегардад. Он аз лаҳзаи тасдиқи оиннома ё низомномаи ӯ ба вуҷуд меояд [89,253].

**Савол ва супоришҳо**

1.Истилоҳи соҳавии матнро ҷудо кунед ва онҳоро мухтасар хаттӣ шарҳ диҳед.

2.Сарсилсилаи синонимиро аз матн ёбед, қаторҳои синонимии зеринро дар хотир доред ва дар нутқ истифода баред:

амонатнигаҳдорӣ - он ки амонаташро нигоҳ медорад

амалкунӣ – фаъолият кардан

низом- тартиб, равиш, сохтор

муносибат - нисбат доштан ба якдигар, алоқа, робита, муомила,маврид

муташаккил – ташаккулёфта, боинтизом, батартиб

муомилот - муомала, муносибатҳои пулӣ

оиннома - маҷмӯи қоидаҳое, ки фаъолияти созмон, ҳизб, муассиса ва ғ.ба танзим медарорад.

шаҳрванд - аҳолии расмии шаҳр ё кишвар

эътироф - иқрор шудан, чизеро қабул кардан;

2.Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: ҳуқуқи гражданӣ, доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ, муносибатҳои гражданӣ, ҳуқуқҳои молумулкӣ, қобилияти амалкунии гражданӣ, суди иқтисодӣ, ҷомеаи ягонаи муташаккил;

3.Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуни асосии онҳоро дар хотир нигоҳ доред:

Дар ҳаёт барои қонеъ гардонидани...

Шаҳрвандон ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои гражданӣ...

Вай мувофиқи қонун барои ҳамаи шаҳрвандони....

Қобилияти соҳиби ҳуқуқ....

Ҳар як шаҳрванд метавонад...

Қобилияти амалкунии гражданӣ....

Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахси ҳуқуқӣ...

4.Аз матн ба саволҳо ҷавоб ёбед:

1) Ҳуқуқи гражданӣ аз дигар соҳаҳои ҳуқуқӣ чӣ гуна тафовут дорад?

2) Фанни ҳуқуқи гражданӣ чиро меомӯзад ва он чӣ хусусият дорад?

3) Шаҳрвандон барои қонеъ гардонидани талаботи худ ба чӣ дучор мешаванд?

4) Муносибатҳои молумулкӣ кай ба вуҷуд меоянд ва дар кадом вақт сурат мегиранд.

5) Қобилияти ҳуқуқдории гражданӣ чист он кай оғозу анҷом меёбад?

6) Қобилияти амалкунии гражданӣ гуфта чиро меноманд?

5.Ба нақли мазмуни матн бо риояи талаботи забон (ҳусни баён) омода шавед.

**Матни 12**

## Тамоилҳои инкишофи қонунгузорӣ дар Тоҷикистон

Қонуният ин талаби конститутсионист ба давлат, мақомоти он шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо, ки мазмуни риояву иҷрои аниқу бемайлони меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳоро дорад.

Ин мафҳум дар Конститутсия пешбинӣ шуда, дар шакли талаби конститутсионӣ ифода гаштааст, риояву иҷрои Конститутсия ва қонунҳоро баҳри таъмини волоияти Конститутсия ва қонун дар назар дорад.

Низоми қонунгузории Тоҷикистон дар шароити имрӯза тамоилҳои зерин дорад:

***1.Такмили қонунгузории амалкунанда.***

Такмили қонунгузорӣ паҳлуҳои зиёд дорад, аз қабили мутобиқ намудани қонуни амалкунанда ба шароити тез тағйирёбандаи ҳаёти ҷомеа; такмили техникаи қонунгузорӣ; такмили шаклҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла истифодаи шаклҳои бештар самараноки санадҳо;такмили фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, истифодаи шаклу усулҳои нави ҳуқуқэҷодкунӣ; баланд намудани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии мақомоти дахлдор, афзун намудани сатҳи маҳорати касбии онҳо; васеъ ба роҳ мондани кори омӯзиши вазъи қонунгузорӣ, истифодаи таҳлилҳои сотсиологӣ дар бахши муайян намудани суръати амалишавии қонунгузорӣ, ҷавобгӯи талаботи воқеӣ будани онҳо ва м.и.

***2.Таъмини волоияти Конститутсия дар низоми қонунгузорӣ***.

Муайян намудани сатҳи мувофиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия; аз байн бурдани ихтилофоти ошкоршуда; таъмини амали мустақими меъёрҳои конститутсионӣ.

Таъмини волоияти Конститутсия самти муҳими пешрафти қонунгузорист, чунки дар рафти он минбаъд қонунгузорӣ ташаккулу инкишоф меёбад, ки хислати тобеи конститутсионӣ, пеш аз ҳама, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин мешавад.

***3. Таъмини нуфузи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба меъёру принсипҳои эътирофгаштаи ҳуқуқи байналмилалӣ.*** Ин самти инкишофи минбаъдаи қонунгузории кишвар тавассути эътирофи санадҳои байналмилалӣ, ҳамроҳ шудани давлат ба ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, ворид намудани меъёрҳои байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ, иштирок дар эҷоди якҷояи меъёрҳои нави байналмилалӣ, бастани шартномаҳои байналмилалии ҷавобгӯи манфиатҳои миллӣ сурат мегирад. Ин ҳам яке аз самтҳои инкишофи минбаъдаи қонунгузории миллӣ мебошад.

***4. Қонунгузории Тоҷикистон чун ҷузъи қонунгузории намунавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил***

Ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ, гумрукӣ, фарҳангӣ ва мисоли инҳо боиси инкишофи минбаъдаи қонунгузории Иттиҳод мегардад. Дар ташаккули инкишофи он нақши муҳимро Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ мебозад. Аллакай як қатор кодексҳои кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, дар заминаи кодексҳои намунавии Ассамблеяи байнипарлумонӣ қабул шудаанд.

Қонунгузории Тоҷикистон дар шароити наздикшавии қонунгузории кишварҳои пасошӯравӣ инкишоф меёбад. Мутобиқнамоӣ ва умуми гардонидани қонунгузории пасошӯравии Иттиҳод ҳисоб мешавад.

***5. Қонунгузории Тоҷикистон дар шароити таъсири қонунгузории хориҷӣ***

Аз як тараф, қонунгузории кишвар дар фазои ягонаи ҳуқуқии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил инкишоф меёбад. Аз тарафи дигар, ба қонунгузории кишвар қонунгузории хориҷӣ низ таъсир мерасонад. Азбаски минбаъд низ таъсири қонунгузории байналмилалӣ боқӣ мемонад, пешрафти қонунгузории миллиро дар заминаи афзалияти манфиатҳои миллӣ, нигоҳ доштани мустақилияти қонунгузории воқеӣ бояд таъмин намуд.

Истиқлолияти давлатӣ мустақилияти низоми ҳуқуқи ватаниро низ дар назар дорад. Қонунгузорӣ, ки унсури муҳими низоми ҳуқуқии кишвар аст, дар таъмини истиқлолияти давлатӣ нақши ҳалкунанда дорад. Қонунгузории давлат, пеш аз ҳама, хислати миллӣ, ватанӣ дорад. Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо назардошти манфиатҳои миллии давлат ва шаҳрвандонаш қабулу амалӣ мешаванд.

***6. Қонунгузории Тоҷикистон дар шароити вусъати ҷаҳоншавӣ***

Ҷаҳонишавӣ, тавре маълум аст, ки тарафҳои ҳам мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Дар шароити афзудани иқтидори молиявию иқтисодии ширкатҳои трансмиллӣ табиист, ки таъсири онҳо ба қонунгузории миллӣ меафзояд. Ин ширкату ташкилотҳои трансмиллӣ аз манфиатҳои хеш пуштибонӣ мекунанд. Барои онҳо манфиатҳои миллии ин ё он давлат, манфиатҳои шаҳрвандони давлати алоҳида нуфуз надоранд. Баҳри гирифтани фоидаи бештар, аз худ намудани захираҳои нави ашёи хом, истифодаи номаҳдуди ашёи хоми бегона, истифодаи қувваи кории арзон чунин ширкатҳо ба қонунгузории давлатҳо таъсир мерасонанд, пеш аз ҳама онҳоро барои фаъолияти худ тобеъ мекунанд [90,308].

**Савол ва супоришҳо**

1. Истилоҳи соҳавии матнро ҷудо кунед ва онҳоро хаттӣ шарҳ диҳед.

2. Сарсилсилаи синонимиро аз матн ёбед, қаторҳои синонимии зеринро дар хотир доред ва дар нутқ истифода баред:

волоият – афзалият, бартарият

тамоил – майл, самт

санадҳо – ҳуҷҷатҳо

мақомот – идораҳо, муассисаҳо

сотсиологӣ – иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ

ихтилофот – зиддият

мустақим- бевосита

нуфуз – таъсир

ҷаҳонишавӣ – глобализатсия, ҷаҳонгарой

3. Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: *таъмини волоияти Конститутсия, такмили қонунгузорӣ, принсипҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, меъёрҳои байналмилалӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Муттаҳид (ИДМ), вусъати ҷаҳонишавӣ.*

4. Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуну қолаби онҳоро дар хотир нигоҳ доред:

1. Қонуният ин талаби конститутсионист ба…

2. Такмили қонунгузорӣ паҳлуҳои зиёд дорад, аз қабили…

3.Такмили волоияти Конститутсия самти муҳими пешрафти қонун…

4. Азбаски минбаъд низ таъсири қонунгузории хориҷӣ боқӣ мемонад…

5. Қонунгузории давлат, пеш аз ҳама, хислати миллӣ, ватанӣ дорад...

6. Ҷаҳонишавӣ, тавре маълум аст, ки тарафҳои …

5. Аз матн ба саволҳо ҷавоб ёбед:

1) Қонуният чист?

2) Қонунгузорӣ дар Тоҷикистон дар шароити имрӯза чӣ гуна тамоилҳои инкишоф дорад?

3)Таъмини волоияти Конститутсияро чӣ тавр мефаҳмед?

4)Дар инкишофи қонунгузории ИДМ кадом ташкилот нақши муҳим дорад?

5)Қонунгузории Тоҷикистон дар шароити ҳозира бо қонунгузории хориҷӣ дар чӣ гуна муносибат қарор дорад?

6. Ба нақли мазмуни матн бо риояи талаботи забон (ҳусни баён) омода шавед.

**Матни 16**

**Ҳикоят**

Подшоҳи хоразмшоҳӣ – Такаш розеро, ки бояд пинҳон медошт ба ғуломони худ ошкор кард. Он розе буд, ки Такаш давоми як сол дар дили худ ҳифз мекард ва ҳамон рози яксола дар як рӯз дар байни мардум паҳн шуд. Подшоҳ ба ҷаллод супориш дод, ки ҳамаи он ғуломонро сар бибурад. Яке аз ғуломони бошуҷоат Такашро илтимос кард, ки аз хуни онҳо даргузарад ва ғуломонро ба куштан надиҳад, зеро дар ин кор худи ӯ гунаҳкор аст. Подшоҳ мебоист розро ба касе намегуфт.

Сарчашмаро бояд маҳкам бубастан, агар оби ҷамъшуда банди худро рахна кунад, селро бастан имкон надорад.

Беҳтар он ки рози дилро ба касе ошкор насозӣ, то ки дигарон онро фош нагардонанд.

Агар зару ҷавоҳире дорӣ, метавонӣ онро ба хазинабон супорӣ, аммо розатро худат посбонӣ бикун.

Сухан дар банди туст, агар маҳфуз дорӣ, аммо вақте бигуфтӣ, дигар ту дар банди сухан ҳастӣ.

Сухани ногуфта монанди девест, ки дар қаъри чоҳ занҷирбандаш кардаанд, онро ҳифз кун, мабодо ки аз даҳон берун равад.

Роҳи девро кушодан ва ба ӯ роҳ додан кори мушкиле нест. Аммо онро дигар бо макру фиреб наметавонӣ занҷирбанд созӣ.

Ту медонӣ, ки деви аз банд раҳошуда бо илтимосу дуои ту ба қафас барнамегардад.

Як нафар кӯдак метавонад банди Рахшро кушода, онро раҳо кунад, аммо сад паҳлавоне чун Рустам натавонанд дигарбора онро ба банд оранд.

Он розеро ҳаргиз магӯ, ки чун фош гардад, шахсеро ба азобу бало гирифтор созад.

Нашунидаӣ, ки зани доное ба шавҳари нодони худ чунин гуфт: Ё дониставу санҷида сухан гӯй, ё беҳтараш хомӯшӣ ихтиёр намо.

Он суханеро, ки худат тоқати шунидан надорӣ, ҳаргиз магӯ. Зеро ба ҷои он сухани нек нахоҳӣ шунид. Монанди он ки агар ҷав кишта бошӣ, гандум нахоҳӣ дарав кард. Ин масали хубро чӣ хуш гуфтааст пешвои ҳиндувон: ҳурмату эҳтироми ҳар кас аз худи ӯст. Касе ки дашном гӯяд, ба ивази он ӯро таҳсину дуо накунанд ва ҳар кас ҳосили кишти худро хоҳад гирифт.

То тавонӣ дар сухан гуфтан ва ҳифзи одамият андозаро нигаҳ дор. Зиёду ками онро риоят намо.

Набояд ҳазлу шӯхии бисёр бикунӣ, ки он боиси шикастани қадру қимати ту мегардад.

Агар тундию тезӣ ва сахтию бадзабонӣ ҳам пеш гирӣ, мардуми ҷаҳон аз ту дур мешаванд.

Пас, миёна беҳтар аст: На дар назди мардум кӯтоҳдасту бечора будан, на онҳоро бо озору азият аз назди худ рондан.

**Фоида:** Дар нигаҳ доштани роз ва сухан гуфтан амонатро риоят бояд кард. Сухани гуфташуда ва рози ошкоргардидаро наметавон дигарбора ба ҷои худ овард. Дар кулли корҳо ҳадди миёнаро ихтиёр намудан беҳтар аст [72,182].

**Савол ва супоришҳо**

1. Калимаҳои душворфаҳми матнро ҷудо кунед ва онҳоро мухтасар хаттӣ шарҳ диҳед.

2.Сарсилсилаи синонимиро аз матн ёбед, қаторҳои синонимии зеринро дар хотир доред ва истифода намоед:

Мунташир шудан - паҳн гардидан, овоза пайдо кардан

Зинҳор хостан – талаби авф кардан, амон хостан

Рев – макру фиреб, найранг

Рахш – асп, аспи Рустам

Бармало уфтад – фош гардад, ошкор шавад

Барҳаман (бараҳман) – пешвои рӯҳонии ҳиндувон

Зачр – зулм, озор, азият

Татовул – чабр кардан, дастдарозӣ кардан бар ҳаққи касе

3.Бо ибораҳои зерин чумлаҳо тартиб диҳед: подшоҳи хоразмшоҳӣ, ғуломони бошучоат, оби чамъшуда, сухани ногуфта, зани доно, шавҳари нодон, ҳифзи одамият,

4. Чумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намоед ва мазмуну қолаби онҳоро дар хотир нигоҳ доред:

Он розе буд, ки Такаш давоми...

Подшоҳ ба чаллод супориш дод...

Сарчашмаро бояд маҳкам бубастан...

Ту медонӣ, ки деви аз банд...

Нашунидаӣ, ки зани доное...

То тавонӣ дар сухан гуфтан...

Агар тундию тезӣ ва сахтию...

5.Аз матн ба саволҳо чавоб ёбед:

1) Подшоҳи хоразмшоҳӣ чиро пинҳон медошт?

2) Подшоҳ ба чаллод чӣ фармон дод?

3) Як хизматгор аз подшоҳ чӣ хоҳиш кард?

4) Ба ин ҳикоя бештар кадом масал мувофиқ меояд?

5) Чаро "даҳони баста сад тилло" мегӯянд?

6. Ба нақли мазмуни матн бо риояи талаботи забон (ҳусни баён) омода шавед.

## 2.4. Натичаи корҳои озмоишӣ-тачрибавӣ дар ташаккули салоҳиятмандӣ ва фарҳанги нутқи донишчӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ

Барои татбиқ ва собит намудани модели таълимие, ки дар асоси матнҳои тахассусӣ таҳия гардид, санчиши тачрибавиро дар гурӯҳҳои

мувозии ихтисосҳои таърих, таърих ва ҳуқуқ мавриди санҷиш, омӯзиш ва озмоиш қарор додем. Чунончи, ба гурӯҳи 101 (ихтисоси таърих), 103 (ихтисоси таърих ва ҳуқуқ) ба таври анъанавӣ ва ба гурӯҳҳои 102 (ихтисоси таърих), 104 (ихтисоси таърих ва ҳуқуқ) аз рӯйи модели пешниҳодшаванда ва системаи фаъолият дар дарсҳои амалӣ, КМРО, КМД озмоиш гузаронидем. Ҳини озмоиш санҷишҳои ҷорӣ, фосилавӣ ва хотимавӣ низ баргузор шуда, натиҷаҳо – пешрафти донишҷӯён аз нигоҳи ҳам миқдор ва ҳам сифат арзёбӣ, таҳлил, баррасӣ ва хулосабарорӣ карда шуд.

Зимни озмоиш дониш, савод, маҳорат, малакаи донишҷӯён тариқи якчанд навъи фаъолият санҷида шуд. Зимни санҷиши марҳилавии 1-ум ва 2-ум, ки ба таври хаттӣ гузаронида шуд, супоришҳо мисли санҷиши ҷорӣ аз якчанд қисмат иборат буд. Санҷиш ё худ имтиҳони ниҳоӣ бошад, дар шакли тестӣ гузаронида шуд, ки дар замима оварда шудаанд.

Бояд гуфт, ки дар марҳилаи озмоиш ба донишҷӯён шарҳу тавзеҳи истилоҳоти тахассусӣ ё худ соҳавӣ супориш шуда, дар шакли тестҳои назоратӣ аз рӯйи маводи дидактикии гуногун, ки бо талаби стандартизатсияи тестҳо дикта шуда буд, пешниҳод гардид. Супоришҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6 тавре сохта шудаанд, ки сатҳи ташаккули малакаҳои нутқи донишҷӯён, ки дар давоми семестр бо истифодаи системаи машқҳои таҳиянамудаи мо кор карданд, муайян гардад.

Тибқи **супориши 1** донишҷӯён матнро бодиққат хонда, истилоҳоти онро навишта мегиранд ва такя ба дониши худ, дар мавриди зарурӣ бо ёрии фарҳанги истилоҳот мазмуни онҳоро мухтасар шарҳ медиҳанд. Зимни таҳлил муайян мегардад, ки он истилоҳот мансуб ба забони тоҷикианд ё хориҷӣ. Баъзан ду қарина (вариант)-и истилоҳот – ҳам тоҷикӣ ва ҳам хориҷӣ (иқтибосӣ) ба назар мерасад. Тавзеҳи решаи истилоҳот ва усули калимасозӣ дониши шогирдонро афзун ва дарси забонро шавқовар мегардонад.

**Супориши 2.** Донишҷӯён синоними калимаю ибораҳои додашударо (калимаю ибораҳои ифодакунандаи мафҳуми истилоҳоти соҳавӣ) дар хотир бояд нигоҳ доранд ва истифода намоянд.

Иҷрои ин супориш бо маводи назариявӣ ва амалии дарсҳо, китоби дарсӣ алоқаманд аст. Донишҷӯён дар ин дарсҳо дар бораи моҳият ва вазифаҳои маъноию услубии синонимҳо дар матн маълумоти мушаххас мегиранд. Зимни мисолҳо таъкид мегардад, ки ба василаи синонимҳо гӯянда ё нависанда ба такрори калимаҳо роҳ намедиҳад, вожаҳои ҳаммаъно ё наздикмаъноро ёфта, дар матни муайян мавридшиносона, бо назардошти услуби баён истифода менамоянд.

Дар ин қисмати супориш 9-10 калима аз матн ҷудо карда шуда, синонимҳои онҳо сабт ёфтаанд. Вазифаи донишҷӯён он калимаҳоро бо муродифоташон дар хотир нигоҳ доштан ва дар мавриди баён истифода кардан аст. Ба тариқи муҳокима ва баҳс муайян кардани қаринаи беҳтарин аз қатори калимаҳои ҳаммаъно (аз рӯйи тоҷикӣ ё иқтибосӣ будан, қолаби суфта доштан ва ғ.) дарси забонро пурмазмун ва шавқовар мегардонад.

**Супориши 3.** Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб додан.

Дар ин қисмати Саволу супоришот шаш ибора аз матни тахассусӣ интихоб ва зикр мегардад. Донишҷӯён бо истифода аз онҳо бояд ҷумлаҳо тартиб диҳанд, ки зимни он ду ҳадаф дар назар дошта шудааст:

1) сарфаҳм рафтан ба мазмуни ибораҳо;

2) дар ин замина дар матн (ҷумла) ба кор бурда тавонистани он ибораҳо, яъне ба воҳиди фаъоли захираи луғавии шогирдон ворид кардани ибораҳо мебошад.

Ин супориш омӯзандагони забонро водор менамояд, ки ибораҳоро ба қолаби ҷумла андозанд ва тавассути ҷумла фикри томро дар услуби илмӣ баён намоянд.

**Супориши 4. Ҷумлаҳоро бо истифода аз матн пурра намудан, мазмун ва тарз (қолаб)-и ҷумлабандиро дар хотир нигоҳ доштан.**

Тибқи ин супориш низ ду ҳадаф дар назар аст: аввалан, аз бар кардани мазмуни асосии матн, ки асосан дар ҷумлаҳои интихобӣ ифода ёфтаанд, сониян, эътибор додан ба усул (қолаб)- и ҷумлабандӣ ва амалан дар хотир нишондани он. Аз таҳлил бармеояд, ки фикр дар порчаҳои интихобӣ дар шакли ҷумлаҳои сода, мураккаб ва баъзан сертаркиба баён мегардад. Тавсия дода мешавад, ки агар қолаби ҷумлаҳои сода ба кор рафта бошад, бештар ба ҷойи аъзои ҷумла, мувофиқати мубтадо ва хабар, усули алоқаи калимаҳо дар ҷумла эътибор додан лозим аст. Дар ҷумлаҳои мураккаб ҷойи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, усули алоқаи онҳо, нақши пайвандакҳо дар ҷумлабандӣ бештар аҳамият дорад. Дар ин маврид низ ҷойи аъзои ҷумла ва вазифаҳои калимаву ибораҳои туфайлӣ низ дар мадди назар бошад.

**Супориши 5.** Аз матн ба саволҳо ҷавоб ёфтан.

Матлаб аз ин банди супориш афзудани маҳорат ва малакаи бодиққатона мутолиа намудани матни таълимӣ мебошад. Қабл аз ҳама, ба саволҳои гузошташуда ҷавоби саҳеҳ ёфтан талаб менамояд, ки шогирдон матнро на сарсарӣ, балки бодиққат хонанд, сониян, ҷавоби худро дақиқ ба қолаби сарфу наҳви забони адабӣ андохта баён созанд. Дар қолабҳои меъёрии забони адабии тоҷикӣ ташаккул додани фикр ва хаттӣ ё шифоҳӣ иброз доштани он ба такмили дониш ва маҳорату малакаи фикррронӣ мусоидат дорад.

**Супориши 6. Ба нақли мухтасари мазмуни матн бо риояи меъёрҳои забон (ҳусни баён) омода шудан.**

Ин банд супориши ҷамъбастӣ ба шумор меравад ва баёни мазмуни мухтасари матн дар асоси талаботи нутқи мураттаб ё алоқанок дар назар дошта шудааст.

**Марҳилаи 2 - таҳлили миқдорӣ ва сифатии озмоиши таҷрибавӣ**

Натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатии санҷиши назоратӣ дар поён оварда шудаанд. Маълумоти миқдорӣ ва сифатии санҷиши ҷории давоми семестр нишон дод, ки сатҳи дониш, маҳорат, малака, маданияти нутқ, дар матни тахассусӣ, таҳлили матни тахассусӣ, ташреҳи луғати тахассусӣ дар байни донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ аз 12% то 34 % дар давоми 16 ҳафтаи таълим баланд шудааст.

**Ҷадвали 1. – Санҷишҳои ҷорӣ**

| Ҳафта | 101 Пешрафт/ сифат | **102 Пешрафт/ сифат** | Фарқият | 103 Пешрафт/ сифат | **104 Пешрафт/ сифат** | Фарқият |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 98%/32% | **99%/44%** | +12% | 100%/35% | **100%/52%** | +17% |
| 2 | 99%/29% | 99%/43% | +14% | 100%/31% | 100%/49% | +18% |
| 3 | 98%42% | 99%/52% | +10% | 99%42% | 100%/58% | +16% |
| 4 | 100%/43% | 100%/61% | +18% | 100%/45% | 100%/69% | +24% |
| 5 | 99%/39% | 99%/63% | +24% | 99%/45% | 100%/71% | +26% |
| 6 | 100%/47% | 100%/62% | +15% | 100%/42% | 100%/62% | +20% |
| 7 | 100%/51% | 100%/63% | +12% | 100%/44% | 100%/66% | +22% |
| 8 | 98%/49% | 99%/62% | +13% | 99%/51% | 100%/67% | +16% |
| 9 | 100%/38% | 100%/65% | +27% | 100%/43% | 100%/68% | +25% |
| 10 | 100%/43% | 100%/65% | +22% | 100%/39% | 100%/69% | +30% |
| 11 | 99%/40% | 100%/63% | +23% | 100%/46% | 100%/71% | +25% |
| 12 | 99%/42% | 100%/62% | +20% | 99%/47% | 100%/74% | +27% |
| 13 | 100%/40% | 99% /62% | +22% | 100%/44% | 100% 68% | +26% |
| 14 | 100%/46% | 100%/67% | +21% | 100%/35% | 100%/69% | +34% |
| 15 | 100%/50% | 99%/71% | +21% | 100%/51% | 100%/75% | +24% |
| 16 | 99%/39% | 100%/70% | +31% | 100%/45% | 100%/76% | +31% |

Таҳлил, баррасӣ ва арзёбии миқдорӣ ва сифатии санҷишҳои марҳилавии якум, ки дар ҳафтаи 6-уми таълим гузаронида мешавад, нишон дод, ки модели интихобкардаи таълимӣ, системаи матнҳои тахассусӣ, маҷмӯи машқу супоришҳои омодашуда барои баландшавии идроки матнҳои тахассусӣ аз тарафи донишҷӯён мусоидат кардааст, ки

дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ сифатнокии пешрафт зиёда аз 25% ташкил кардааст:

**Ҷадвали 2.– Таҳлили миқдорӣ ва сифатии санҷишҳои марҳилавӣ**

**Санҷиши марҳилавии** 1

| | 101 | 102 | фарқият | 103 | 104 | фарқият | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Пешрафт** | **100%** | **100%** | **-** | **100%** | **100%** | **-** | |
| **Сифат** | **52%** | **77%** | **+25%** | **46%** | **72%** | **+26%** | |




**Расми 1. – Нишондиҳандаҳои санҷиши марҳилавии якум**

Ба ҳамин монанд таҳлил, баррасӣ ва арзёбии миқдорӣ ва сифатии санҷишҳои марҳилавии дуюм, ки дар ҳафтаи 12-уми таълим гузаронида мешавад, нишон дод, ки модели интихобкардаи таълимӣ, системаи матнҳои тахассусӣ, маҷмӯи машқу супоришҳои омодашуда барои баландшавии идроки матнҳои тахассусӣ аз тарафи донишҷӯён мусоидат кардааст, ки дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ сифатнокии пешрафт аз 29% то 31% ташкил кардааст:

**Ҷадвали 3. –Таҳлили миқдорӣ ва сифатии санҷишҳои марҳилавӣ**

**Санҷиши марҳилавии** 2

| | 101 | 102 | фарқият | 103 | 104 | Фарқият | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Пешрафт | 98% | 100% | +2% | 100% | 99% | -1% | |
| Сифат | 47% | 76% | +29% | 48% | 79% | +31% | |




**Расми 2. – Динамикаи санҷиши марҳилавии дуюм**

Зимни баргузории имтиҳони ниҳоӣ, ки дар шакли тестҳои компютерӣ (намунаи тестҳо дар замима оварда мешавад–К.Д.)гузаронида шуд, таҳлил нишон дод, ки дар ҳар ду гурӯҳи таҷрибавӣ сифатнокии пешрафти донишҷӯён зиёда аз 25% ташкил кардааст:

**Ҷадвали 4. –Таҳлили миқдорӣ ва сифатии имтиҳони ниҳоӣ**

| | **101** | **102** | **фарқият** | **103** | **104** | **фарқият** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Пешрафт** | **100%** | **100%** | **-** | **100%** | **100%** | **-** | |
| **Сифат** | **37%** | **63%** | **+26%** | **38%** | **63%** | **+25 %** | |




**Расми 3. – Динамикаи пешрафт ва сифати имтиҳони ниҳоӣ**

Агар санҷиши муқоисавии гурӯҳҳои таҷрибавӣ ҳам дар санҷишҳои ҷорӣ, санҷишҳои марҳилавӣ ва имтиҳони ниҳоӣ сатҳи пешрафти савод, дониш ва дарки матнҳои тахассусӣ ва ташаккули салоҳиятҳои забонии донишҷӯёнро муайян карда бошад, мо кӯшиш намудем, ки мониторинги пешрафти донишҷӯёнро аз фанҳои тахассусӣ муайян намоем. Сифатнокии пешрафти дониши донишҷӯён дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ аз 11% то 24% боло рафтааст ва ин аз он дарак медиҳад, ки модели интихобкардаи таълимӣ барои ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён мусоидат кардааст.

Ҳамзамон фанни забони тоҷикӣ ҳамчун фанни таълимӣ барои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи забониву коммуникативии муҳассилини факултетҳои ғайрифилологӣ мусоидат карда бошад, аз тарафи дигар ҳамчун  воситаи таълим барои аз худ кардани фанҳои дигари тахассусӣ саҳми арзанда гузошт.

**Ҷадвали 5. –Таҳлили миқдорӣ ва сифатии пешрафт (мониторинг)-и гурӯҳҳои таҷрибавӣ аз фанҳои тахассусӣ**

| Фанҳои тахассусӣ | 101 Пешрафт /сифат | 102 Пешрафт /сифат | Фарқият | 103 Пешрафт/ сифат | 104 Пешрафт /сифат | Фарқият |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Таърихи дунёи қадим | 100 % /43% | 100/56% | +13% | 100 %/43% | 100%/58 % | +15% |
| Таърихи халқи тоҷик | 98 %/39% | 100%/61% | +22% | 99 %/36% | 100%/60 % | +24% |
| Археология | 97 %/41% | 99%/55% | +14% | 100%/44% | 99%/58% | +14% |
| Фанҳои ёрирасони таърих | 100 %/32% | 100%/49% | +17% | 100 %/38% | 100%/61 % | +23% |
| Ҳуқуқ аз рӯйи ихтисос | 100 % /51% | 100/62% | +11% | 100 %/38% | 100/62% | +24% |

Озмоиши таҷрибавӣ собит кард, ки натиҷаҳо баланди баланд набошанд ҳам, аммо афзоиши сатҳи маданияти нутқи касбӣ-тахассусӣ, ташаккули салоҳияти нутқи мураттаб назаррас буда, савияи дониши забонӣ, сатҳи дониши назариявӣ, захираи луғавии донишҷӯён, маданияти нутқ, малакаи ҳуҷҷатнигорӣ, идроки матнҳои тахассусӣ, мустақил кор кардан бо сарчашмаҳои таърихӣ, дарки истилоҳҳо ва вожаҳои касбӣ бамаротиб афзоиш ёфт.

Ҳамин тариқ, озмоиши таҷрибавӣ натиҷаҳои мусбати таълимро нишон дод ва собит кард, ки системаи пешниҳодшудаи машқҳо оид ба таълими забони тоҷикӣ ва маданияти суханронӣ тариқи матнҳои тахассусӣ барои донишҷӯёни ихтисоси “Таърих”, “Таърих ва ҳуқуқ” самаранок арзёбӣ гардид.

# ХУЛОСАИ БОБИ ДУЮМ

Инак, боби дуюми рисола дар мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ-методии як силсила проблемаҳо – асосҳои илмӣ-методии ташаккули фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ аз забони тоҷикӣ; матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ дар партави таъмини муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ; системаи машқҳо ва матнҳои тахассусӣ дар таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ; натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар ташаккули салоҳиятмандӣ ва фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ андешаҳои моро перомуни муҳиммияти таълими забони тоҷикӣ тавассути матнҳои тахассусӣ дар робита бо рушди салоҳиятмандии муҳассилини риштаи ғайрифилологӣ тақвият бахшид.

Рисола собит кард, ки масъалаи таълими забони тоҷикӣ чун забони давлатӣ, такмили усулҳои самарабахши омӯзиши он ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа мубаддал гардидааст. Барои ворид шудан ба фазои таҳсилоти ягонаи ҷаҳонӣ омӯзгоронро зарур аст, ки ба таълими фанни забони тоҷикӣ беш аз пеш диққат дода, аз имконоти таҷрибаи бойи фазои методикаи таълим ва консепсияҳои илмӣ-методии замони муосир ба таври васеъ истифода баранд.

Муаллифи диссертатсия мутмаин аст, ки мақсади дарси забони тоҷикӣ, ки тибқи Стандарти давлатӣ «Забони тоҷикӣ аз рӯйи ихтисос» ном дорад ва ба ҳайси як фанни ҳатмӣ ба нақшаи таълимӣ ворид шудааст, тақозо мекунад, ки масоили забон ва рушди нутқи мураттаби муҳассилин тибқи ихтисоси интихобшудаи онҳо омӯхта шавад. Дар рафти дарс кӯшиш ба харҷ дода шавад, ки мафҳум ва истилоҳоти тахассусиро донишҷӯён хуб омӯхта бошанд, кор бо матнҳои тахассусиро ёд гиранд. Тавонанд, ки муҳтавои адабиёти марбути ихтисосро бе душворӣ дарк ва тафаҳҳум намоянд.

Дар рисола махсусан ба масъалаи матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Зикр гардид, ки дар шарҳу тафсири муосири матн масъалаҳои умдаи самти коммуникативӣ мақоми махсус дошта, лингвистикаи матн ҳамчун соҳаи илми алоҳида бо ҳадафҳо ва вазоифи хоси хеш – муайян намудани моҳият ва асосҳои фароҳам овардани шарту шароити муоширату муомилоти байниинсонӣ зуҳур мекунад.

Дар боби дуюм ба суоли мантиқии «Матни таълимӣ чист ва он аз нигоҳи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ ҳамчун категорияи методӣ чӣ гуна бояд роҳандозӣ гардад?» ҷавоби мушаххас дода шуд. Назари мо оид ба ин қазия чунин аст: Мухтасаран ва мантиқан матни таълимӣ ҳамчун маводе пеши назар меояд, ки соҳаи махсуси муомила ва муошират дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ мебошад ва он ба иҷрои асолатҳо ва принсипҳои муҳимми дидактикӣ – иттилоотӣ, тарбиявӣ, рушдёбӣ ва таҳлилӣ-ҷамъбастӣ нигаронида шудааст.

Матни таълимӣ ба ҷуз категорияи лингвистӣ чун категорияи методӣ дорои вазифаҳои мушаххас буда, дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ мақоми хоси маърифатӣ-зеҳнӣ ва тарбиявиро ба иҷро мерасонад. Мақоми махсуси матн дар он зуҳур меёбад, ки он ҳадафи ниҳоии таълим, мундариҷаи таълим ва методҳои интихобшудаи таълим маҳсуб меёбад. Чунончи, дар илми лингводидактикаи муосир, ки асосҳо ва принсипҳои таълими забонро роҳандозӣ мекунад, алъон муносибати коммуникативӣ-фаъолгардонӣ (коммуникативно-деятельностный подход) пешрав ва пазируфта маҳсуб меёбад.

Дар боби дуюм норасоии методҳои таълимро дар ҷараёни машғулиятҳои амалӣ баррасӣ намуда, ба хулоса омадем, ки диққати асосӣ барои дар хотир нигоҳ доштани маълумот равона аст, на ба рушди

тафаккури таҳлилӣ ва интиқодии муҳассилин. Фаъолияти омӯзгор ба самти ташаккули қобилияти фикрронӣ, эҷодӣ, фаъолияти мустақили донишҷӯён бояд нигаронида шавад. Яъне донишҷӯй ҳар чизе, ки дар машғулиятҳои лексионӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор додааст, дар машғулиятҳои амалӣ такрор намояд ва ба ташаккули нутқи мураттаб, салоҳиятмандии эҷодӣ ва коммуникативӣ саҳм гирад.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 тақозо менамояд: «Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба донишҷӯён имконияти аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд» [6,103].

Дар боби дуюм системаи машқҳо, супоришҳо барои машғулиятҳои амалӣ, КМРО, КМД аз забони тоҷикӣ ва вусъати сатҳи маданияти нутқ дар асоси матнҳои тахассусӣ пешниҳод карда шудааст, ки самаранокии онҳо бо истифодаи чунин усулҳо, аз қабили кор бо матни тахассусӣ, шарҳи вожаҳои душворфаҳм, шарҳи истилоҳот, моделсозии воҳидҳои лингвистӣ, таҳлили матн, интихоб ва ворид кардани калимаҳо, кор бо матни таҳрифшуда, тартиб додани нақша ва ғайра имконпазир аст.

Рисола собит кард, ки системаи машқҳо супоришҳои пеш аз матн ва баъди матнро бояд дар бар мегирад. Вазифаҳои пеш аз матн ба ташаккули механизмҳо нигаронида шудаанд: пешгӯии эҳтимолият, хотира бо такрори такрор дар вариантҳои гуногун. Машқҳое, ки барои аз худ кардани як падидаи грамматикӣ ё воҳиди луғавӣ ҳамчун қисми ҷумла сохта шудаанд, ба чунин марҳилаи азхудкунӣ, ба мисли дарк мувофиқат мекунанд.

Ҳадафи машқҳои пеш аз матн рафъи мушкилоти хондан мебошад, бинобар ин онҳо ба марҳилаҳои муайяни азхудкунӣ: дарк, тақлид, мушоҳида ва истифода равона карда шудаанд. Дар марҳилаи машқҳо бо матнҳои тахассусӣ таъмини муносибати босалоҳият ва коммуникативиро ба миён мегузорад. Татбиқи машқҳои таълимӣ дар заминаи матн тавассути супоришҳо барои хондани матн, сарлавҳа, ёфтани калимаҳое, ки бори маъноӣ доранд, мусоидат хоҳад кард.

Машқҳои баъд аз матн барои фаҳмидани матн, қобилияти фаҳмидани тарзи татбиқи вазифаи коммуникатсионӣ пешбинӣ шудааст. Машқҳои баъд аз матн барои амалӣ намудани малакаҳои иҷрои амалҳои нутқ тарҳрезӣ шудаанд; муайян кардани мавзуъ ва вазифаҳои коммуникатсионии матн, ғояи асосии он, муайян кардани тарзи инкишофи он ва ғайра.

Барои таълими бомуваффақияти намудҳои кори хаттӣ донишҷӯ бояд тамоми маҷмӯаи малакаҳои ташаккулёфтаро истифода барад, инчунин малакаҳои тартиботиро, ки дар сатҳи тавлиди матни ҳаҷми калон амалӣ карда мешаванд, баҳра барад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таълими бомуваффақияти забони тоҷикӣ ва маданияти суханронӣ ба донишҷӯён дар заминаи матнҳои тахассусӣ хусусияти эвристикӣ, таҳқиқотӣ ва эҷодро дар раванди таълим таҳким мебахшад.

Ҳангоми ба низом даровардани системаи машқҳо таснифи усулҳо ва роҳу равиши инкишофи нутқ, ташаккули маданияти сухан ва гуфтор муайян ва пайдарпайи оқилонаи татбиқи онҳо муқаррар карда шуд. Дар боби дуюми рисола системаи машқҳое пешниҳод шудааст, ки ба ташаккул ва рушди минбаъдаи нутқи донишҷӯён мусоидат мекунанд.

Самаранокии методологияи пешниҳодшуда бо маълумоти санҷиши назоратӣ тасдиқ карда шуд ва он имкон медиҳад, ки дурнамои истифодаи

минбаъдаи онро дар таҷрибаи таълими забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ вусъат ва таҳким бахшем.

# ХУЛОСА

Ҳамин тариқ, гузориш ва ҳалли масъала дар робита бо асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар собит месозад, ки дар замони муосир талабот оид ба баландшавии сифати дониш, маҳорат ва малакаи хатмкунандагони мактабҳои олӣ ба самти афзалиятноки сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Агар аз бар намудани донишҳои тахассусӣ як тарафи масъала бошад, тарафи дигари он – ташаккули маҳорати суханварӣ ва муошırати озод ва фасеҳ дар доираи ихтисос, шиносоии комил бо истилоҳоти тахассусӣ маҳсуб меёбад. Мушаххасан сухан дар самти тайёр кардани мутахассиси баландпояи дорои сифатҳои зеҳнӣ-маърифатӣ, таҳлили интиқодӣ, рушди тафаккури эҷодӣ ва маҳорати мутобиқ шудан ба фазои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ меравад.

Дар сатҳи баланд донистани забони давлатӣ, меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик, шиносоии комил бо истилоҳоти тахассусӣ, дарки мутуни ихтисос, малакаи кор бо забони сарчашмаҳо ва донистани асосҳои имло ва ҳуҷҷатнигорӣ муҳим арзёбӣ шуда, мавзуъ ва мундариҷаи ҳар як мавзуи дарс тавре муайян мегардад, ки дар баробари пурра аз худ намудани барномаи таълимӣ сатҳи мустақилиятнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва донишҳои назариявии донишҷӯ-мутахассиси оянда ташаккул меёбад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми ҶТ пайваста кӯшиш менамоянд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон гардонда, тадбирҳои мушаххасро амалӣ гардонанд. Ҳамин буд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушди маориф то давраи солҳои 2030-ро қабул ва ба тасвиб расонд. Тибқи ин ҳуҷҷат то соли 2030 стандарту барнома ва китобҳои дарсӣ ҳамчун асоси донишомӯзӣ, сарчашмаи боэътимоди тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар руҳияи баланди худшиносии миллӣ, садоқат ба арзишҳои умумибашарӣ ва

инсонӣ, парвариши ҳисси ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ хидмат намуда, дар асоси низоми ҷадиди “муносибати босалоҳият ба таълим” ба роҳ монда шаванд.

Ғояи асосии муносибати босалоҳият ба таълим дар амал истифода бурдани дониш, малака ва маҳорати парваридаи донишҷӯён мебошад. Ҳарчанд ин низом дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав маҳсуб ёбад ҳам, он дар афкори педагогии мардуми  мо асрҳои аср боз арзи ҳастӣ дорад ва бояд гуфт, ки муносибати босалоҳият ба таълим тавассути фардикунонии раванди таълим ва фаъолмандии шахсияти омӯзанда амалӣ карда мешавад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи проблемаи мавриди баррасӣ қарорёфта ва тақвияти афкори баёншуда моро ба хулосаҳои зерин овард:

1. Дар шароити кунунии Тоҷикистон омӯзгорон батадриҷ ба фазои таълими босалоҳият ворид мегарданд ва агар ҳадаф салоҳиятмандии омӯзгору муҳассилин ва инчунин таҳсилоти босифат бошад, омӯзгор барои кор дар ҳолате роҳ дода шавад, ки агар дониши комил ва малакаву маҳорат дар самти раванди фаъоли таълим дошта бошад. Яъне, омӯзгор салоҳияти касбии мувофиқ ба талаботи гузошташуда дошта бошад.

2. Забони тоҷикӣ чун забони давлатӣ ва ҳамзамон ҳамчун забони муоширати ақаллиятҳои миллии маскуни Тоҷикистон ба таври амиқ бояд таълим дода шавад, то ғановату имконоти забон дар таҳкиму густариши алоқаҳои гуногуни узви ҷомеа ба таври муфид ва самарабахш истифода гардад. Вобаста ба ин нукта имрӯз масъалаи таълим ва тадриси забон, такмили равишу усулҳои самарабахши омӯзиши он ба яке аз мавзуъҳои муҳимми ҳаёти ҷомеаи имрӯза мубаддал гардидааст. Пайдо намудани роҳҳо ва усулҳои муассири таълими забон, истифода аз методҳои анъанавӣ ва санҷидашуда, ба кор бурдани таҷрибаҳои беҳтарини омӯзиш ва навовариҳо дар ин бахш ва такмили онҳо аз масъалаҳои муҳимме ба шумор мераванд, ки имрӯз дар фарорӯйи ҷомеа қарор гирифтаанд.

3. Мақсади таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ такмил додани малакаю маҳорати суханварӣ ва баён карда тавонистани фикр, бе хато навиштан, мукаммал намудани дарки амиқи ҷиҳатҳои хоси забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи муошират ва интиқоли иттилоот, инчунин васеъ намудани ҷаҳонбинии умумигуманитарӣ дар такя бо фаҳмиши амиқи сатҳи коммуникативӣ, маърифатӣ ва эстетикии донишҷӯён мебошад. Ба ибораи дигар, ташаккул додани салоҳияти коммуникативӣ-касбии мутахассиси баландихтисос, ки ба меъёри муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад.

4. Қобилияти мутахассиси соҳаи таърих ва ҳуқуқ на танҳо ба дониш, маҳорат ва малакаи касбӣ вобастааст, балки ба инкишофи салоҳияти иҷтимоӣ-коммуникативӣ ва инфиродӣ-коммуникативӣ, таъмини дараҷаи эҷодии фаъолияти касбӣ алоқаманд аст. Яъне барои ҳар як мутахассис парвариш ва ташаккули чунин салоҳиятҳо зарур дониста мешавад:

– истеъдоди иҷтимоӣ-коммуникативӣ (қодир будани иштирокчиён дар раванди ба вуҷуд омадани фаъолияти якҷояе, ки тавассути забон ва фаҳмиши маданияти иҷтимоӣ барои дастовардҳои вазифаҳои аниқ-суханронии расмӣ бо баромади илмӣ, презентатсия ва ғ. муносибатҳои байнишахсӣ барқарор менамояд);

– истеъдоди илмӣ-тадқиқотӣ (на танҳо захираҳои таркибии илмӣ ва методологияи эҷоди илмиро дар бар мегирад, балки маҳорати интихоб, коркард, муҳофизат ва паҳн намудани ахборро низ ташкил медиҳад);

–истеъдоди тахассусӣ-корӣ (ташкил намудани ин ё он муносибати шахсии тахассусӣ-корӣ, ки ба воситаи доштани малакаи забондонӣ ва дониши предметӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба вуҷуд меояд).

5. Дар рисола оид ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар робита бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика диққати махсус шудааст, ки он аз консепсияи роҳу усули хос доштани таълиму тадрис бармеояд. Омӯзгори макотиби олӣ дар истифодаи рукнҳои забон усули шуурона дарк кардани ҳар як

воҳидҳои мустақили забонро роҳандозӣ мекунад. Аз методҳое истифода мебарад, ки дар ташаккули салоҳиятмандии лингвистии муҳассилин мавқеи ҳалкунанда дорад.

6. Дар самти робитаи методикаи таълими забон ва лингвистика яке аз масъалаҳои асосӣ лингвистикаи матн мебошад. Лингвистикаи матн имкон медиҳад, ки таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар аз нигоҳи ҷамъбасти донишу маълумот аз забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва фарҳангшиносии муҳассилин ҷараён ёфта, дар ташаккули фарҳанги хониш, дарки образҳои асари бадеӣ, маҳорату малакаи ворид шудан ба ҷаҳони маърифат ва маънавияти муаллифи асари адабӣ, фаҳмиши комили мазмун ва мундариҷаи асари бадеӣ мусоидат менамояд.

7. Дар рисола инчунин робитаи фанни методикаи таълими забон бо илми равоншиносӣ (психология) мавриди баррасии васеъ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, фаъолияти аналитикӣ ва синтетикии омӯхтани донишҳо, ташаккули маҳорат ва малака, рушди салоҳиятмандии забонӣ, муайян намудани сабабҳои асосии эҷод шудани мушкилот ва душвориҳо дар самти забономӯзӣ, рушди инфиродии муҳассилин ва амсоли он. Робитаи методикаи таълими забони тоҷикӣ ва илми психология ба таҳкими пояҳои шуурона аз худ намудани маводи таълим аз ҷониби муҳассилин роҳ мекушояд. Ӯ қонуниятҳо ва рӯйдодҳои забониро дарк ва дар хотир нигоҳ медорад, дар таҷрибаи амалии забономӯзӣ ва забондонӣ, хоса, мавридҳои гуногуни муошират, гуфтор ва навиштор кор мефармояд ва ба ташаккули маҳорат ва малакаи пойдору устувор ноил мегардад. Чунин пайдарҳамӣ дар раванди таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути иҷрои амалҳои зерин тақвият меёбад: шунидан (дидан) – дарк кардан (фаҳмидан) – донистан – аз худ кардан -тавонистан – қудрат пайдо кардан.

8. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар ба дидактика – назарияи умумии таълим робитаи зич ва қавӣ дорад. Қонуниятҳои дидактика дар ҳалли

масъалаҳои муҳимми густариши низоми омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ, амсоли ҳадафи таълим, зинаҳои таълим, самти умумии таълим ҳамчун замина хидмат мерасонад.

9. Масъалаҳои тарбияи насли наврас ва ҷавонони муҳассилро фанни педагогика аз нигоҳи илмӣ ва асосҳои бунёдию методологӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, дар ин росто тавсияҳо ва дастурҳои хубро пешниҳод менамояд. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар ба маслиҳатҳо ва тавсияҳои илми педагогика такя намуда, тавассути матнҳои адабӣ, тахассусӣ, системаи машқҳои гуногуни коммуникативӣ ва шифоҳию хаттӣ ягонагии раванди муштараки таълим ва тарбияро ба омӯзандагон нишон медиҳад.

10. Дар рисола вазъи таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ, инчунин сифати китобҳои дарсии “Забони тоҷикӣ” таҳлил ва муқоиса шуда, андешаҳои муаллифи диссертатсия оид ба сифатан беҳтар кардани вазъи таълим ва омӯзиши ин фанни таълим баён ёфтааст. Зикр мегардад, ки дар таълими фанни Забони тоҷикӣ китоби дарсӣ маводи асосии назариявию амалӣ ба шумор меравад. Он бо Стандарти давлатӣ ва барномаи таълимӣ, ки аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, пурра мутобиқат дорад.

11. Мактабҳои олии кишвар аз рӯйи якчанд китобҳои дарсӣ (вобаста ба ихтисоси донишҷӯён) ба таълим фаро гирифта шудаанд. Аз ҷумла, Китоби «Забони тоҷикӣ»-и мураттибон А. Абдуқодиров ва З. Раҳмонов (Хуҷанд: Ношир,2009 -192 с.); С.Қ. Матробов, П.П. Абдуллоева «Забони тоҷикӣ» (барои донишҷӯёни низоми таҳсилоти кредитии ихтисосҳои иқтисодӣ) - Душанбе, 2011.-266 с.); С.Қ.Матробов, М.Х.Усмонова, Р.Қ. Ғуломалиева «Забони тоҷикӣ» (барои донишҷӯёни низоми таҳсилоти кредитии ихтисосҳои тарҷумонӣ, забонҳои хориҷӣ ва рӯзноманигорӣ) - Душанбе,2013.- 306 с.); «Забони тоҷикӣ» муаллифон С. Анварӣ. Ш. Кабиров, Н.Каримов, барои ихтисосҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Душанбе, 2019- 288 с.; «Забони тоҷикӣ»

мураттибон У. Каримов ва С.Абдулазизова (қисми 2) соли 2004 – 182 с.; «Забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ» Г. Аҳророва ва Д. Лутфуллоев (барои донишҷӯёни гурӯҳҳои русии ихтисоси иқтисодӣ), соли 2010 - 160 с.; «Забони тоҷикӣ» (барои ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ) муаллифон С.Қ.Матробов ва П.П. Абдуллоева -Душанбе, 2009 -218 с.;Дастури таълимӣ-методии «Забони тоҷикӣ» Ҷабборова М. (барои донишҷӯён ва курсантони ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, Хуҷанд, 2014 – 216 с.) ва амсоли он.

12. Китоби Эшонова Д. "Кор бо матнҳои тахассусӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ" (Дастури таълим барои донишҷӯёни ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ва гумруки мактаби олӣ) хеле ҷолиб мебошад. Равиши дарси амалӣ, ки дар китоби муаллиф пешниҳод шудааст, барои аз худ кардани истилоҳоти соҳавии матни тахассусӣ, шарҳи хаттии он, шиносоӣ бо лексикаи соҳавӣ, истилоҳот, моҳият ва талабот нисбат ба истилоҳсозӣ, луғати касбӣ, арго ва жаргонҳо мусоидат намуда, шогирдонро бо дониш оид ба моҳият, вазифа, хел ва хусусиятҳои истилоҳоти соҳавӣ мусаллаҳ менамояд.

13. Дар ҳамаи китобҳо матнҳои вобаста ба забон тавре интихоб ва гузориш ёфтаанд, ки дорои далелҳои муътамади истифодашавии забон дар нутқ буда, дар айни замон дорои аҳамияти бузурги тарбиявӣ-эстетикӣ ҳастанд. Матнҳо аз насиҳатномаҳои бузургон, ҳикоёти латиф, панду андарзҳо ва зарбулмасалу мақолҳои ибратбахш иборат буда, муҳассилинро дар руҳияи ахлоқу одоби баланди инсонӣ раҳнамун месозанд. Метавон гуфт, ки китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ», ки зикрашон дар боло рафт, бо назардошти ҳамин талабот таълиф ва интишор шудаанд.

14. Дар рисола проблемаи илмии матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ мавриди таваҷҷуҳи баррасии комил қарор гирифт. Зикр гардид, ки дар шарҳу тафсири муосири матн

масъалаҳои умдаи самти коммуникативӣ мақоми махсус дошта, лингвистикаи матн ҳамчун соҳаи илми алоҳида бо ҳадафҳо ва вазоифи хоси хеш – муайян намудани моҳият ва асосҳои фароҳам овардани шарту шароити муоширату муомилоти байниинсонӣ зуҳур мекунад.

15. Дар рисола ба суоли мантиқии «Матни таълимӣ чист ва он аз нигоҳи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ ҳамчун категорияи методӣ чӣ гуна бояд роҳандозӣ гардад?» ҷавоби мушаххас дода шуд. Мухтасаран ва мантиқан матни таълимӣ ҳамчун маводе пеши назар меояд, ки соҳаи махсуси муомила ва муошират дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ мебошад ва он ба иҷрои асолатҳо ва принсипҳои муҳимми дидактикӣ – иттилоотӣ, тарбиявӣ, рушдёбӣ ва таҳлилӣ-ҷамъбастӣ нигаронида шудааст.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Бо мақсади минбаъд ташаккул додани асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ ва фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матни тахассусӣ дар муассисаҳои олии касбии ҶТ тавсияҳои зеринро пешниҳод менамоем:

шоҳзодаи Гургон сухан кунад, чунин ҷумлаи зебо меоварад: Дидори Султон бар моҳ уфтод ва гургониёнро аз рӯшноии он офтоб фахру шараф афзуд;

Ба итминон метавон гуфт, ки натанҳо форсигӯён, балки ҳар касе форсиро донад аз мутолиаи Таърихи Байҳақӣ ҳаловат мебарад; устод Байҳақии дабир дар баёну тасвири ҳар ҳодисаву воқеъаи таърихӣ сабки адабии дилнишинеро пеш мегирад.

Байҳақӣ таърихро ойинаи ибрати инсонҳои вораста медонад. Ӯ дар баёни ҳар ҳодисае таъбиру ҷумлаҳои масалгунае овардааст, ки аз лиҳози забонӣ басо шевою гуворояндд ва бо банди муҳками маънӣ ҳакимона. Зарбулмасалҳои Таърихи Масъудӣ пажӯҳиши вижаеро тақозо мекунанд, аммо муште аз харвор чанд намуна аз он ганҷинаи маънӣ меоварем, то хонанда худ қазоват кунад:

Мардонро ҷаҳд андар он бояд кард, то як бор ваҷеҳ гарданд ва номӣ. Чун гаштанду шуд, агар дар меҳнат бошанд ё неъмат, эшонро ҳурмат доранд ва то дар гӯр нашаванд, он ном аз эшон наяфтад;

Бузургмардо, ки ӯ домани қаноат тавонад гирифт ва ҳирсро гардан фурӯ тавонад шикаст;

Ғояти кори одамӣ марг аст;

Ҳар кас ки хештанро натавонист шинохт, дигар чизҳоро чигуна тавонад донист, вай аз шумори баҳоим аст, балки низ бадтар аз баҳоим

Таърихи Байҳақӣ аз сӯйи бузургони илму адаб ва ҳам аз ҷониби пажӯҳишгарони арсаи дониш ба манзараи як шоҳкори беназир эътироф шудааст. Академик Бартолд навиштаҳои Байҳақиро хотирот ва ҷойгоҳи онро дар миёни адабиёти таърихии исломӣ беназир меномад.

Доктор Ғуломҳусайн Юсуфӣ Байҳақиро гузоришгари ҳақиқат хонда, таърихи ӯро аз лиҳози диққату амонат беҳтарин ва саҳеҳтарин таворихи форсӣ меҳисобад.

Аллома Деҳхудо ҳафтод сол қабл ба донишмандони эронӣ супориш дода буд, ки Баъд аз Шоҳнома се китоб ҳаст, ки бояд дар тамоми калимот, балки тамомати ҳуруфи он татабуъ ба амал ояд. Ва умру вақти ман иҷозат

накард ва бар оядагон аст, ки ин ваҷибаро адо кунанд ва он се китоб Тарҷумаи Тафсири Табарӣ, Тарҷумаи Таърихи Табарӣ ва Таърихи Абулфазли Байҳақӣ аст! [98, 33-36]

**Зикри Хоразм**

Хоразм вилоятест шабеҳи иқлиме, ҳаштод дар ҳаштод ва он ҷо манобир бисёр ва ҳамеша ҳазрат будааст алоҳида мулуки номдорро, чунонки дар китоби Сияри мулуки Аҷам мусаббат аст, ки хешованде аз они Баҳроми Гӯр бад-он замин омад, ки сазовори мулки Аҷам буд ва бар он вилоят муставлӣ гашт. Ва ин ҳадис рост надоранд. Ва чун давлати Араб, ки ҳамеша бод, омаду русуми Аҷам ботил кард ва боло гирифт ба сайиди аввалину охирин, Муҳаммади Мустафо, алайҳиссалом, ҳамчунин Хоразм ҷудо буд, чунонки дар таворих пайдост, ки ҳамеша Хоразмро подшоҳе будааст муфрад ва он вилоят аз ҷумлаи Хуросон набудааст, ҳамчун Хатлону Чағониён. Ва ба рӯзгори Муозиёну Тоҳириён, чун лахте халал роҳ ёфт ба хилофати Аббосиён, ҳамчунин Хоразм будааст. Ва Маъмуниён гувоҳи адланд, ки ба рӯзгори мубораки Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, давлати эшон ба поён омад. Ва чун бар ин ҷумла аст, ҳоли ин вилоят, воҷиб дидам хутбае дар сари ин боб ниҳодан ва дар ахбору ривоёти нодири он сухане чанд рондан, чунонки хирадмандон онро фаро ситонанду рад накунанд [98, 700].

**Қиссаи Амир Мансури Нуҳи Сомонӣ**

Чунон хондам дар ахбори Сомониён, ки чун Амир Нуҳ ибни Мансур гузашта шуд ба Бухоро, писараш, ки валиаҳд буд, Абулҳориси Мансурро бар тахти мулк нишонданд ва авлиёву ҳашам бар вай биёромиданд ва сахт некӯрую шуҷоъву сухангӯй ҷавоне буд, аммо одате дошт ҳавл, чунонки ҳамагон аз вай битарсидандӣ. Ва нишастани вай ба ҷойи падар дар раҷаби санаи сабъа ва самонина ва сулса миа буд. Корро сахт некӯ забт кард ва сиёсате қавӣ намуд. Ва Бактузун сипоҳсолор буд ба Нишобур ва бар хилофи Амир Маҳмуд. Ва Амир Маҳмуд ба Балх буд баристод накард ӯро, ки Нишобур бар Бактузун яла кунад. Ва Амири Хуросон дили ҳар ду

нигоҳ медошт, аммо ҳимматаш бештар сӯйи Бактузун буд. Чун Амир Маҳмудро ин ҳол муқаррар гашт, сохтан гирифт, то қасди Бактузун кунад. Бактузун битарсиду ба Амири Хуросон бинолид ва вай аз Бухоро қасди Марв кард бо лашкарҳо ва Фоиқу-л-хосса бо вай буд ва хостанд, то ин корро бар ваҷҳе биниҳанд, чунонки ҷанге ва мукошафате набошад.

Рӯзе чанд ба Марв буданд, пас сӯйи Сарахс кашиданд ва Бактузун ба хидмати истиқбол бо лашкаре анбуҳ то он ҷо биёмад, наёфт амири Хуросонро чунонки раъйи ӯ буд, ки қиёси бештар сӯйи Амир Маҳмуд буд. Дар сир Фоиқро гуфт, ки Ин подшоҳ ҷавон аст ва майл ба Амир Маҳмуд медорад, чандон аст, ки ӯ қавитар шуд, на ман монаму на ту [98, 675].

**Муҳтаво, манбаъҳо ва сабки таърихнигории Байҳақӣ**

«Таърихи Масъудӣ» ҳаводису вақоеъи таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии замони ҳукумати Масъуди Ғазнавиро фаро мегирад. Чунонки зикр шуд, то замони мо ҷилдҳои панҷум (қисмати поёнӣ), шашум, ҳафтум, ҳаштум, нуҳум ва бахше аз ҷилди даҳум расидааст.

«Таърихи Масъудӣ» бо фурӯ гирифтани писари хурдии Маҳмуд – Муҳаммад аз тахти шоҳӣ ва ба подшоҳӣ бардоштани писари бузурги ӯ – Масъуд шуруъ мешавад. Метавон ҳадс зад, ки бахши аввали ҷилди панҷум дар боби ҳодисаи кӯр кардани Муҳаммад бошад. Зеро муаррихони тоҷик Ибни Фундуқ ва Минҳоҷи Сироҷ дар бораи кӯрии Амир Муҳаммад гузориш додаанд, ки манбаи онҳо бешак Байҳақӣ будааст. Охири ҷилди даҳум пиромуни ба Ҳиндустон фирор кардани Масъуд ва дар нимароҳ кушта шудани ӯ ҳикоят мекардааст, вале ин қисматҳо аз матни асосии ин асар уфтодаанд. Маҳдудаи замонии ҷилдҳои боқимондаи асари Байҳақӣ ҳодисаҳои марбут ба солҳои 1030-1040-ро фаро мегирад.

Пас аз ошноӣ бо муҳтавои асари Байҳақӣ, метавон номгӯи пурраи мавзуъҳои муаллиф баён фармударо тарсим намуд. Лозим ба ёдоварист, ки «Таърихи Масъудӣ» дар боби салтанати Масъуд ҳикоят кунад ҳам, пиромуни таърихи гузаштаи мардумони Шарқи исломӣ ва рӯзгори шахсиятҳои номиву даврони рӯзгори Аббосиён, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён ва Қарахониён маълумоти ҷолиб медиҳад. Ҳамчунин ахбори

марбут ба Саффориёну Сомониён ва Қарахониёнро муаррихон нодир номидаанд [98,18].

**Ҳикоят**

Хоҷае, ки ӯро Булмузаффари Барғашӣ гуфтандӣ ва вазири Сомониён буд. Чун вай дар охири кор дид, ки он давлат ба охир омадааст, ҳилат он сохт, ки чун гурезад. Табибе аз Сомониёнро силати некӯ дод, панҷ ҳазор динор, мар ӯро даст гирифту аҳд кард ва рӯзе, ки яхбанди азим будааст, асб бар ях биронд ва худро аз асб ҷудо кард ва оҳ карду худро аз ҳуш бибурд. Ва ба миҳаффа ӯро ба хона бибурданд ва садақоту қурбонӣ равон шуд беандоза. Он вақт пайғом оварданд ва ба пурсиш Амир омад ва ӯро ба ишорат хидмат кард ва табиб чӯббандеву тале оварду гуфт: Ин пой бишикаст! Ва ҳар рӯз табибро мепурсид Амир ва ӯ мегуфт оризае қавӣ уфтод, ҳар рӯз навъ дигар мегуфту Амир навмед мешуд ва корҳо фурӯ мебимонд, то ҷавонеро, ки муътамад буд пешкориАмир кард ба хилофати худ. Ва он ҷавон боди вазорат дар сар кард, Амирро бар вай тамаъ омад.

Ва ҳар рӯз табиб Амирро аз вай навмед мекард. Чун Амир дил аз вай бардошт ва ӯ он чӣ хифф буд ба Гузгонон ба вақти фурсат мефиристод ва зайъате некӯ харид он ҷо. Баъд аз он он чӣ аз сомиту нотиқу сутуру барда дошт, нусхате пардохт ва фуқаҳову муътабаронро бихонду савгандон бар забон ронд, ки ҷуз зайъате, ки ба Гузгонон дорад ва ин ҷо нусхат кардааст, ҳеч чиз надорад аз сомиту нотиқ дар милки худ ва амонат ба дасти касе нест ва наздики Амир фиристод ва дархост, ки маро дастурӣ диҳад, то бар сари он зайъат равам, ки ин ҳаво маро намесозад, то он ҷо дуъои давлат гӯям.

Ва Амирро устувор омаду мувофиқ ва дастурӣ доду ӯро афв кард ва зиёъи Гузгонон ба вай арзонӣ дошт ва мисол набишт ба Амири Гузгонон, то ӯро азиз дорад ва дастурӣ дод. Ва чанд уштур дошт ва касоне, ки ӯро таахҳуд кардандӣ он ҷо қарор гирифт, то хонадони Сомониён баруфтоданд. [98,652]

**Рӯзгору осори Абулфазли Байҳақӣ**

Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ ҳамчун дабири хирадманду таърихнигори варзида маъруф аст. Аммо то имрӯз пиромуни зиндагию рӯзгори ӯ ба мо маълумоти ночизе расидааст. Нахустин манбае, ки метавон роҷеъ ба аҳволу осори Байҳақӣ маълумоти бештар касб кард, таърихномаи маъруфи ӯст.

Байҳақӣ дар ҷое аз асараш аз аслу насаб ё рӯзгори шахсии хеш на таваққуф ва на ишораҳо кардааст, аммо дар ҷилдҳои боқимонда, ки мебинем, гоҳе нуктаҳои парокандаву фишурда дар бораи худ меорад. Танҳо дар маъхазҳои садаҳои пас аз рӯзгори вай аз зиндагиву осораш ишораҳои кӯтоҳе дида мешавад. Аммо ин маълумот он гуна ночизу ноқисанд, ки наметавон бар мабнои онон шарҳи ҳоли ин донишманди мумтозро такмил кард. Аз ин рӯ, бо такя бар ишораҳои худи устод Байҳақӣ ночор гоҳе даст ба домани фарзияҳо мезанем. Ягона зикри мухтасар пиромуни рӯзгори Байҳақӣ навиштаҳои ҳамшаҳрии муаллиф – Абулҳасан Зайди Байҳақӣ мебошад, ки бештар бо номи Ибни Фундуқ машҳур аст. Ибни Фундуқ навиштае дорад бо номи Таърихи Байҳақ, ки он дар бораи номварони зодгоҳаш – шаҳри Байҳақ аст.

Ин асар мамлу аз маълумоти нодири таърихию адабӣ буда, пажӯҳишгарони маъруф аз он ба таври фаровон истифода бурдаанд. Чун маълумоти Ибни Фундуқ нодир ва барои равшан кардани зиндагиномаи Абулфазли Байҳақӣ калидӣ аст, зарур мешуморем, ки аз Ибни Фундуқ иқтибос оварда, минбаъд бар пояи ишораҳои худи Байҳақӣ ва муқоясаи он бо навиштаҳои дигарон шарҳи ҳоли тақрибии муаллифи Таърихи Масъудӣ-ро тартиб диҳем: Шайх Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни котиб Байҳақӣ. Ӯ дабири Султон Маҳмуд буд ба ниёбати Абунаср ибни Мушкон ва дабири Султон Муҳаммад ибни Маҳмуд буд ва дабири Султон Масъуд. Он гоҳ дабири Султон Мавдуд ва он гоҳ дабири Султон Фаррухзод.

Чун муддати мамлакати Султон Фаррухзод мунқатеъ шуд, инзиво ихтиёр кард ва ба тасониф машғул гашт ва мавлуди ӯ деҳаи Ҳорисобод будааст. Аз тасонифи ӯ Зиннату-л-куттоб аст ва дар он фан мисли он

китоб нест ва Таърихи Носирӣ аз аввали Сабуктагин то аввали айёми Султон Иброҳим, рӯз ба рӯз таърихи эшонро баён кардааст [98,8].

**Шарҳи аҳволи Али Қуҳандизӣ ва гирифтории ӯ**

Дар он навоҳӣ марде буд, ки ӯро Алии Қуҳандизӣ хондандӣ ва муддате дар он вилоят ба сар бурда ва duздиҳову ғоратҳо карда ва муфсиде чанд мардумони ҷалд бо вай ёр шуда ва корвонҳо мезаданду деҳаҳо ғорат мекарданд. Ва ин хабар ба Амир расида буд, ҳар шиҳа, ки мефиристод, шарри ӯ дафъ намешуд. Чун он ҷо расид, ин Алии Қуҳандизӣ, ҷое ки онро Қуҳандиз гуфтандӣ ва ҳисоре қавӣ дар сӯрохӣ бар сари кӯҳе дошт, ба даст оварда буд, ки ба ҳеҷ ҳол мумкин набуд онро ба ҷанг ситадан ва он ҷо бозшуда ва бисёр дузду тайёр бо бунаҳо он ҷо нишонда. Ва дар ин фатарот, ки ба Хуросон уфтод, бисёр фасод карданд ва роҳ заданду мардум куштанд ва номе гирифта буданд. Ва чун хабари рояти олӣ шунид, ки ба Парвон расид, дар ин сӯрохӣ хазид ва ҷангро бисохт, ки алаф дошт сахт бисёр ва обҳои равон ва марғзоре бар он кӯҳ ва гузар яке ва эмин, ки ба ҳеҷ ҳол онро ба ҷанг натавон ситад.

Амир, разияллоҳу анҳу бар лаби обе дар ин роҳ фуруд омад ва то ин сӯрох ним фарсанг буд. Лашкар бисёр алаф гирд кард, ниёз наёмад, ки ҷаҳони гиёҳ буд ва андоза нест ҳудуди Гузгононро, ки марғзори хуш ва бисёр хуб аст. Ва Нӯштагини Навбатӣ ба ҳукми он, ки иморати Гузгонон ӯ дошт, он ҷанг бихост, ҳарчанд бериш буд ва дар сарой буд, Амир иҷобат кард ва вай бо ғуломе панҷоҳ бериши хеш, ки дошт ба пойи он сӯрох рафт ва ғуломе понсад саройӣ низ бо ӯ бирафтанд ва мардуми тафориқ низ марде се-чаҳор ҳазор чи ба ҷанг ва чи ба наззора. Ва Нӯштагин дар пеш буд ва ҷанг пайвастанд. Ва ҳисориёнро бас ранҷе набуд ва санг мегардониданд [98,592].

**Тестҳои тавсиявӣ барои машғулиятҳои КМРО**

**Ҳафтаи 1**

1. Забон чист?

А) ҳодисаи ҷамъиятист

Б) воситаи муҳимтарини алоқаи байни инсонҳо

В) рукн ва ҳастии миллат

Г) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд

2. Забон донӣ – ҷаҳон донӣ ба чӣ ҷавобгӯ аст?

А) хирадмандӣ В) забономӯзӣ

Б) донишмандӣ Г) гуногунзабонӣ

3. Ҳама гуна фаъолияти инсон дар ҷамъият пеш аз ҳама тавассути чӣ сурат мегирад?

А) ба воситаи хирад В) ба воситаи забон

Б) тавассути таҷриба Г) ба воситаи ҳаёт

4. Чанд оилаи забонҳо мавҷуданд?

А) 6000 В) 40

Б) 24 Г) 3

5. Ба гурӯҳи забонҳои имрӯзаи эронӣ кадом забонҳо марбутанд?

А) олмонӣ, англисӣ, форсӣ

Б) тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ), тотӣ, осетинӣ, толишӣ, яғнобӣ, язғуломӣ, вахонӣ...

В) ҳамаи забонҳои Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон

Г) форсӣ, дарӣ, тоҷикӣ

6. Таърихи давраҳои инкишофи забони тоҷикиро муайян кунед.

А) ду давра: то милод ва пас аз милод

Б) ду давра: то инқилоб ва баъд аз инқилоб

В) се давра: бостон, миёна ва нав

Г) забони тоҷикӣ танҳо як давраи инкишофро аз сар гузаронидааст: истиқлолият

7.Охирин маротиба Қонуни ҶТ Дар бораи забони давлатии ҶТ кай ба имзо расидааст?

А) 22-юми июли соли 1989 В) 5-уми октябри соли 2009

Б) 22-юми июни соли 1989 Г) 3-юми октябри соли 2009

8. Қонуни ҶТ Дар бораи забони давлатии ҶТ аз чанд бобу чанд модда

иборат аст?

А) 8 бобу 37 модда В) 10 бобу 100 модда

Б) 7 бобу 28 модда Г) 8 бобу 27 модда

9. Моддаи 3-юми Қонуни ҶТ Дар борaи забони давлатии ҶТ чӣ ном дорад?

А) забони номгузорӣ В) Забони давлатии ҶТ

Б) забони Қуввaҳои Мусаллаҳ Г) забони кори ташкилот

10. Оид ба вайрон намудани талаботи Қонуни ҶТ Дар борaи забони давлатии ҶТ тибқи қонунгузории ҶТ чӣ муқаррар шудааст?

А) ба ҷавобгарӣ кашида шудан В) ҷарима ситонидан

Б) мукофотонида шудан Г) ҳабс намудан

11. Алифбо чист?

А) номи ҳарфҳо В) пайдарҳам омадани ҳарфҳо

Б) бо тартиби муайян гузошта шудани Г) овозҳои забон

аломатҳои шартии овозҳо

12. Ниёгони мо аз кадом хатҳо истифода намудаанд?

А) олмонӣ, кириллӣ, русӣ В) русӣ, тоҷикӣ, англисӣ

Б) мехӣ, авастоӣ, паҳлавӣ, Г) аз хати арабӣ

суғдӣ, арабӣ, лотинӣ

13. Алифбои арабиасос чӣ душвориҳо дошт?

А) ҳарфҳо бисёршакла буданд

Б) ҳарфҳо бисёровоза буданд

В) ҳарфҳои бисёршакла, овозҳои бисёрҳарфа буданд

Г) бисёршаклӣ ва сервазифагии ҳарфҳо

14. Дар алифбои забони тоҷикӣ чанд ҳарфу чанд овоз ҳаст?

А) 39 ҳарфу 35 овоз В) 28 ҳарфу 35 овоз

Б) 31 ҳарфу 35 овоз Г) 35 ҳарфу 30 овоз

15. Кадом ҳарфҳои хоси забони русӣ аз алифбои забони тоҷикӣ гирифта шудааст?

А) ҷ, қ, й, ғ В) ц, ь, ы, щ

Б) й, ғ, ъ, ҳ Г) ч, у, к, й

16. Халқи тоҷик чанд сол аз алифбои лотинӣ истифода намудааст?

А) 8 сол В) 21 сол

Б) 10 сол Г) як аср

17. Забон аз таъсири меъёр ба чӣ муваффақ мегардад?

А) покизагӣ аз воридшавии калимаҳои лаҳҷавӣ ва жаргонҳо

Б) эминӣ аз маҳвшавӣ

В) воҳидҳо аз забонҳои бегона

Г) содагӣ

18. Меъёр чанд намуд дорад?

А) меъёр дорои навъҳои хаттӣ ва даҳонист

Б) се намуд: меъёри нутқи хаттӣ, меъёри нутқи даҳонӣ, меъёри нутқи хаттӣ ва даҳонӣ

В) меъёр худ аз худ вуҷуд дорад ва ба намудҳо ҷудо намешавад

Г) як намуд

19. Забони адабӣ чист?

А) забони давлатиро забони адабӣ меномем

Б) забони адабӣ дараҷаи олитарини забони миллӣ ва асоси маданияти нутқ аст

В) забони зиндаи халқ забони адабӣ аст

Г) забони умум аст

20. Забони адабӣ дар кадом шаклҳо истифода мегардад?

А) дар шакли даҳонӣ В) дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ

Б) дар шакли хаттӣ Г) шифоҳӣ

21. Муҳимтарин аломатҳои забони адабӣ кадомҳост?

А) дар адабиётҳои бадеӣ, илмӣ, рӯзномаҳо истифода шудан

Б) мавҷудияти хат, меъёр, бартарӣ аз шеваю лаҳҷаҳост

В) дорои услубиёти нутқ будан ва дар ҳуҷҷатнигорӣ истифода шудан

Г) соҳиби фарҳанг будан

22. Риояи меъёрҳои забонӣ чӣ аҳамият дорад?

А) барои тозагии таркиби қолаби нутқ ва оммафаҳм будани забонро ҳифз кардан

Б) барои аз ҷиҳати имло нутқ кардани шунаванда

В) барои тартиб дода тавонистани таркиби дурусти қолаби нутқ

Г) барои дуруст талаффуз кардани калима

23. Шеваҳои забони тоҷикӣ ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд?

А) ба ду гурӯҳ: ҷанубӣ ва шимолӣ.

Б) ба се гурӯҳ: ғарбӣ, шимолӣ, шарқӣ.

В) ба чор гурӯҳ:шимолӣ, ҷанубӣ, марказӣ, ҷанубӣ-шарқӣ.

Г) ба гурӯҳҳо тақсим намешавад.

***Ҳафтаи 2***

1. Мавзуи баҳси фонетика (савтиёт) чист?

А) калима, ибора В) овоз, оҳанг

Б) овоз, ҷумла Г) калимасозӣ

2. Дар забони тоҷикӣ чанд навъи овозҳо мавҷуд аст?

А) се (садонок, ҳамсадо, йотбарсар) В) ду (садонок, йотбарсар)

Б) ду (садонок ва ҳамсадо) Г) ду (ҳамсадо ва йотбарсар)

3. Ҷои зада дар забони тоҷикӣ чӣ хел аст?

А) номуайян В) норавшан

Б) устувор Г) зада вуҷуд надорад

4. Пасванди -ро оё зада қабул мекунад?

А) зада қабул мекунад

Б) ба тариқи истисно қабул мекунад

В) қабул намекунад

Г) баъзан қабул мекунад ва баъзан не

5. Дар забони тоҷикӣ чанд садонок ва чанд ҳамсадо ҳаст?

А) 8 садоноку 27 ҳамсадо В) 6 садоноку 31 ҳамсадо

Б) 6 садоноку 28 ҳамсадо Г) 6 садоноку 24 ҳамсадо

6. Садонокҳои забони тоҷикӣ кадомҳоанд?

А) а, о, и, ю, я, ё В) а, о, у, қ, ю, я

Б) а, и, қ, э, ё, е Г) а, о, у, ӯ, и, э

7. Ҳамсадоҳои хоси забони тоҷикӣ чандтоанд?

А) 5 В) 6

Б) 7 Г) 4

8. Ҳодисаҳои фонетикиро муайян кунед:

А) фонетикӣ, синтаксисӣ, метатеза

Б) ихтисоршавӣ, ҷойивазкунӣ, монандшавӣ

В) ҷудошавӣ, мувофиқати овоз, иловашавӣ

Г) ҷавобҳои “Б” ва “В” дурустанд

9. Дар калимаи татбиқ кадом ҳодисаи савтӣ ба назар мерасад:

А) афзоиш В) монандшавӣ

Б) ҷудошавӣ Г) афтидан

10. Дар байти додашуда кадом калима ба ҳодисаи монандшавӣ тааллуқ дорад?

Анбори моро ту сӯзондӣ?

Ман!

Кӣ инро ба ту фармон дод?

Ватан!

А) сӯзонд В) дод

Б) анбор Г) фармон

11.Имло (орфография) чиро меомӯзад?

А) дуруст хонданро В) қоидаи навишти калимаҳоро

Б) талаффузи дурустро Г) сохти калимаҳоро

12. Имло чун шохаи ёридиҳандаи забони адабии тоҷик кадом вазифаро адо мекунад?

А) ҷорӣ намудани меъёри ягонаи нутқи хаттӣ

Б) ҷорӣ кардани меъёри талаффуз

В) омӯхтани таркиби луғавии забон

Г) омӯхтани ҷиҳати овозии забон

13. Аввалин луғати имло кай аз чоп баромад?

А) 1953 В) 1941

Б) 1955 Г) 1944

14.Аввалин маротиба имлои забони тоҷикӣ таҳти унвони “Орфографияи забони тоҷикӣ” кай аз чоп баромад?

А) 1930 В) 1940

Б) 1929 Г) 1931

15. Баъд аз соҳибистиқлолии Тоҷикистон аввалин маротиба ба имлои забони тоҷикӣ кай тағйирот ворид карда шуд?

А) 30-юми июни соли 2021 В) 3-юми сентябри соли 1998

Б) 4-уми октябри соли 2011 Г) 22-юми июли соли 1989

16. Имлои забони тоҷикӣ дар заминаи чанд принсип амал мекунад?

А) шаш В) ду

Б) се Г) чор

17. Калимаи принсип дар истилоҳи принсипҳои имло чӣ маъно дорад?

А) намуна В) нақша

Б) шарт Г) асос

18.Таҳрири охирини Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ кай ба тасвиб расид?

А) 5-уми октябри соли 2011 В) 22-юми июли соли 1989

Б) 4-уми октябри соли 2011 Г) 30-юми июни соли 2021

19. Ҳарфи **и** чӣ гуна овоз аст?

А) йотбарсар В) ҳамсадо

Б) садонок Г) садоноку ҳамсадо

20. Дар кадоме аз ҷавобҳо калимаҳое омадаанд, ки садоноки и бо тамдиди бештар (дарозтар) талаффуз гардидаанд?

А) рафтӣ, гуфтӣ, хондӣ, мондӣ В) шиша, тира, сина, хира,

Б) чӯбин, шарик, рафиқ, шафиқ Г) идора, ботин, зоҳир, гирифтан

21. Ба кадоме аз ҷавобҳо бояд садоноки “ӣ” гузошт?

А) зеринӣ, деринӣ, хунинӣ, туӣ В) кинаи, зираи, ришӣ, мӯзаӣ

Б) зебои, туфли, равшани, такси Г) хонаи, пардаи, гулӣ, мӯи

22. Имлои кадом калимаҳо нодуруст аст?

А) Абдуллоҳ, дуруст, орзу В) турш, фатҳ, хасм, чарм

Б) тарҷима, хисравонӣ, Хисрав Г) иллат, миллат, иноят, исроф

23. Кадоме аз садонокҳо бо ду ҳарф ифода мешавад?

А) садоноки ӯ В) садоноки э

Б) садоноки и Г) садоноки о

24. Дар кадом дастаи ҷавобҳо вожаҳое зикр шудаанд, ки дар онҳо садоноки у дароз талаффуз мегардад?

А) буз, бунёд, бурз, булӯр В) дуд, дур, дун, хун

Б) гул, зурёт, куҳан, муқаддам Г) руқуъ, табаррук, туппа, хуҷаста

25. Ҳарфи ӯ дар кадом мавридҳо гузошта мешавад?

А) дар аввал, мобайн ва охири калима

Б) дар байн ва анҷоми калима навишта мешавад

В) ҳамеша дар оғози калима навишта мешавад

Г) навишта намешавад

26. Ҳарфи ӯ маъмулан пеш аз кадом ҳарф навишта мешавад?

А) пеш аз ҳарфи **й** В) пеш аз ҳарфи **н**

Б) пеш аз ҳарфи **ӣ** Г) пеш аз **ъ**

27. Имлои кадом калимаҳо нодуруст аст?

А) Абдуллоҳ, дуруст, орзу В) турш, фатҳ, хасм, чарм

Б) Фарангис, тадбиқ, татқиқ, авғон Г) иллат, миллат, иноят, исроф

28. Ҳарфи **э** дар кадом маврид навишта мешавад?

А) дар аввали калима ва ҳангоми калимасозӣ дар байн

Б) дар аввал ва байни калима

В) дар аввал ва охири калима

Г) дар охири калима пас аз сакта

29. Ҳарфи ъ дар кадом маврид навишта мешавад?

А) дар аввали вожаҳои тоҷикӣ

Б) дар байн ва охири калимаҳои тоҷикӣ

В) дар дохил ва охири калимаҳои иқтибосии арабӣ ба ҷои айн ва ҳамза

Г) танҳо дар байни вожаҳои арабӣ

30. Дар кадом банд имлои калима дуруст аст?

А) таасуф В) таъсуф

Б) тасуф Г) таассуф

***Ҳафтаи 3***

1.Исм аз кадом забон гирифта шудааст?

А) тоҷикӣ В) туркӣ

Б) арабӣ Г) форсӣ

2. Кадом исмҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд?

А) хос В) ҷондор

Б) ҷинс Г) беҷон

3. Номи мақомоти давлатӣ, мансабҳои олӣ, парчам ва нишони миллӣ чӣ тавр навишта мешавад?

А) калимаи якум бо ҳарфи калон В) бо ҳарфи хурд

Б) калимаи охирин бо ҳарфи калон Г) ҳар як калимааш бо ҳарфи калон

4. Исмҳои таркибии идора, мақомоти давлатӣ ва фарҳанг чӣ тавр навишта мешавад?

А) ҳар як калимааш бо ҳарфи калон

Б) калимаи нахуст ва исми хоси дохилаашон бо ҳарфи калон

В) ҳар як калимааш бо ҳарфи хурд

Г) калимаҳои аввал ва охир бо ҳарфи хурд

5. Ихтисораҳо чӣ тарз навишта мешавад?

А) бо аломати нуқта В) бо аломати дефис

Б) бо ҳарфҳои калон Г) бо ҳарфи хурд

6. Кадом тарзи навишти исмҳои зерин дурустанд?

А) акашариф, Ибни Сино, Сосониён

Б) акошариф, ибни Сино, Сосониён

В) Акашариф, Ибни Сино, Сосониён

Г) Акашариф, ибни Сино, Сосониён

7. Тарзи дурусти навишти номро муайян кунед.

А) ал-Берунӣ В) алберунӣ

Б) Алберунӣ Г) Ал-Берунӣ

8. Шакли дурусти номи китобро муайян кунед.

А) бадоеъул ваќоеъ-и Восифӣ В) Бадоеъ-ул-ваќоеъ-и Восифӣ

Б) Бадоеъ-ул-ваќоеъ-и Восифӣ Г) Бадоеулваќоеи Восифӣ

9.Чӣ навъ бояд навишт?

А) Нишони милли Ҷумҳурии Тоҷикистон

Б) Нишони миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

В) Нишони Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Г) нишони Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

10.Баёнияҳои изофӣ ва ҳамроҳии унвон, мансаб, лаќаб ва касбу кор, ки ба маънои аслии худ корбаст шудаанд, чӣ тарз навишта мешаванд?

А) бо ҳарфи хурд ва ҷудо В) бо ҳарфи хурд ва якҷоя

Б) бо ҳарфи калон ва ҷудо Г) бо аломати дефис

***Ҳафтаи 4***

1.Сифат чист?

А) сифат ҳиссаи нутќест, ки амалу ҳолатро ифода мекунад

Б) сифат ҳиссаи мутаќили нутќ буда, аломат, хосият ва чигунагии ашё ва ё ба он аз ягон ҷиҳат алоќамандро ифода мекунад

В) сифат ҳиссаи нутќест, ки аломати амалро мефаҳмонад

Г) сифат ҳиссаи нутќ нест

2. Сифат ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

А) кай? дар куҷо? В) чӣ кор кард? чӣ кор мекунад?

Б) чӣ хел? чӣ гуна? Г) чӣ тарз? чӣ тавр?

3. Хелҳои сифат кадомҳоанд?

А) ҷондор, беҷон В) аслӣ, нисбӣ

Б) миќдорӣ, тартибӣ Г) ишоратӣ, манфӣ

4. Сифатҳоро аз ҷиҳати сохт муайян кунед:

А) сода, одӣ, сохта, мураккаб В) сода, сохта, мураккаб, таркибӣ

Б) муќоисавӣ, одӣ, сода, олӣ Г) аслӣ, нисбӣ

5.Тарзи дурусти навишти сифати зеринро муайян кунед.

А) дафтари рах рах В) дафтари рах-рах

Б) дафтари рахрах Г) дафтари рах-рах

6. Имлои пешвандҳои сифатсозро номбар кунед.

А) бо дефис навишта мешаванд В) якҷоя навишта мешаванд

Б) ду тарзи навишт доранд Г) ҷудо навишта мешаванд

7.Имлои сифатҳои муродифиву антонимӣ ва гуногунмаъноиро бо пайванаки -у, - ю (-ву) гӯед.

А) ҷудо навишта мешаванд

Б) бо ҳарфи хурд навишта мешаванд

В) якҷоя навишта мешаванд

Г) ҳар кадом вожаи таркиби он ба ҳарфи калон навишта мешаванд

8. Имлои сифатҳоеро, ки бо воситаи миёнвандҳои -ба-, -бар-, -дор- сурат гирифтаанд, номбар кунед.

А) ду тарзи навишт доранд В) якҷоя навишта мешаванд

Б) бо дефис навишта мешаванд Г) ҷудо навишта мешавад

9. Кадоме аз маъниҳои калимаи саховат дуруст аст?

А) сабукӣ В) дасткушодӣ

Б) шуҷоатмандӣ Г) қаҳрамонӣ

10. Сифат асоси кадом санъати бадеӣ мебошад?

А) ташбеҳ В) таҷнис

Б) муболиға Г) тавсиф

11.Шумора чист?

А) шумора ҳиссаи нутқест, ки миқдорро ифода мекунад

Б) шумора ҳиссаи номии нутқ буда, миқдор ва тартиби ашёҳоро бо адад ифода менамояд

В) шумора ҳиссаи нутқест, ки тартибро ифода мекунад

Г) шумора рақамро ифода мекунад

12. Шумораҳо аз ҷиҳати маъно чанд хел мешаванд?

А) танҳо ва ҷамъ В) миқдорӣ ва тартибӣ

Б) муайян ва номуайян Г) миқдорӣ ваададӣ

13. Шумораҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд?

А) мураккаб, сода, одӣ, олӣ

Б) сода, сохта, мураккаб, таркибӣ

В) мураккаб, сода, таркибӣ олӣ

Г) таркибӣ, сохта, одӣ, сода

14. Кадом хели шумораҳо якҷоя навишта мешаванд?

А) сода В) мураккаб

Б) сохта Г) таркибӣ

15. Муродифи калимаи булбул кадом шумора аст?

А) сад В) ҳазор

Б) чиҳил Г) дувист

16. Кадом хели шумораҳо бо пасвандҳои –ум, -юм навишта мешаванд?

А) тахминӣ В) касрӣ

Б) тартибӣ Г) миқдорӣ

17. Имлои шумораҳои миқдорӣ ва тартибии зеринро номбар кунед: дусад, дуюм, чил, чор, сеюм

А) якҷоя навишта мешаванд В) бо дефис навишта мешаванд

Б) ҷудо навишта мешаванд Г) ду тарзи навишт доранд

18. Нумеративи - то (-та) ва шуморае, ки бо рақам ифода ёфтааст чӣ тарз навишта мешавад?

А) ҷудо навишта мешавад В) бо дефис навишта мешавад

Б) якҷоя навишта мешавад Г) ду тарзи навишт дорад

19. Имлои шумораҳои касриро муайян кунед.

А) ҷудо навишта мешаванд В) якҷоя навишта мешаванд

Б) бо дефис навишта мешаванд Г) ҷудо ва якҷоя навишта мешаванд

20. Кадом гурӯҳи ҷонишинҳо якҷоя навишта мешаванд?

А) сохта В) мураккаб

Б) сода Г) сохта ва мураккаб

***Ҳафтаи 5***

1.Феъл кадом аломатҳо дорад?

А) шахсу шумора В) замон, шахс, шумора, сиға, тарз, намуд

Б) сиға ва замон Г) амал, ҳолат

2. Шакли дурустро муайян кунед.

А) оқил аст, зебо аст, навиштааст, пазируфтааст

Б) оқиласт, зебоаст, навишта аст, пазируфта аст

В) оқил-аст, зебо-аст, навишта-аст, пазируфта-аст

Г) оқиласт, зебост, навиштаст, пазируфтаст

3. Шакли дуруст кадом аст?

А) барафрохтан, дарпечидан, даррабудан

Б) бар афрохтан, дар печидан, дар рабудан

В) бар-афрохтан, дар-печидан, дар-рабудан

Г) бар афрохтан, дарпечидан, дарабудан

4. Имлои саҳеҳи феълҳои таркибии зайлро муайян кунед.

А) азназаргузаронидан, нигаронидашудабуд, азхуднамудан

Б) азназар гузаронидан, нигаронида шудабуд, азхуд намудан

В) аз назар гузаронидан, нигаронида шуда буд, аз худ намудан

Г) азназар гузаронидан, нигаронидашуда буд, аз худнамудан

5. Ҷузъҳои феъли таркибии номии пешоянддор чӣ тарз навишта мешавад.

А) ҷудо навишта мешаванд В) бо ҳарфи хурд навишта мешавад

Б) бо дефис навишта мешавад Г) якҷоя навишта мешавад

6. Бандаки хабарии шахси 3-юми шумораи танҳо бо ҳиссаҳои номии нутқ чӣ тарз навишта мешавад?

А) ҷудо навишта мешавад В) бо дефис навишта мешавад

Б) якҷоя навишта мешавад Г) бо ҳарфи калон навишта мешавад

7.Сифати феълие, ки аз замони гузаштаи феъли таркибии номӣ бо пасванди –а сохта шудааст, чӣ тарз навишта мешавад?

А) анҷомёфта, иҷрокарда В) анҷомёфт-а, иҷрокард-а

Б) анҷомёфт-а, иҷрокард-а Г) анҷом ёфта, иҷро карда

8.Имлои феъли ҳолро, ки аз асоси замони ҳозираи феъли таркибии номӣ ва ибораи феълӣ бо пасванди -он сохта шудааст, номбар кунед.

А) бо дефис навишта мешавад В) ҷудо навишта мешавад

Б) якҷоя навишта мешавад Г) бо ҳарфи калон навишта мешавад

9.Имлои дуруст кадом аст?

А) нолишкунон В) нолиш кунон

Б) нолиш-кунон Г) нолишкун-он

10. Кадомҳо масдаранд?

А) навиштааст, гуфтааст, сохтааст В) хондагӣ, рафта, нависанда

Б) рафтанд, диданд, омаданд Г) хондан, рафтан, дидан

***Ҳафтаи 6***

1.Зарф чист?

А) зарф ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ буда, ҳолат, тарз, замон, вақту ҳангом, сабабу максади кору ҳаракатро мефаҳмонад

Б) зарф ҳиссаи мустақили нутқ буда, ҳолат, тарз, замон, вақту ҳангом, сабабу максади кору ҳаракатро мефаҳмонад

В) зарф ҳиссаи номустақили нутқ буда, ҳолат, тарз, замон, вақту ҳангом, сабабу максади кору ҳаракатро мефаҳмонад

Г) зарф ҳиссаи мустақили нутқ буда, ҳолати амалро мефаҳмонад

2. Зарфҳо чанд сохт доранд?

А) сода, сохта, мураккаб, олӣ В) сода, сохта, мураккаб, таркибӣ

Б) сода, мураккаб, таркибӣ, қиёсӣ Г) одӣ, мураккаб, сохта, таркибӣ

3. Зарфҳои такрор чӣ тавр навишта мешаванд?

А) якҷоя В) бо дефис

Б) ҷудо Г) бо ҳарфи калон

4. Дар ҷумлаи “Парвиз имрӯз хандон поин омад” кадом хели зарфҳо истифода шудааст?

А) зарфи миқдор ва дараҷа В) зарфи замон, тарзи амал ва макон

Б) зарфи тарзи амал, замон Г) зарфи сабаб, мақсад ва натиҷа

5. Калимаи “тӯтивор” ба кадом хели зарф мансуб аст?

А) зарфи мақсад В) зарфи монандӣ

Б) зарфи тарзи амал Г) зарфи миқдору дараҷа

6. Имлои зарфҳои мураккабро гӯед.

А) якҷоя навишта мешавад В) бо нимтире навишта мешавад

Б) бо ҳарфи калон навишта мешавад Г) ҷудо навишта мешавад

7. Агар ҷузъи шуморавии зарфҳо бо адад ифода ёбад, чӣ тарз навишта

мешаванд?

А) якҷоя В) ҷудо

Б) бо нимтире Г) бо ҳарфи калон

8. Дар ҷумлаи “Ӯ **хеле баланд** фарёд кард...” кадом навъи зарф истифода шудааст?

А) замон В) миқдору дараҷа

Б) мақсад Г) тарзи амал

9. Дар байти:

Мо барои васл кардан омадем,
На барои фасл кардан омадем.

кадом навъи зарф ба назар мерасад?

А) тарзи амал В) миқдору дараҷа

Б) сабабу мақсад Г) замону макон

10. Зада дар зарфҳо ба кадом ҳиҷо меафтад?

А) ҳиҷои охир В) ҳиҷои мобайн

Б) ҳиҷои аввал Г) зарф зада намегирад

11.Таърифи дурусти пешоянду пасояндҳоро муайян намоед.

А) пешоянду пасвандҳо ҳиссаи ёридиҳандаи нутқанд, ки дар ҷумла пеш ва пас аз калимаҳои мустақил омада, онҳоро бо хабари ҷумла алоқаманд мекунанд

Б) пешоянду пасояндҳо ҳиссаи ёридиҳандаи нутқанд, ки дар ҷумла пеш ва пас аз калимаҳои мустақил омада, онҳоро бо хабари ҷумла алоқаманд мекунанд

В) пешванду пасояндҳо ҳиссаи ёридиҳандаи нутқанд, ки дар ҷумла пеш ва пас аз калимаҳои мустақил меоянд

Г) пешоянду пасояндҳо ҳиссаи ёридиҳандаи нутқанд, ки дар ҷумла пеш ва пас аз калимаҳои мустақил омада, онҳоро бо сараъзои ҷумла алоқаманд мекунанд

12. Имлои кадом саҳеҳ аст?

А) берун аз, ба ғайр, оид ба Б) беруназ, бағайр, оидба

В) берун-аз, ба-ғайр, оид- ба Г) ҳар се шакл дуруст аст

13. Кадом пешояндҳо бо дефис навишта мешаванд?

А) пешоянди классикии бад, пешоянди изофии номии такрор, ихтисори пешояндҳо

Б) пешоянд аз ҳиссаҳои номии нутқ, пешояндҳои таркибии номии беизофӣ

В) ҷузъҳои пешоянди аслии таркибӣ, ҷузъҳои пешоянди номии таркибии изофӣ

Г) ҳамаи пешояндҳои аслӣ

14. Кадом тарзи навишти пасоянди -ро дуруст аст?

А) китоб-ро гирифт. В) китоб ро гирифт.

Б) китобро гирифт. Г) китоб -ро гирифт.

15. Имлои пасояндҳои номии мураккабро нишон диҳед:

А) ин тараф, ин ҷониб В) ин-тараф, ин-ҷониб

Б) интараф, инҷониб Г) ҳар се шакл саҳеҳ аст.

16. Пешояндҳои таркибии номии ғайриизофиро ёбед:

А) ба, аз, то В) дар бораи, аз хусуси, дар зери

Б) пеши, паси, пушти Г) роҷеъ ба, пас аз, оид ба

17. Хелҳои асосии пайвандакҳоро номбар кунед.

А) паиҳам, тобеъкунанда В) хилофӣ, шартӣ, ишоратӣ

Б) пайвасткунанда ва тобеъкунанда Г) сабаб, мақсад, тарзи амал

18. Кадом пайвандакҳо ҷудо навишта мешаванд?

А) мураккаб В) таркибӣ

Б) сода Г) такрор

19. Дар байти зер калимаҳои ишорашуда кадом навъи ҳиссаи ёвари нутқанд?

**Аз** ҳаё магзар, ки **дар** номусгоҳи эътибор,
Шарм мардонро виқор асту занонро зевар аст.

А) ҳиссача В) пасоянд

Б) пайвандак Г) пешоянд

20. Дар байти зерин кадом навъи пайвандак истифода гардидааст?

Умр **агар** хуш гузарад, зиндагии Хизр кам аст

**В-ар** ба нохуш гузарад, ними нафас бисёр аст.

А) пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳам

Б) пайвандаки тобеъкунандаи замон

В) пайвандаки тобеъкунандаи шарт

Г) пайвандаки пайвасткунандаи хилофӣ

***Ҳафтаи 7***

1. Ҳиссача чӣ гуна ҳиссаи нутқ аст?

А) ҳиссаи номустақили нутқ буда,ба фикри гуфташуда муносибати гӯяндаро мефаҳмонад

Б) ҳиссаи мустақили нутқ буда, ба фикри гуфташуда муносибати гӯяндаро мефаҳмонад

В) ҳиссаи номустақили нутқ буда, ба гӯянда муносибати гуфташударо мефаҳмонад

Г) ҳиссаи номустақили нутқ буда, аломатро мефаҳмонад

2. Гурӯҳи нидоҳоро аз рӯи маъно муайян кунед.

А) нидоҳои ҳиссиёт

Б) нидоҳои ҳаяҷон

В) нидоҳои ҳиссиёту ҳаяҷон ва ифодакунандаи ирода

Г) нидоҳои ҳиссиёту ҳаяҷон ва таассуф

3. Имлои ҳиссачаҳои –чӣ, - ку, -а, -ро пас аз калима гӯед.

А) нагуфтед-ку, гӯед-чӣ, нарафтед-а

Б) нагуфтедку, гӯедчӣ, нарафтеда

В) нагуфтед ку, гӯед чӣ, нарафтед а

Г) ҳар се шакл саҳеҳ аст

4. Имлои ҳиссача ва калимаҳои модалии таркибиро муайян кунед.

А) ҳо бале, равад ки

Б) ҳо-бале, равад-ки

В) ҳобале, равадки

Г) ду шакли охир саҳеҳ аст

5. Имлои нидоҳои такрорро нишон диҳед.

А) баҳбаҳ, худхуд, ҳуштҳушт

В) баҳ баҳ, худ ҳуд, ҳушт ҳушт

Б) баҳ-баҳ, ҳуд-ҳуд, ҳушт-ҳушт Г) шаклҳои 1-ум ва 3-юм саҳеҳ аст

6.Ҷузъҳои нидои таркибӣ ва калимаҳои модалӣ чӣ тарз навишта мешаванд?

А) во дареғо, э вой, ҳазор афсӯс В) во-дареғо, э-вой, ҳазор-афсӯс

Б) водареғо, эвой, ҳазорафсӯс Г) ба ҳар се шакл

7.Дар кадоме аз дастаи ҷавобҳо ҳиссачаҳои модалӣ-иродавӣ омадаанд?

А) ҳа, оре, бале В) не, на

Б) канӣ, биё, мон, бигузор Г) магар, оё, наход

8. Калима чӣ гуна воҳиди забонист?

А) маънодор В) хос

Б) бемаъно Г) ҳиҷо

9. Лексикология аз кадом забон гирифта шудааст?

А) тоҷикӣ В) арабӣ

Б) юнонӣ Г) франсавӣ

10. Гурӯҳи луғатҳоро муайян кунед.

А) забонӣ ва шевагӣ В) фарҳангӣ ва фарҳангнигорӣ

Б) лингвистӣ ва энсиклопедӣ Г) луғатнигорӣ ва фарҳангнигорӣ

***Ҳафтаи 8***

1. Калимаҳоро аз рӯи ифодаи маъно ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?

А) як В) се

Б) ду Г) ҷудо намешавад

2. Муродиф чист?

А) калимаҳои ҳамгуна В) калимаҳои ҳаммаъно

Б) калимаҳои зидмаъно Г) калимаҳои маънодор

3. Мутазод чист?

А) калимаҳои ҳамгуна В) калимаҳои ҳаммаъно

Б) калимаҳои зидмаъно Г) калимаҳои маънодор

4. Омоним чист?

А) калимаҳои ҳамгуна В) калимаҳои ҳаммаъно

Б) калимаҳои зидмаъно Г) калимаҳои маънодор

5.Полисемия чист?

А) калимаҳои бисёр В) калимаҳои якмаъно

Б) калимаҳои сермаъно Г) калимаҳои аслӣ

6. Маъноҳои калимаи меҳр кадом аст?

А) офтоб, муҳаббат Б) моҳ, самимият

В) офтоб, моҳ Г) муҳаббат, садоқат

7. Дар байти зерин кадом калимаҳо мутазод ҳастанд?

Донӣ, ки чист давлат? - Дидори ёр дидан,

Дар кӯи ӯ гадоӣ бар хусравӣ гузидан (*Ҳофиз*)

А) давлат ва ёр В) кӯй ва давлат

Б) гадоӣ ва хусравӣ Г) дидан ва гузидан

8. Гурӯҳи калимаҳоро аз рӯйи истеъмол муайян намоед.

А) куҳна ва нав В) халқӣ-гуфтугӯйӣ

Б) омонимӣ ва синонимӣ Г) иқтибосӣ

9. Кадоме аз ин гурӯҳи калимаҳо ба қатори наввожаҳо дохил мешаванд?

А) раводид, пойгоҳ, фита, мағоза В) қозӣ, миршаб, мулло

Б) китоб, дафтар, қалам Г) муфтӣ, имом

10. Кадоме аз ин гурӯҳи калимаҳо ба қатори калимаҳои куҳнашуда дохил мешаванд?

А) аэропорт, аэроплан, стадион В) нон, модар, об, тӯй

Б) сӯфӣ, подшоҳ, марғзор, валима Г) муфтӣ, судя, президент

11. Калимаҳои таркиби луғавӣ ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?

А) аслӣ ва маҷозӣ В) иқтибосӣ ва маҷозӣ

Б) аслӣ ва иқтибосӣ Г) арабӣ, русӣ, туркӣ

12. Ба забони тоҷикӣ аз кадом забонҳо калимаҳо иқтибос шудаанд?

А) русӣ, англисӣ, арабӣ В) русӣ ва арабӣ

Б) арабӣ, русӣ, ӯзбекӣ Г) русӣ, англисӣ, ӯзбекӣ

***Ҳафтаи 9***

1. Калимае, ки истилоҳро ифода мекунад, дорои чанд маънист?

А) якмаъно В) маънои фразеологӣ

Б) сермаъно Г) аслӣ ва маҷозӣ

2. Полисемия оё хоси истилоҳот аст?

А) не, хоси калимаҳои сермаъност В) оре, хоси калимаҳои иқтибосист

Б) бале, хоси истилоҳот аст Г) хоси муродифот аст

4. Калимаи "зарф"-ро ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ шарҳ диҳед:

А) асбоби рӯзгордорӣ В) ҳиссаи мустақили нутқ

Б) асбоби шишагӣ Г) ҷавобҳо нодурустанд

5. Истилоҳот аз ҳисоби чанд сарчашма фароҳам меоянд?

А) чор В) ду

Б) ҳафт Г) се

6. Сарчашмаҳои асосии бавуҷудоии истилоҳотро муайян кунед:

А) додугирифт байни соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ

Б) калимаҳою таркиботе, ки аз дигар забонҳо ворид мегарданд

В) калимаҳои аслӣ ва калимаҳои иқтибосӣ

Г) ҷавобҳо нодурустанд

7. Аз калимоти дар зеро вардашуда истилоҳоти ба соҳаи забоншиносӣ таалluқдоштаро баён созед:

А) алифбо, садонок, ҳамсадо, пешванд В) ихтисора, сарфу наҳв

Б) савтиёт, ҳиссаҳои нутқ Г) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд

8. Калимаи "реша" ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ чиро ифода мекунад?

А) решаи гулу дарахтҳоро В) ҳиссаи маънодори калимаро

Б) асоси калимаро Г) ҷавоби "Б, В"дурустанд

9. Дар Тоҷикистон кай танзим кардани истилоҳот пурқувват гашт?

А) пас аз қабули Қонуни забон В) ҷавобҳои болоӣ дурустанд

Б) баъд аз соҳибистиқлол гаштан Г) ҳанӯз ба танзим нагардидааст

10. Луғатҳои касбии кафшдӯзиро баён кунед:

А) бигиз, қолиб, болғу В) белча, гулӯ, патак

Б) ресмон, кафш, ширеш Г) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд

***Ҳафтаи 10***

1. Мавзуи баҳси синтаксис кадом воҳидҳои забонӣ ҳастанд?

А) калима В) ҳиссаҳои нутқ

Б) ибора ва ҷумла Г) ҳиҷо

2. Ибораҳо аз рӯи сохт ба кадом навъҳо ҷудо мешаванд?

А) сода, сохта, таркибӣ В) сода ва мураккаб

Б) яктаркиба ва дутаркиба Г) сохта ва таркибӣ

3. Кадом навъи ибораҳо маънои маҷозӣ доранд?

А) ибораҳои фразеологӣ В) ҳамаи навъҳои ибораҳо

Б) ибораҳои озоди синтаксисӣ Г) таркибҳо

4. Кадоме иборaи фразеологист?

А) китоби бадеӣ В) иродаи оҳанин

Б) дили сахт Г) ҷавобҳои “Б” ва “В” дурустанд

5. Кадоме аз ибораҳои зер ба ду навъи ибораҳо мансуб аст?

А) роҳи рост В) ҷавобҳои “А” ва “Г” дурустанд

Б) чашми бино Г) нури дида

***Ҳафтаи 11***

1.Ғайр аз сараъзо ва аъзоҳои пайрав кадом калима ва ибораҳо маъно ва вазифаҳои гуногуни синтаксисӣ доранд?

А) воҳиди эзоҳӣ, мубтадо, хабар

Б) воҳидҳои эзоҳӣ, аъзоҳои туфайлӣ ва мухотаб

В) калима ва ибораҳои туфайлӣ

Г) ибораҳои туфайлӣ

2. Аъзои истисноии ҷумла бар эзоҳи кадом аъзоҳои ҷумла меояд?

А) бар эзоҳи мубтадо, хабар В) бар эзоҳи ҳамаи аъзоҳои ҷумла

Б) бар эзоҳи муайянкунанда Г) бар эзоҳи сараъзоҳои ҷумла

3.Мухотаб чиро ифода мекунад?

А) мухотаб нисбат ба фикри гуфташуда муносибати гӯяндаро ифода мекунад

Б) калима ва иборае, ки ашёи муроҷиатро ифода мекунад, мухотаб ном дорад

В) калима ва иборае, ки калимаро шарҳ медиҳад, мухотаб номида мешавад

Г) калимаҳои хитобӣ

4. Ҷумла чист?

А) ҷумла фикри томро ифода мекунад

Б) гурӯҳи калимаҳои ёридиҳандаи ба ҳам алоқаманд ва ё калимаи алоҳидае, ки фикри томро мефаҳмонад, ҷумла меноманд

В) гурӯҳи калимаҳои ба ҳам алоқаманд ва ё калимаи алоҳидае, ки фикри томро мефаҳмонад, ҷумла меноманд

Г) гурӯҳи калимаҳои ба ҳам тобеи алоқаманд ва ё калимаи алоҳидае, ки фикри томро мефаҳмонад, ҷумла меноманд

5. Аъзои ҷумларо муайян кунед.

А) панҷ В) се

Б) ду Г) як

6. Саръазоҳои ҷумла кадомҳоанд?

А) ҳол ва муайянкунанда В) пуркунанда ва ҳол

Б) мубтадо ва хабар Г) хабар ва ҳол

7. Аъзоҳои пайрави ҷумларо муайян кунед:

А) хабар, ҳол ва муайянкунанда

Б) ҳол, мубтадо ва хабар

В) пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол

Г) мубтадо, хабар ва ҳол

8. Мубтадо дар ҷумла бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода мешавад?

А) шумора, сифат, нидо

Б) сифат, феъл, зарф

В) зарф, пайвандак, ҳиссача

Г) исм, сифат, шумора, ҷонишин, масдар

9. Дар ҷумлаҳои сода чанд фикр ифода мегардад?

А) се В) як

Б) ду Г) ду ва ё зиёда

10.Ҷумлаҳо аз ҷиҳати ифодаи мақсад ба кадом навъҳо ҷудо мешавад?

А) чида ва ғайричида В) хабарӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ

Б) хуллас ва тафсилӣ Г) яктаркиба ва дутаркиба

*Ҳафтаи 12*

1.Ҷумлаҳои мураккаб дар кадом қисми забон омӯхта мешавад?

А) морфология В) лексикология

Б) синтакис Г) лексикография

2. Қисмҳои таркибии ҷумлаи мураккаб бо чанд роҳи алоқа алоқаманд мешаванд?

А) ду В) чор

Б) се Г) як

3.Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор бо ёрии кадом пайвандакҳо сохта мешаванд?

А) пайиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ В) ҷудоӣ ва хилофӣ

Б) хилофӣ ва сабабӣ Г) пайваст ва тобеъкунанда

4. Пайвандакҳои “аммо, вале, лекин” ба кадом навъи пайвандакҳо мансубанд?

А) пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам

Б) пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофӣ

В) пайвандакҳои пайвасткунандаи ҷудоӣ

Г) пайвандакҳои пайвасткунандаи тобеӣ

5.Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандаки мувофиқ гузоред: “Олам ҳама ҷо азиз, ... бар ман”

А) -у В) лекин

Б) вале Г) аммо

6. Ҳамаи пайвандакҳои пайвасткунандаи забони тоҷикӣ ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд?

А) ду В) чор

Б) се Г) шаш

7. Пайвандаки ё ба кадом гурӯҳи пайвандакҳо мансуб аст?

А) пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳам

Б) пайвандаки пайвасткунандаи хилофӣ

В) пайвандаки пайвасткунандаи ҷудоӣ

Г) пайвандаки пайвасткунандаи тобеӣ

8. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз чанд ҷумлаи сода таркиб меёбанд?

А) аз ду ҷумлаи сода В) зиёда аз ду ҷумлаи сода

Б) аз се ҷумлаи сода Г) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд

9. Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандаки мувофиқро гузоред: "Ман бад кунам... ту бад мукофот диҳӣ"

А) аммо В) лекин

Б) вале Г) -у

10. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд?

А) панҷ В) се

Б) чор Г) ду

***Ҳафтаи 13***

1. Аломатҳои китобӣ дар нутқи айнаннақлшуда кадом аст?

А) савол, хитоб, нуқта В) баён, дефис, хитоб

Б) нохунак, вергул, тире Г) баён, савол

2. Ҷои нутқи айнаннақлшуда дар ҷумла кадом аст?

А) аввал В) мобайн

Б) охир Г) аввал, охир, мобайн

3. Агар сухани муаллиф дар аввали ҷумла омада бошад, пас аз он кадом аломатҳои китобӣ гузошта мешавад?

А) тире ва баён В) баён ва нохунак

Б) савол ва нохунак Г) сенуқта ва тире

4. Дар ҳолати ба шакли мазмунан баргардонидани нутқи айнан чӣ гуна ҷумла ҳосил мешавад?

А) ҷумлаи сода

Б) ҷумлаи мураккаб бо пайрави пуркунанда

В) ҷумаи сертаркиб

Г) ҷумлаи мураккаби пайваст

5. Аломатҳои китобатӣ дар кадом қисмати забоншиносӣ омӯхта мешавад?

А) фразеология

Б) лексикология

В) пунктуатсия

Г) морфология

6. Дар забони тоҷикӣ чанд аломати китобат мавҷуд аст?

А) 12

Б) 10

В) 8

Г) 11

7. Аломати тире ҷои кадом воситаи грамматикиро гирифта метавонад?

А) пайвандаки ки

Б) пасоянди -ро

В) бандаки хабарии аст

Г) пешоянди барои

8. Аломати нохунак бо чӣ мақсад гузошта мешавад?

А) барои таъкиди маънои калима

Б) барои ҷудо кардани калимаҳои туфайлӣ

В) барои ҷудо кардани сухани муаллиф ва қаҳрамони асар

Г) барои ҷудо кардани сухани иқтибосӣ, таҳлилӣ ва ифодаи киноя

9. Воҳиди дохили қавсайн дар ҷумла чӣ аҳамият дорад?

А) маънои ҷумла ё аъзои онро пурра мекунад

Б) сохтори ҷумларо пурра мекунад

В) сохтори ҷумларо ташкил медиҳад

Г) ҷумларо хушсадо мегардонад

10. Баъд аз соҳибистиқлолии Тоҷикистон (кадом сол) аломатҳои китобат дар “Имлои забони тоҷикӣ” ҳамчун бахши алоҳида қарор ёфт?

А) 1991

Б) 1998

В) 2011

Г) 2021

***Ҳафтаи 15***

1. Ҷамъи услубҳои забонро кадом илм меомӯзад?

А) илми наҳв В) илми ҷомеашиносӣ

Б) илми пунктуатсия Г) илми услубшиносӣ

2. Хелҳои услуби китобӣ кадомҳоанд?

А) адабӣ, илмӣ, публисистӣ, расмӣ-коргузорӣ

Б) рӯзноманигорӣ ва коргузорӣ

В) хаттӣ, даҳонӣ ва китобӣ

Г) анъанавӣ, шартӣ, сарфӣ

3. Услуби бадеӣ барои нигориши чӣ гуна асарҳо истифода мегардад?

А) асарҳои илмӣ В) асарҳои бадеӣ

Б) асарҳои публисистӣ Г) ҳуҷҷатнигорӣ

4. Санъати тазод асоси кадом навъи калимот аст?

А) муродифот В) ҳамгунаҳо

Б) мутазодҳо Г) калимаҳои сермаъно

5. Санъати тавсиф тавассути кадом ҳиссаи нутқ ифода мегардад?

А) исм В) сифат

Б) феъл Г) зарф

6. Дар байти зерин санъати киноя ба воситаи кадом ибора ифода гаштааст:

Рақиб гуфт, ки: Афтодам, маро бардор,

Дуояш кардаму гуфтам: Худо бардорад!

А) афтодам В) дуояш кардам

Б) маро бардор Г) худо бардорад

7. Услуби илмӣ ба кадом шохаи услуби забон дохил мешавад?

А) ба шохаи гуфтугӯӣ В) ба шохаи китобӣ

Б) ба шохаи забонӣ Г) ба шохаи ғайризабонӣ

8. Услуби илмӣ дар таълифи чиҳо истифода мешавад?

А) мақола, маърӯза, асарҳои илмӣ В) дар рӯзноманигорӣ

Б) дар асарҳои бадеӣ Г) дар таълифи ҳуҷҷатҳо

9.Услуби илмӣ ба чанд шоха ҷудо мешавад?

А) илми табиӣ ва илмҳои дақиқ

Б) ба шохаҳо ҷудо намешавад

В) илми рӯзноманигорӣ ва ҷамъиятшиносӣ

Г) услуби илмӣ ба 8 шоха ҷудо мешавад

10. Дар услуби илмӣ шумораҳо чӣ хел ифода мешаванд?

А) бо адад В) бо адад ва ҳарф

Б) бо ҳарф Г) бо рақамҳои касрӣ

***Ҳафтаи 16***

1. Ҷамъи услубҳои забонро кадом илм меомӯзад?

А) илми наҳв В) илми ҷомеашиносӣ

Б) илми пунктуатсия Г) илми услубшиносӣ

2. Шохаҳои услубӣ кадомҳоанд?

А) хаттӣ ва даҳонӣ В) гуфтугӯй ва китобӣ

Б) гуфтугӯӣ ва шевагӣ Г) китобӣ ва хаттӣ

3. Хелҳои услуби китобӣ кадомҳоанд?

А) адабӣ, илмӣ, публисистӣ, расмӣ-коргузорӣ

Б) рӯзноманигорӣ ва коргузорӣ

В) хаттӣ, даҳонӣ ва китобӣ

Г) анъанавӣ, шартӣ, сарфӣ

4. Услуби бадеӣ барои нигориши чӣ гуна асарҳо истифода мегардад?

А) асарҳои илмӣ В) асарҳои бадеӣ

Б) асарҳои публисистӣ Г) ҳуҷҷатнигорӣ

5. Санъати тазод асоси кадом навъи калимот аст?

А) муродифот В) ҳамгунаҳо

Б) мутазодҳо Г) калимаҳои сермаъно

6. Санъати тавсиф тавассути кадом ҳиссаи нутқ ифода мегардад?

А) исм В) сифат

Б) феъл Г) зарф

7. Дар услуби илмӣ кадом воҳидҳои забонӣ бисёр истифода мешавад?

А) калима ва воҳидҳои фразеологӣ

Б) калима, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ

В) Ҷумлаҳои сода ва мураккаб

Г) ибораҳои озод ва ибораҳои синтаксисӣ

8. Услуби идорӣ бо кадом номҳо маъмул аст?

А) расмӣ, расмӣ-коргузорӣ, корӣ, идорӣ

Б) илмӣ, бадеӣ

В) гуфтугӯӣ, соҳавӣ

Г) рӯзноманигорӣ

9.Услуби идорӣ дар кадом соҳаҳо истифода мешавад?

А) дар се соҳа: қонунгузорӣ, коргузории идорӣ, муносибатҳои дипломатӣ

Б) дар ду соҳа: илм ва таълим

В) дар як соҳа: илм

Г) дар се соҳа: рӯзнома, китоб ва гуфтугӯ

10. Матни услуби идорӣ оё дорои калимаҳои душвор буда метавонад?

А) бале, метавонад

Б) наметавонад, зеро матни он ба оммаи камсавод низ бояд фаҳмо бошад;

В) ба таври истисно метавонад;

Г) баъзан ҳа ва баъзан не;

11. Дар услуби идорӣ риояи меъёри забони адабӣ ҳатмист?

А) дар матни услуби идорӣ риояи меъёр ҳатмӣ нест;

Б) баъзан ҳатмист ва баъзан не;

В) ба таври истисно истифода намудан мумкин аст;

Г) дар услуби идорӣ риояи меъёри забони адабӣ ва маданияти нутқ ҳатмист;

12. Воҳиди дохили қавсайн дар ҷумла чӣ аҳамият дорад?

А) маънои ҷумла ё аъзои онро пурра мекунад

Б) сохтори ҷумларо пурра мекунад

В) сохтори ҷумларо ташкил медиҳад

Г) ҷумларо хушсадо мегардонад.